# *АХТАРОНИ АДАБ*

**16**

## ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

### ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Акбар Турсун*
*Гулназар*
*Фарҳоди Карим*

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

# ДАР ПАРТАВИ ХУРШЕД

**(Мунтахаби ашъори шоирони нимаи аввали асри Х1)**

**ДУШАНБЕ,**
**«АДИБ»**
**2011**

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Таҳияи*
***МИРЗО МУЛЛОАҲМАД ВА М. ШАРОФОВА***

Муҳаррир ***Гулназар***

А-19 ***Дар партави хуршед*** *(Мунтахаби ашъори шоирони нимаи аввали асри XI)* — Душанбе: «Адиб», 2011. - 480 саҳ.

Дар ин китоб мунтахабе аз ашъори шоирони маъруфи нимаи аввали асри Х1 тоҷику форс Унсурӣ, Фаррухӣ,Манучеҳрӣ, Асҷадӣ, Ғазоирӣ, ки дар аҳди Ғазнавиён зиндагӣ карда, сабку равиши шоирии устод Рӯдакиро идома додаанд, ҷой дода шудааст. Маҷмӯа хонандагонро бо навъҳои гуногуни маъмули ашъори ин давра ошно менамояд.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2011.**

## НАЗМИ СИТОИШ ВА ТАСВИР

Адабиёти асри X аз пурбортарин ва дурахшонтарин давраҳои адабиёту фарҳанги мардуми тоҷик ва кулли форсизабонони дунё ба шумор меравад. Бесабаб нест, ки онро даврони заррини адабиёт ҳам меноманд. Дарвоқеъ, машъали назме, ки устодони бузурги ин давра Рӯдакиву Фирдавсӣ ва муосиронашон афрӯхтанд, роҳи минбаъдаи адабиёти моро мунаввар кардааст. Дар тӯли беш аз ҳазор сол суннатҳои устуворе, ки онҳо пайрезӣ намуданд, ҳам дар мазмуну мавзӯот, ҳам дар қолабу анвоъи шеър ва ҳам дар калому ороишоти он пайваста идомаву такмил ёфта, боиси мондагории фарҳангу тамаддуни мардуми мо шудаанд.

Дар рушди сареъи адабиёту фарҳанги тоҷик дар он даврон саҳми давлати Сомониён, ки ба аҳли илму адаб таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, барои онҳо шароити мусоид фароҳам оварда буд, хеле бузург аст. Вале, мутаассифона, дар охири асри X дар натиҷаи кашмакашҳои дохилии ҳокимон, қувват гирифтани майли марказгурезии онҳо, хеле зиёд шудани унсурҳои аҷнабӣ дар ҳукумат, ба хусус лашкар, пурзӯр шудани ихтилофоти табақавӣ, бад шудани вазъи заҳматкашон ва дар мубориза бо аҷнабиён ҳукуматдоронро дастгирӣ накардани омма ва омилҳои дигар давлати мутамаркази Сомониён барҳам хӯрда, дар Мовароуннаҳр сулолаи Қарохониён ва дар Хуросон Ғазнавиён ба тахти ҳукумат нишастанд.[1] Бо он ки сулолаҳои мазкур туркнажод буданд, на танҳо аксари суннатҳои давлатдории Сомониёнро идома доданд, балки забони форсии дарӣ(тоҷикӣ)-ро забони расмӣ қарор дода, ба рушди адабиёти форсӣ низ таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Аз ин

1. Б. Гафуров. О причинах возвышения и падения Саманидов. Советское востоковедение, 1958, № 1, с. 54- 55

ҷост, ки дарбори онҳо, ба хусус боргоҳи Ғазнавиён, дар нимаи авали асри XI марказии асосии адабӣ ба шумор мерафт.

Давлати Ғазнавиён, ки рӯзгори шоирони маъруфи давр Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ, Ғазоирии Розӣ ва амсоли онҳо ба он марбут аст, дар давраи ҳукмронии Султон Маҳмуд (998 – 1030) аз лиҳози пешрафти иқтисодиёт ва иқтидори сиёсиву ҳарбӣ ба яке аз лавлатҳои қудратманди Шарқ табдил ёфт.

Хазинаи давлат бештар ба василаи ҷангҳои ғоратгарона бо кишварҳои ҳамсоя ва махсусан футуҳоти Ҳиндустон ғанӣ карда мешуд. Ин роҳи пешгирифтаи Султон Маҳмуд ва дигар шоҳони ғазнавӣ ба рушди якҷонибаи давлат мусоидат карда, боиси таназзули нерӯҳои истеҳсолкунандаи кишвар ва бадтар шудани вазъи мардум мегардид. Бинобар ин шоҳони ғазнавӣ саъй менамуданд, ки бо ҳар восита муборизаҳои дохилии кишварро хомӯш карда, мамлакатро дар оромиву осоиш нигоҳ доранд.[1] Яке аз чунин воситаҳо, ки аз як тараф ниятҳои ғоратгаронаи онҳоро рӯйпӯш намуда, аз тарафи дигар мардуми қашшоқу бенавои исёнхоҳро ба ҷанг ҷалб мекард, сиёсати диниву мазҳабӣ буд, ки асоси онро шиори ғазавот ё интишори дини ислом ташкил медод. Маҳз бо ҳамин баҳона онҳо ба Ҳиндустон лашкар кашида, сарват ба даст меоварданд.

Ҳарчанд бо баҳонаву роҳҳои гуногун Ғазнавиён баъзе зиддиятҳои дохилии мамлакатро то андозае ором намуданд, вале онҳо натавонистанд аз ӯҳдаи бартараф кардани ҳамаи ихтилофҳо бароянд ва аз ҳамин сабаб давлати пуриқтидори онҳо низ дар муддати кӯтоҳ барҳам хӯрд.[2]

Чунин муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ба ҳаёти адабии давр таъсири амиқ гузошта, ба он вежагиҳои хос бахшид.

Тавре ки зикр шуд, Ғазнавиён низ монанди Сомониён ба адабиёт таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, шоирони зиёдро ба дарбор роҳ медоданд. Вале азбаски ҳадафҳои сиёсии ин ду

---

1. А.Ю. Якубовский. Махмуд Газневи. К вопросу о происхождении и характере газневидского государства, сб. Фердавси 934 -1934, Ленинград, 1934, с. 83-89.
2. Ҳамон ҷо, саҳ. 96

сулола аз ҳам тафовут доштанд, бинобар ин, чунон ки А. Н. Болдирев дуруст таъкид менамояд: «дар Ғазнин дар назди адибони дарбор нисбат ба шоирони Бухоро вазифаҳои дигар меистод».[1] Аммо ин ҳолат на танҳо муаллифони сарчашмаҳои зиёд, балки баъзе муҳаққиқони имрӯзаро низ ба иштибоҳ овардааст ва онҳо Султон Маҳмудро «ҳавохоҳи ҳунару дониш»,[2] «илмдӯсту адабпарвар»[3] шуморида, ҳадафи ӯро «тарвиҷи шеъру адаб»[4] донистаанд.

Вале агар ба сиёсату тадбирҳои Ғазнавиён нисбат ба шеъру шоирӣ амиқтар назар карда шавад, маълум мегардад, ки тадбирҳои онҳо на барои рушди адабиёт, балки барои амалӣ намудани ғаразҳои сиёсиву шахсияшон ва маҳдуд кардани имконияҳтои озодандешии шоирон равона шудааст. Инро сарнавишти яке аз шоирони давр Масъуди Розӣ, ки барои ду байти насиҳатомез ба хашми Султон Масъуд гирифтор шуда, ба Ҳиндустон бадарға шуда буд, тасдиқ менамояд.

Ташкили девони шоирон, таъйин кардани унвони маликушшуаро, ба шоирон додани маош ва ҷорӣ кардани тадбирҳои дигар, ки имконоти озодбаёнии шоиронро маҳдуд мекард, адабиёти доираи Ғазнинро ба дастгоҳи сиёсии давлат табдил дод.

Аз ин ҷост, ки қасида навъи асосиву ҳукмрони шеър гардида, мадҳ мавзӯи марказии он қарор гирифт. Қасида ҳарчанд дар ин давра аз лиҳози миқдор хеле ривоҷ пайдо кард, вале аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷаву мӯҳтаво хеле маҳдуд гардид. Агар дар абёти боқимондаи қасоиди Рӯдакӣ ва муосиронаш, бо вуҷуди он ки хеле кам боқӣ мондааст, гуногунии мавзӯъ, фикру андешаҳои баланди иҷтимоъӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ мушоҳида шавад, дар назми давраи Ғазнавиён асосан ривоҷи мавзӯи мадҳ ва масъалаҳои ишқу тасвири табиат ва маю майгусорӣ дар тағаззулот ва мусамма ту тарҷеъбандҳо ба назар мерасад. Масалан, мавзӯи ватандӯстӣ дар осори шоирони асри X,

1. Краткая история литератур Ирана, Афганистана, Турции, ЛГУ, 1971, с. 28.
2. Ҳ. Эте.Таърихи адабиёти форсӣ, тарҷумаи Шафақ,Теҳрон,1958,саҳ.98.
3. Аббоси Парвиз.Таърихи Даёлама ва Ғазнавиён, Теҳрон, 1336, саҳ.303.
4. Шиблии Нуъмонӣ.Шеърулаҷам, ҷ.1, Теҳрон, 1335, саҳ. 46.

бахусус дар осори боқимондаи Рӯдакӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҷойгоҳи баланд дорад ва бешубҳа ба сиёсати Сомониён созгор буд. Вале дар ашъори шоирони нимаи аввали асри Х1 на танҳо мавзӯи ватандӯстӣ мушоҳида намешавад, балки баръакс, таънаву таҳқири қаҳрамонони «Шоҳнома» хеле зиёд ба назар мерасад. Шоирони аҳди Ғазнавиён Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ ҳар гоҳ сухан аз футӯҳоту корнамоиҳои мамдӯҳ равад, ба ситоиши муболиғаомез пардохта, ҳамеша ӯро аз қаҳрамонони «Шоҳнома» бартар медонанд. Ҳоло чанд намунаро фақат аз осори яке аз намояндагони адабиёти ин давра Фаррухии Систонӣ, ки девони ӯ тақрибан ба таври комил боқӣ мондааст, нақл мекунем. Аз ҷумла Фаррухӣ дар қасидае лашкаркашии Султон Маҳмудро ҳангоми фатҳи Хоразм тавсиф намуда, ӯро аз бузургтарин қаҳрамонони «Шоҳнома» Рустам ва шоҳи машҳур Ҳушанг ба маротиб афзал мешуморад:

*Эй ба лашкаршиканӣ бештар аз сад Рустам,*
*Эй ба ҳушёрдилӣ бештар аз сад Ҳушанг.*

Дар қасидаи дигари шоир, ки он ҳам ба мадҳи Султон Маҳмуд бахшида шудааст, «Шоҳнома» саросар иборат аз афсонаҳои дурӯғ муаррифӣ шудааст:

*Гуфто: «Чун ӯ дигар ба ҷаҳон ҳеҷ шаҳ бувад?»*
*Гуфтам: «Зи ман мапурс, ба «Шаҳнома» кун нигоҳ».*
*Гуфто, ки «Шоҳнома» дурӯғ аст сарбасар,*
*Гуфтам: «Ту рост гиру дурӯғ аз миён бикоҳ».*

Чунон ки ҳувайдост, Фаррухӣ низ ба тақозои майлу хоҳиши мамдӯҳаш Султон Маҳмуд моҳият ва арзиши баланди ватандӯстии «Шоҳнома» ва аҳдофи олии Фирдавсиро нодида гирифтааст. Байтҳои мазкур ривояти зерро, ки дар «Таърихи Систон» дарҷ шудааст, ба хотир меорад: «Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба

шеър кард ва бар номи Султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳаме бархонд.

Маҳмуд гуфт: «Ҳама «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст».

Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод! Надонам андар сипоҳи ту чанд мард чун Рустам бошад. Аммо ин донам, ки Худой хештанро ҳеҷ банда чун Рустам дигар наёфарид».

Ин бигуфт ва замин бӯса карду бирафт».[1]

Дар зимни мадҳи бародари Султон Маҳмуд сипаҳсолор Амир Юсуф ва писараш Султон Масъуд низ беэътиноии Фаррухӣ ба қаҳрамони «Шоҳнома» мушоҳида мешавад:

*Сафдар чун ту набуд Рустам ё Сом,*
*Меҳтар аз ту набуд Ҷам ё Нузар.*

❂ ❂ ❂

*Зи мардум он чи ту кардӣ ҳаме ба андак сол,*
*Ба солҳои фаровон накард Рустами Зар.*

❂ ❂ ❂

*Махон қиссаи Рустами Зовулиро*
*Аз ин пас дигар, к-он ҳадисест мункар.*

Чунин ситоишҳои пурмуболиға ва беэътиноӣ ба «Шоҳнома» ва қаҳрамононаш дар қасоиди Фаррухӣ ва муосиронаш хеле фаровон аст, ки бешубҳа аз сиёсати давлати Ғазнавиён ва муносибати шоҳони ғазнавӣ ба «Шоҳнома» маншаъ мегирад. Тавре ки баррасиҳо нишон медиҳанд, амирони сомонӣ сиёсати диниву ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро бо ҳам пайваста, баробари тарғиби дини ислом ба барангехтани эҳсоси ватандӯстии мардум низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамуданд. Вале Ғазнавиён сиёсати диниро

1. Таърихи Систон,вироиши матн: Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ, Теҳрон, 1373, саҳ. 3-4

шиору ниқоби худ қарор дода, ба футӯҳоту ғоратгарии кишварҳои ҳамсоя мепардохтанд. Ҳарчанд онҳо худро зоҳиран пайрави Сомониён вонамуд карда, шоиронро ба дарбор ҷамъ оварданд, вале ҳадафи онҳо дигар буд. Барои шоҳони ғазнавӣ на андешаҳои ватандӯстиву ифтихори миллӣ, балки мадҳу ситоиши корнамоиҳо ва футӯҳоташон муҳим буд. Аз ин ҷост, ки «Шоҳнома» ба ҳадафҳои онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ созгор набуд ва сабаби қадр нашудани он ҳам дар ҳамин аст. Ин сиёсати Ғазнавиёнро шоирони дарбор хуб дарк карда буданд, аз ин ҷост, ки «Шоҳнома» ва қаҳрамонони онро паст мезаданд. Вале баъзе муҳаққиқон омилҳои дигарро сабаби пазируфта нашудани «Шоҳнома» нишон додаанд. Аз ҷумла, Абдулҳусайни Зарринкӯб дар бораи Султон Маҳмуд сухан ронда, соҳибзавқу шеърдӯст будан ва махсусан тамоюли зиёди диниву мазҳабӣ доштани ӯро таъкид намуда, сабаби муносибати нохуши султонро ба шоир дар ҳамин замина дониста, навиштааст: «Чунонки иллати адами илтифоти ӯ ба «Шоҳнома» зоҳиран иттиҳоми Фирдавсӣ ба рафзу иштимоли китоби ӯ бар корномаи маҷус бояд буда бошад»[1].

Вале ба назари мо ҳам шеърдӯстӣ ва ҳам динпарастии Султон Маҳмуд ҷанбаи тазоҳурӣ дошта, дар зери ниқоби онҳо ғаразҳои сиёсӣ ниҳуфтааст. Далелҳои зиёде мавҷуданд, ки сусту заиф будани эътиқоди динии ӯро нишон медиҳанд, ки ба ин Абдулҳусайни Зарринкӯб ҳам иқрор аст ва «динро василаи ағрози дунявӣ» сохтани ӯро таъйид кардааст.

Бинобар ин таваҷҷӯҳи Султон Маҳмуд ба дину мазҳаб натиҷаи «завқи мазҳабӣ»-и ӯ набудааст. Сиёсати пешгирифтаи Султон Маҳмуд ҳарчанд аз тарафи шоирони дарбораш бо ҳар васила рӯйпӯш ва ситоиш мешуд, вале моҳияти ғоратгаронаи он ҳанӯз дар ҳамон аср ошкор шуда буд ва аз ҷумла Носири Хусрав дар хусуси сиёсати риёкоронаи динии Маҳмуд навиштааст:

*Он ки ба ҳиндувон буд, яъне ки ғозиям,*
*Аз баҳри бадрагон, на зи баҳри ғазо шудаст.*

1. Абулҳусайни Зарринкӯб. Аз гузаштаи адабии Эрон,Теҳрон, саҳ. 233-234.

Ин ҳама гувоҳ бар он аст, ки ба Султон Маҳмуд на матолиби мазҳабии «Шоҳнома», ки мақоме надорад, балки пеш аз ҳама андешаҳои ватандӯстӣ, ифтихор ба гузаштаи дурахшони тамаддуни Эрон, эҳёи Аҷам / «Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ»/, ки комилан бо сиёсати давлати Сомониён созгор буданд, писанд наёмадаанд. Аз ин ҷост, ки ин шоҳкори бузурги назм, ки маъруфтарин шоирони оламро мафтун кардааст, мавриди қабули шоирони дарбори Султон Маҳмуди туркнажод қарор нагирифт.

Таъсири сиёсати Ғазнавиёнро на танҳо дар қисмати мадҳи қасоиди шоирони давр, ки саросар аз ситоиши иғроқомези мамдӯҳон иборат аст, балки ҳатто дар тағаззулот ва қитъаву ғазалҳои онҳо низ метавон мушоҳида кард. Масалан, дар аксари тағаззулҳои Фаррухӣ мавзӯи ишқ матраҳ шудааст ва тавре ки Зайнулобидини Мӯътаман таъкид кардааст, «Шояд ҳеч шоире маънии ишқи моддиро беҳтар аз ӯ (Фаррухӣ – **М.М.**) шарҳ надодааст».[1] Дар тағаззуле ба саволи ошиқ дар бораи маънии ишқ шоир ишқи заминиву табииро хеле хуб шарҳ медиҳад:

*Бари ман ишқро ғоят ба ҷоест,*
*Ки кас кардан-ш натвонад муқаррар.*
*Чунон бояд, ки накнад ҳеҷ ошиқ*
*Ҳадиси ҳосиди маъшуқ бовар.*
*Ба вақти хилват андар пеши маъшуқ*
*Чи кеҳтар бошад андар пеши меҳтар,*
*Мусаххаргаштаи маъшуқ бошад*
*В-агарчи оламаш бошад мусаххар.*

Ин шеър, ки воқеан мафҳуми ишқро дуруст шарҳ медиҳад, ба назари мо, аз ҷумлаи он ашъорест, ки то ба дарбор омадани ӯ суруда шудааст. Зеро дар аксари тағаззулҳои шоир ошиқ шахси мағруру бовиқор буда, маъшуқ қадру эътиборе надорад:

1. Зайнулобидини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ, Теҳрон, 1339, саҳ. 215.

*Ту чу ман ёр наёбӣ ба ҷаҳон,*
*Ман чу ту ёбам ҳар рӯз ҳазор…*

❁ ❁ ❁

*Оштӣ кардам бо дӯст пас аз ҷанги дароз,*
*Ҳам бад-он шарт, ки бо ман накунад дигар ноз…*

Тавре ки аён аст, ҳатто дар ишқияҳои шоир таъсири муҳити дарбор, ахлоқи ашрофонаи дарбориён равшан эҳсос мешавад. Бо вуҷуди ин шоирони нимаи авали асри Х1 суннатҳои шоирони пешинро махсусан дар сабку забон идома дода, соддагиву таровати сабки хуросониро ҳифз намуданд. Онҳо маҳорати суханварии худро бештар дар бахши тағаззулоти қасидаҳо ба харҷ дода, тасвирҳои ҷолиберо офариданд, ки арзиши баланди бадеиву зебошинохтӣ доранд. Бахусус тасвири табиат дар тағаззулоти Фаррухиву Унсурӣ ва мусамматоти Манучеҳрӣ хеле барҷаста ва ҷаззоб сурат гирифта, офаридаҳои онҳо, чунонки донишманди фаронсавӣ С. Фушекур таъкид кардааст, беназир буда, беҳтарин намунаҳои тасвири табиат дар адабиёти форсизабон маҳсуб мешавад.[1] Аз ин рӯ, дар ин маҷмӯа бештар тағаззулоти қасидаҳои шоирони маъруфи ин давра интихоб гардида, аз қисмати мадҳи онҳо, ки барои хонандаи имрӯз арзиши зиёд надоранд, сарфи назар карда шуд. Албатта, дар қисмати мадҳи қасидаҳо низ баъзе тасвирҳои ҷолиб ва зикри воқеаҳои таърихӣ ба назар мерасанд, ки барои муҳаққиқон заруранд. Инро дар ду қасидаи комили Фаррухӣ, ки барои намуна овардем, метавон мушоҳида кард. Ҳамчунин намунаҳо аз навъҳои дигари ашъори шоирон оварда шуд, то ки хонанда тасаввури пуррае дар бораи адабиёти ин давра пайдо намояд.

***Мирзо МУЛЛОАҲМАД***

1. C.H. Fouchecour. La lescription de la nature dans la poesia lyrique persane du X1 siecle. Paris, 1969, p.27.

# ФАРРУХИИ СИСТОНӢ

## АЗ ҚАСОИД

## ДАР МАДҲИ ХОҶА АМИД АБӮМАНСУР САЙЙИДАСЪАД

Нилгун парда баркашид ҳаво,
Боғ бинвашт мафраши дебо.
Обдон гашт нилгун рухсор
В-осмон гашт симгунсимо.
Чун булури шикаста баста шавад,
Гар барандозӣ обро ба ҳаво.
Лавҳи ёқути зард гашт ба боғ
Бар дарахтон саҳифаи мино.
Бенаво гашт боғи миноранг,
То дар ӯ зоғ баргирифт наво.
Мутриби бенаво наво назанад
Андар он маҷлисе, ки нест наво.
Гар на ошиқ шудаст барги дарахт,
Аз чӣ рухзард гашту пушт дуто.
Бодро кимиёи суда кӣ дод,
Ки аз ӯ зарри соф гашт гиё ?
Гар гиё зард гашт, бок мадор,
Бас бувад сурхрӯй хоҷаи мо.
Хоҷаи Саййидасъад он ки аз ӯст
Ҳар чӣ саъд аст зери ҳафт само,
Он ки бо ройи ӯ якест қадар,
Он ки бо амри ӯ якест қазо.
Зери тадбири муҳкамаш офоқ,
Зери аъломи ҳимматаш дунё.
То ба дарё расид боди сахош,
Дар шикаст аст зойиши дарё.
Кулли ҷуд аст дасти ӯ доим
В-он дигар ҷудҳо ҳама аҷзо.
Ҳар кӣ имрӯз кард хидмати ӯ,
Хидмати ӯ фалак кунад фардо.

Ҳар кӣ холӣ шуд аз инояти ӯ,
Олам ӯро диҳад инони ано.
Зоиронро саройи ӯ ҳарам аст,
Маснади ӯ Минову садр Сафо.
Ҳар кӣ танҳо шавад зи хидмати ӯ,
Аз ҳама чизҳо шавад танҳо.
Ҷуз бад-ӯ созвор нест мадеҳ,
Ҷуз бад-ӯ обдор нест сано.
Офарини Худой бод бар ӯ,
К-офаринро баланд кард бино.
Бобаҳо гашт садру болиш аз ӯ,
Ки сано з-ӯ гирифт фарру баҳо.
Ӯ кунад фарқ некро аз бад,
Ӯ шиносад савобро зи хато.
Хотири ман магар ба мидҳати ӯ
Надиҳад бар мадеҳи халқ ризо.
Гарчи дурам ба тан зи хидмати ӯ,
Накунам бе баҳона расм раҳо.
Ҳар замон мидҳате фиристам нав,
Эй расонанда, зуд бош, ҳало.
Ӯ сазовортар ба мадҳу саност,
Ҷаҳд кун, то расад сазо ба сазо.
Эй сутудахӯи сутудасухан,
Эй баландахтари баландато.
Гар ба хидмат наёмадам бари ту,
Узраке тоза рух намуд маро.
То зи даргоҳи ту ҷудо гаштам,
Ҳар замоне маро ғамест ҷудо.
Фурқати пардаи ту гашт маро
Пардае бар ду дидаи бино.
Ман ба мадҳу дуо задастам чанг,
Гар басанда кунӣ ба мадҳу дуо.
То намоз аст мояи мӯъмин,
То салиб аст қиблаи тарсо,
Шодмон бошу бахтиёру азиз,
Ҷовидон комрону комраво.

## МАРСИЯ
## ДАР ВАФОТИ СУЛТОН МАҲМУД

Шаҳри Ғазнин на ҳамон аст, ки ман дидам пор,
Чӣ фитодаст, ки имсол дигаргун шуда кор ?
Хонаҳо бинам пурнавҳаву пурбонгу хурӯш,
Навҳаву бонгу хурӯше, ки кунад рӯҳ фигор.
Кӯйҳо бинам пуршӯришу сартосари кӯй
Ҳама пурҷӯшу ҳама ҷӯшиш аз хайли савор.
Растаҳо бинам бемардуму дарҳои дукон
Ҳама барбаставу бар дар зада ҳар як мисмор.
Коххо бинам пардохта аз мӯҳташамон,
Ҳама яксар зи рабаз бурда ба шористон бор.
Меҳтарон бинам бар рӯй занон ҳамчу занон,
Чашмҳо карда зи хуноба ба ранги гулнор.
Ҳоҷибон бинам хастадилу пӯшида сияҳ,
Кулаҳ афканда яке аз сару дигар дастор.
Бонувон бинам берун шуда аз хона ба кӯй,
Ба дари майдон гирёну хурӯшон ҳамвор.
Хоҷагон бинам бардошта аз пеш давот,
Дастҳо бар сару сарҳо зада андар девор.
Омилон бинам боз омада ғамгин зи амал,
Кор нокардаву норафта ба девони шумор.
Мутрибон бинам гирёну даҳ ангушт газон,
Рӯдҳо бар сару бар рӯй зада шефтавор.
Лашкарӣ бинам саргашта саросема шуда,
Чашмҳо пурнаму аз ҳасрату ғам гашта низор.
Ин ҳамон лашкариёнанд, ки ман дидам дӣ ?
В-ин ҳамон шаҳру замин аст, ки ман дидам пор ?
Магар имсол малик featureзнаёмад зи азо ?
Душмане рӯй ниҳодаст бар ин шаҳру диёр ?
Магар имсол зи ҳар хона азизе гум шуд ,
То шуд аз ҳасрату ғам рӯзи ҳама чун шаби тор ?

Магар имсол чу перор бинолид малик ?
Не, ман ошӯб аз ин гуна  надидам перор.
Ту нагӯӣ чӣ фитодаст? Бигӯ, гар битавон,
Ман  на бегонаам, ин ҳол зи ман бозмадор.
Ин чӣ шуғл асту чӣ ошӯбу чӣ бонг асту хурӯш?
Ин чӣ кор асту чӣ бор асту чӣ чандин гуфтор ?
Кошкӣ он шабу он рӯз, ки тарсидам аз он,
Нафитодастиву шодӣ нашудастӣ темор.
Кошкӣ чашми бад андар нарасидӣ ба амир,
Оҳ, тарсам, ки расиду шуда маҳ зери ғубор.
Рафту моро ҳама бечораву дармонда бимонд,
Ман надонам, ки чӣ дармон кунам инрову чӣ чор ?
Оҳу дардову  дареғо, ки чу Маҳмуд малик
Ҳамчу  ҳар хоре  дар зери замин резад хор.
Оҳу дардо, ки ҳаме  лаъл ба кон боз шавад,
Ӯ миёни гилу аз гил нашавад бархурдор.
Оҳу дардо, ки  бе ӯ ҳаргиз натвонам дид
Боғи  фирӯзии пурлолаву  гулҳои баҳор.
Оҳу дардо, ки ба якбор тиҳӣ бинам аз ӯ
Кохи маҳмудиву он хонаи пурнақшу нигор.
Оҳу дардо, ки кунун қарматиён шод шаванд,
Эманӣ ёбанд аз санги парокандаву дор.
Оҳу дардо, ки кунун қайсари румӣ  бираҳад
Аз такопӯйи  баровардани бурҷу девор.
Оҳу дардо, ки кунун барҳаманони ҳама Ҳинд
Ҷой созанд бутонро дигар аз нав ба баҳор.
Мири мо хуфта ба хок- андару мо аз бари хок,
Ин чӣ рӯзест бад-ин торӣ, ё раб, зинҳор.
Фоли бад чун занам, ин ҳол ҷуз ин аст магар,
Занам он фол, ки  гирад дил аз он фол қарор.
Мир май хӯрда магар диву бихуфтаст имрӯз,
Дер хуфтаст магар, ранҷ расидаш зи хумор ?
Кӯси навбат-ш  ҳамоно, ки ҳаме з-он назананд,
То бихуспад хушу камтар бувадаш бар дил бор.

Эй амири ҳама мирону шаҳаншоҳи ҷаҳон,
Хезу аз ҳуҷра бурун ой, ки хуфтӣ бисёр.
Хез, шоҳо, ки ҷаҳон пуршағабу шӯр шудаст,
Шӯр биншону шабу рӯз ба шодӣ бигузор.
Хез, шоҳо, ки ба Қаннуҷ сипаҳ гирд шудаст,
Рӯй з-он сӯ неҳу бар торакашон  оташ бор.
Хез, шоҳо, ки расулони шаҳон омадаанд,
Ҳадяҳо доранд оварда фаровону нисор.
Хез, шоҳо, ки амирон ба салом омадаанд,
Борашон деҳ, ки расидаст ҳамоно гаҳи бор.
Хез, шоҳо, ки ба фирӯзӣ гул боз шудаст,
Бар гули нав қадаҳе чанд майи лаъл гусор.
Хез, шоҳо, ки ба чавгонӣ  гирд омадаанд,
Он ки  бо эшон чавгон задаӣ  чандин бор.
Хез, шоҳо, ки чу ҳар сол ба арз омадаанд
Аз паси  Кохи туву боғи ту  пиле ду ҳазор.
Хез, шоҳо, ки ҳама дӯхтаву сохта гашт
Хилъати лашкару гардид ба як ҷо анбор.
Хез, шоҳо, ки ба дидори ту фарзанди азиз
Ба шитоб омад, бинмой мар ӯро дидор.
Кӣ тавонад, ки  барангезад з-ин хоб туро,
Хуфтӣ он хуфтан, к-аз бонг нагардӣ бедор.
Гар  чунон хуфтан, эй шаҳ, ки нахоҳӣ бархост,
Эй Худованд! Ҷаҳон хезу ба фарзанд супор.
Хуфтани бисёр, эй хусрав, хӯйи ту набуд,
Ҳеч кас хуфта надидаст туро з-ин кирдор.
Хӯйи ту тохтану шуғл сафар буд мудом,
Бинаёсудӣ, ҳарчанд ки будӣ бемор.
Дар сафар будӣ то будиву дар кори сафар,
Тани чун кӯҳи ту аз ранҷи  сафар гашта низор.
Сафаре, к-онро боз омадан уммед бувад,
Ғами ӯ кам бувад, арчанд ки бошад душвор.
Сафаре дорӣ имсол, шаҳо, андар пеш,
Ки мар онро на  карон аст падиду на канор.

Як дамак боре дар хона бибояст нишаст,
То бидидандӣ рӯйи ту азизону табор.
Рафтани ту ба хазон будӣ ҳар сол, шаҳо,
Чӣ шитоб омад, к-имсол бирафтӣ ба баҳор?!
Чун кунӣ сабру ҷудо чанд тавонӣ будан
З-он бародар, ки бипарвардӣ ӯро ба канор ?
Тани ӯ аз ғаму темори ту чун мӯй шудаст,
Рухи чун лолаи ӯ зард ба  ранги динор.
Аз фаровон, ки бигиряд ба сари гӯри ту шоҳ,
Оби дида  бишухудаст мар ӯро рухсор.
Оташе дорад дар дил, ки ҳама рӯз аз он
Бирасонад ба суйи  гунбади афлок шарор.
Гар бародар ғами ту хӯрд, шаҳо, нест аҷаб,
Душманат бе ғами ту нест ба лайлу ба наҳор.
Мурғу моҳӣ чу занон бар ту ҳаме нола кунанд
Ҳама бо мо шуда андар ғаму андӯҳи ту бор.
Рӯзу шаб бар сари тобути ту аз ҳасрати  ту
Кохи пирӯзӣ  чун абр ҳамегиряд зор.
Ба ҳисор аз фазаъу бими ту рафтанд шаҳон,
Ту, шаҳо, аз фазау бими кӣ рафтӣ ба ҳисор ?
Ту ба боғе чу биёбоне  дилтанг шудӣ,
Чун  гирифтастӣ дар ҷойгаҳе танг қарор ?
На ҳамоно, ки ҷаҳон  қадри ту донист ҳаме,
Лоҷарам назди хирадманд надорад миқдор.
Зинату қимату миқдор ҷаҳонро ба ту буд,
То ту рафтӣ зи ҷаҳон,  ин се бурун шуд якбор.
Шуароро ба ту бозор барафрӯхта буд,
Рафтиву бо ту ба якбор шикаст он бозор.
Эй амире, ки ватан дошт ба наздики ту фахр,
Эй амире, ки нагаштаст ба даргоҳи ту ор.
Ҳама ҷаҳди ту дар он буд, ки Эзид фармуд,
Ранҷкаш будӣ дар тоати Эзид ҳамвор.
Бигузороду ба рӯйи ту  маёрод ҳигарз
Зиллатеро, ки накардӣ ту бад-он истиғфор.

Зинда бодо ба валиаҳди ту  номи ту мудом,
Эй шаҳи некдили некхуйи некӯкор.
Дили пажмон ба валиаҳди ту хурсанд кунод,
Ин供 бародар, ки зи дарди ту  зад андар дил тор.
Андар он гетӣ Эзид дили ту шод кунод
Ба биҳишту ба савобу ба фаровон кирдор!

# ТАҒАЗЗУЛОТ

Баромад пилгун абре зи рӯи нилгун дарё,
Чу ройи ошиқон  гардон, чу табъи бедилон шайдо.
Чу гардон гашта селобе миёни об осуда,
Чу гардон гирдбоди тундгарде тира андарво.
Бибориду зи ҳам бигсасту гардон гашт бар гардун
Чу пилони пароканда миёни обгун саҳро.
Ту гуфтӣ, гарди зангор аст бар ойинаи чинӣ,
Ту гуфтӣ, мӯйи санҷоб аст бар пирӯзагун дарё.
Ба сони марғзори сабзранг андар шуда гирдаш,
Ба як соат  мулавван карда рӯйи гунбади хазро.
Ту гуфтӣ, осмон дарёст аз сабзиву бар рӯяш
Ба парвоз - андар овардаст ногаҳ баччагон анқо.
Ҳамерафт аз бари гардун гаҳе торӣ, гаҳе равшан
В-аз ӯ гаҳ осмон пайдову гаҳ хуршед нопайдо.
Ба сони чандани сӯҳонзада бар лавҳи пирӯза,
Ба кирдори  абири бехта бар сафҳаи мино.
Чу дудин  оташе, к-обаш ба рӯй-андар занӣ ногаҳ,
Чу чашми бедиле, к-аз дидани дилбар шавад бино.
Ҳавои равшан аз рангаш муғанбар гашту шуд тира
Чу ҷони кофири кушта зи теғи хусрави воло….

❁ ❁ ❁

Дӯст дорам кӯдаки симинбари беҷодалаб,
Ҳар куҷо з-эшон яке бинӣ, маро он ҷо талаб.
Хоса бо рӯйи сапеду пок чун тобанда рӯз,
Хоса бо мӯйи сиёҳу тира чун торик шаб.
Ҳар киро з-ин гуна бошад моҳрӯйе мушкмӯй,
Нест маъзур, ар биёсояд замоне аз тараб.
То ситодаст, аз ду чашмаш барнабояд дошт чашм,
То нишастаст, аз ду лаълаш барнашояд дошт лаб.
Гар маро з-ин кӯдаки бутрӯй додастӣ Худой,
Бар лаби ӯ бӯсаҳо медодаме, додан аҷаб.
Эй хушо, з-ин пештар, к-андар сароям з-ин сифат
Кӯдакон буданд симинсинаву зарринсалаб.
Бо суринҳои сапеду гирд чун талли суман,
Бо миёнҳои низору зор чун тори қасаб.
Аз дилоромиву нағзӣ чун ғазалҳои Шаҳид
В-аз диловезиву хубӣ чун таронай Бӯталаб.
Гар тиҳӣ шуд з-ин бутон акнун сароям, бок нест,
Дил пур аст аз офарини хусрави хусравнасаб…

❁ ❁ ❁

То бибурдӣ аз дилу  аз чашми ман орому хоб,
Гаҳ  зи дил дар оташи тезам, гаҳ аз чашм андар об.
Ишқи ту бо чор чизам ёр дорад ҳашт  чиз,
Мар маро  ҳар соате з-ин ғам ҷигар гардад кабоб.
Бо рухам зарру зариру бо дилам гурму заҳир,
Бо ду чашмам обу хуну бо танам ранҷу азоб.
В-ин аҷоибтар, ки чун ин ҳашт бо ман ёр кард,
Ҳашт чиз аз ман бибурду ҳашт чизи дерёб :
Роҳату ороми рӯҳу ромишу таскини дил,
Нузҳату дидори чашму зинату фарру шабоб.
Дар рагу андар тану андар дилу дар чашми ман
Хобу сабру рӯҳу хунамро барафтод инқилоб.
Ранҷ дорад ҷойи хуну дард дорад  ҷойи рӯҳ,
Ишқ дорад ҷойи сабру об дорад ҷойи  хоб.
Ин танам  аз ҳаҷри ту чун барги бед андар хазон,
Ин дилам  дар ишқи ту чун туз андар моҳтоб.
Рӯйи ту бистурду бирбуду бияфканду бибурд
Чор чиз аз чор чизу ҳар якеро кард ғоб:
Хуррамӣ аз навбаҳору тозагӣ аз сурхгул,
Некӯӣ аз гирди моҳу равшанӣ аз офтоб.
Чор чизи ту набошад солу маҳ бе ҳашт чиз,
Ҳар яке  з-он ҳашт дорад сӯйи дил бурдан шитоб:
Чашми ту  бехобу сеҳри рӯйи ту бесиму гул,
Ҷаъди ту  бе чину печу зулфи ту бе банду тоб….

❁ ❁ ❁

Сапедадам, ки ҳаво бардарид пардаи шаб,
Баромад аз сари кӯҳ рӯз бо ридои қасаб.
Сапедрӯз сипаҳ рӯй дода буд ба Чин.
Шаби сиёҳ сипаҳ рӯй дода сӯйи Ҳалаб.
Чунон сиёҳваше андаке сапед ба рӯй
Чу зангие, ки ба ханда кушода бошад лаб.
Ҳаме фурӯ шуд шаммомае зи мушки сиёҳ,
Ҳаме баромад шамъе зи анбари ашҳаб.
Зи баҳри бадрақа бо шаб ҳамешуданд ба ҳам
Ситорагон, ки ҳавои шабасташон мазҳаб.
Ҳамешуд аз паси шаб бо ситорагон Парвин
Чу ҳафт кавкаби симин бар оҳанин забзаб.
Ситора дар шаби торӣ бадеътар бошад,
Агар ситора ҳаводори шаб бувад, чӣ аҷаб….
Чу ғӯта хӯрд дар оби кабуд мурғи сапед,
Зи чашму дида ниҳон шуд дар осмон кавкаб…

❁❁❁

Чу сер гашт сари наргиси ғунуда зи хоб,
Гули кабуд фурӯ хуфт зери пардаи об.
Чу сурхгул ба сар -андар кашид сабз ридо,
Фурӯ кашид зи рухи арғувон кабуд ниқоб.
Зи лола боғ пур аз шамъи барфурӯхта буд,
Намуд боғ бад-он шамъҳои хеш аъҷоб.
Бикушт боди хазон шамъи боғрову равост,
Агар надорад бо бод шамъи тобон тоб.
Ҳамекунанд ба рангу ба гуна себу биҳӣ
Ҳикояти рухи Даъду ҳадиси рӯйи Рубоб.
Магар дарахти шукуфа гуноҳи Одам кард,
Ки ҳамчу Одам урён ҳамешавад зи сиёб.
Баромад аз сари кӯҳсорҳо талояи абр
Чу ҷавкҳои ҳавосил, ки баркашӣ ба таноб.
Кунун, к-аз абр чу пурҳавосил аст ҳаво,
Чӣ дошт бояд мӯйи ҳавосилу санҷоб.
Ба ҷои лолаву бӯйи баҳори тоза бихоҳ
Набиди равшану дуди бахуру бӯйи гулоб.
Аз он бахур, ки барад аз хисоли хусрав бӯй,
Аз он набид, ки бурдаст гуна аз унноб.
Аз он набид, ки чун барфитад ба ҷоми булӯр,
Гумон барӣ, ки насаб дорад аз ақиқи музоб.
Агар наво назанад булбули хуҷаста, бас аст
Навозанандаи мо дасти мутрибу мизроб.
Ба бонги чангу ба бонги рубоб кард ҳаме
Ҳазордастон бо булбули хуҷаста хитоб.
Чу зери чанг фурӯ кард булбули мутриб,
Ҳазордастон бикшод рудҳои рубоб.
Баҳори тоза ҳамехӯрд пеш аз ин шабу рӯз
Зи дасти боғ ба ҷоми гули шукуфта шароб.
Чу маст гашт, бар ӯ хоб чира гашту бихуфт,
Зибаски хӯрд ба боғи шукуфта бодаи ноб.

Хазон сипаҳ ба дари боғ бурду таъбия кард
Бад-он ният, ки кунад хонаи баҳор хароб.
Баҳор чашм чу бикшод, хештанро дид
Ба дасти душману хона шуда харобу беоб.
Сипоҳи ӯ ба ҳазимат ниҳода рӯй аз бим
Шаҳобвор ҳамерафт ҳар яке ба шитоб...

❁ ❁ ❁

Боғи деборухи парандсалаб
Лаъбгар гашту лаъбҳош аҷаб.
Гаҳ диҳад обро зи гул хилъат,
Гоҳе аз об лоларо маркаб.
Гаҳ биҳиште шавад пур аз ҳуро,
Гаҳ сипеҳре шавад пур аз кавкаб.
Байрами сабз барфиканда баланд,
Шохи ӯ карда буссадин машҷаб.
Бӯстон гашт чун ситабраҷи сабз,
Осмон гашт чун кабуд қасаб.
Ҳасад ояд ҳаме зи бас гулҳо
Осмонро зи бӯстон ҳар шаб.
Об ҳамранги сандали судаст,
Хок ҳамбӯйи анбари ашҳаб.
Сабза гашт аз дари самоъу шароб
Рӯз гашт аз дари нишоту тараб.
Ҳар гулеро ба шохи гулбун бар
Зандбофест бо ҳазор шағаб.
Булбулон гӯиё хатибонанд
Бар дарахтон ҳамекунанд хатаб.
Боз бар мо вазид боди шамол,
Он шамоли хуҷастапаймаркаб...

* * *

Зи офтоб ҷудо буд моҳ чандин шаб,
Ҳамедавид ба гардун- бар офтобталаб.
Хамида гашта зи ҳиҷрону зард гашта зи ғам,
Низор гашта зи ишқу гудохта зи тааб.
Чу офтобталаб назди офтоб расид,
Нишот карду тараб карду буд ҷойи тараб.
Фурӯ нишаст бар офтобу равшан кард
Ба рӯйи равшани ӯ чашми тираи чун шаб,
Чу моҳи дилшуда бо офтоби равшанрӯй
Гузор кард бад-ин дар ҳаме ду рӯзу ду шаб.
Ситорагон ҳама огаҳ шуданду моҳ хиҷил,
Зи ишқ ҳар ки хиҷил шуд, аз ӯ мадор аҷаб.
Бар осмон шаби дӯшин намози шоми пагоҳ
Фурӯ кашид бар он рӯйи ӯ кабуд қасаб.
Бараҳна гаштани рӯйи маҳ аз ниқоби кабуд
Ҳалол кард ба мо - бар ҳаромкардаи раб.
Агар ки дур шуд аз офтоб моҳ, равост,
Зи дур гаштани ӯ тоза гашт моҳи араб.
Бад-ин тараб ҳама шаб дӯш то сапедаи бом
Ҳаме зи кӯс ғирев омаду зи буқ шағаб.
Намози шом ҳама некувон ба ид шуданд
Тарабкунону тамошокунону хандонлаб.
Бунафшазулфи ман андар миёншон, гуфтӣ,
Чу моҳ буду дигар некувон ҳама кавкаб.
Зи дур ҳар кӣ мар ӯро бидид пиру ҷавон
Ба хубтар лақабе гуфт: «Саййидо, марҳаб».
Ба ид рафт ба як ному бозгашт зи ид,
Ниҳода халқ мар ӯро ҳазор гуна лақаб.
Ҳаво ҳазор фузун асту мар маро ду ҳавост
В-аз он ду дур надонам шудан ба ҳеч сабаб,
Ҳавои сӯҳбати он моҳрӯйи ғолиямӯй,
Ҳавои хидмати он хоҷаи бузургнасаб.

❁❁❁

Гар чун ту ба Туркистон, эй турк, нигорест,
Ҳар рӯз ба Туркистон идеву баҳорест.
В-ар чун ту ба Чин карда зи наққошон нақшест,
Наққоши бало нақшкану фитнанигорест.
Он танг даҳони ту зи беҷода нигинест,
Борик миёни ту чу аз катон торест.
Рӯйи ту маро рӯзу шаб андӯҳгусорест,
Шояд, ки пас аз андӯҳ андӯҳгусорест.
Бар моҳ туро ду гули сероб шукуфтаст,
Дар ҳар диле аз дидани он ду гул хорест.
Ту бор худои ҳама хубони хуморӣ
В-аз ишқи ту ҳар рӯз маро тоза хуморест.
Аз баҳри се бӯса, ки маро аз ту вазифаст,
Ҳар рӯз маро бо ту дигаргуна шуморест.
Се бӯса маро бар ту вазифаст, валекин
Огоҳ найӣ, к-аз паси ҳар бӯса канорест…

* * *

Эй ваъдаи ту чун сари  зулфайни ту на рост,
Он ваъдаҳои хуш, ки ҳаме кардаӣ, куҷост ?
Бо ман ҳама ҳадиси вафо доштӣ, аҷаб,
Огаҳ набудаам, ки туро пеша ҷуз вафост.
Дил бар ту бастаму ба ту бас кардам аз ҷаҳон
В-андар ҷаҳон зи ман дили ман дидани ту хост.
Чун душманон карона гирифтӣ зи дӯстон,
То қавли душманони ман андар ту гашт рост.
Гуфтӣ: « Туро зи ман  нарасад ғам, на ин ғам аст»,
Гуфтӣ: « Туро ҷафо нанамоям, на ин ҷафост».
Бо ин ҳама ҷафо, ки диламро намудаӣ,
Дил бар ту шефтаст, надонам чунин чарост.
Сад айб дорад ин дили мискину  як ҳунар,
К-ӯро ба кадхудои  ҷаҳон аз ҷаҳон ҳавост…

❁ ❁ ❁

Ман надонам, ки ошиқӣ чӣ балост,
Ҳар балое, ки ҳаст, ошиқрост.
Зарду хамида гаштам аз ғами ишқ,
Ду рухи лаълфому қомат рост.
Кошки дил набудиям, ки маро
Ин ҳама дарду сахтӣ аз дил хост.
Дил бувад ҷойи ишқу чун дил шуд,
Ишқро низ ҷойгоҳ куҷост?
Дили ман чун раиятест мутеъ,
Ишқ чун подшоҳ комравост.
Бараду бурд, ҳар чӣ бинаду дид,
Кунаду кард, ҳар чӣ хоҳаду хост.
Войи он, к –ӯ ба доми ишқ овехт,
Хунук он, к-ӯ зи доми ишқ раҳост.
Ишқ бар ман дари ано бикшод,
Ишқ сартосар азобу аност…

* * *

Турки ман бар дили ман комраво гашту равост,
Аз ҳама туркон чун турки ман имрӯз куҷост ?
Мушк бо зулфи сиёҳаш на сиёҳ асту на хуш,
Сарв бо қадди баландаш на баланд асту на рост.
Ҳама нозидани он моҳ ба дидори ман аст,
Хама кӯшидани он турк ба меҳру ба вафост.
Ӯ сумансинаву нӯшинлабу ширинсухан аст,
Муштариоразу хуршедруху зӯҳралиқост.
Рӯйи ӯро ман аз Эзид ба дуо хостаам,
Ончунон рӯй зи Эзид ба дуо бояд хост.
Дили ман хост ҳаме, бар кафи ӯ додам дил
В-ар ба ҷойи дил ҷон хоҳад, бидҳам, ки сазост.
Андар ин ишқ маро низ маломат накунед,
К-ин қазоест бар ин сар, ки надонам чӣ қазост.
Мардумон гӯянд : «Ин дилшудаи кист, бирав»,
Ки мани дилшуда, ин андӯҳу андеша марост…

❀ ❀ ❀

Дили он турк на андархури симин бари ӯст,
Сухани ӯ на зи ҷинси лаби чун шаккари ӯст.
Бо лаби ширин бо ман суханон гӯяд талх,
Сухани талх надонад, ки на андарх(в)ари ӯст.
На ба андоза кунад кору нагӯям, ки макун,
Чӣ кунам пас, ки маро ҷони ҷаҳон дар бари ӯст.
Аз ҳама халқ дили ман сӯйи ӯ дорад майл,
Беҳуда нест пас он кибр, ки андар сари ӯст.
Сарвро монад, к-оварда гули сурӣ бор,
Бинӣ он сарв, ки хандон гули сурӣ бари ӯст.
Модараш гуфт : «Писар зоям». Сарву маҳ зод,
Пас, маро ин гилаву машғала бо модари ӯст.
Он рухи чун гули бишкуфтаву болои чу сарв
Хоҷа дидаст ҳамоно, ки раҳаш бар дари ӯст…

* * *

Ҳар рӯз маро ишқи нигоре ба сар ояд,
Дар боз кунад ногаҳу густох дарояд.
В-ар дар ба ду-се қуфли гаронсанг бибандам,
Раҳ ҷӯяду чун мӯрча аз хок барояд…
Ҷаврам зи дили хеш аст, аз ишқ чӣ нолам ?
Ишқ арчи дароз аст, ҳам охир ба сар ояд.
Дил ошиқи он аст, ки бе ишқ набошад,
Эй войи диле, к-ӯ зи пайи ишқ барояд.
Гар ошиқи ишқ асту ғами ишқ мар ӯрост,
Охир на ғами ишқ мар ӯро ба сар ояд.
Дил чун сипарӣ гардад, андӯҳ надорам,
Гар кӯҳи аҳад барфитаду бар ҷигар ояд.
Не, не, ғалат аст ин, зи ҳама чизе дил беҳ,
Гар дил ба сар ояд, чӣ халал дар басар ояд?..

❁ ❁ ❁

Эй дили ман, туро башорат бод,
Ки туро ман ба дӯст хоҳам дод.
Ту бад-ӯ шодмонаӣ ба ҷаҳон,
Шод бод он ки ту бад-ӯйӣ шод.
То нагӯйӣ, ки мар маро мафирист,
Ки касе дил ба дӯст нафристод.
Дӯст аз ман туро ҳаметалабад,
Рав бари дӯст, ҳар чӣ бодо бод!
Дасту пояш бибӯсу маскан кун
Зери он зулфакони чун шамшод.
То зи бедоди чашми ӯ бираҳӣ,
Аз лаби лаъли ӯ биёбӣ дод.
Зулфи ӯ ҳоҷиби лаб асту лабаш
Написандад ба ҳеч кас бедод…

❁ ❁ ❁

Ошиқонро Худой сабр диҳод,
Ҳеч касро балои ишқ мабод.
Бо ҳама бедилон баробар гашт
Ҳар кӣ андар балои ишқ афтод.
Ҳар киро ишқ нест, андӯҳ нест,
Дил ба ишқ аз чӣ рӯй бояд дод ?
Ишқ бар ман дари нишот бибаст,
Ишқ бар ман дари бало бикшод.
Войи ишқо, чӣ офатӣ, ки зи ту
Ҳеч ошиқ ҳаменаёбад дод?!
Бо балоҳои туву бо ғами ту
Тан зи кӯҳ бояду дил аз пӯлод.
Дили ман бистадӣ, чӣ донам кард ?
Ҳам ба хоҷа барам зи дасти ту дод…

## ДАР ТАҲНИЯТИ ҶАШНИ САДА

Гар на ойини ҷаҳон  аз сар ҳаме дигар шавад,
Чун шаби торӣ ҳаме аз рӯз равшантар шавад.
Рӯшнойӣ осмонро бошаду имшаб ҳаме
Равшанӣ бар осмон аз хоки тира бар шавад.
Равшанӣ бар осмон з-ин оташи ҷашни Сада-ст,
К-аз саройи хоҷа бо гардун ҳаме ҳамсар шавад.
Оташе кардаст хоҷа, к-аз фаровон мӯъҷизот
Ҳар замон гирад ниҳоде, ҳар замон дигар шавад.
Гоҳ гавҳарпош гардад, гоҳ гавҳаргун шавад,
Гоҳ гавҳарбор гардад, гоҳ гавҳарбар шавад.
Гоҳ чун заррин дарахт андар ҳаво сар баркашад,
Гаҳ чу андар  сурхдебо лӯъбати Барбар шавал.
Гоҳ рӯй аз пардаи  зангоргун берун кунад,
Гоҳ зери  торуми зангоргун андар шавад.
Гоҳ чун хунхорагон хафтон  ба хун андар кашад,
Гоҳ  чун дӯшизагон андар зару зевар шавад.
Гоҳ бар сони  яке ёқутгун гавҳар шавад,
Гаҳ ба кирдори  яке  беҷодагун миҷмар шавад…
Гаҳ миёни чашм нилуфар забона барзанад,
Гоҳ дудаш гирди ӯ чун барги нилуфар шавад.
Гаҳ фурӯғаш  бар замин чун лолаи нӯъмон шавад,
Гаҳ шарораш бар ҳаво чун дидаи абҳар шавад.
Сими зарrандуд гардад, ҳар чӣ з-ӯ гирад фурӯғ,
Зарри  симандуд гардад, ҳар чӣ з-ӯ ахгар шавад.
Гоҳ чун дарҳам шикаста миғфари заррин шавад,
Гоҳ чун барҳам ниҳода тоҷи пургавҳар шавад.
Ҷодуӣ оғоз кардаст оташ, арна аз чӣ рӯ
Гоҳ пушташ рӯй гардад, гоҳ пояш сар шавад?
Гоҳ чун  барги разон  андар хазон ларзон шавад,
Гоҳ чун боғи баҳорӣ пургулу пурбар шавад.
Гаҳ зи боло сӯйи пастӣ бозгардад сарнагун,
Гаҳ зи пастӣ барфурӯзад, сӯйи боло бар шавад.

Гаҳ муасфарпӯш гардад, гаҳ табархунтан шавад,
Гоҳ дебобоф  гардад, гаҳ тароифгар шавад.
Гоҳ чун ашколи Уқлидус сар андар сар кашад,
Гоҳ чун хуршеди рахшанда  зиёгустар шавад.
Нисбате дорад  зи хашми хоҷа ин оташ магар,
К-аз тафаш хоро ҳаме дар кӯҳ хокистар шавад…

❁ ❁ ❁

Маро дӣ ошиқе гуфт : «Эй суханвар,
Миёни ошиқу маъшуқ бингар.
Нигаҳ кун, то чӣ бояд ҳардувонро
В-аз ин ду, к-аз ту пурсидам, бимагзар.
Чӣ хоҳад дилбар аз дилҷӯйи бедил ?
Чӣ хоҳад ошиқ аз маъшуқи дилбар ?
Чӣ донӣ дӯстиро ҳадду ғоят ?
Муқаддар бошад он ё номуқаддар ?
Чӣ бошад иллати кирдори маъшуқ,
Ба ҷойи ошиқи маъшуқпарвар ?
Маро з-ин гуна фикратҳост бисёр,
Агар донӣ, суханҳо гӯ аз ин дар».
Мар ӯро гуфтам : «Эй пурсанда, аҳсант,
Накӯ пурсидиву зебову дарх(в)ар.
Бипурсидӣ зи ҳадду ғояти ишқ,
Ҷавобе ҷазм хоҳиву муфассар.
Ман он гӯям, ки донам в-ар надонам,
Маро аз ҷумлаи ҷуҳҳол машмар,
Кӣ донад ишқро ҳаргиз ниҳоят ?
Суоле мушкпил овардиву мункар.
Бари ман ишқро ғоят ба ҷоест,
Ки кас кардан-ш натвонад муқаррар.
Чунон бояд, ки накнад ҳеч ошиқ
Ҳадиси ҳосиди маъшуқ бовар.
Ба вакти хилват андар пеши маъшуқ
Чу кеҳтар бошад андар пеши меҳтар.
Мусаххаргаштаи маъшуқ бошад,
Вагарчи оламаш бошад мусаххар.
Зи баҳри дӯстӣ болои маъшуқ
Парастад сояи сарву санавбар.
Зи баҳри рангу бӯйи ҷаъди маъшуқ
Набошад соате бе сунбули тар.

❁ ❁ ❁

Баҳори тоза дамид, эй ба рӯй рашки баҳор,
Биёву рӯзи маро хуш куну набид биёр.
Ҳаме ба рӯйи ту монад баҳори деборӯй,
Ҳама саломати рӯйи туву бақои баҳор.
Баҳор агар на зи як модар аст бо ту, чаро
Чу рӯйи туст ба хушшиву рангу бӯю нигор ?
Баҳори тоза агар дорадӣ бунафшаву гул,
Туро ду зулф бунафшасту ҳар ду рух гулзор.
Рухи ту боғи ман асту ту боғбони манӣ,
Мадеҳ ба ҳеч кас аз боғи ман гуле зинҳор.
Ғариб мӯй, ки мушк андар ӯ гирифта ватан,
Ғариб рӯй, ки моҳ андар ӯ гирифта қарор.
Ҳамеша тофта бинам сари ду зулфи туро,
Дилам зи тофтанаш тофта шавад ҳамвор.
Магар, ки ғолия мемолӣ андар ӯ гаҳ-гоҳ
В-агарна аз чӣ чунон тофтасту ғолиябор ?
Надод ҳаргиз кас мушкро ба ғолия бӯй,
Мадеҳ ту низ, туро мушку ғолия ба чӣ кор ?
Туро ба бӯю ба пироя ҳеч ҳоҷат нест,
Чунон ки шоҳи ҷаҳонро гаҳи набард ба ёр…

❁❁❁

Бихандад ҳаме боғ чун рӯйи дилбар,
Бибӯяд ҳаме хок чун мушки азфар.
Ба сабза- дарун лолаи навшукуфта
Ақиқест гӯйӣ ба пирӯза- андар.
Ҳама боғ килласту андар кашида
Ба ҳар киллае парниёне муасфар.
Ҳама кӯҳ лоласту он лола зебо,
Ҳама дашт сабзасту он сабза дарх(в)ар.
Баҳоро, баойину хуррам баҳорӣ
Бимон ҳамчунон солиёну бимагзар.
Ба суратгарӣ даст бурдӣ зи Монӣ,
Чу дар бутгарӣ гӯй бурдӣ зи Озар.
Чи саҳрову чи базмгоҳи Фаридун,
Чи бустону чӣ размгоҳи Сикандар.
Зи наққошиву бутгариҳо, ки кардӣ
Зи ту хира мондаст наққошу бутгар.
Зи насрин даровехтӣ иқди луълӯ,
Зи гулбун даровехтӣ иқди гавҳар.
Ба ҳар маҷлисе аз ту ранге дигаргун,
Ба ҳар боғе аз ту нигорест дигар….

❁ ❁ ❁

Пор он асари  мушк набудаст падидор,
Имсол дамид, он чи ҳамехост дилам пор.
Бисёр дуо кардам, к-ин рӯз бубинам,
Имрӯз  бидидам зи дуо кардани бисёр.
Аттор шуд он оразу он хатти сияҳ атр,
Ҳам ошиқи атрам ману ҳам ошиқи аттор.
Бори ғаму андеша ҳама з-ин дил бархост,
То мушки сияҳ  дидам кофури туро бор.
Кори дили ман сохта будасту набудаст
Имрӯз ба коми дили ман гашта ҳама кор.
Гуфтор набудаст миёни ману ту ҳеч
В-ар буда, ба як бор бубастӣ дари гуфтор.
Ҳамвора дили бурдаи ман коми ту ҷӯяд,
Чунон ки ҷаҳон коми малик ҷӯяд ҳамвор…

***

Ишқ хуш аст, ар мусоидат бувад аз ёр,
Ёри мусоид на андак асту на бисёр.
Ҳаст, валекин куҷо якест зи даҳ ҷо,
Даҳ дил бинӣ бад-ӯ ниҳода ба зинҳор.
Шукр Худовандро, ки лоларухи ман
Чун дигарон нест номусоиду маккор.
Чарбзабон асту хубхӯю вафоҷӯй,
Сахт бадеъ асту хубрӯю вафодор.
Бода диҳад, чун маро ба бода бувад майл,
Бӯса диҳад, чун маро ба бӯса фитад кор.
Гоҳ кунад хонаро ба зулф чу Тиббет,
Гоҳ кунад хаймаро ба рӯй чу Фархор.
Лола фурӯшад марову мушк фурӯшад,
Лола фурӯш аст дилбари ману аттор.
Боғи ду рухсори ӯ хуш аст, валекин
Хуштар аз он боғ хӯйи шоҳи ҷаҳондор…

❁ ❁ ❁

Эй зинҳорхор, бад-ин рӯзгор
Аз ёри хештан кӣ хӯрад зинҳор ?
Якдил ҳамечаранд кунун  оҳувон
Бо шеру бо паланг ба як марғзор.
Вақте ки чун ду оразу зулфайни ту
Дар боғ гул ҳамешукуфад сад ҳазор,
Ҳар шаб ҳамедурахшад дар гулситон
Чун  шӯълаҳои озар гулҳои нор.
Вақте ки  чун мувашшаҳ гардад ҳаме
Дашту чу парниён ҳама кӯҳу қифор,
Гардад  зи чашми дидаварон нопадид
Андар миёни сабза ба саҳро савор.
Вақте ки чун суруд саройӣ ба боғ
Ё дар чаман чағона ниҳӣ бар канор,
Булбул суруд рост кунад бар суман,
Сулсул қасида назм кунад бар чинор.
Вақте ки ошиқону ҷавонон  ба ҳам
Дар боғ май хӯранд ба дидори ёр,
Ин бар чаман нишаставу пурмай қадаҳ
В-он зери гул ғунудаву пургул канор.
Зери гули  шукуфта бихоҳад кушод
Наргис ду чашми хеш зи хоби хумор.
Аз ман  ҳаме ҷудо шавӣ, эй моҳрӯй,
Номеҳрубон нигориву носозгор.
Бе дӯст чун бувам ба чунин  моҳу рӯз,
Бе ёр чун зиям   ба чунин рӯзгор?
Тарсам, ки аз баҳор битарсӣ ҳаме,
Гӯйӣ  туро баҳор беҳ ояд ба кор.
В-он гоҳ чун баҳор  беҳ ояд зи ту,
Гардӣ ба чашми ошиқ беқадру хор.
Ту з-ин қибал агар  равӣ, эй ҷон, марав
В-ар андӯҳи ту з-ин аст, андӯҳ мадор.

Ман ҳам баҳор дидаму ҳам рӯйи ту,
Рӯйи ту аз баҳор беҳ, эй ғамгусор.
Инак баҳору инак рухсори ту,
Бингар ба рӯйи хешу ба рӯйи баҳор.
В-ар бебаҳона  рафтан хоҳӣ ҳаме,
Бемеҳр гашт хоҳиву зинҳорхор.
Шохи бунафша бахш маро з-он ду зулф,
То дорам он бунафша зи ту ёдгор.
Чун  ту шудӣ, дилам шуду фардо маро
Аз баҳри  мадҳи мир дил ояд ба кор…

❁ ❁ ❁

Дили ман лоғараке дорад шоҳидкирдор,
Лоғарам ман, чӣ кунам, гар набувад фарбеҳ ёр .
Лоғарон ҷумла зарифанду зариф аст касе,
К-ӯ чу ман доим бо лоғаракон дорад кор.
Дӯст аз лоғарии хеш хиҷил гашт зи ман,
Гуфт : «Мискин тани ман гӯшт нагирад ҳамвор».
Гуфтам : «Эй ҷон, на маро аз ту ҳамебояд хӯрд,
Хӯрдани ман зи ту бӯс асту канору дидор.
Узрхоҳӣ чӣ кунӣ, гар ту низориву наҳиф,
Ман туро ошиқ аз онам, ки наҳифию низор.
Ёри лоғар на сабук бошаду фарбеҳ, на гарон,
Сабукӣ беҳ зи гаронӣ ба ҳама рӯй шумор.
Шӯшаи сим накӯтар бари ту ё гаҳи сим ?
Шохи бодом баойинтар ё шохи чинор ?
Масали лоғару фарбӣ масали рӯҳу тан аст,
Рӯҳ бояд, тани берӯҳ надорад миқдор.
Мардуми фарбӣ дар хона нагунҷад ба масал,
Лоғар огоҳ нагардӣ, ки дарояд ба канор.
Фарбӣ андар дили ман ҷой нагирад, чӣ кунам ?
Дили ман хурд аст, андархури худ ёбад ёр.
Дили худройи маро лоғараконанд мутеъ,
Ман надонам чӣ кунам бо дил, ё раб, зинҳор.
Дил паси тан раваду тан паси дил бояд рафт,
Эй дил ! Инак тани манро ба раҳи хеш биёр.
Ҳар чӣ хоҳӣ, кун бо тан, ки ту солори танӣ,
Лекин ӯро зи парастидани шаҳ бозмадор…

* * *

Дӣ зи лашкаргаҳ омад он дилбар,
Сидраи сабз боз кард аз бар.
Рост гуфтӣ, баромад андар боғ
Савсане аз миёни сисанбар.
Гарди лашкар фурӯ фишонд ҳаме
З-он суман зулфакони лоласипар.
Рост гуфтӣ, ки бар гузаргаҳи бод
Нофаҳоро ҳамекушояд сар.
Бод зулфи сиёҳи ӯ бардошт,
Тоби ӯ боз кард як зи дигар.
Рост гуфтӣ, зи мушк бар кофур
Лӯъбатонанд гашта бозигар.
Чун маро дид, пеши ман бигрехт,
Он саропой сим содаписар.
Рост гуфтӣ, яке шикоре буд
Пеши юзи амири шершикар…

❁ ❁ ❁

Эй дареғо, дили ман, к-он санами симинбар
Дили ман бурду маро аз дили ӯ нест хабар.
Ӯ диле дошт гиромиву диле дигар ёфт,
Кошкӣ ман дилаке ёфтаме низ дигар.
Дилфурӯшони Хуросонро бозор куҷост,
То диле ёбам аз эшон чу дили хеш магар ?
Андар ин шаҳр касеро дили афзуне нест
В-ар бувад, низ ҳамоно нафурӯшанд ба зар.
Ҳар кӣ ӯ гирди бутон гашт чу ман, бедил шуд,
Ҳол аз ин гунаст ин ҷо, ҳазар, эй қавм, ҳазар.
Ту чӣ гӯйӣ, ки мани бедил чун тонам гуфт
Мидҳати хусрави одил ба чунин ҳол- андар…

❁❁❁

Марҳабо, эй Балхи бомӣ, ҳамраҳи боди баҳор,
Аз дари Навшод рафтӣ ё зи боғи Навбаҳор.
Эй хушо, он Навбаҳори хуррами Навшоди Балх,
Хоса акнун, к-аз дари Балх андарун омад баҳор.
Ҳар дарахте парниёни чинӣ андар сар кашид,
Парниёни хурднақши сабзбуми лаълкор.
Арғавон бинӣ чу дасти некувон пурдастбанд,
Шохи гул бинӣ чу гӯши некувон пургӯшвор.
Боғ гардад гулпарасту роғ гардад лолагун,
Бод гардад мушкбӯйу абр марворидбор.
Боғбони баргирифта дил ба моҳи дай зи гул,
Пур кунад ҳар бомдоде аз гули сурӣ канор.
Балх бас хуш аст, лекин балхиёнро бод Балх,
Мар маро бо шаҳрҳои Гузгонон аст кор.
Навбаҳори Балхро дар чашми ман ҳашмат намонд,
То баҳори Гузгонон пеши ман бикшуд бор.
Боғу роғу кӯҳу дашти Гузгонон сарбасар
Ҳуллаи дурӯйро монад зи бас нақшу нигор.
Ҳар чӣ зевар буд, Наврӯзи навойин он ҳама
Бурд бар гулҳои боғу роғи наврӯзӣ ба кор…
Бешаҳои Карзавон аз лолазору шанбалид
Гоҳ чун беҷода гардад, гоҳ чун зарри иёр.
Аз фаровон гул, ки бар шохи дарахтон бишкуфад,
Рост пиндорӣ, дарахтон гавҳар оварданд бор.
Бомдодон бӯйи фирдавси барин ояд ҳаме
Аз дари боғу дари роғу зи кӯҳу ҷӯйбор.
Гил ҳаме гул гардаду санги сияҳ ёқути сурх
З-ин баҳори сабзпӯши тозарӯйи обдор.
Хубтар з-ин Гузгононро баҳоре дигар аст
В-ин баҳор акнун падид ояд, ки ояд шаҳрёр…

❂ ❂ ❂

Шабе гузоштаам дӯш хуш ба рӯйи нигор,
Хушо шабо, ки маро дӯш буд бо рухи ёр.
Шабе, ки аввали он шаб шароб буду суруд,
Миёна мастиву охир умеди бӯсу канор.
На шарми он, ки зи аввал ба каф наёяд дӯст,
На бими он, ки ба охир табоҳ гардад кор.
Майе ба дасти ман андар чу мушкбӯй гулоб,
Буте ба пеши ман андар чу тозарӯй баҳор.
Буте, ки хона бад-ӯ чун баҳор буду набуд
Шигифт, азеро, к-аз бут кунанд хона баҳор.
Ба ҷаъдаш андар сесад ҳазор печу гираҳ,
Ба ҷойи ҳар гираҳи ӯ шиканҷу ҳалқа ҳазор.
Зи ҳалқаҳои сияҳ зулфаш ар бихостаме,
Намози шом зиреҳ карда будаме бисёр.
Баробари ду рухи ӯ бидоштам майи сурх,
Зи шарми ду рухи ӯ зард гашт чун динор.
Чу шаб ду баҳра гузашт, аз ду гуна маст шудам
Яке зи бодаву дигар зи ишқи бодагусор.
Нишони мастӣ дар ман падид буду бутам
Ҳаме намуд ба чашми сияҳ нишони хумор.
Чу маст гаштаму лахте ду чашми ман биғунуд,
Зи хоб кард маро моҳрӯйи ман бедор.
Ба нарм-нарм ҳамегуфт: «Рӯз равшан шуд,
Агар бихусбӣ, тарсам, ки бигзарад гаҳи бор»…

❁❁❁

Эй дил, ту чӣ гӯйӣ, ки зи ман ёд кунад ёр,
Пурсад, ки чӣ гунаст кунун ёри маро кор.
Гӯяд, ки маро чокараке буд вафоҷӯй,
Гӯяд, ки маро бандаяке буд вафодор.
Андӯҳ хӯрад, к-ӯ ғами ман хӯрд ҳаме дӣ,
Андеша барад, к-ӯ бари ман буд ҳаме пор.
Не-не, ки ман ӯро дилаке нозук дидам
Аз баҳри ман ӯ бар дили нозук наниҳад бор.
Ӯро натавон гуфт, ки андӯҳи маро хӯр,
К-он ромиши дил нест ба андӯҳ сазовор.
Ошиқ манам, андӯҳ маро бояд хӯрдан,
Эй ишқ, ҳама дардиву андӯҳиву тимор.
Бо ин ҳама дарди дилу андӯҳ чӣ будӣ,
Гар дур набудӣ зи ман он лӯъбати Фархор ?
То чашми ман аз дидани он моҳ ҷудо шуд,
Андӯҳи маро ҳеч карон нест падидор.
Чун зер шудам зарду низор аз ғами ҳаҷраш,
Аз ман чӣ аҷаб дорӣ, гар нола кунам зор.
Ҳоли дили худ гӯям? Не-не, ки на некӯст
Дар мадҳи амир андӯҳи дил гуфтан бисёр…

❁ ❁ ❁

Маро чӣ вақти хазону чӣ рӯзгори баҳор,
Чӣ дур бояд будан ҳаме зи рӯйи нигор.
Баҳори ман рухи ӯ буду дур мондам аз ӯ,
Баробар омад бар ман кунун хазону баҳор.
Агар хазон на расули фироқ буд, чаро
Ҳазор ошиқ чун ман ҷудо фиканд аз ёр ?
Ба барги сабз чунон шодмона буд дарахт,
Дарахт аз ин ғам чун ман нажанд гашту низор.
Худой донад, к-андар дарахтҳо нигарам,
Зи дард хун хӯраму чун занон бигирям зор.
Касе, ки ӯ ғами ҳиҷрон кашида нест чу ман,
Зи баҳри марги дарахтон чаро хӯрад тимор ?
Маро рафиқе имрӯз гуфт: «Хона бисоз,
Ки боғ тира шуду зардрӯю бе дидор» .
Ҷавоб додаму гуфтам: «Дарахт ҳамчу ман аст,
Маро зи ҳамчу мане, эй рафиқ, бозмадор.»
Ману дарахт кунун ҳардувон ба як сифатем,
Манам зи ёр ҷудо мондаву дарахт аз ёр.
Нигори ёри ману дӯст ғамгусор шавад,
Ба фарри хидмати даргоҳи мири шершикор…

❁❁❁

Набуд ошиқӣ имсол мар маро дарх(в)ар,
Кунун, ки омад , бар хат ниҳод бояд сар.
Маро ту гӯйӣ, к-аз ишқ чун ҳазар накунӣ,
Касе намой маро, к-ӯ кунад зи ишқ ҳазар.
Агар ба дасти манастӣ, ҳазар чунон куname,
Ки рафта будаме аз дасти ӯ ба Руму Хазар.
Бар осмон зи ғами ошиқист ахтари ман,
Бар он гирӣ, ки мар ӯро чунин бувад ахтар.
Ту гӯйӣ, ин дили ман ҷойгоҳи ишқ шудаст,
На ҷойгоҳ, ки лашкаргаҳе пур аз лашкар.
Ҳанӯз ишқи куҳан хона боз дода набуд,
Ки ишқи тоза ба дар бозкӯфт ҳалқаи дар.
Худой ҷуз дили ман ишқро падид кунод,
Даре агар ба ҷаҳон- андарун дарест дигар.
Агар ба шаҳду шакар монад он ҳаловати ишқ,
Малул гаштаму сер омадам зи шаҳду шакар.
Дилам табоҳ шудастӣ зи ишқ, агар шабу рӯз
Зи мадҳи хусрав ҷуз вай накардаме аз бар....

❁❁❁

Эй, аз дари дидор падид  ою падид ор
Он рӯй, к- аз ӯ ранг рабояд гули барбор.
То кай зи ту ман дуру з-андешаи дурӣ
Ман бо дили пурҳасрату бо дидаи хунбор?
Дурӣ туву аз дурии ту сахт ба ранҷам,
Уммеди беҳӣ нест, чу з-ин гуна бувад кор.
Аввал дили ман гарм  ҳамедоштиву ман
Дил бар ту фурӯ баста ба ширинии гуфтор.
Рӯзе, ки ҷудо  мондаме аз ту, зи пайи ман
Сад бор давон омада будиву талабгор.
Кирдор ҳамекардӣ, то дил ба ту додам,
Чун  дил  бишуд аз  даст, бибастӣ дари кирдор.
Он хушхӯйиву хушсуханӣ буд, ки диламро
Дар банди  ту афканду маро кард чунин зор.
Як бор ба дидор маро шод кун, эй  дӯст,
Гар ҳеч касе шод шудаст аз ту ба дидор.
Хорам бари ту, хор чӣ дорӣ ту раҳиро,
Ман бандаи мирам, набувад бандаи  ӯ хор…

* * *

Эй, саропой сиришта зи маю ширу шакар,
Шакар аз Ҳинд наёранд зи ту ширинтар.
Лаби ту таъми шакар дораду дар асл гул аст,
Кас надидаст ба гетӣ гул  бо таъми шакар.
Бӯсае з-он лаби ширин ба диле ёфтаам,
Ҳар куҷо бӯси ту ояд, дилу ҷонро чӣ хатар ?
Ҳар кӣ чизе  зи касе  бурд, хабар дорад аз он,
Ту дилам бурдиву  донам, ки туро нест хабар.
Ё ту аз ҷумлаи бутрӯён чизи дигарӣ ?
Ё маро  бо туву  бо ишқи ту ҳолест дигар ?
Ман ҳамасола дил аз ишқ нигаҳ доштаме,
Баҳазар будаме аз ишқу пасупешнигар.
То туро дидаам, эй моҳ, дигарсон шудаам,
Бо халал гашт ҳаме ҳоли ману ҳоли ҳазар.
Ҷойи шукр аст, нигоро, ки ту дар пеши манӣ
В-ар набудӣ ту, чунин будамӣ имрӯз магар ?
Ишқу ҷуз ишқ  маро бад натавонанд намуд,
Давлати мир нигаҳбони ман аст, эй дилбар…

❁ ❁ ❁

Дӯш мутаорияк ба вақти саҳар
Андаромад ба хайма он дилбар.
Рост гуфтӣ, шудаст  хаймаи ман
Меғу ӯ дар миёни меғ қамар.
Чанг дар бар гирифту хуш бинвохт
В-аз ду писта  фурӯ фишонд шакар.
Рост гуфтӣ, ба буткадаст -дарун
Бутеву бутпарасте  андар бар.
Панҷ-шаш маҳ кашиду пургул гашт
Рӯйи он рӯйи некувон яксар.
Рост гуфтӣ, рухаш гулистон буд,
Майи сурӣ баҳори гулпарвар.
Маст гашту зи баҳри хуфтан сохт
Хешро аз канори ман бистар.
Рост гуфтӣ,канори ман садаф аст,
К-андар ӯ ҷони хеш сохт гуҳар.
Зулфи мушкин  ба рӯй бар пӯшид,
Рӯйи  худ зер карду зулф зи бар.
Рост гуфтӣ, касе ниҳон кардаст
Сумани тоза зери сисанбар.
Зулфи ӯро ба даст бигрифтам,
Занахи гирди ӯ ба дасти дигар.
Рост гуфтӣ, нишастаам бари ӯ,
Гӯю чавгони шаҳ ба даст андар…

❀ ❀ ❀

Сарвӣ, гар сарв  моҳ дорад бар сар,
Моҳӣ, гар моҳ мушк бораду анбар.
Моҳат бо мушк сим дорад ҳамбар,
Сарват бар маҳ зи лола дорад  зевар.
Шаккар дорӣ! Чунонки дорӣ луълӯ,
Рӯзии ман  ба бӯса борӣ шаккар.
Якчанд аз дарди ишқ зорӣ кардам,
Зорӣ дидам, чунонки хорӣ бемар…
Дорам бар рух зи  ашк ҷӯйе ҷорӣ,
Рӯям зард асту тан чу мӯйе лоғар…

❁ ❁ ❁

Маро бипурсид аз ранҷи роҳу шуғли сафар
Бути ман, он санами моҳрӯйи симинбар.
Нахуст гуфт, ки ҷоно,туро чӣ шуд, ки чунин
Шикастагунаиву кор бар ту гашта ғияр ?
Чу сарви симин будӣ, чу нол зард шудӣ,
Магар зи ранҷ бинолидаӣ ба роҳ- андар,?
Магар дили ту ба ҷойи дигар фирефта шуд ?
Магар зи ишқи касе пурхумор дорӣ сар ?
Магар туро зи касе накбате расид ба рӯй ?
Магар мухотарае кардаӣ ба ҷойи хатар ?
Магар зи хобгаҳи шер баргирифтӣ сайд ?
Магар зи бозуи симурғ боз кардӣ пар ?
Магар зи мори сиёҳ доштӣ ба шаб болин ?
Магар зи каждуми ҷаррора доштӣ бистар ?
Магар ҳавои диле аз ту бистаданд ба қаҳр ?
Магар шаранг ғизо кардаӣ ба ҷойи шакар ?
Ҷавоб додам, к-эй моҳрӯйи ғолиямӯй,
На ман зи ранҷ кашидан чунин шудам лоғар.
Маро ҷудоии даргоҳи Мир Абӯяъқуб
Чунин низору сарафканда карду хастаҷигар…

❁❁❁

Ин ҳавои хушу ин дашти дилором нигар
В-ин баҳоре, ки биёрост заминро яксар.
Эй баҳори дар Гургон! На баҳорӣ, ки биҳишт,
Кас баҳоре нашунидаст зи ту хуррамтар.
Боғҳо кардӣ чун рӯйи бутон аз гули сурх,
Роғҳо кардӣ чун сунбули хубон зи хазар.
Аз ту лашкаргаҳи мо маҷлиси ороста гашт,
Маҷлис ороставу мурғ дар ӯ ромишгар.
Мо дар ин маҷлиси ороста, чандон ки тавон,
Май гусорем ба ёди малики шершикар…

❁ ❁ ❁

Ҳаме насими гул орад ба боғ бӯйи баҳор,
Баҳорчеҳри мано! Хезу ҷоми бода биёр.
Агарчи бода ҳаром аст, занн барам, ки магар
Ҳалол гардад бар ошиқон ба вақти баҳор.
Худой неъмат моро зи баҳри хӯрдан дод,
Биёву неъмати ӯро зи мо дареғ мадор.
Чӣ неъмат аст беҳ аз бода бодахоронро?
Ҳамин бас аст в-агарчанд неъматаш бисёр.
Ба хоса акнун, к-аз санги хора лола дамид,
Зи лола кӯҳ чу дебои лаъл шуд ҳамвор.
Зи гулбунони шукуфта чунон намояд боғ,
Ки мир парда задастӣ ба дашт баҳри шикор…

❁ ❁ ❁

Кошки кардаме аз ишқ ҳазар,
Ё кунун дораме аз дӯст хабар.
Эй дареғо, ки ман аз даст шудам,
Нӯз нохӯрда тамом аз дил бар.
Чун тавон буд бар ин дард сабур ?
Чун тавон буд чунин рӯз ба сар?
Ишқ бо ман сафарӣ гашту бимонд
Мӯниси ман ба ҳазар хастаҷигар.
Дур будан зи чунон рӯй ғамест,
Ҳар чӣ душвортару ҳар чӣ батар.
Пайки Ғазнин нарасидаст, ки ман
Хабаре ёбам аз дӯст магар.
Сафар аз дӯст ҷудо кард маро,
Гум шавад аз ду ҷаҳон номи сафар…

❁ ❁ ❁

Эй писар, ҷанг бинеҳ, бӯса биёр,
Ин ҳама ҷангу дуруштӣ ба чӣ кор ?
Ҷанг як сӯ неҳу дилшод бизӣ,
Хештанрову маро ранҷа мадор.
Ҳар ду рӯзе сухане пеш магир,
Ҳар замон тоза хӯйе пеш маёр.
Дил, нигоро, зи ҷафо сер шавад,
Бас азизо, ки аз ин гардад хор.
На ман, эй дӯст, туро дидаму бас,
Ман ба банд омадаам чандин бор.
Чу ман, эй дӯст, туро дорам дӯст,
Ту ҳақи дӯстии ман бигузор.
Ёраке ёфтаӣ дархӯри хеш,
Ҷаҳди он кун, ки накӯ дорӣ ёр.
Ту чу ман ёр наёбӣ ба ҷаҳон,
Ман чу ту ёбам ҳар рӯз ҳазор…

❁❁❁

Турки маҳрӯйи ман аз хоб гарон дорад сар,
Дӯш  май додаст аз аввали шаб то ба саҳар.
Ман ба чашм ӯро даҳ бор намудам, ки  бихусб,
Ӯ  ҳамегуфт: «Биҳил, то барам  ин давр ба сар» .
Шаб ба сар бурд ба май додану наншасту нахуфт,
Дили ман хаст, ки наншасту нахуфт он дилбар.
Ӯ ба май додан  ҷодуст, ба дил бурдан чир,
Чизҳо донад  кардан ба чунин боб- андар.
Ҳила созад, ки май афзун диҳад аз навбати хеш
В-ар  тавонад бихӯрад навбати ёрони дигар.
Кист он, к-ӯ надиҳад дил ба чунин хидмати дӯст?
Кист он, к-ӯ накашад бори чунин хидматгар ?
Ҳар кӣ  ин хидмат аз он моҳ биёмӯхт, шавад
Хидмати  даргаҳи  султони ҷаҳонро дарх(в)ар…

❁ ❁ ❁

Маро ин ошиқӣ хуш буд ҳамвор,
Кунун хуштар, ки дархӯр ёфтам ёр.
Кунун хуштар, ки ногоҳон баровард
Маҳи дуҳафтаи ман сар зи кӯҳсор.
Кунун хуштар, ки бо ӯ будаам дӣ,
Ки будам бе рухаш афгор бисёр.
Кунун хуштар, ки бо вай хуфтаам дӯш,
Ки будам дар ғамаш бисёр бедор.
Кунун хуштар, ки бо вай кардаам хуш,
Ки дидам дар ғамаш бисёр озор.
Шаби дӯшин шабе будаст бас хуш,
Ба ҷон будам ман он шабро харидор.
Нигори хешро дар бар гирифтам,
Хазинай бӯсаи ӯ кардам овор.
Ду зулфашро бимолидам ба ду даст,
Сарой аз бӯйи ӯ шуд табли аттор.
Гаҳе шаб рӯз кардам з-он ду ораз,
Гаҳе гул тӯда кардам з-он ду рухсор.
Бад-ин шодӣ дарастам дӯшу имрӯз,
Дар ин андеша будам пору перор.
Фаровон хуштарам имрӯз аз дӣ,
Фаровон беҳтарам имсол аз пор.
В-аз ин хуштар бувад ҳар рӯзу ҳар сол,
Ба фарри давлати шоҳи ҷаҳондор…

❁❁❁

Бад-ин хуррамӣ ҷаҳон, бад-ин тозагӣ баҳор,
Бад-ин равшанӣ шароб, бад-ин некуӣ нигор.
Яке чун биҳишти адн, яке чун ҳавои дӯст,
Яке чун гулоби Балх, яке чун бути баҳор.
Замин аз сиришки абр, ҳаво аз насими гул,
Дарахт аз ҷамоли барг, сари кӯҳ зи лолазор.
Яке чун паранди сабз, яке чун абири хуш.
Яке чун арӯси хуб, яке чун рухони ёр.
Тазарви ақиқрӯй, куланги сапедрух,
Гавазни сиёҳчашм, паланги ситезакор.
Яке хуфта бар паранд, яке хуфта бар ҳарир,
Яке раста аз ниҳуфт, яке ҷаста аз ҳисор.
Зи булбул суруди хуш, зи сулсул навои нағз,
Зи сорӣ ҳадиси хуб, зи қумрӣ хурӯши зор.
Яке бар канори гул, яке дар миёни бед,
Яке зери шохи сарв, яке бар сари чинор.
Ҳаво хуррам аз насим, замин хуррам аз либос.
Ҷаҳон хуррам аз ҷамол, малик хуррам аз шикор.
Яке мушк дар даҳон, яке ҳулла бар китиф,
Яке орзу ба даст, яке дӯст дар канор…

❁ ❁ ❁

Зи бас печу чин, тобу хам зулфи дилбар,
Гаҳе ҳамчу чавгон шавад, гоҳ чанбар.
Гаҳе лоларо соя созад зи сунбул,
Гаҳе моҳро диръ пӯшад зи анбар.
Гаҳе сурате гардад аз уди ҳиндӣ,
Гаҳе пайкаре гардад аз мушки азфар.
Кӣ дидаст бар савсан аз уд сурат,
Кӣ дидаст бар лола аз мушк пайкар ?
Ба рух- бар ҳамеҷӯшад он зулфу нашгифт,
Азеро ки анбар биҷӯшад бар озар.
Фарӣ он фиребанда зулфи мушкин,
Фарӣ он фурӯзанда рухсори дилбар.
Яке чун бунафша фурӯ карда бар гул,
Яке чун гули нофурӯкарда аз бар.
Ба моҳу санавбар ҳамехондам ӯро,
Ба рухсору болои зебову дарх(в)ар.
Ҳамегашт з-он фахру з-он шодмонӣ
Санавбар баланду ситора мунаввар.
Ба рамз ин маро гуфт он шаккаринлаб,
Ки, эй шоир, андар сухан жарф бингар.
Маро бо санавбар ҳамонанд кардӣ
Ба қадду ба рух бо ситора баробар.
Чӣ монад ба рухсори хубам ситора?
Чӣ монад ба қадди баландам санавбар ?
Ситора куҷо дорад аз сунбул озин ?
Санавбар куҷо дорад аз лола афсар ?
Маро з-ин сипас чун сифат кард хоҳӣ,
Ба чизе сифат кун, ки аз ман накӯтар.
Бигуфт ину бигзашту андар гузаштан
Ҳамегуфт нармак ба зери лаб андар :
«Ситора чу ман гул фишондаст бар рух ?
Санавбар чу ман маҳ ниҳодаст бар сар ?»

Ман аз гуфтаи  хештан хира гаштам,
Талаб кардам аз баҳри ӯ номи дигар.
Парӣ хондам ӯрову з-он рӯй хондам,
Ки рӯйи парӣ дошт  он парниёнбар.
Дигарбора  бо ман ба ҷанг  андаромад,
Ки бас хор дорӣ маро, эй ситамгар.
Маро бо парӣ рост кардӣ ба хубӣ,
Парӣ мар маро пешкор асту чокар.
Парӣ кай бувад  рӯдсозу ғазалхон,
Камандафкану асптозу камонвар ?
Парӣ ҳар  замон  пеши ту барнахонад
Зи девони  ту мадҳи шоҳ Музаффар…

❊ ❊ ❊

То хуми майро бикшод маҳи дӯшин сар,
Зӯҳди ман нест шуду тавбаи ман зеру забар.
Ба маҳи рӯза маро тавба агар дархӯр буд,
Рӯза бигзашту кунун нест маро он дарх(в)ар.
Чун маҳи рӯза фароз ояд, ман худ чӣ кунам ?
Набарам даст ба май, то наравад рӯза ба сар.
Шаби ид омаду мехоҳам бар бом ҷаҳам,
Гӯям: «Аз нав шудани моҳ чӣ доред хабар ?»
Гар хабар ёбам, ҷоме ду – се андарфиканам,
Рух кунам сурху фуруд оям бо нозу батар.
Чун фуруд оям, биншинаму баргирам чанг,
Ҳамчунон дасти қадаҳ гирам то рӯзи дигар.
Рӯзи дигар ҳама кас май хӯраду шод зияд,
Кист он кас, ки маро ёрад гуфтан, ки мах(в)ар…

❁ ❁ ❁

Эй турк, ҳаме боз шавад дил ба сари кор,
Он хӯ яла кардаст, ки варзид ҳаме пор.
Сад бор фузун гуфт, ки то кай хӯрам ин ғам,
Ман з-ин дили бечора хиҷил гаштам сад бор.
Борест гарон бар дил аз андешаи он лаб,
Чун ояд агар, бифканад он лаб зи дил ин бор.
Шаш соли дамодам ғаму темори ту хӯрдаст,
Вақт аст, ки ӯро бираҳонем зи темор.
Пеш ою маро аз талаби бӯса тиҳӣ кун
В-ин бори гарон аз дили ғамкӯфта бардор.
Аз бӯсу канори ту агар зиштӣ ояд,
Ҳам пеши ту некӣ кунам ӯро ба ситиғфор.
Ҳам бишканад ин тавба аз ин гуна, ки дидам,
Боре ту шикан, то ба ту некӯ шавад ин кор.
Уммед чунон аст, ба эзид, ки бибахшад
Эзид ба ситиғфор гуноҳони гунаҳкор.
Хоса гунаҳи ман, ки пас аз тоати эзид
Дар хидмати дастури малик будам ҳамвор…

❁❁❁

Бирафт ёри ману ман нажанду шефтавор
Ба боғ рафтам бо дарду доғи рафтани ёр.
Бад-он мақом, ки бо ман ба май нишаст ҳаме
Ба рӯзгори хазону ба рӯзгори баҳор.
Бунафша дидаму наргис мақом кардаву боғ
Бад-ин ду гашта зи хубӣ чу сад ҳазор нигор.
Шуда бунафша ба ҳар ҷойгаҳ гурӯҳ – гурӯҳ,
Кашида наргис бар гирди ӯ қатор – қатор.
Яке чу зулфи бути ман зи мушк бурда насим,
Дигар чу чашми бути ман зи май гирифта хумор.
Ду сарв дидам, к-ӯ зери ҳардувон бо ман
Ба ҷому сотгине хӯрда буд майи бисёр.
Хурӯшу нола ба ман дарфитоду рангин гашт
Зи хуни дида маро ҳар ду остину канор.
Бунафша гуфт, ки гар ёри ту бишуд аз даст,
Ба ёдгори ду зулфаш маро бигиру бидор.
Чӣ гуфт наргис? Гуфт : «Эй, зи чашми дилбар дур,
Ғами ду чашмаш бар чашмҳои ман бигмор».
Зи баски зорӣ кардам зи сарвҳои баланд
Ба гӯшам омад бонгу хурӯшу нолаи зор.
Маро ба дарди дил он сарвҳо ҳамегуфтанд,
Ки кошкӣ дили ту ёфтӣ ба мо ду қарор,
Ки сабз буд нигорини туву мо сабзем,
Ба вақти бӯса набошад маро зи сарв ба кор.
Дар ин мунозира будам, ки бозхонд маро
Ба пеш баҳри сано гуфтани шаҳи аброр...

❁❁❁

Ғами нодидани он моҳдидор
Маро дар хобгаҳ резад ҳаме хор.
Шаби торӣ ҳама кас хоб ёбад,
Ман аз темори ӯ то рӯз бедор.
Гаҳе гӯям: «Рухат кай бинам, эй дӯст ?»
Гаҳе гӯям: «Лабат кай бӯсам, эй ёр ?»
Зи гирёнӣ, ки ҳастам, мурғу моҳӣ
Ҳамегирянд бар ман ҳамчу ман зор.
Маро гӯйӣ: « Чаро гирйӣ зи андӯҳ ?»
Маро гӯйӣ: «Чаро нолӣ зи темор ?»
На вақти бозгаштан сӯйи маъшуқ?
На ҷуз бо роздорон рӯйи гуфтор?
Ҳар он, к-имсол омад, пеши ман гуфт,
На онӣ худ, ки ман дидам туро пор.
Зи кӯжӣ пушти ман чун пушти пирон,
Зи сустӣ пойи ман чун пойи бемор.
Хурӯшам чун хурӯши раъди баҳман,
Сиришкам чун сиришки абри озор.
Тани мискини ман бигдохт чун мум,
Дили ғамгини ман бишкофт чун нор.
Тани чун мӯйи ман чун тобад ин ранҷ ?
Дили бечора чун бардорад ин бор ?
Зи дил бардошт хоҳам бори андӯҳ,
Чу назди мири мирон ёфтам бор…

❁ ❁ ❁

Эй дил, зи ту безораму аз хасми ту безор,
К-аз хасм ба озор наям в- аз ту ба озор.
Ҳар рӯз маро аз ту дигаргуна балоест,
Ман монда ба дасти ту ҳамасола гирифтор.
Имрӯз маро аз ту азобест на чун дӣ,
Имсол маро аз ту балоест на чун пор.
Аз ишқ фикандастӣ дар гардани ман тавқ
В – аз ранҷ ниҳодастӣ бар гардани ман бор.
Чун мӯй шудам лоғару чун зар шудаам зард,
Чун чанг шудам чафтаву чун зер шудам зор.
Ишқ аст балои дилу ту шефтаи ишқ,
Сангӣ ту магар, к- андӯҳ бар ту накунад кор?
Як ишқ ба сар бурда набошӣ ба тамомӣ,
К-овехта бошӣ ба ғами ишқ дигар бор.
Аз ту ҳама дарди сару аз ту ҳама сахтӣ,
Аз ту ҳама андешаву аз ту ҳама темор.
З-ин гуна, ки ман гаштаам аз ранҷи ту, эй дил,
Тарсам, ки маро хоҷа ба маҷлис надиҳад бор…

❁ ❁ ❁

Имсол тозарӯйтар омад ҳаме баҳор,
Ҳангоми омадан на бад-ин гуна буд пор.
Пор аз раҳ андаромад чун муфлиси ғариб
Бефаршу бетаҷаммулу берангу бенигор.
В-имсол пеш аз он ки ба деҳманзиле расад,
Андаркашид ҳулла ба дашту ба кӯҳсор.
Бар дасти бед баст зи пирӯза дастбанд,
Дар гӯши гул фиканд зи беҷода гӯшвор.
Аз кӯҳ то ба кӯҳ бунафшасту шанбалид,
Аз пушта то ба пушта суманзору лолазор.
Гӯйӣ, ки риштаҳои ақиқ асту ложвард
Аз лолаву бунафша ҳама рӯйи марғзор.
Аз гул ҳазор гуна бут андар паси бут аст
В-аз лола сад ҳазор савор аз паси савор.
Гулбун паранди лаъл ҳаме баркашад ба сар,
Домони гул ба дашт ҳамегустарад баҳор.
Ин созҳо, ки сохт баҳор, аз пайи кӣ сохт ?
Имсол чун зи пор фузун сохта нигор.
Розест ин миёни баҳору миёни ман,
Хезам, ба пеши хоҷа кунам розаш ошкор….

❁ ❁ ❁

Пушти ман  бишкаст ҳамчун пуршикан зулфайни ёр,
Ашки ман  бечодагуну чашми ман бечодабор.
Ҳар замон чашмам фишонад бар гули зард арғавон,
Ҳар замон зулфаш кунад бар настаран  анбар нисор.
Ҳамчу бар сими зудуда чаъди ӯ бар рӯйи ӯ
Ҳалқаҳо дорад зи анбар  бар суман сесад ҳазор.
Узри ман бипзирад андар ишқи он бут, ҳар кӣ дид
Зери  он хаммида зулфи пуршикан симин изор.
Ашки хунини ману нӯшин лабаш  дар чашми халқ
Нарху қадри  гавҳари конӣ ҳаме кардаст хор…

❁ ❁ ❁

Эй бо лаби пурхандаву бо ширин гуфтор,
То кай ту ба хушхобу ман аз ишқи ту бедор?
Ту хуфтаву ман гӯш ба пайғоми ту дода,
Ту они ману ман ба ҳавои ту гирифтор.
Они маниву пеши манӣ, гар ки бихоҳам,
Они ману пеши ману ман бар ту чунин зор.
Аз чашми бад, эй турк, ҳаме бар ту битарсам,
Пайваста ҳамегӯям «Ё раб-ш нигаҳ дор
З-он бим, ки дар хоб фироқи ту бубинам,
Барҳамназанам дидаву дар дида ниҳам хор».
Ман дил ба ту додам, ки ба зинҳор бидорӣ,
Зинҳор махӯр бар дили зинҳорӣ зинҳор.
Ёрони ту ҳамчун ту биёянд, валекин
Наздики ман имрӯз ту дорӣ ҳама бозор.
Пеши ту ба по истаме ҳар шаб то рӯз,
Гар ҳеч тавонистӣ поям кунаде кор…

❁ ❁ ❁

Моҳи фарвардин  аз ганҷ гуҳар ёфт магар,
Ки биёрост ҳама рӯйи заминро ба гуҳар ?
Ё магар з-ин  нами пайваста замин гавҳар зод,
Ҳамчу зояд  садаф аз борон покиза дурар.
Абри фарвардин  ҳар рӯз ҳамеборад дурр
В-он ҳамегардад гавҳар  ба дили хок- андар...
Ҳар ки аз хона ба дашт ояд, чандон ки равад,
Бар гуҳар пой ниҳад чун сипаҳи Искандар.
Боғ чун маҷлиси Кисро шуда пурҳуру парӣ,
Роғ  чун номаи Монӣ шуда пурнақшу сувар.
Рӯзи Наврӯз аст имрӯзу чу имрӯз гузашт,
Кас бад-ин  дар нарасад, то нарасад соли дигар…

❁ ❁ ❁

Бурдам ин моҳ ба тасбеҳу таровеҳ ба сар,
Ману секиву самоъи хушу он моҳписар.
Як маҳ аз сол чунон будам, к-абдол буванд,
Ёздаҳ моҳ чунин бошаму з- ин низ батар.
На ҳама ташнагиву гурсунагӣ, бояд хӯрд,
Навбати гурсунагӣ хӯрдан бурдем ба сар.
Май ситонам зи кафи он ки маро  чашм  бад-ӯст
В-он касеро, ки дилам хоҳад, гирам дар бар.
Боз хоҳам ба шабе бӯсаи  якмоҳа  зи дӯст,
Бӯсаву он чи  бад-он монад, маъниш нигар.
Олими шаҳр ҳамин хоҳад, лекин ба забон
Бинагӯяд чу мани аблаҳи девонаи хар.
Ҳар чӣ андар дили худ дорам, берун фиканам,
Мардумонро диҳам аз рози дили хеш хабар.
Хештанро ба ҷуз ин айб надонам ба ҷаҳон,
Лоҷарам айби маро хоҷа харидаст ба  зар…

❁ ❁ ❁

Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад марғзор,
Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор.
Хокро чун нофи оҳу мушк зояд беқиёс,
Бедро чун парри тӯтӣ барг рӯяд бешумор.
Дӯш вақти нимшаб бӯйи баҳор овард бод,
Ҳаббазо, боди шимолу хуррамо бӯйи баҳор.
Бод гӯйӣ мушки суда дорад андар остин,
Боғ гӯйӣ лӯъбатони сода дорад дар канор.
Арғавон лаъли бадахшӣ дорад андар мурсала,
Настаран лӯъӯъи лоло дорад андар гӯшвор.
То баромад ҷомҳои сурхи мул бар шохи гул,
Панҷаҳои дасти мардум сар фурӯ кард аз чинор.
Боғ буқалмунлибосу роғ буқалмуннамой,
Об марворидрангу абр марворидбор.
Рост пиндорӣ, ки хилъатҳои рангин ёфтанд
Боғҳои пурнигор аз доғгоҳи шаҳрёр.
Доғгоҳи шаҳрёр акнун чунон хуррам бувад,
К-андар ӯ аз некуйӣ ҳайрон бимонад рӯзгор.
Сабза андар сабза бинӣ чун сипеҳр андар сипеҳр,
Хайма андар хайма бинӣ чун ҳисор андар ҳисор.
Сабзаҳо бо бонги рӯди мутрибони чарбдаст,
Хаймаҳо бо бонги нӯши соқиёни майгусор.
Ҳар куҷо хайма-ст, хуфта ошиқе бо дӯст маст,
Ҳар куҷо сабза-ст, шодон ёре аз дидори ёр.
Ошиқон бӯсу канору некӯвон нозу итоб,
Мутрибон рӯду суруду майкашон хобу хумор.
Рӯйи ҳомун сабз чун гардуни нопайдокарон,
Рӯйи саҳро сода чун дарёи нопайдоканор.
Андар он дарё саморӣ в-он саморӣ ҷонвар
В-андар он гардун ситора в-он ситора бемадор.
Ҳар куҷо кӯҳсор бошад, он саморӣ кӯҳбар,
Ҳар куҷо хуршед бошад, он ситора соядор.

Мӯъҷиза бошад ситора сокиту хуршедпӯш,
Нодира бошад саморӣ, ки бари саҳро гузор.
Бар дари пардасаройи хусрави пирӯзбахт
Аз пайи доғ оташе афрӯхта хуршедвор.
Баркашида оташе чун митради дебои зард,
Гарм чун табъи ҷавону зард чун зарри иёр.
Доғҳо чун шохҳои буссади ёқутранг,
Ҳар куҷо чун нордона гашта андар зери нор.
Ридакони хобнодида масоф андар масоф,
Маркабони доғнокарда қатор андар қатор.
Хусрави фаррухсияр бар бораи дарёгузар
Бо каманди шастхам дар дашт чун Исфандёр,
Аждаҳокирдор печон дар кафи родаш каманд,
Чун асои Мӯсӣ андар даси Мӯсо гашта мор.
Ҳамчу зулфи некувони хурдсола тобхӯрд,
Ҳамчу аҳди дӯстони солхӯрда устувор.
Кӯҳкӯбон курраҳо андаркашида зери доғ,
Бодпоёнро дугон андар каманд афканда хор.
Гардани ҳар маркабе чун гардани қумрӣ ба тавқ
Аз каманди шаҳрёри шаҳргири шаҳрдор.
Ҳар киро андар каманди шастбозӣ дарфиканд,
Гашт доғаш бар сурину шонаву рӯяш нигор.
Ҳар чӣ з-ин сӯ доғ кард, аз сӯйи дигар ҳадя дод
Шоиронро бо лигому зойиронро бо фасор…

❁ ❁ ❁

Чанд рӯз аст, ки аз дӯст маро нест хабар,
Ман чунин хомушу ҷону ҷигари ман ба сафар.
Дар чунин ҳолу чунин рӯз ҳаме сабр кунад
Сангдил мардуми бадмеҳру зи бадмеҳр батар.
Сангдил нестам, аммо дили ман нест ба ҷой,
Ҳар киро дил набувад, кай бувад аз дард хабар?!
Ман кунун огаҳ гаштам , ки чӣ будаст маро,
Маст будастаму девона аз ин ишқ магар ?
Ба ситам кардаам ӯро зи дари хона бурун,
Ба ситам дӯст бурун кард кас аз хона бадар ?
Ҳеч девонаву саргаштаву маст ин накунад,
Лоҷарам хастадилам з-ин қибалу хастаҷигар.
Гоҳ бар сар занам аз ҳасрати ӯ, гоҳ ба рӯй,
Хурд кардам ба тапонча ҳама рӯю ҳама сар.
Чун тавонам дид ин маҷлису ин хона бе ӯ?
Хонумон гашта ҳамчун дилу ҷон зеру забар.
Аз паси зар бифиристодам ӯро бо фусун,
Ҳеч кас ҷони гаронмоя фиребад бо зар ?
Эй дилу ҷони падар, зарро он ҷо яла кун,
Асп тозон куну бозой ба наздики падар.
Ту маро бартарӣ аз хостаи рӯйи замин,
Натавон хӯрдан бе рӯйи ту аз хоста бар…

❁ ❁ ❁

Дилам дар ҷунбиш омад бори дигар,
Надонам, то чӣ дорад боз дар сар.
Ҳамоно ишқе андар пеш дорад,
Балое хоҳад овардан ба ман бар.
Бигардад, то куҷо бинад ба гетӣ
Аз ин шӯхе, балоҷӯйе, ситамгар.
Бар ӯ меҳр ораду берун барад пок
Маро аз ромишу аз хобу аз х(в)ар.
Зи дилҳо мардумонро хайр бошад,
Маро боре зи дил бошад ҳама шар.
Куҷо ёбам диле андархӯри хеш ?
Дили шоиста кӣ фрӯшад ба гавҳар ?
Диле з-ин пас ба ҳар нархе бихаррам,
Дили бадро бурун андозам аз бар.
Наяндозам, нигаҳ дорам, ки ин дил
Ҳавои хоҷаро банда-сту чокар.
Гуноҳи дил бад-он бахшам аз ин пас,
Ки кардаст офарини хоҷа аз бар…

❁ ❁ ❁

Бӯстон сабз шуду мурғ даромад ба сафир,
Нолаи мурғ дилоромтар аз нағмаи зер.
Абри фарвардин, гӯйӣ, ба ҷаҳон озин баст,
Ки ҳама боғ паранд асту ҳама роғ ҳарир.
Гаҳ зиреҳбоф шавад боду гаҳе ҷавшандӯз,
Бодро табъ шуд ин пеша зи зарроди амир.
Аз фаровон зираҳи турфаву аз ҷавшани нағз
Кард чун кулбаи заррод ҳаме рӯйи ғадир.
Об дар ҷӯй зи борони баҳориву зи сел
Ҳамчунон гашт, ки бо сурхмай омехта шир.
Эй ба ораз чу маю шир, фаро пеши ман ой,
Барбати ман ба кафам барнеҳу соғар баргир.
Соғаре панҷу шаш андардеҳу шеъре ду бихон,
Шеъҳои сараву маънии ӯ табъпазир.
Шеъри хуш бархон, к-аз баҳри ту хоҳам хондан
Мадҳи он хоҷаи озодаи маъдумназир….

❁ ❁ ❁

Он кист, к-андаромад бозикунон аз ин дар,
Рӯйе чу бӯстоне аз оби осмон тар?!
Боз ин чӣ растхез аст, ин худ куҷо даромад ?
Инро кӣ раҳ намудаст аз баҳри фитна эдар ?
Эй дӯстони якдил, дил боз шуд зи дастам,
Аз шуғл бозмондем, ошиқ шудем яксар.
Ман шефта шудастам ё чун мананд ҳар кас ?
Тарсам, ки ҳар кас аз ман  ошиқтару табаҳтар,
Гар  хасм нест ӯро, гӯй аз миёна бурдам
Вой, ар касе чу манро ёре бувад бар ин фар.
Боре аз ӯ бипурсам, то ӯ маро чӣ гӯяд,
Эй моҳи нав, кирои, хасми ту кист бар дар ?
То ошиқе мусоид бе ҳеч хасм ҷӯйӣ,
Гар ҳеч рой дорӣ, магзин касе ба манн- бар.
В-ар шӯхвор гӯяд: «Дарвеш, ошиқӣ ту»,
Дарвеш кай бувам ман бо хоҷаи тавонгар…

❁ ❁ ❁

Баргирифт аз рӯйи дарё абри фарвардин сафар,
З-осмон бар бӯстон борид марвориди тар.
Гаҳ ба рӯйи бӯстон андаркашад пирӯза лавҳ,
Гаҳ ба рӯйи осмон андаркашад симин сипар.
Ҳар замоне бӯстонро хилъате пӯшад ҷудо,
Ҳар замоне осмонро пардае созад дигар.
Дар биёбон беш аз он ҳулласт, к-андар Систон,
Дар гулистон беш аз он дебост, к-андар Шуштар.
Ҳар куҷо боғест, бар шуд бонги мурғон аз дарахт,
Ҳар куҷо кӯҳест, баршуд бонги кабкон аз камар.
Савсани симин виқоя баргирифт аз пеши рӯй,
Наргиси мушкин исоба баргирифт аз гирди сар.
Бартавон чидан зи дасти савсани озод сим,
Бартавон чидан зи рӯйи шанбалиди зард зар.
Арғувон аз чашми бад тарсад, аз он рӯ ҳар замон
Сурх беҷода чу таъвиз андар овезад ба бар.
Ҳар замон аз нақши гуногун ҳама рӯйи замин
Чун нигоринхонаи дастур гардад сарбасар….

❁ ❁ ❁

Эй турки дилфиреб, дили ман нигоҳ дор,
Ҷуз нозу ҷуз итоб чӣ дорӣ, дигар биёр.
То кай бувад баҳонаву то кай бувад итоб,
Ин ишқ нест, ҷоно, ҷанг асту корзор.
Ҳар рӯз нав итобеву дигар баҳонае,
Нохуш бувад итоб, замоне фурӯ гузор.
Ту боядӣ, ки бо лаби хандону хӯйи хуш
Пеши ман омадӣ ба замоне ҳазор бор.
Дил тофта мадору бар абрӯ гиреҳ мазан,
Аз баҳри бӯсае, ки зи ту хоҳам, эй нигор.
Бӯса биёру танг маро дар канор гир,
То ҳар ду дорам аз ту дар ин роҳ ёдгор.
Ман беканор бӯса нахоҳам зи ҳеч кас,
Аз ту, буто, ба дидани ту кардам ихтисор.
Бӯсу канору лавҳу самоъу сурудро
Дорам дигар ба давлати дастури шаҳрёр…

* * *

Эй ғолия кашида туро дасти рӯзгор,
Боз ин чӣ ғолияст, ки ту бурдаӣ ба кор?
Рӯйи туро ба ғолия кардан чӣ ҳоҷат аст,
Ӯро чунонки ҳаст, бад-ӯ даст боздор.
Оройише ба кор чӣ дорӣ ҳаме, к-аз ӯ
Оройиши Худой табаҳ гардад, эй нигор!
Шуғле диҳам ба дасти ту, то дил ниҳӣ бар он,
Рав, бодае ба ранги лаби хештан биёр.
Ид асту Меҳргону ба иду ба Меҳргон
Навбовае бувад майи сурӣ зи дасти ёр…

❁❁❁

Дилам ҳаме нашавад бар фироқи ёр сабур,
Ҳаме бихоҳад пурсидану салом аз дур.
Агар фироқ бихоҳад дили ман аз паси васл,
Маломаташ накунам, балки дорамаш маъзур.
Зи кому орзуи хеш гум шудаст дилам,
Аҷаб мадор, ки ғамнок бошаду ранҷур.
Ҳазор бор бар ӯ арза кардаам пас аз ӯ,
Нахоҳаду напазирад ҳаме ба ҷаҳлу ғурур.
Илоҷи дарди дили ман висолу дидани ӯст,
Чунонки май шуд доруи мардуми махмур.
Ду чашми ман чу ду чархушт кард фурқати ӯ,
Ду дида ҳамчу ба чархушт донаи ангур.
Дар ин ҷаҳон ту зи ман дардноктар машнос,
Ки дард дораму афтодаам зи дармон дур.
Нафур гашт нишот аз дили ману дили ман
Бад-он хуш аст, к-аз мадҳи хоҷа нест нафур…

❁ ❁ ❁

Кӯс фурӯ куфт моҳи рӯза ба якбор,
Рӯза ниҳон кард лашкар аз паси девор.
Барбат хомӯш буду гашт сухангӯй,
Мӯҳтасиби сард сер гашт зи гуфтор.
Бода зи пинҳон ниҳод рӯй ба маҷлис,
Хезу ба кор ою кори маҷлис бигзор.
Хона зи бегонагони хом тиҳӣ кун,
Бодаи рангин биёру барбат бардор.
Маст кун имрӯз мар марову маяндеш,
То кай ҳушёр, чанд бошам ҳушёр ?
Ҳокими шаръӣ, ки май нагирам ҳаргиз,
Зоҳиди асрам, ки рӯза дорам ҳамвор.
Зоҳидиву ҳокимӣ ба ман нарасидаст
В-ар бирасад, кор пеш гирам ночор.
Рӯзу шаби хешро кунам ба ду қисмат,
Ҳар ду ба як ҷой рост дорам чун тор.
Нармак-нармак ҳамекашам ҳама шаб май,
Рӯз ба сад ранҷу дард дорам дастор.
Ояму чун кух ба гӯшае бинишинам,
Пӯст ба якбор баркашам ба ситиғфор.
Рост чу шаб говгун шавад, бигурезам,
Гӯям, то дар нигаҳ кунанд ба мисмор.
Орзуи хешро бихонаму гӯям:
«Шаб ҳама бигзашт, хезу доруи хоб ор» .
Чун сарам аз мастиву зи хоб гарон гашт,
Даркашам ӯро ба ҷомаи шабу афшор.
Фаррухӣ, охир дуо чӣ гуфтиву донӣ,
Ин чӣ сухан буд пеши хоҷа ба якбор?...

* * *

Ёд бод он шаб, к-он шамсаи хубони Тароз
Ба тараб дошт маро то ба гаҳи бонги намоз.
Ману ӯ ҳар ду ба ҳуҷра- дару май мӯниси мо,
Боз карда дари шодиву дари ҳуҷра фароз.
Гаҳ ба сӯҳбат бари ман бо бари ӯ бастӣ аҳд,
Гаҳ ба бӯса лаби ман бо лаби ӯ гуфтӣ роз.
Ман чу мазлумон аз силсилаи Нӯширвон
Андаровехта з-он силсилаи зулфи дароз.
Хира гаштӣ маҳ, к-он моҳ ба май бурдӣ лаб,
Рӯз гаштӣ шаб, к-он зулф ба рух кардӣ боз.
Ӯ ҳавои дили ман ҷуставу ман сӯҳбати ӯ,
Ман навозандаи ӯ гаштаву ӯ руднавоз.
Бинӣ он руд навозидан бо чандин кибр,
Бинӣ он шеър сароидан бо чандин ноз.
Дар дил аз шодӣ созе дигар орост ҳаме,
Ҷун раҳи нав задӣ он моҳу дигар кардӣ соз.
Гар маро бахт мусоид бувад аз давлати мир,
Ҳамчунон шаб, ки гузаштаст, шабе созам боз…

❁ ❁ ❁

Сарв соқиву моҳ руднавоз,
Парда барбаста дар раҳи Шаҳноз.
Захмаи рӯдзан на пасту на тез,
Зулфи соқӣ на кӯтаҳу на дароз.
Маҷлиси хуби хусравонивор
Аз суханчин тиҳиву аз ғамммоз.
Бӯстоне зи лолаву савсан
Ҳамчу рӯйи тазарву синаи боз.
Дӯстоне мусоиду якдил,
Ки тавон гуфт пеши эшон роз.
Моҳрӯе нишонда андар пеш,
Хушзабону мувофиқу дамсоз.
Ҷаъди ӯ бар паранд гуштигир,
Зулфи ӯ бар ҳарир чавгонбоз.
Бодаи чун гулоб равшану талх
Монда дар хум зи гоҳи Одам боз.
Аз чунин бодаву чунин маҷлис
Ҳеч зоҳид маро надорад боз.
Соқиё, сотгине андардеҳ,
Мутрибо, руд нарму хуш бинвоз.
Ғазале хон чу ҳуллае, ки бувад
Номи соҳиб бар ӯ ба ҷойи Тароз…

❁ ❁ ❁

Оштӣ кардам бо дӯст пас аз ҷанги дароз,
Ҳам бад-он шарт, ки бо ман накунад дигар ноз.
З-он чи кардаст, пушаймон шуду узри ҳама хост,
Узр пазруфтаму дил дар кафи ӯ додам боз.
Гар набудам ба муроди дили ӯ диву парер,
Ба муроди дилу ӯ бошам аз имрӯз фароз.
Дӯш ногоҳ расидам ба дари ҳуҷраи ӯ,
Чун маро дид, бихандиду маро бурд намоз.
Гуфтам: «Эй ҷони ҷаҳон, хидмати ту бӯса бас аст,
Чӣ шавӣ ранҷа ба хам додани болои дароз?
Ту замин бӯса мадеҳ, хидмати бегона макун,
Мар туро нест бад-ин хидмати бегона ниёз.»
Шодмон гашту ду рух чун ду гули нав бифурӯхт,
Зери лаб гуфт, ки аҳсанту зеҳ, эй банданавоз!...

❁ ❁ ❁

Баркаш, эй турку ба як сӯ фикан ин ҷомаи ҷанг,
Чанг баргиру бинеҳ дарқаву шамшер аз чанг.
Вақти он шуд, ки камон афканӣ андар бозу,
Вақти он аст, ки биншиниву бардорӣ чанг.
Душман аз кина баромад, ба камингоҳ марав,
Лашкар аз ҷанг биёсуд, биёсой аз ҷанг.
Ба масоф- андар кам гард, ки аз гарди сипоҳ
Зулфи мушкини ту пургард шавад, эй сарҳанг.
Нармак аз гарди сипаҳ зулфи сияҳро бифишон,
То фурӯ резад бо гарди сипаҳ мушк ба танг.
Рухи равшанро зери зиреҳи хӯд мапӯш,
Ки рухи равшани ту зери зиреҳ гирад занг.
Зиреҳи худ ба рух бар чӣ ниҳӣ хира, ки ҳаст
Рухи гулгуни ту зери зиреҳи ғолияранг.
Эй мижа тиру камон абрӯ! Тират ба чӣ кор ?
Тири мижгони ту дилдӯзтар аз тири ханданг.
Тири мижгони ту чунон гузарад бар дилу ҷон,
Ки синони малики Машриқ аз оҳану санг…

❃❃❃

Маро саломати рӯйи ту бод, эй сарҳанг,
Чӣ бошад, ар ба саломат набошад ин дил танг?
Дилам ба ишқи ту дар сахтиву ано хӯ кард,
Чунонки ойинаи зангхӯрда андар занг.
Аз ин гиристан он аст умеди ман, ки магар
Ба ашки ман дили ту нарм гардад, эй сарҳанг.
Ба оби чашма нагашт эч санг нарму маро
Ба оби чашм ҳаме нарм кард бояд санг.
Сухан надонам гуфтан ҳаме зи тангдилӣ,
Чунин дурушстсухан гаштаам ба сулҳу ба ҷанг…

❁ ❁ ❁

Чӣ фусун сохтанду боз чӣ ранг
Осмони кабуду об чу ранг,
Ки дигаргун шуданду дигарсон
Ба ниҳоду ба хӯю гунаву занг?
Он шуд аз абр ҳамчу синаи боз
В-ин шуд аз барг ҳамчу пушти паланг.
Зери абр-андар осмон хуршед
Хира ҳамчун дар оби тира наҳанг.
Зери абр- андар об пиндорӣ,
К-осмон осмонаест ходанг.
Об равшан ба ҷавшан андар шуд
Чун саворони хусрав андар ҷанг…

❁❁❁

Ҳаме бунафша дамад гирди рӯйи он сарҳанг,
Ҳаме ба ойинаи чинӣ андарояд занг.
Аз он бунафша, ки зери ду зулфи дӯст дамид,
Басе намонд, ки бар лола ҷой гардад танг.
Агар бунафша фурӯшӣ, ҳаме бихоҳам хард,
Маро бунафша басандаст зулфи он сарҳанг.
Қавӣ ду зулфи сияҳранги ӯ чу чафта ду зоғ
Бар офтобу ду гул ҳар яке гирифта ба чанг.
Ба бутпарастӣ бар монавӣ маломат нест,
Агар чу сурати ӯ суратест дар Артанг.
Камонкашест бутам бо ду гуна тир бар ӯ
В-аз он ду гуна ҳаме дил халад ба сулҳу ба ҷанг.
Ба вақти сулҳ дили ман халад ба тири мижа,
Ба вақти ҷанг дили душманон ба тири хаданг.
Ба тири мижгон з- оҳан фурӯ чаконад хун,
Чунонки мир ба пӯлод санг аз дили санг…

❁ ❁ ❁

То гирифтам, санамо, васли ту фархунда ба фол,
Ҷуз ба шодӣ насипардам шабу рӯзу маҳу сол.
Чӣ бувад фоле фархундатар аз дидани дӯст,
Чӣ бувад рӯзе пирӯзтар аз рӯзи висол.
Бинӣ он зулфи сиёҳ аз бари он рӯйи чу моҳ,
Ки ба ҳар дидане аз меҳраш ваҷд ораму ҳол.
Ҷаъди ту ҷим наву сурати ӯ сурати ҷим,
Зулфи ту дол наву сурати ӯ сурати дол.
Ҳам зи ҷими сари зулфи ту хурӯши ушшоқ,
Ҳам зи доли сари зулфи ту фиғону абдол.
Бӯсае аз лаби ту хоҳаму шеър аз лаби ту,
Ки шакарбӯса нигориву ғазалгӯй ғизол.
Ман ғазалгӯйи туам, то ту ғазалхони манӣ,
Эй ғазалгӯйи ғазалхони ғазалхоҳ, бибол!
Мар туро бас набувад, он чи сифоти ту кунам,
Восифи туст мадеҳи малики хубхисол…

***

Ҳамеша гуфтаме андар ҷаҳон ба ҳусну ҷамол
Чу ёри ман набувад в-ин ҳадис буд муҳол.
Ман он чи даъвӣ кардам, муҳол буду набвад
Аз он ки  чашми ман ӯро надида буд ҳамол.
Зи некӯӣ, ки ба чашми ман омадӣ ҳама вақт
Шиканҷу кӯжӣ дар ҷаъду зулфи он  муҳтол.
Зи баҳри он ки  ба ҷаъду ба зулфи ӯ монам,
Ба ҳила танро гаҳ ҷим кардаме, гаҳ дол.
Ва гар ба боғ  фаро рафтаме,  забонам ҳеч
Наёфтӣ зи хурӯшидану накӯҳиш ҳол.
Зи бас мунозара, к-он ҷо забони ман кардӣ,
Бар он  накӯй сипарғам,  бар он хуҷаста  ниҳол.
Ба лола гуфтаме: «Эй лола! Шарм дору марӯй».
Ба сарв гуфтаме: « Эй сарв! Шарм дору мабол».
Ки пеши қомату рухсори ӯ шумо ҳар ду
Чу пеши тир камонеду пеши бадр ҳилол.»
Ба чашм ман  бути ман  пеш аз ин  бад-ин сон буд,
Бутам чунину  дилам дар ҳавош бар як ҳол.
Ба ним бӯса зи ман  хостӣ ҳазор  суҷуд,
Ба як ҷавоб зи ман хостӣ ҳазор  суол.
Маро ду чашм  бад-он, то чӣ хоҳаду чӣ кунад,
Бар ин  ду ҳол замон то замон сиголу сигол.
Ҳавову хубии ӯ дар дилу ду дидаи ман
Завол кард фиристодаи амири завол…

* * *

Ишқи наву ёри наву Наврӯзу сари сол,
Фархунда кунод Эзид бар мири ман ин ҳол.
Рӯзест, ки дар умр наёбанд чунин рӯз,
Солест, ки дар умр наёбанд чунин сол.
Дар рӯйи ман имрӯз бихандад лаби уммед,
Бар чеҳри ман имрӯз бихандад дили иқбол.
Дар зовия имрӯз бихандад лаби зоҳид,
Дар савмааа имрӯз бичунбад лаби абдол.
Аз лола ҳаме лаъл кунад кабки дарӣ пар
В-аз сабза ҳаме сабз кунад зоғи сияҳ бол.
Аз нолаи қумрӣ натавон дошт саҳар гӯш
В-аз ғулғули булбул натавон дошт ба шаб ҳол.
Аз дашт кунун мушк тавон бурд ба уштур,
Бо он ки фурӯшанд ҳаме мушк ба мисқол.
Гулзор чу бутхона шуд аз бутгару аз бут,
Кӯҳсор чу Артанг шуд аз сурату ашкол.
Аз бас гули маҷҳул, ки дар боғ бихандид,
Наздики ҳама кас гули маъруф шуд охол.
Эй рӯз, чӣ рӯзӣ ту бад-ин зинату ин зеб,
К-аз зинату зеби ту дигар шуд ҳама аҳвол…

❁ ❁ ❁

То хазон тохтан овард суйи боди шамол,
Ҳамчу сармозада бо зилзила гашт оби зулол.
Бод бар боғ ҳаме арза кунад зарри иёр,
Абр бар кӯҳ ҳаме тӯда кунад сими ҳалол.
Ҳар замон боғ ба зар об фурӯ шӯяд рӯй,
Ҳар замон кӯҳ ба симоб фурӯ пӯшад ёл.
Маъдани зоғ шуд оромгаҳи кабку тазарв,
Маскани шер шуд овардгаҳи гӯру ғизол.
Ширхорони разонро бибуриданд гулӯ,
То разон тофта гаштанду бигаштанд аз ҳол.
Хунҳошон ба таассуб бикашиданд ба чаҳд,
Сохтанд аз пайи ҳар қатра ҳисоре зи сафол.
Ҳар ҳисоре, ки аз он хунҳо пур гашт ҳаме,
Мӯҳр карданду супурданд ба дасти маҳу сол.
Чун касе кина зи хунрези разон боз нахост,
Хунашон гашт ба наздики хирадманд ҳалол.
Гар ҳалол аст, ҳалолест, к-аз он нест гурез
В-ар ҳаром аст, ҳаромест, к-аз ӯ нест вубол.
Гар ҳаром аст, аз он аст, ки хунест на ҳақ,
Ҳаққи он хун ба муғаннӣ бирасонем аз мол.
Мо ба шодӣ ҳама гӯем, ки, эй руд, бимӯй,
Мо ба пидром ҳаме гӯем, эй зер, бинол…

❁ ❁ ❁

Маҷлис бисоз, эй баҳорпидром
В-андарфикан май ба якманӣ ҷом.
Ҳамранги рухсори хеш гардон
Ҷоми булӯрина аз майи хом.
З-он май, ки ёқути сурх гардад
Дар хона аз акси ӯ дару бом.
З-он май, ки дар шаб зи акси хомаш
Ҳар дам барояд ситораи бом.
Як рӯз гетӣ гузошт бояд,
Бе май набояд гузошт айём.
Аз май чу кӯҳ пора шавад дил,
Аз май чу пӯлод гардад андом.
Шодӣ физояд май андар арвоҳ,
Қувват намояд май андар аҷсом.
Майро кунун омадаст навбат,
Майро кунун омадаст ҳангом…

❁ ❁ ❁

Дӯш то аввали сапедаи бом
Май ҳамехӯрдаме ба ратлу ба ҷом
Бо самоъе, ки аз ҳаловат буд
Мурғро пойдому дилро дом,
Бо бутоне, ки менадонам гуфт,
Ки аз эшон ҳавои ман ба кадом,
Ҳама бо ҷаъдҳои мушкинбӯй,
Ҳама бо зулфҳои ғолияфом.
Гираҳеро нишонда будам пеш,
Барниҳода ба даст ҷоми мудом.
Гираҳеро ба пой то ҳама шаб
Кори майро ҳамедиҳанд низом.
З-истода ба рашк сарви сиҳӣ
В-аз нишаста ба дард моҳи тамом.
Ҳол аз ин гуна буд дар ҳама шаб,
З-ин кас огаҳ набуд то гаҳи бом.
Чун чунин буд, пас чаро гуфтам
Қиссаи хеш пеши шоҳи аном…

* * *

Гул бихандиду боғ шуд пидром,
Эй хушо, ин ҷаҳон бад-ин ҳангом.
Чун буногӯши некувон шуд боғ
Аз гули себу аз гули бодом.
Ҳамчу лавҳи зумуррадин гаштаст
Дашт ҳамчун саҳифае зи рухом.
Боғ пурхаймаҳои дебо гашт,
Зандвофон дарун шуда ба хиём.
Гули сурӣ ба дасти боди баҳор
Сӯйи бода ҳамедиҳад пайғом,
Ки туро бо ман ар мунозараест,
Ман ба боғ омадам, ба боғ хиром.
То кай аз роҳи мутрибон шунавам,
Ки туро май ҳамедиҳад дашном.
Гоҳ гӯяд, ки ранги ту на дуруст,
Гоҳ гӯяд, ки бӯйи ту на тамом.
Хом гуфтӣ сухан валекин ту,
Нестӣ пухта, чун бигӯйӣ хом.
Ту маро рангу бӯй вом мадеҳ,
Гар зи ту рангу бӯй хоҳам вом.
Хушиву рангу бӯй ҳеч магир,
На ман, эй май, ҳалоламу ту ҳаром.
Ту чӣ гӯйӣ кунун, чӣ гӯйӣ, май ?
Гӯяд: «Эй сурхгул, фурӯ ором,
Бо касе хештан қиёс макун,
Ки туро сӯйи ӯ бувад фарҷом.
Хештанро мадеҳ ба бод, ки бод
Надиҳад мар туро зи давр мақом.
Ман бимонам мудому он ки ниҳод
Номи ман з-ин қибал ниҳод мудом.

Дасти ромиш ба ман шудаст қавӣ,
Кори шодӣ ба ман гирифта қивом.
Ман ба беҷода монам андар хум,
Ман ба ёқут монам андар ҷом.
Ин шараф бас бувад маро, ки маро
Бор бошад бари амир мудом...»

✽ ✽ ✽

Ҳамеравам сӯйи маъшуқ бо баҳор ба ҳам,
Маро бад- ин сафар андар чӣ андӯҳ асту чӣ ғам.
Ҳама ҷаҳонро сар то ба сар баҳор якест,
Баҳори ман ду шавад, чун расам ба рӯйи санам.
Маро бутест, ки бар рӯйи ӯ ба озармоҳ
Гули шукуфта бувад в- арғавони тоза ба ҳам.
Ба ҳеч рӯйе бо рӯйи он нигор маро
Агар баҳор бувад, варна гул, наёяд кам.
Маро навойин боғест рӯйи он бутрӯй,
К-аз осмон чу дигар боғҳо нахоҳам нам.
Азоби бодия дидам, кунун ба давлати мир
Зи бодия сӯйи боғе равам чу боғи Ирам…

* * *

Рӯз хуш гашту ҳаво софиву гетӣ хуррам,
Обҳо ҷориву май равшану дилҳо беғам.
Боғ пиндорӣ лашкаргаҳи мир аст, ки нест
Нохуне холӣ аз митраду манҷуқу алам.
Хок ҳар рӯзе бе атр ҳамегирад бӯй,
Осмон ҳар  шаб бе абр ҳамеборад нам.
Бар ҳар ангушти замин гӯйӣ ҳар рӯз мудом.
Дасти наққош ҳаме нақш нигорад ба қалам.
Ҳар куҷо дарнигарӣ, сабза бувад пеши ду чашм,
Ҳар куҷо даргузарӣ, гул сипарӣ зери қадам…

❁ ❁ ❁

Эй зи симина фиканда дар булӯрина мудом,
Ҳам ба соид чун булӯрӣ, ҳам ба тан чун сими хом.
Сарв дорӣ моҳбору моҳ дорӣ - лолапӯш,
Лола дорӣ бодарангу бода дорӣ - лаълфом.
Зулфи ту мушки сиёҳу ҷаъди ту шамшоди тар,
Қадди ту сарви баланду рӯйи ту моҳи тамом.
Зулфи ту дом асту доим бар ду рух густарда дом,
Гар на сайёдӣ, чӣ ҳоҷат дом густардан мудом.
В-ар ҳамегӯйӣ бигирам , то маро гардад ҳалол,
Дил ба ту бахшидаму бахшида кай бошад ҳаром.
Дил ба ту додам, ту низ аз рӯйи раҳмат гаҳ-гаҳе
Некуйӣ кун бо ману аз ман суйи дил бар паём.
Ошиқам бар туву чун донӣ, ки бар ту ошиқам,
Ошиқам хонӣ ҳаме андар миёни хосу ом.
Ошиқам, оре, валекин номи ман ошиқ макун,
Мар маро, эй моҳманзар, модеҳи мир аст ном…

❁ ❁ ❁

Бунафшазулфи ман он сарвқадди симандом
Бари ман омад вақти сапедадам ба салом.
Дуруст гуфтӣ, к-аз оразаш баромада буд
Гаҳи фурӯ шудани тирашаб сапедаи бом.
Зи уди ҳиндӣ пӯшида бар булӯр зиреҳ,
Зи мушки чинӣ печида бар санавбар дом,
Ба ҳалқа карда ҳаме ҷаъди ӯ ҳикояти ҷим,
Ба печ карда ҳаме зулфи ӯ ҳикояти лом.
Ба лоба гуфтамаш: «Эй моҳрӯйи ғолиямӯй,
Ки моҳ равшанӣ аз рӯйи ту ситонад вом,
Туро ҳазорон ҳусн асту сад ҳазор ҳасуд,
Чаро зи хона бурун омадӣ дар ин ҳангом?»
Чӣ гуфт ? Гуфт: «Хабар ёфтам, ки назди шумо
Зи баҳри роҳ бар аспон ҳамекунанд лигом».
Чӣ гуфт ? Гуфт, ки эй дар ҷафо накарда камӣ,
Чӣ гуфт ? Гуфт, ки эй дар вафо набуда тамом.
Шахударӯй бурун омадам зи хона ба кӯй,
Ба ранг чун шаба карда рух чу нуқраи хом.
Маро бигӯйӣ, к-аз ин ҷо чӣ гуна хоҳӣ рафт,
На бо ту тӯшаи роҳу на чокару на ғулом.
Бародарону рафиқони ту ҳама банаво,
Ту бенавову ба дасти замона дода зимом.
Ту додаӣ ба ситам зару сими хеш ба бод,
Ту кардаӣ ба ситам рӯзи хеш нопидром.
Чаро ба ҳам накунӣ зару сими хеш ба ҷаҳд,
Чаро нигаҳ накунӣ кори хешро фарҷом.
Ба хостан зи касон хоста ба даст орӣ,
Зи баҳри хоста мидҳат барӣ ба хосу ба ом.
Бад-он тамаъ, ки зи додан баландном шавӣ,
Бад-он диҳӣ, ки зи пас мар туро диҳад дашном.
Зи хостан ба ҳама ҳол нанг бояд дошт,
Агар ба додани беҳуда ҷуст хоҳӣ ном…

❁ ❁ ❁

Кай нишинем, нигоро, ману ту ҳар ду ба ҳам ?
Кай ниҳам рӯй бад-он рӯю бад-он зулфи бахам ?
Чанд аз ин фурқату бар ҷон зи ғами фурқат ранҷ ?
Чанд аз ин дуриву бар дил зи пайи дурӣ ғам ?
Обу оташ ба такаллуф ба ҳам оянд ҳаме,
Чӣ фитодаст, ки мо ҳеч наёем ба ҳам ?
Чу зи некуии ту бар ману бар ту ситам аст,
Мо бар ин гуна ситам дидаву нокарда ситам.
Кошки кори ману ту ба дирам рост шудӣ,
То ман аз меҳр туро кардаме аз дида дирам.
Ёдкарди дирам аз дида чаро бояд кард ?
Мар маро бо карами хоҷа дирам н-ояд кам..

❁❁❁

Бифузудаст бари ман хатару қимати сим,
То баногӯши туро дидаам, эй дурри ятим.
Симро шояд агар  дар дилу ҷон ҷой кунам,
Аз пайи он ки бимонад ба баногӯши ту сим.
Аз баногӯши ту сим омаду зар аз рухи ман…
Ба  хаму печ барафканда чу ҷим аз барии ҷим.
Ман чӣ созам, чӣ кунам, дузд маро бурда шумор,
Дузд раҳмат накунад, дузд кӣ дидаст раҳим?
Заргаре бояд, к-аз мояи мо кор кунад,
Моя морову ҳар он суд, ки бошад, ба ду ним..

❁ ❁ ❁

Бор барбаст маҳи рӯзаву барканд хиям,
Меҳргон табл заду ид бурун бурд алам.
Боз чун булбули бечуфт ба бонг омад зер
Боз чун ошиқи бедил ба хурӯш омад бам.
Бодагирони забонбаста кушоданд забон,
Бодахорони пароканда нишастанд ба ҳам.
Лаъл карданд ба як секӣ лабҳои кабуд,
Шод карданд ба як маҷлис дилҳои дижам.
Хез, бутрӯё, то мо ба сари кор шавем,
Ки на эшонро сур омаду моро мотам.
З-он майи лаъл қадаҳ пур куну наздики ман ор,
Бар тану ҷон натавон кард аз ин беш ситам.
Рӯза пирест, ки аз ҳайбату аз ҳашмати ӯ
Натавон зад ба муроди дил як соат дам.
Чун шуд он пиру ҷавоне бигирифтанд ҷаҳон,
Мову эшону майи лаъл, на андӯҳу на ғам…

❀❀❀

Бар баногӯши ту, эй поктар аз дурри ятим,
Сунбули  тоза ҳаме бардамад аз сафҳаи сим.
З-ин сипас вақти сапедадам ҳар рӯз ба ман
Бӯйи мушк орад аз он сунбули наврӯста насим.
Анбаринхаттию бечодалабу наргисчашм,
Ҳабашимӯю ҳиҷозисухану румидим.
Нек монад хами зулфайни сиёҳи ту ба дол,
Нек монад шикани ҷаъди пареши ту ба ҷим.
Аз ҳама абҷад бар миму алиф шефтаам,
Ки ба болову даҳони ту алиф монаду мим.
Ишқ бозем ҳаме бо туву дилтанг шавӣ,
Назди ту ишқ ҳамоно, ки гуноҳест азим.
Чӣ шавӣ  тангдил,  ар бар ту ҳамебозам ишқ,
Ишқ бозидан бо хубон расмест қадим.
Ишқ расмест, валекин  ҳама андӯҳи дил аст,
Хунук он, к-ӯро аз ишқ на тарс асту на бим.
Бар мани бохтадил ҳар чӣ  тавонӣ ту, бикун,
На маро карда ба ту хоҷаи саййид таслим…

❁ ❁ ❁

Бунафшазулфи ман - он офтоби Туркистон
Ҳаме бунафша падид орад аз ду лоластон.
Маро бунафшаву лола ба кор нест, ки ӯ
Бунафша дораду зери бунафша лола ниҳон.
Зи ранги лолаи ӯ в-аз дами бунафшаи ӯ
Ҷаҳон нигорнамоясту бод мушкафшон.
Ҳаме надонам, к-инро кӣ ранг дод чунин,
Ҳаме надонам, к-онро кӣ бӯй дод чунон.
Маро раво бувад, ар сарбасар бунафша дамад
Ба гирди лолаи он сарвқадди мӯймиён.
Кунун зи санг бунафша дамад, аҷаб набвад,
Агар бунафша дамад зери орази ҷонон.
Биҳиштвор шавад бӯстони орази ӯ,
Чунон куҷо шавад акнун биҳиштвор ҷаҳон?
Кунун барафканад аз парниён дарахт ридо,
Кунун бигустарад аз ҳулла боғ шодурвон.
Кунун чу маст ғуломони сабзпӯшида
Ба бӯстон шавад аз бод зодсарви навон.
Кунун сапедадамон фохта зи шохи чанор
Чу ошиқони ғамин баркашад хурӯшу фиғон.
На боғро бишиносӣ зи кулбаи аттор,
На роғро бишиносӣ зи маҷлиси султон…

❁ ❁ ❁

Савсан дорӣ шукуфта бар маҳи равшан,
Бар маҳи равшан шукуфта дорӣ савсан.
Моҳӣ, гар моҳ дарқа дораду шамшер,
Сарвӣ, гар сарв диръ пӯшаду ҷавшан.
Сӯзани симин шудасту сӯзани заррин
Лоларухоно! Туро миёну маро тан.
Зар ба баҳо бештар зи сим, валекин
Заррин савсан фидои симин сӯзан.
Ҳури биҳиштӣ, сарои ман-т биҳишт аст,
Бози сапедӣ, канори ман-т нишеман.
Зулфи ту аз мушки ноб чанбар-чанбар,
Рӯйи ту аз лолабарг хирман-хирман.
Ту бутиву ман ҳавои дил зи ту хоҳам,
Аз бут хоҳад ҳавои хеш бараҳман.
Аз лаби ту мар маро ҳазор умед аст
В-аз сари зулфайни ту ҳазор залифан.
Ойиву гӯйӣ, ки бӯса хоҳӣ ? Хоҳам.
Кӯр чӣ хоҳад ба ҷуз ду дидаи равшан.
Бӯса гар аз бахри дил диҳӣ, наситонам,
Дил ба ҳавои малик фурӯхтаам ман…

❁ ❁ ❁

Гуфтам: «Маро се бӯса деҳ, эй шамсаи бутон» ,
Гуфто: « Зи ҳур бӯса наёбӣ дар ин ҷаҳон» .
Гуфтам: «Зи баҳри бӯса ҷаҳоне дигар махоҳ.»
Гуфто: «Биҳиштро натавон ёфт ройгон» .
Гуфтам: «Ниҳон шавӣ ту чаро аз ман, эй парӣ ?»
Гуфто : «Парӣ ҳамеша бувад з-одамӣ ниҳон» .
Гуфтам: «Туро ҳаме натавон дид моҳ-моҳ» .
Гуфто, ки моҳро натавон дид ҳар замон.
Гуфтам: «Нишони ту зи кӣ пурсам, нишон бидеҳ» ,
Гуфт: «Офтоброро битавон ёфт бе нишон» .
Гуфтам, ки куж кард маро қаддат, эй рафиқ,
Гуфто: «Рафиқи тир кӣ бошад ба ҷуз камон» .
Гуфтам: «Ғами ту чашми маро пурситора кард» .
Гуфто: «Ситора кам натавон кард з-осмон».
Гуфтам: «Ситора нест, сиришк аст, эй нигор.»
Гуфто: «Сиришк барнатавон чид з-обдон» .
Гуфтам: «Ба оби дидаи ман рӯй тоза кун» .
Гуфто: «Ба оби тоза тавон дошт бӯстон?»
Гуфтам: «Ба рӯйи равшани ту рӯй барниҳам.»
Гуфто, ки оби гул бибарад ранги заъфарон.
Гуфтам: «Маро фироқи ту, эй дӯст, пир кард».
Гуфто: «Ба мидҳати шаҳи гетӣ шавӣ ҷавон…»

❁❁❁

Ҳам аз саодату иқбол буду бахти ҷавон,
Ки дил набастам бар гулситону лоластон.
Касе, ки лола парастад ба рӯзгори баҳор,
Зи шуғли хеш бимонад ба рӯзгори хазон.
Гуле, ки бод бар ӯ барҷаҳад, фурӯ резад,
Чаро диҳам дили некӯписанди хеш бар он.
Маро дилест, ман он дил бад-он диҳам, ки маро
Азизтар бувад аз дил ҳазор бору зи ҷон.
Буте ба даст кунам ман аз ин бутони баҳор
Ба ҳусни пешрави некӯвони Туркистон.
Ба зулфу ораз сочи сиёҳу оҷи сапед,
Ба рӯю боло моҳи тамому сарви равон.
Ба зулфаш- андар тобу ба тобаш андар мушк,
Ба ҷаъдаш -андар печу ба печаш андар бон.
Ба бар паранду парандаш чу ёсамини сапед,
Ба рух баҳору баҳораш чу равзаи ризвон.
Даҳан чу ғолия дониву сӣ ситораи хурд
Ба ҷои ғолия андар миёни ғолиядон.
Ба ман намуда нишони дили маро ба даҳан,
Ба ман намуда хаёли тани маро ба миён.
Чу вақти бода бувад, бодагиру бодагусор,
Чу вақти бӯса бувад бӯсабахшу бӯсаситон…

* * *

Сарв дидастам, ки бошад руста андар бӯстон,
Бӯстон ҳаргиз надидам руста бар сарви равон.
Бӯстоне сохтӣ ту бар сари сарви сиҳӣ,
Пургулу пурлолаву пурнаргису пурарғавон.
Эй баҳори хубрӯён, чанд ҳилат кардаӣ,
То чунин ороста бар сарв бурдӣ бӯстон,
Бӯстоне, к-андар ӯ луъълӯ гуҳар дорад ғилоф,
Бӯстоне, к-андар ӯ гул мушк дорад соябон.
Наргиси сероб ёбӣ андар ӯ вақти тамуз,
Лолаи худрӯй бинӣ андар ӯ гоҳи хазон.
Бӯстон бар сарв бурдӣ, ин шигифт ояд маро,
Ин шигифтӣ бо ту гуфтам, к-он бувад сеҳри баён.
Чашмҳои ту туро дар ҷодуӣ талқин кунанд,
Бо ду ҷодуи мусоид ҷодуӣ кардан тавон.
Ман зи лола заъфарон кардастам андар ишқи ту,
Андар ин гар нек биндешӣ, шигифтӣ беш аз он.
Бӯстон бар сарв бурдан гар биёмӯзӣ маро,
Ман биёмӯзам туро аз лола кардан заъфарон.
Ин ман аз ишқи ту дидастам дар ин гетиву бас,
Ишқи ту ин аз кӣ дид ? Аз ҳайбати шоҳи ҷаҳон…

❁ ❁ ❁

Натавон кард аз ин беш сабурӣ, натавон,
Кор аз он шуд, ки тавон доштан ин роз ниҳон.
Бо чунин ҳол зи ман сабру ниҳон кардан роз,
Ҳамчунон бошад, к-аз реги равон оби равон.
Ту надонӣ, ки маро корд гузаштаст зи гӯшт,
Ту надонӣ, ки маро кор расидаст ба ҷон.
То ҳамегуфтам бошад, ки накӯ гардад кор,
Кори ман бар батарӣ буду дили ман ба гумон.
Кор имрӯз батар гашт, ки навмед шудам
Аз ту, эй кӯдаки шодидеҳи андӯҳситон.
То кай аз рӯйи чу ту дӯст ҷудо бояд буд?
Ҳама андӯҳам аз ин асту ҳама дардам аз он.
Манам ин , к-аз ту маро дур ҳаме бояд буд,
Манам ин, к-аз ту маро бояд дидан ҳиҷрон.
Эй тани беҷон, кӯҳӣ, ки нагардӣ ночиз,
Эй дили беҳуш, рӯйӣ, ки нагардӣ вайрон.
Кори ман бо ту ба як рӯз расидаст, биё,
Бикун аз мардӣ имрӯз ҳама, ҳар чӣ тавон.
Дили ман хуш куну донам дили ман хуш нашавад,
То нагӯйӣ ту, марав в-ин ту наёрӣ ба забон.
Ту чу ман ёбӣ бисёру наёбам чу ту ман,
Гар ҷаҳон ҷумла бигардӣ зи карон то ба карон.
Бо ту хӯ кадаму хӯ боз ҳамебояд кард
Аз ту, эй тундхӯйи сангдили тангдаҳон.
Ту чунин ғам ба чӣ донӣ, ки надонистӣ хурд
Ғами рафтан зи дари чашму чароғи султон…

❊❊❊

Ҳамекунад ба гули сурх -бар бунафша камин,
Ҳамеситонад сунбул вилояти насрин.
Бунафшаву гулу насрину сунбул андар боғ
Ба сулҳ бояд будан чу дӯстон, на ба кин.
Миёни эшон ҷанге бузург хоҳад хост,
Магар, ки наргис он ҷангро диҳад таскин.
Сипоҳи Руму сипоҳи Ҳабаш ба ҳам шудаанд,
Туро намоям, к-охир чӣ шӯр хезад аз ин.
Чӣ шӯр хоҳӣ аз ин беш, к-он ду рӯйи сапед
Сиёҳ гардаду ту шармноку ман ғамгин.
Ту кӯдакиву надонӣ ҷавоби мардум дод,
Маро чӣ бахшӣ, гар ман кунам туро талқин?
Ҷавоб деҳ, ки агар нестӣ сиёҳӣ нек,
Сияҳ набудӣ чатри худойгони замин…

❁ ❁ ❁

Чу зар шуданд разон. Аз чӣ? Аз ниҳеби хазон.
Ба кина гашт хазон. Бо кӣ? Бо сипоҳи разон.
Ҳаво гусаст. Гусаст аз чӣ? Баргусаст аз абр,
Зи чист абр, надонӣ ту? Аз бухору духон.
Хазон қавӣ шуда, чун гул бирафт. Рафту равост.
Бунафша ҳаст? Бале! Бо кӣ? Бо бунафшаситон.
Газанда гашт. Чӣ чиз? Об. Чун чӣ? Чун каждум,
Халанда гашт ҳаме бод. Чун чӣ? Чун пайкон.
Бирехт. Чӣ? Гули сурӣ? Чӣ чиз? Барг. Чаро?
Зи ҳаҷри лола. Куҷо рафт лола? Шуд пинҳон.
Магар дарахти шукуфта гуноҳи Одам кард,
Ки аз либос чу Одам ҳамешавад урён?
Суман зи даст бурун кард риштаи луълӯ,
Чу гул зи гӯш баровард ҳалқаи марҷон.
Чу ман ба гунаи ёқут шуд даво, бистад,
Пиёлаҳои ақиқӣ зи дасти лоласитон.
Хазон ба дасти маҳи меҳр дарнавашт аз боғ,
Бисоти шуштариву ҳафтранг шодурвон.
Кӣ дод сим ба абру кӣ дод зар бар бод,
Ки абр симфишон асту бод зарафшон?
Ҳазордастон дастон задӣ ба вақти баҳор,
Кунун ба боғ ҳаме зоғрост оҳу фиғон...

❁❁❁

Эй нимшаб гурехта аз ризвон
В-андар шиканҷи зулф шуда пинҳон.
Эй сарви норасида ба ту офат,
Эй моҳи норасида ба ту нуқсон.
Эй меваи дили ман, ло бал дил,
Эй орзуи ҷонам, ло бал ҷон.
Аз ман ба рӯзи ид биёзурдӣ,
Гуфтӣ, ки тофта шудӣ аз меҳмон.
Ту чашм доштӣ, ки чу ҳар иде
Ман пеши ту наво занаму дастон.
Гӯям, ки, соқиё, май пеш овар,
Мутриб, яке қасидаи идӣ хон.
Дидӣ маро ба ид, ки чун будам
Бо чашми ашкрезу дили бирён.
Ҳар оҳе аз дили ман даҳ дӯзах,
Ҳар қатрае зи чашмам сад тӯфон.
Ҳар кас ба иди хеш кунад шодӣ,
Чӣ ибриву чӣ тозиву чӣ деҳқон.
Иди ман он набуд, ки ту дидӣ,
Иди ман инак омад бо султон…

❁❁❁

Хушо, баҳорон, к-аз хуррамиву бахти ҷавон
Ҳаме ба дидани рӯйи ту тоза гардад ҷон.
Баҳори пурбар гаштаст пойи хӯша замин,
Биҳишти хуррам гаштаст хушк шӯристон.
Ба чашм ранги гул ояд ҳаме зи хоки сиёҳ,
Ба мағз бӯйи мул ояд ҳаме зи оби равон.
Дарахти гул чу бад-ӯ бод барҷаҳад, гӯйӣ,
Ҳаменамояд товус ҷилва дар бӯстон.
Куҷо гулест, нишастаст булбуле бар ӯ,
Ҳамесарояд шеъру ҳамезанад дастон.
Туро чӣ бояд хонд, эй баҳори беминнат,
Туро чӣ донам гуфт, эй биҳишти бедарбон.
Рабудаӣ ба ҷамол аз баҳори порин гӯй,
Баҳори порин бо ту намуда буд хазон.
На шаб ҳаме бизанад лолаи ту бар ҳам чашм,
На гул ба рӯз бибандад ҳаме зи ханда даҳон.
Магар ба чашми ман ояд ҳаме чунин, ки чунин
Набуд пор маро чашму дил бад-ину бад-он.
Маро ба чашм бад-ин вақт пор тӯфон буд,
Ба чашм тӯфон, лекин диле зи ғам бирён.
Дилам ба лола напардохтиву чашм ба гул,
Зи шуғли сӯхтани оташу ғами тӯфон.
Бар он баҳона, ки шеъре ба роҳ хоҳам хонд,
Ба хона даршудаме, даст бурдаме ба фиғон.
Ҳанӯз бар дилам ар бингарӣ, гироҳ-гироҳ аст,
Зи дарду ғам, ки фурӯ хӯрдаме замон ба замон.
Зи бас тапонча, ки ҳар шаб ба рӯй барзадаме,
Ба рӯз будӣ бар рӯйи ман ҳазор нишон.
Шаби дароз ҳамехӯрдаме ғамони дароз,
Ба рӯз роз ҳамекардаме зи халқ ниҳон.

Ҳаме надонам, то чун ҳаме кашидастам
Ба як дил андар чандин ҳазор бори гарон.
Маро напурсӣ боре, ки қиссаи ту чӣ буд,
Чаро кашидӣ он ранҷу андӯҳи чандон.
Бидон, ки дур будастам зи ҳазрате, ки маро
Расонда хидмати маймуни ӯ ба ному ба нон…

* * *

Макун, эй дӯст, ба мо бад, натавон кард чунин,
Ба ҳадисе марав аз пешу ба кунҷе манишин.
Чанд аз ин хашм ҷуз аз хашм раҳе дигар гир,
Чанд аз ин ноз, ҷуз аз ноз тариқе бигузин.
Кӯдаки хурд найӣ ту, ки надонӣ баду нек,
Нози бисёр надонӣ, ки набошад ширин.
Гар масал чашми маро равшанӣ аз дидани туст,
Накашам нози ту, бояд ки бидонӣ ба яқин.
Мар маро шарм гирифт аз туву  нозидани ту,
Мар туро, эй дилу ҷон, шарм ҳамен-ояд аз ин.
Бими он аст, ки ҷойи ту бигирад дигаре,
Огаҳат кардаму гуфтам сухани бозпасин.
Беш аз ин гуфт нахоҳам ба ҳақи неъмати он,
Ки маро хидмати ӯ дӯсттар аз рӯйи замин...

❁ ❁ ❁

Он камар боз кун, буто, зи миён,
З-ин ғаму васваса маро бираҳон.
Ман дар он андӯҳам, ки ранҷ расид
Бар миёни ту аз кашидани он.
Бо миёне, к-аз ӯ асар на падид,
Чун тавонӣ кашид бори гарон?
Ҳаст бар нест чун тавонӣ баст?
Камари туст ҳасту нест миён…
Гар ту гӯйӣ, раво бувад, бикунам
Аз тану дил туро миёну даҳон.
Не, ҳадиси дил аз миён бигзор,
Набувад худ ба дил маро фармон…

❁ ❁ ❁

Дӣ чу девона барошуфту ба зеҳ кард камон,
Пеши ӯ боз шудан ҷуз ба мудоро натавон.
Хиргаҳе бояд гарму оташе бояд тез,
Бодае бояд талху хушу рангину равон.
Мутрибе ҷӯ ба сари хумму ту дар пеш ба пой
Соқие бо занахе содаву ҷоме ба лабон.
Соқие турфа, ки гар даст ба зулфаш бибарӣ,
Дасту ангушти ту бар ҳалқа шавад ҳам ба замон.
Соқие, к-аз хами зулфайнаш агар рой кунӣ,
Сад камарбанде ӯро чу камар гирди миён…
Ту бар ӯ ошиқу ӯ бар ту ниҳода дили хеш,
Ҳамчунон бар писари Носиридин - мири ҷаҳон…

❁ ❁ ❁

Ҳама гираҳ-гираҳ аст он ду зулфи чин бар чин,
Гираҳ ба ғолияву чин ба мушки ноб аҷин.
Шикаста зулфи ту тоза бунафшаи табарист,
Руху ду орази ту тоза лолаву насрин.
Ту лола дидӣ шамшодпӯшу сунбултоҷ,
Бунафша дидӣ анбарсириштy мушкогин?
Бунафшазулфо, гирди бунафшазор магард,
Магард, лоларухо, гирди лолаи рангин.
Туро басанда бувад лолаи ту, лола маҷӯй,
Бунафшаи ту туро бас бувад, бунафша мачин.
Маро даҳонаки танги ту тангдил дорад,
Миёни лоғари ту лоғару низору ҳазин.
Туро чӣ хонам моҳи замину сарви сарой,
Маро ту бандаи сарви сарою моҳи замин.
Баланд қадди ту сарв асту рӯйи хуби ту моҳ,
На сарви боғ чунону на моҳи чарх чунин.
Кӣ дид моҳ бар ӯ карда ғолия ҳалқа?
Кӣ дид сарв бар ӯ баста офтоб озин?
Маро ба ишқ маломат макун, ки ишқ маро
Зи рӯйи хуби ту гашт, эй биҳиштрӯй, ойин.
В-агар бихоҳӣ, то гардӣ, эй санавбарқад,
Ба ишқи хеш гирифтор чун мани мискин,
Дар офтоб раву дарнигар ба сояи хеш,
Дар ойина нигару рӯйи хуби хеш бубин…

❁❁❁

Эй рӯйнакӯ, рӯй сӯйи ман куну биншин,
Зинҳор зи ман дур мадор он лаби ширин.
Ту сарвиву бар пой накӯтар, ки бувад сарв,
Не,не, ки туро сарв раҳӣ зебад, биншин.
Имрӯз маро рой чунонест, ки то шаб
Пайваста туро бинаму ту низ маро бин.
Чашми ману он рӯйи пур аз лолаву пургул,
Дасти ману он зулфи пур аз ҳалқаву пурчин.
З-он рух чинам имрӯз гулу лолаи сероб,
З-он сода занахдон сумани тозаву насрин.
То занн набарӣ чашму чароғе, ки шаб омад,
Чашму дили ман сер шавад з-он рухи симин.
Ман бар ту шабу рӯз нигаҳ хоҳам кардан,
Чандин ба чӣ  кор аст ҳадисони нигорин…

* * *

Бад-он хушиву бад-он некуйӣ лабу дандон,
Агар  ба ҷон битавонӣ харид, нест гарон.
Лаби чунонро қозӣ ба симу зар бифурӯхт,
Аҷабтар аз дили  қозӣ диле бувад ба ҷаҳон ?
Латифаест дар он лаб, чунон ки  натавон гуфт,
Агар  дилам диҳаде, халкро намоям он.
Гумон барам , ки ҳаме бӯса рехт хоҳад аз ӯ,
Чу дар сухан шавад он офтоби Туркистон.
Агар  на аз қибали  шарми он нигорастӣ,
Зи бӯса надҳамӣ ӯро  ба ҳеч вакт амон.
В-агар ҳазор дил астӣ, маро чунон ки яке
Ҳаме фидо куname пеши он  лабу дандон.
Ҳазор сол маломат кашидан аз пайи ӯ
Тавону з-он бут рӯзе ҷудо шудан натавон.
Маро кӣ хоҳад гуфтан, ки дӯстро манавоз,
Кӣ гуфт  хоҳад маъшуқро махоҳу махон?
Азизтар зи ҳама халқ ёри нек бувад,
Вале  азизтар аз ёр хидмати султон…

❁ ❁ ❁

Макун, эй турк, макун, қадри чунин рӯз бидон,
Чун шуд ин рӯз, дар ин рӯз расидан натавон.
Гар баногӯши ту чун сим сапед аст, чӣ суд?
Ту надонӣ, ки бувад шаб зи паси рӯз ниҳон?
На ту овардаӣ ойини баногӯши сапед,
Мардумонро ҳама будаст баногӯш чунон.
Бас баногӯши чу симо, ки сияҳ шуд чу шаба,
Они ту низ шавад, сабр кун, эй ҷони ҷаҳон.
Ҳар киро орази содаст, сияҳ хоҳад шуд,
На ба ангишт фурӯ рафт бихоҳӣ зи миён(?)…

❁ ❁ ❁

Омад он навбаҳори тавбашикан,
Боз баргашт сӯйи тавбаи ман.
Дӯш то ёр арза кард ҳаме
Бар ман он оразй чу тоза суман.
Гуфт: «Вақти гул аст, бода бихоҳ
З-он суманоразини симинтан».
Бишканад тавбаи маро, тарсам,
Чӣ тавон кард, гӯ бирав, бишкан.
Тавбаро дасту пой суст кунад
Лолаи сурху бодаи равшан.
Хоса акнун, ки боз хоҳад кард
Савсану гул ба боғ чашму даҳан.
Бод ҳар соат аз шукуфа кунад
Пур дирамҳои нимкора чаман.
Боғ бутхона гашту гулбун бут,
Бодахорони гулпараст шаман.
Ҳар дарахте чу нӯшлаб санамест,
Бар замин - андарун кашон доман.
Набарад дил маро ҳаме фармон,
Дил чу хар шуд зи дасту бурд расан.
Эй дили сӯхта ба оташи ишқ,
Мар маро боз дар бало мафкан.
Суханони баҳор ёд магир,
Оташ андар мани заиф мазан.
Ҷаҳди он кун, ки мар маро накунӣ
Пеши соҳиб ба комаи душман…

❁ ❁ ❁

Гуфтам: «Гул аст ё суман аст он руху зақан?»
Гуфто: «Яке шукуфта гул  асту яке суман.»
Гуфтам: «Дар он ду зулф шикан беш ё гиреҳ?»
Гуфто: «Яке ҳама гиреҳ асту яке шикан.»
Гуфтам: «Чӣ чиз бошад зулфат дар он  рухат?»
Гуфто: "Яке паранди сиёҳу яке паран.»
Гуфтам: «Ду зулфи ту чӣ фишонанд бар ду рух?»
Гуфто: "Яке ба тунг абиру яке ба ман.»
Гуфтам: «Зи ман чӣ бурданд он наргиси ду чашм?»
Гуфто: «Яке қарори ту бурду яке васан.»
Гуфтам: «Тани ману дили ман чист мар туро?»
Гуфто: «Яке миёни ман асту яке даҳан.»
Гуфтам: «Балои ман ҳама з-ин дидаву дил аст.»
Гуфто: «Яке аз ин ду бисӯзу яке бикан.»
Гуфтам: «Маро ду бӯса фурӯшу баҳо бихоҳ.»
Гуфто: «Яке ба ҷон бихар аз ман, яке ба тан.»
Гуфтам, ки ҷон талаб кунӣ аз ман ба бӯсае?
Гуфто: «Яке ҳамин  зи ту бошад, яке зи ман.»
Гуфтам: «Ду чиз чист зи рӯйи ту хубтар?»
Гуфто: «Яке  саховати соҳиб, яке сухан»…

❁ ❁ ❁

Сияҳзулф он  сарви симини ман
Ҳама тобу печ асту банду шикан.
Нигори маро сарви озод хон,
Канори ман  он сарвбунро чаман.
Баландиву сабзӣ бувад сарвро,
Баланд  асту сабз аст маъшуқи ман.
Дилу тан фидо кардам  он моҳро,
На дил монд бо ман кунуну на тан.
Зи тан кардам он бемиёнро миён,
Зи дил кардам он бедаҳанро даҳан.
Маро ҷуз парастиданаш кор нест,
Бале, бутпарастист кори шаман…

❆ ❆ ❆

Андаромад ба боғ боди хазон,
Гирд баргашт гирди шохи разон.
Раз дижамрӯй гашту ларза гирифт,
Одати ӯ чунин бувад ба хазон…
Боз разбон ба корд буррад раз,
Баччаи нозанин кунад қурбон.
Гарчи сард аст бодро зинҳор,
Нарасад з-ӯ магар ба ҷома зиён.
Ҷома хуштар бари ту ё фарзанд?
Не, ки фарзанд хуштар аст аз он.
Рази мискин ба меҳр чандин гоҳ
Бачча парвард дар бару пистон.
Рафт разбони сангдил, ки диҳад
Модаронро зи баччагон ҳиҷрон.
Мо ғами раз чаро хӯрем ҳаме,
Хез, то бодаҳо хӯрем гарон.
Соқиё, бор кун зи бода қадаҳ,
Бодаи чун гудохта марҷон…

❁ ❁ ❁

Бути ман он ба ду рух чун шукуфта лоластон,
Чу дид рӯйи маро рӯйи хеш кард ниҳон.
Ҳаройина, ки баҳор- андарун шавад ба ҳиҷоб
Дар он замон, ки бурун ояд аз ҳиҷоб хазон.
Чу рӯйи хеш бипӯшид, рӯзи ман бишкаст,
Набуд ҷойи шигифту шигифтам омад аз он.
Ҳаройина, ки чу хуршед нопадид шавад,
Сиёҳу тира шавад, гарчи равшан аст ҷаҳон.
Маро бидиду ба мижгон фурӯ кашид абрӯ,
Зи бим дар тани ман зилзила гирифт равон.
Ҳаройина, ки битарсад касе чу душмани ӯ,
Баробари дили ӯ тир барниҳад ба камон.
Се бӯса з-ӯ бихаридам, диле бад-ӯ додам,
Надод бӯсаву бар ман гирифт рӯй гарон.
Ҳаройина чу зиён кард бар харидаи нав,
Зи ман бипӯшад, к-эйдун сутуда нест зиён.
Маро бубинад маъшуқи ман, бихандад хуш,
Чу ӯ бихандад бар ман, фитад хурӯшу фиғон.
Ҳаройина, ки чу дили хастагон бинолад раъд,
Чу барқ боз кунад пеши ӯ ба ханда даҳон.
Ба зулф бо дили ман чанд гоҳ бозӣ кард,
Дилам бихасту ҷароҳат гирифту монд нишон.
Ҳаройина, ки нишон гирад аз ҷароҳат гӯй
Чу бемуҳобо ҳар сӯ ҳаме хӯрад чавгон…

❁❁❁

Печон дарахте номи ӯ норван,
Чун сарви заррин пур ақиқи Яман.
Нозанда чун болои он зодсарв,
Тобанда чун рухсори он симтан.
Шохаш мулавван ҳамчу қавси қузаҳ,
Баргаш дурахшон ҳамчу наҷми паран.
Чун зулфи хубон бехи ӯ пургиреҳ,
Чун ҷаъди хубон шохи он пуршикан.
Чун офтобу ҷузве аз офтоб,
Чун гавҳару бо гавҳар аз як ватан.
Чун дилбаре андар ақиқин вишоҳ,
Чун лӯъбате дар буссадин пираҳан.
Ноланда ҳамчун ман зи ҳиҷрони ёр,
Ларзандаву печанда бар хештан…

* * *

Дӣ ба салом омад наздики ман
Моҳи ман, он лӯъбати симинзақан.
Бо занахе чун суману бо тане
Чун гули сурӣ ба яке пираҳан.
Тозон чун кабки дарӣ бар камар,
Ёзон чун сарви сиҳӣ дар чаман.
Дар шикани зулф ҳазорон гиреҳ,
Дар гираҳи ҷаъд ҳазорон шикан.
Гуфтам: «Чуниву чӣ гунаст кор?»
Гуфт: «Ба ранҷ - андарам аз хештан.»
Чун бувад он кас, ки надорад миён,
Чун бувад он кас, ки надорад даҳан.
Аз ту дили ту бирабудам ба зарқ
В-аз ту тани ту бирабудам ба фан.
Ҷойи сухан гуфтан кардам зи дил,
Ҷойи камар бастан кардам зи тан.
Бар тани ту то кай бандам камар?
В-аз дили ту то кай гӯям сухан?
Бар ту ситам кардаму рӯзи шумор
Пурсиш хоҳад будан онро зи ман…

❁ ❁ ❁

Чанд аз ин тангдилӣ, эй санами тангдаҳон,
Ҳар замоне макун, эй рӯйнакӯ, рӯй гарон.
Хамчунон хурд найӣ ту, ки надонӣ баду нек,
Ноз бевақт макун, вақти ҳама чиз бидон.
Хубрӯёнро пайваста бувад қасд ба дил,
Мар туро чунки ҳамасола бувад қасд ба ҷон.
Беш аз ин ҷурм надорам, ки туро дорам дӯст,
Натавон кушт бад-ин ҷурм раҳиро, натавон.
Макун, эй турк, маро беҳуда аз даст мадеҳ,
Ба ситам роҳ мадеҳ чашми бадонро ба миён.
Гар зи ту рӯй битобам, дигарон шод шаванд,
Чӣ шавад, гар накунӣ кор ба коми дигарон?
Бари ман танг фароз ою лабат пеши ман ор,
То бигирам ба ду ангушту диҳам бӯса бар он.
Бӯса додастам бар дасти надими султон…

❁ ❁ ❁

Лаб магардон  зи лаби ман, ки бад-ин лаб сад бор,
Эй писар,  низ маро сангдилу тунд махон,
Тундиву сангдилӣ пешаи туст, эй дилу ҷон.
Гар масал гӯям, чашми  ту бимонад ба дигар,
Ҳар замон дасти гиристан  куниву дасти фиғон.
Дӯш боре  чӣ сухан гуфтам бо ту, санамо,
Ки чунин  тангдилу тофтадил гаштӣ аз он?
Ба ҳадисе, ки равад, банд бар абрӯ чӣ занӣ ?
Ҳамчу гунгон  натавон  баст ба якбор даҳон.
Ту ғуломи маниву хоҷа худованди ман аст,
Натавон бо ту сухан гуфтану бо хоҷа тавон…

❁ ❁ ❁

Ман пор диле доштам ба сомон,
Имсол дигаргун шуду дигарсон.
Фармони дигар кас ҳамебарад дил,
Инро чӣ ҳиял бошаду чӣ дармон ?
Боре дилаке ёбаме ниҳонӣ,
Нархаш чӣ гарон бошаду чӣ арзон.
То бас кунаме з-ин дили мухолиф
В-ин ғам кунаме бар дигар дил осон.
Наврӯз ҷаҳон чун биҳишт кардаст,
Пурлолаву пургул кӯҳу биёбон.
Чун чодари масқул гашта саҳро,
Чун ҳуллаи манқуш гашта бӯстон.
Дар боғ ба навбат ҳамесарояд
То рӯз ҳама шаб ҳазордастон.
Машғул шуда ҳар касе ба шодӣ,
Ман дар ғами дил даст шуста аз ҷон.
Эй дилбари ман, бош як замонак,
То мидҳати хоҷа барам ба поён…

❁ ❁ ❁

Бӯстонест рӯйи кӯдаки ман
В-андар он бӯстон шукуфта суман.
Чун суман  солу маҳ дар он бӯстон
Лола ёбиву наргису савсан.
Боғбоне бибояд он бутро
Бо яке посдори чӯбакзан.
Гар маро посдори хеш кунад,
Хидмати ӯ кунам ба ҷону ба тан.
Гирд бар гирди боғи ӯ гардам,
Бар дари боғи ӯ кунам маскан.
Ҳар кӣ з-он гул гуле бихоҳад канд,
Гӯям он гул гули ту нест, макан.
В-ар бад-ин як сухан маро бизанад,
Гӯши ӯ кар кунам ба наъра задан…

❁ ❁ ❁

Боғ пургул шуду саҳро ҳама пурсавсан,
Обҳо тираву май талху хушу равшан.
Кӯҳ пурлолаву лола ҳама пуржола,
Дашт пурсунбулу сунбул ҳама пурсавсан.
З-абри наврӯзиву борони шабонрӯзӣ
На аҷаб бошад агар сабза дамад з-оҳан.
Об чун сандалу сандал ба хушӣ чун май,
Бӯстон пургулу гулҳо зи дари гулшан.
Ману боғе хушу покиза лаби ҷӯйе,
Дили ман бигрифт аз хонаву аз барзан.
Ёфтам боғе пур аз шамъу пур аз шӯъла,
Растам аз доври чароғу зи дами равзан...
Рӯзи Наврӯз аст имрӯзу сари сол аст,
Сотгине хӯру аз даст қадаҳ мафкан…

* * *

Маро дилест, ки аз чашми бад расида ба ҷон,
Балои ман зи дил аст, ин-т дарди бедармон.
Туро чӣ гӯям? Гӯям: «Маро зи чашм бидузд.»
Туро чӣ гӯям? Гӯям: «Маро зи дил бистон.»
Гарам зи чашм надуздӣ, табоҳ гардад айш
В-арам зи дил наситонӣ, нафур гардад ҷон.
Касе ки шодии дил диду рӯшноии чашм,
Яке аз ин ду бинадҳад ба сад ҳазор ҷаҳон.
Пас он касе, ки маро дӯсттар зи ҷону дил аст,
Маро ту гӯйӣ з-ӯ дур шав. Чӣ гуна тавон ?
Ба ихтиёр кас аз ёри хеш дур шавад?
Ба рӯзи васл касе орзу кунад ҳиҷрон.
Касе зи коми дили хештан битобад рӯй?
Касе ба бозӣ бо дӯст бишканад паймон?
Маро чӣ, гар ту наёбӣ, зи дасти дӯст биёб,
Маро чӣ, гар ту бимонӣ, ба дасти дӯст бимон.
Ман ин ҳама зи тариқи мутоябат гуфтам,
Магар нагӯйӣ, к-ин жож бошаду ҳазён.
Касе, ки жож дарояд, ба даргаҳе нашавад,
Ки чарбгӯён он ҷо шаванд, кундзабон.
Маро зи дӯст ба ҳар ҳол дур хоҳад кард
Ҳавои хидмати мир -он гузидаи султон…

❁ ❁ ❁

Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон,
Бо ҳуллаи танида зи дил, бофта зи ҷон.
Бо ҳуллае бирешими таркиби ӯ сухан,
Бо ҳуллае нигоргари нақши ӯ забон.
Ҳар тори ӯ ба ранҷ баровარда аз замир,
Ҳар пуди ӯ ба ҷаҳд ҷудо карда аз равон.
Аз ҳар саноеъе, ки бихоҳӣ бар ӯ асар
В-аз ҳар бадоеъе, ки биҷӯйӣ, бар ӯ нишон.
На ҳуллае, ки об расонад бад-ӯ газанд,
На ҳуллае, ки оташ орад ба ӯ зиён.
На ранги ӯ табоҳ кунад турбати замин,
На нақши ӯ сиёҳ кунад гардиши замон.
Бинвишта зуду таъбия карда миёни дил
В-андешаро ба ноз бар ӯ карда посбон.
Ҳар соате башорат додӣ маро хирад,
К-ин ҳулла мар туро бирасонад ба ному нон.
Ин ҳулла нест бофта аз ҷинси ҳуллаҳо,
Инро ту аз қиёси дигар ҳуллаҳо мадон.
Инро забон ниҳоду хирад ришту ақл бофт,
Наққош буд дасту замир андар он баён.
То нақш кард, бар сари ҳар нақш барнавишт
Мадҳи Абулмузаффар - шоҳи Чағониён…
Вақте намуд бахт ба ман ин дари нишот,
К-аз хуррамӣ ҷаҳон нашиносад кас аз ҷинон.
Фасли баҳори тозаву Наврӯзи дилфиреб,
Ҳамбӯйи мушк боду замин пур зи бӯйи бон.
Иди хуҷаста дасти вафо дода бо баҳор,
Боди шамол мулки ҷаҳон бурда аз хазон.
Ҳар соате сиришки гулоб аз ҳаво чакад,
Ҳар лаҳзае насими гул ояд зи бӯстон.

Тоҷи дарахти боғ ҳама лаългун гуҳар,
Фарши замини роғ ҳама сабз парниён.
Сулсул чу бедилони ҷаҳон гашта бохурӯш,
Булбул чу ошиқони ғамин гашта бофиғон.
Фархунда бод бар малик ин рӯзгори ид
В-ин фасли фархуҷаставу Наврӯзи дилситон…

❃ ❃ ❃

Эй аҳди ман шикаста бад-он зулфи пуршикан,
Боз ин чӣ сунбул аст, ки сар барзад аз суман?
Домест он ки аз пайи дил ту ҳамезанӣ,
Дом ар ҳаме зи баҳри дили ман занӣ, мазан.
Чандин ҳазор ҳила чӣ бояд зи баҳри дил,
Дил пеши туст, чун напазирӣ ҳаме зи ман.
Дар сим чоҳ кандиву дом ҳамениҳӣ
Бар тарфи чоҳ аз сари зулфайни пуршикан.
Ту шуғл дӯст дориву дар ҳар куҷо расӣ,
Чоҳе ҳаме фурӯ бару доме ҳамефикан.
Моро суханфурӯш ниҳодӣ лақаб, чӣ буд,
Аз чӣ ба зар зи мо нахаридӣ ҳаме сухан?…

* * *

Чун басичи роҳ кардам сӯйи Буст аз Систон,
Шаб ҳаме таҳвил кард аз Бохтар бар осмон.
Рӯз чун Қорун ҳаме нодид гашт андар замин,
Шаб чу Искандар ҳаме лашкар кашид андар замон.
Ҷомаи Аббосиён бар рӯйи рӯз афканд шаб,
Баргирифт аз пушти шаб зарбафти румӣ тайласон.
Лашкари шаб дидам андар чанги рӯз овехта,
Ҳамчу барги заъфарон бар гирди шохи заъфарон.
В-аз ниҳеби хоби нӯшин то чашида хуни раз,
Чун сари мастон сари ҳар ҷонвар гашта гарон.
Хоб чира гашта андар ҳар саре бар сони мағз,
Хоб ғолиб гашта андар ҳар тане бар сони ҷон.
Рӯйбанд аз рӯй бикшода арӯсони сипеҳр,
Пеши ҳар як баргирифта пардаи рози ниҳон.
Осмон чун сабз дарё в- ахтарон бар рӯйи ӯ
Ҳамчу киштиҳои симин бар сари дарё равон.
Ё кавокибҳои сим аз баҳри оташ рӯзи ҷанг
Барзада бар ғайбаҳои обгун баргустувон.
Гоҳ чун пошида барги настаран бар барги бед,
Гаҳ чу лӯълӯ рехта бар рӯйи кӯҳле парниён.
Ман биёбоне ба пеш- андар гирифта, к-андар ӯ
Аз ниҳеби деви дил хуноб гаштӣ ҳар замон.
Саҳмгин роҳе, фарозаш резаи санги сиёҳ,
Паҳнвар даште, нишебаш тӯдаи реги равон.
Реги ӯ майдони деву хобгоҳи аждаҳо,
Санги ӯ болини бабру бистари шери жаён.
Гоҳи рафтан реги ӯ чун ништаре дар зери пой,
Гоҳи хуфтан санги ӯ чун неши каждум зери рон.
На зи гетӣ ғамгусоре андар ӯ, ҷуз бонги ғул,
На зи мардум ёдгоре андар ӯ, ҷуз устухон.
Чун чунин дидӣ, хирад доим маро гуфтӣ ҳаме,
К-офарини Хоҷа Мансури Ҳасан бар ман бихон…

❁ ❁ ❁

Сарве шунидаӣ, ки бувад моҳ бори ӯ ?
Маҳ дидаӣ, ки мушк бипӯшад канори ӯ ?
Ман дидаму шунидам, ин ҳар ду он бутест,
К-ин дил ҳазор бор табаҳ шуд ба кори ӯ.
Пургавҳар аст з-оташи ишқаш канори ман,
Пурсилсила зи ҳалқаи зулфаш канори ӯ.
Боғест рӯйи некуи он рӯйи некувон,
К-андар маҳи тамуз бихандад баҳори ӯ.
Бар кому орзу дили бечораи маро
Нокомгор кард гули комгори ӯ.
Ин турфатар нигар ту, ки бар рӯйи ӯст гул
В-андар дили ман аст ҳамасола хори ӯ.
Чандон нигор дорад рӯяш, ки ҳар замон
Ҳайрон шавад нигоргар андар нигори ӯ.
Аз дил ба ҳар нигор шикоре ҳамекунад,
То хуш бувад бар он дили зинҳорзори ӯ.
Ин дил шикор карду табаҳ карду боздод,
Хезам, ба хоҷа боз намоям шикори ӯ…

***

Зи баҳри таҳнияти ид бомдоди пагоҳ
Бари ман омад хуршеди некувон аз роҳ.
Чу чини курта ба ҳам баршикаста чаъди кишан,
Чу ҳалқаҳои зиреҳ пургиреҳ ду зулфи сиёҳ.
Набид не ба кафу ҳар ду рух ба ранги набид,
Дутоҳ не ба дилу ҳар ду зулф карда дутоҳ.
Ба қад ту гӯйӣ сарвест дар миёни қабой,
Ба рӯй гуфтӣ моҳест барниҳода кулоҳ.
Чу сарв буду чу моҳу на моҳ буду на сарв,
Қабо напӯшад сарву кӯлаҳ надорад моҳ.
Хуҷаста бошад рӯзи касе, ки дида бувад
Хуҷаста рӯйи бути хеш бомдоди пагоҳ…

❂ ❂ ❂

Зулфи мушкини ту з-он орази тобанда чу моҳ
Ба сари чоҳи занахдони ту ояд гаҳ-гоҳ.
Аз пайи он ки яке баста бад-ӯ раста шавад,
Гирд мегардаду дар чоҳ кунад жарф нигоҳ.
Андар он чоҳ шабу рӯз гирифтору асир,
Дили ман мондаву он хол - ду нокарда гуноҳ.
Зулфи ту дӯш ба чоҳ омаду он холи сияҳ
Андаровехт ба ду даст дар он зулфи сиёҳ.
Аз буни чаҳ ба замоне ба сари чоҳ расид,
Дили ман монд ба чоҳ- андар бо ҳасрату оҳ.
Холи бечора аз он чоҳ бад-он зулф бираст,
Бинӣ он зулф, ки холе бираҳонад аз чоҳ.
Дили ман низ бад-он зулф чаро даст назад,
Магар аз омадани зулф набудаст огоҳ?
Андар он чоҳ дилам зинда бад-он холак буд
В-арна то акнун будӣ, шуда даҳбора табоҳ…

❁ ❁ ❁

Арӯси моҳи найсонро ҷаҳон созад ҳаме ҳиҷла,
Ба боғ- андар ҳаме бандад зи шохи гулбунон килла.
Зи баҳри гавҳари тоҷаш ҳамеборад ҳаво луълӯ,
Зи баҳри ҷомаи тахташ ҳамебофад замин ҳулла.
Ба боғ- андар кунун мардум набуррад маҷлис аз маҷлис,
Ба роғ- андар кунун оҳу набуррад галла аз галла.
Набояд равшанӣ бурдан ба шаб з-ин пас, ки бе оташ
Зи лола дашт пуршамъ асту аз гул боғ пуршӯъла.
Биё, то мо бад-ин шодӣ бигардем андар ин водӣ,
Биё, то мо бад-ин ромиш май орем андар ин ҳиҷла.
Чу май хӯрдем, дарғалтем ҳар як бо нигорине,
Чу бархезем гирд ойем зери киллае ҷумла.
Навойин мутрибон дорему барбатҳои гӯянда,
Мусоид соқиён дорему соидҳои чун ҳулла.
Зи баҳри коми дил ҳила набояд сохтан моро,
Ба фарри мир мо дурем аз ҳар кӯшишу ҳила…

❁ ❁ ❁

Бомдодони пагоҳ омад бо рӯйи чу моҳ.
Он ки ороста з-ӯ гардад ҳар ид сипоҳ.
Андаке ғолия бар зулфи сияҳ бурда ба кор,
Идро сохтаву тохта аз ҳуҷра ба гоҳ.
Гуфтам: «Эй моҳ, туро зулф зи мушки сияҳ аст,
Ғолия хира чӣ андойӣ бар мушки сиёҳ?»
Ғолия чун ба бари мушк расад, нек шавад,
Лекин аз ғолия гардад, санамо, мушк табоҳ.
Мояи ғолия мушк асту бидонад ҳама кас,
Ту надонистаӣ, эй содадилак, чандин гоҳ.
Аз куҷо сарв ба кор ояд бо қадди чу сарв?
Аз куҷо моҳ ба кор ояд бо рӯйи чу моҳ?
Рӯй шустан ба гулоб аз чӣ қибал, чун рухи ту
Як гули тоза надидаст кас андар даймоҳ.
Гар гулоб аз қибали бӯй кунӣ, низ макун,
Вақти гул хуш набувад бӯйи гулоб, эй дилхоҳ…

❁ ❁ ❁

Иди хубони сарой омаду хуршеди сипоҳ,
Ҷомаи ид бипӯшиду биёрост пагоҳ.
Зулфро шона заду ҳалқаву бандаш бикушод,
Домане мушк фурӯ рехт аз он зулфи сиёҳ.
Боди шабгире бар зулфи сиёҳаш бивазид,
Табли аттор шуд аз бӯй ҳама лашкаргоҳ.
Бари хиргоҳ фароз омаду бар одати хеш
Сари хиргоҳ барафканду ба ман кард нигоҳ.
Шаби торик фурӯ рафта маҳ андар паси кӯҳ,
Ҳама хиргоҳ барафрӯхт аз он рӯйи чу моҳ.
Ман дар он ҳол зи хоби хуш бедор шудам,
Бингаридам, бути ман дошт сар андар хиргоҳ.
Гуфтам: «Ин кист ?» Маро гуфт: «Камин бандаи ту»,
То дилам гашт бар он моҳ дигарбора табоҳ…

❁ ❁ ❁

Замона рағми маро , эй ба рух ситезаи моҳ,
Хате кашид бар он орази сапед сиёҳ.
Гумонаш он ки табаҳ кард ҷойи бӯсаи ман,
Зи ғолия нашавад ҷойгоҳи бӯса табоҳ.
Шабе ба гирди маҳ андаркашиду огаҳ нест,
Ки аз миёни шаби тира хуб тобад моҳ.
Хусуф дод маҳи равшани турову чӣ гуфт,
Ки ман нигаҳ накунам сӯйи ӯ, маъозаллоҳ.
Кунун нигох кунам сӯйи маҳ, ки маҳ бигрифт,
Чу маҳ гирифт, бад-у бештар кунанд нигоҳ.
Сумансистони туро пурбунафша карду равост,
Бунафша кишту гуле хуштар аз бунафша махоҳ…

❁ ❁ ❁

Ба ҷони ту, ки наёрам тамом кард нигоҳ
Зи бими чашм расидан бад-он ду чашми сиёҳ.
Аз он ки наргис лахте ба чашми ту монад,
Дилам ба наргис- бар шефта шудасту табоҳ.
Ба рӯю боло моҳиву сарвиву набвад
Бад-он баландӣ сарву бад-ин тамомӣ моҳ.
Ба боғ сарв сӯйи қомати ту кард назар,
Зи чарх моҳ сӯйи чеҳраи ту кард нигоҳ.
Зи рашки чеҳраи ту моҳ тира гашту хиҷил,
Зи шарм қомати ту сарв кӯж гашту дуто.
Чароғу шамъи сипоҳиву бар ту гирд шудаст
Зи некуиву маломат ҳазор гуна сипоҳ.
Ба маҷлис- андар то истодаӣ, дили ман
Ҳаметапад, ки магар монда гардӣ, эй дилхоҳ.
На, ранҷи ту написандам, на аз ту бишкебам,
Дар ин тафаккур гум гаштаам миёни ду роҳ…

❁❁❁

Он суманорази ман  кард баногӯш сиёҳ,
Ду шаби тира баровард зи ду гӯшаи моҳ.
Солаш аз понздаҳу  шонзда нагзашта ҳанӯз,
Чун  тавон дидан он орази чун сими сиёҳ.
Рӯзгор он чи тавонист, бар он рӯй бикард,
Ба ситам ҷойгаҳи бӯсаи ман кард табоҳ.
Бичакад хун зи дили ман,  чу ба рӯяш нигарам,
Натавонам кард аз дард бад-он рӯй нигоҳ.
Шаб нахусбам  зи ғаму ҳасрати он оразу рӯз,
То ба шаб з-ин ғаму з-ин  дард ҳамегӯям  оҳ.
Ба гунаҳ рӯй сияҳ гардаду савганд хӯрам,
К-он бути ман ба ҳама умр накардаст гуноҳ.
Ӯ сухан  гуфт натонад, чӣ гунаҳ тонад кард,
Гунаҳ он чашми сияҳ дораду он зулфи дуто.
Оразашро гунаҳу  зиллати ҳамсоя бисӯхт,
Хеш кай дошт кас аз зиллати ҳамсоя нигоҳ.
Гунаҳи як тан вайронии як шаҳр бувад,
Ин ман аз  хоҷа шунидастам дар маҷлиси шоҳ…

⁂

Эй сурати биҳиштӣ, дар садраи баҳойӣ,
Ҳаргиз мабод рӯзе аз ту маро ҷудойӣ.
Ту сарви ҷӯйборӣ, ту лолаи баҳорӣ,
Ту ёри ғамгусорӣ, ту ҳури дилрабойӣ.
Ширинтар аз умедӣ в-андар дилам навидӣ,
Некӯтар аз ҳавойӣ в-андар дилам ҳавойӣ.
Хуррамтар аз баҳорӣ, зеботар аз нигорӣ,
Чобуктар аз тазарвӣ, фаррухтар аз ҳумойӣ.
Дар дил ба ҷойи ақлӣ, дар тан ба ҷойи ҷонӣ,
Дар сар ба ҷойи ҳушӣ, дар чашм рӯшнойӣ.
Сарву маҳат нахонам? Хонам. Чаро нахонам?
Ҳам моҳи бокулоҳӣ, ҳам сарви бо қабойӣ.
Моҳӣ ба рӯй, лекин моҳи суханниюшӣ,
Сарвӣ ба қад, валекин сарви сухансаройӣ.
Аз ҷамъи хубрӯён ман хос мар туроям,
Шояд, ки ман туроям, зеро ки ту маройӣ.
Ман, ки туро писандам, ту мар маро писандӣ,
Ман сӯйи ту гароям, ту сӯйи ман гаройӣ.
Бар ту ба дил наҷӯям, бар ман ба дил наҷӯйӣ.
Ҳам ман вафо намоям, ҳам ту вафо намойӣ…

❁❁❁

Яке гавҳаре чун гули бӯстоне,
На зарру ба дидор чун зарри конӣ.
Ба кӯҳ- андарун мондаӣ дер гоҳе,
Ба санг- андарун зодаӣ бостонӣ.
Гаҳе лаъл чун бодаи арғавонӣ,
Гаҳе зард чун байрами заъфаронӣ.
Латифе, баромехта бо касофат,
Яқине, баробар шуда бо гумоне.
На гоҳи бисудан мар ӯро намоиш,
На гоҳи гиройиш мар ӯро гаронӣ.
Ҳам ӯ халқро мояи зӯрмандӣ,
Ҳам ӯ зиндаро мояи зиндагонӣ.
Аз ӯ қуввати феъли барриву баҳрӣ,
Аз ӯ ҳаркати табъи инсиву ҷонӣ.
Ғами ошиқӣ ночашида, валекин
Хурӯшанда чун ошиқ аз нотавонӣ.
Чу заррин дарахте ҳама баргу бораш
Зи гӯгирди сурху ақиқи ямонӣ.
Чу аз каҳрабо қуббаи баркашида
Зада бар сараш рояти ковиёнӣ.
Аҷаб гавҳар аст ин гуҳар, гар биҷӯйӣ,
Мар ӯро накӯ васф кардан надонӣ.
Нишони ду фасл андар ӯ бозёбӣ,
Яке навбаҳоре, яке меҳргоне.
Зи аҷзои ӯ лолаи марғзорӣ,
Зи осори ӯ наргиси бӯстонӣ.
Ба арзи шаба гавҳари сурх ёбӣ
Аз ӯ, чун кунад бо ту бозоргонӣ.
Каноре гуҳар бар сари ту фишонад,
Чу муште шаба бар сари ӯ фишонӣ.
Аё гавҳаре, к-аз намояш ҷаҳонро
Гаҳе сода судиву гоҳе зиёне,
На сангиву санг аз ту ночиз гардад,
Магар ханҷари шаҳрёри ҷаҳонӣ?..

❁ ❁ ❁

Ҳангоми гул аст, эй ба ду рух чун гули худрӯй,
Ҳамранги рухи хеш ба боғ- андар гул ҷӯй.
Ҳамранги рухи хеш ту гул ёбӣ, лекин
Ҳамчун гули рухсори ту он гул надиҳад бӯй.
Маҷлис ба лаби ҷӯй бар, эй шамсаи хубон,
К-аз гул чу баногӯши ту гаштаст лаби ҷӯй.
Аз маҷлиси мо мардуми дурӯй бурун кун,
Пеш ор мули сурху бурун кун гули дурӯй.
Боғест бад-ин зинат ороста аз гул,
Як сӯ гули дурӯю дигар сӯ гули якрӯй.
То ин гули дурӯй ҳаме рӯй намояд,
З-ин боғ бурун рафтан моро набувад рӯй.
Бӯнаср, ту дар пардаи Ушшоқ раҳе зан,
Бӯамр , ту андар сифати гул ғазале гӯй.
То рӯз ба шодӣ бигузорем, ки фардо
Вақти раҳи ғазв ояду ҳангоми такопӯй.
Моро раҳи Кашмир ҳаме орзу ояд,
Мо з-орзуи хеш натобем ба як мӯй.
Гоҳ аст, ки якбора ба Кашмир хиромем
Аз дасти бутон пахна кунем аз сарашон гӯй…

❁❁❁

Меҳргон омаду симурғ бичунбид аз ҷой,
То куҷо пар занад имсолу куҷо дорад рой?
Вақти он шуд, ки ба дашт ояд товусу тазарв,
То шавад бар сари шах кабки дарӣ шеърсарой.
Низ  дар бешаву дар дашт ҳамоно набувад
Бозро аз пайи мурғони шикорӣ шавуой.
Бозу ҷуз боз кунун рӯй  наёранд намуд,
Гоҳи он аст, ки симурғ шавад рӯйнамой.
Ҳама мурғони ҷаҳон  сар ба хас андаршудаанд,
Андар он вақт, ки симурғ биҷунбид аз ҷой.
Андар ин вақт чӣ шоҳину чӣ бозу чӣ уқоб,
Ҷумла маҳбуси сипоҳанд, бар эшон бахшой…

❂ ❂ ❂

Эй дӯст, ба сад гуна бигардӣ ба замоне,
Гаҳ хушсуханӣ гириву гаҳ талхзабонӣ.
Чун ноз кунӣ, нози туро нест қиёсе,
Чун хашм кунӣ, хашми туро нест кароне.
Монанди миёни туву ҳамчун даҳани ту
Ман тан кунам аз мӯю дил аз ғолия, донӣ.
Гӯям зи дили хеш даҳонат кунам, эй моҳ,
Гӯйӣ натавон кард зи як нуқта даҳоне.
Гӯям зи тани хеш миён созамат, эй дӯст,
Гӯйӣ натавон сохт зи як мӯй миёне.
Ҷонест маро, ҷони падар, ҷуз дилу ҷуз тан
В-ин низ бар ман накунад сабр замоне.
Гар гӯйӣ бифирист, нагӯям нафиристам,
Бо дӯст бахилӣ натавон кард ба ҷоне.
Ҷоне бидиҳам, то ба зиёне зи ту бирҳам,
Ман суд кунам, гар зи ту бирҳам ба зиёне.
Ҷон бидҳаму дил надҳам, к-андар дили ман ҳаст
Мадҳи малике молдеҳе, шукрситоне…

❁ ❁ ❁

Ба ман боз гард, эй чу ҷону ҷавонӣ,
Ки талх аст бе ту маро зиндагонӣ.
Ман андар фироқи ту ночиз кардам
Ҷамолу ҷавонӣ, дареғо, ҷавонӣ.
Дареғо, ту, к-аз пеши рӯям ҷудоӣ,
Дареғо, ту, к-аз пеши чашмам ниҳонӣ.
Сафар кардиву роҳи ғурбат гирифтӣ,
Ба роҳ- андар охир даме дер монӣ.
Чӣ гӯям, ба ту роҳ ҷустан тавонам?
Чӣ гӯӣ, ба ман роҳ ҷустан тавонӣ?
Дили ман зи меҳри ту гаштан нахоҳад,
Диле дидаӣ ту бад-ин меҳрубонӣ?
Гирифтам, ки ман дил зи ту баргирифтам,
Дили ман кунад бе ту ҳамдостонӣ?
Ман аз рашки қадди ту дидан наёрам
Сиҳӣ сарви озодаи бӯстонӣ.
Зи бас, к-аз фироқи ту дар шаб бигирям,
Бигиряд ҳаме бо ман инсиву ҷонӣ.
Туро гӯям, эй ошиқи ҳаҷрдида,
Ки аз дида дар шаб ҳаме хун чаконӣ.
Чӣ муйӣ, чӣ гирйӣ, чӣ нолӣ, чӣ зорӣ,
Ки аз нола кардан чу ноли навонӣ…

* * *

Ҳамесарояд чанг он нигори чангсарой,
Набид бояду холӣ зи гуфтугӯй сарой.
Ғизои рӯҳ самоъ асту ҷони шахс набид,
Хушо набиди куҳан бо самоъи табъкушой.
Набиди талху самоъи ҳазину рӯйи накӯ,
Бад-ин се чиз бувад мардуми ҷаҳонро рой.
Маро табиби ҷаҳондида ин се фармудаст,
Ту дӯстони гаронмояро ҳамефармой.
Набиди талху самоъи ҳазин ба каф кардам
Зи бахри рӯйи накӯ мондаам дил андарвой.
Куҷо шуд он санами моҳрӯйи симинтан?
Куҷо шуд он бути ошиқпарасти меҳрлиқой?
Ба маҷлис аз кафи ӯ хӯрдие майи набиди бузург
Ба ёди хидмати даргоҳи мири бори Худой…

❊ ❊ ❊

Дили ман ҳамеҷуст пайваста ёре,
Ки хуш бигзаронад бад-ӯ рӯзгоре.
Шунидам, ки ҷӯянда ёбанда бошад,
Ба маънӣ дуруст омад ин лафз боре.
Буте чун баҳоре ба дасти ман омад,
Ки чун ӯ буте нест андар баҳоре.
Буте чун гули тоза, к-андар маҳи дай
Зи рухсори ӯ гул тавон чид, оре.
Чи қадаш, чи пироста зодсарве,
Чи рӯяш, чи ороста лолазоре.
Ба коми дили хеш ёре гузидам,
Кӣ дорад чу ёри ман имрӯз ёре?
Бад-ин ёри худ ошиқӣ кард хоҳам,
К-аз ин хуштар андар ҷаҳон нест коре.
Дил ӯро ҳамехост, ӯро супурдам,
Ҳамин беҳ, ки ман кардам аз ҳар шуморе.
Чаро дил диҳам ҷуз бад-ӯ, чун надорам
Пас аз хидмати шаҳ ҷуз ӯ ғамгусоре…

* * *

Эй боди баҳорӣ, хабар аз ёр чӣ дорӣ ?
Пайғоми гули сурх сӯйи бода кай орӣ ?
Ҳам з-аввали рӯз аз ту ҳаме бӯйи хуш ояд,
Гӯйӣ ҳама шаб сӯхтаӣ уди қиморӣ.
Зулфи бути ман доштаӣ дӯш дар оғӯш,
Не, не, ту ҳанӯз ин дилу ин заҳра надорӣ.
Хуршед бар он моҳи замин тофт наёрад,
Донам, ки ту бар зулфаки ӯ даст надорӣ.
Ту бо гули савсан зану ман бо лабу зулфаш
В-ар барг бувад, биншин, то бӯса шуморӣ.
Ман дӯш ба каф доштам он зулф ҳама шаб
В-аз ду лаби ӯ кардаам имрӯз наҳорӣ.
Эй Фаррухӣ, ин қиссаву ин ҳол чӣ чиз аст?
Пеши малики Шарқ ҳаме хобгузорӣ…

❁ ❁ ❁

Дили ман хоҳиву андӯҳи дили ман набарӣ,
Ин-т бераҳмиву бемеҳриву бедодгарӣ.
Ту бар онӣ, ки дили ман бибарӣ, дил надиҳӣ,
Ман бад-ин парда наям, гар ту бад-ин парда дарӣ.
Ғами ту чанд хӯрам в-андӯҳи ту чанд барам ?
Нахӯрам, то нахӯриву набарам, то набарӣ.
Ҳар замон гӯйӣ бар ду руху бар орази ман
Қамар асту сумани тозаи хушбӯйи тарӣ.
Чӣ кунам, гар ту ба ораз чу шукуфта суманӣ,
Чӣ кунам гар ту ба рух ҳамчу ду ҳафта қамарӣ.
Шамъи афрӯхта бинам, чу ба ту дарнигарам,
Шамъи носӯхта бинӣ, чу ба ман дарнигарӣ…

❀ ❀ ❀

Гар маро аз ту ба се бӯса набошад назаре,
Андар ин шаҳр зи ман низ наёбӣ хабаре.
На маро хуш бинавозӣ, на маро бӯса диҳӣ,
Ин сухан дорад, ҷоно, ба дигар кӯй даре.
Бӯсаеро чӣ хатар бошад, к-аз баҳри туро
Ҷони ширини маро нест бари ман хатаре.
Ду шакар дориву ту сода ҳамедун шакарӣ,
Эй шакар! Рӯзии ман з-он ду шакар кун шакаре.
Ман зи андешаи он шаккари чун гавҳари сурх
Мижае нест, ки борида наям з-он гуҳаре.
Бинӣ он мӯй чу аз мушк сиришта зи раҳе,
Бинӣ он рӯй чу аз сим зудуда сипаре.
Ман надонистам ҳаргиз, ки зи ту бояд дид
Ҳар замон дарди дилеву ҳар замон дарди саре.
Ҳама андӯҳи дилу ранҷи тану дарди саре
В-ин дили мискин дорад ба ҳавои ту саре.
Гилаҳои ту кунун кард нахоҳам, ки кунун
Пеши дар дорам шуғли малики додгаре…

❁ ❁ ❁

Эй абри баҳманӣ, ки ба чашми ман- андарӣ,
Тан зан замонакеву биёсову кам гарӣ.
Ин рӯзу шаб гиристану зории ту зи чист?
На чун манӣ гарибу ғами ишқ бар сарӣ.
Бар ҳоли ман гирӣ, ки бибояд гиристан
Бар ошиқи ғариби зи ёру зи дил барӣ.
Боре гузидам аз ҳама гетӣ паринажод,
Он шуд ниҳон зи чашми ман имрӯз чун парӣ.
Эй чашм, то бирафт бути ман зи пеши ту,
Сад пираҳан зи хуни ту кардам муъасфарӣ.
Чун лола сурх гашт рухи ман зи хуни ту
З-он пас, ки зард буд чу динори ҷаъфарӣ.
Хунхора гаштиву нашикебӣ ҳаме зи хун,
Оҳиста хӯр, ки хуни дили ман ҳамех(в)арӣ.
Он хун, ки мехӯрӣ, ҳама аз дил ҳамечакад,
Дил ғофил асту ту ба ҳалоки дил андарӣ.
Эй дил, ту низ мустаҳақи сад  уқубатӣ,
Гар  ғам хӯрӣ, сазад, ки ба ғам ҳам ту ҳақварӣ.
Ҳар рӯз хештан ба балое дарафканӣ,
Он гаҳ маро маломату пархош оварӣ.
Ту дарду ғам ҳамехӯриву чашм хуни ту
В-ин з-он бувад, ки окибати кор нангарӣ.
Дар оби дида гоҳ шиновар чу моҳийӣ,
Гаҳ дар миёни оташи ғам чун самандарӣ...

❁ ❁ ❁

Дилам меҳрубон гашт бар меҳрубоне,
Каше, дилкаше, хушлабе, хушзабоне.
Нигоре чу дар чашм хуррам баҳоре,
Нигоре чу дар гӯш хуш достоне.
Ба болой барруста чун  зодсарве,
Ба рӯйи дилафрӯз чун бӯстоне.
Чу бо ман сухан гӯяду хуш бихандад,
Ту гӯйӣ бихандад ҳаме гулситоне.
Наҳиф аст чун хайзароне, валекин
Чу тобанда моҳест бар хайзароне.
Замоне аз ӯ сабр кардан наёрам,
Бимирам, гар ӯро набинам замоне.
Суйи ҳуҷраи ӯ шудам дӯш ногаҳ,
Бурун омад аз ҳуҷра  дар парниёне.
Ҳаметофт аз парниён рӯйи хубаш ,
Нигорест, гӯйӣ, зи «Артанг»-и Монӣ.
Бихандиду тобанда шуд сӣ ситора
Аз он  ханда дар донаи нордоне.
Маро гуфт: «Моно, ғалат кардаӣ раҳ,
Ба як раҳ фитодӣ зи раҳ бар кароне.
Ҳамон ҷо шав имшаб, куҷо дӯш будӣ,
Раҳи ту на ин аст бар гирди ҷоне.
Дари ман чӣ кӯбӣ, раҳи ман чӣ гирӣ ?
Чӣ ором гирад дилат, то чунонӣ.
Касеро чу ман дӯстгонӣ чӣ бояд,
Ки дилшод бошад ба ҳар дӯстгонӣ.
Ту хоҳӣ, ки ман шоду хушнуд бошам
Ба се бӯсаи хушк дар моҳиёне.
На ман хӯйи саг дорам, эй шермардо,
Ки хушнуд гардам ба хушк устухоне.
Ман онам, ки чун ман ба рӯю ба боло,
Ба  умре наёбад кас андар ҷаҳоне.

Ман он тири боло нигорам, ки ҳаргиз
Чу абрӯйи ман кас набинад камоне.
Ман он гулрухастам, ки ҳамранги рӯям
Надидаст ҳаргиз гуле боғбоне.
Нагунҷад ҳаме зарра андар даҳонам,
Киро дидаӣ чун даҳонам даҳоне.
Натобад ҳаме тори мӯйе миёнам,
Киро дидаӣ чун миёнам миёне?»
Бад-ӯ гуфтам: «Эй меҳрубон ёри якдил,
Ки ҳаргиз надидам чу ту меҳрубоне,
Ман ар як шаб аз рӯйи ту дур будам,
Мабар ҳар замоне дигаргун гумоне.
Шаби меҳргон буду ман мадҳ гӯям,
Худовандро ҳар шаби меҳргоне…

❁ ❁ ❁

Маро дилест гаравгони ишқ чандин ҷой,
Аҷабтар аз дили ман дил наёфарида Худой.
Дилам якеву дар ӯ ошиқе гурӯҳ – гурӯҳ,
Ту дар ҷаҳон чу дили ман диле дигар бинмой.
Шигифту хира фурӯ мондаам, ки чандин ишқ
Ба як дил андар, ё раб, чӣ гуна гирад ҷой.
Ҳаристар диле аз ошиқӣ малӯл шавад,
Дилам ҳаме нашавад, вой аз ин дили ман, вой.
Надонад ин дили ғофил, ки ишқ ҳодисаест,
Ки кӯҳи оҳан бо ранҷи ӯ надорад пой.
Дило, миёнаи чандин ҳазор шуғл- андар
Чӣ гуна созӣ мадҳи амири Борхудой?…

* * *

Дӯш ҳама шаб ҳамегирист ба зорӣ
Моҳи ман, он турки хубрӯйи ҳисорӣ.
Бар ду буногӯш союбон-ш ҳамекард
Як зи дигар ҳалқаҳои  зулфи яхорӣ.
Азбас к-оби ду чашми ӯ ба ҳам омад,
Қимати уди сияҳ гирифт саморӣ.
Нармак-нармак маро ба шарм ҳамегуфт :
«Бо бунаи мир қасди рафтан дорӣ ?»
Гуфтам: «Дорам, ки амри мир чунин аст.»
Гуфт: «Ба Ғазнин маро ҳамебигузорӣ?»…

***

Меҳргон расми Аҷам дошт ба пой,
Ҷашни ӯ буд чу чашм андарбой.
Ҳар куҷо даршудам, аз аввали рӯз
Бо май андар шудаму барбату ной.
То маҳи рӯза даромехт бад-ӯй,
Он ҳама расми накӯ монд ба ҷой.
Корҳо танг гирифтаст бад-ӯй
Рӯзаи тангхӯйи каҷфармой.
Бо чунин моҳ чунин ҷашн бувад
Ҳамчу дар маркази одина сарой.
З-ин сабаб дон, ки тасаллии ман аст
Мир Абӯяъқуб, он Борхудой…

❀ ❀ ❀

Эй турк, дигар хира ғами рӯза надорӣ,
К-аз кӯҳ бурун омад он иди ҳисорӣ.
Гар як маҳ пайваста ба душворӣ будӣ,
Як сол дамодам ба хушӣ ид гузорӣ.
Моно, алами ид аст он маҳ, ки ту дидӣ,
К-ӯ буд бад-он хубиву андӯҳгусорӣ.
Он моҳ надонӣ, ки туро дӯш чӣ гуфтаст?
Гуфтаст, ки, эй моҳ, чаро бода наёрӣ?
Маҳ гуфту накӯ гуфт: ман аз ту написандам,
Гар ту сухани моҳ накӯ гӯш надорӣ.
З-ин пеш ҳаме рӯза шумурдӣ, гаҳи он бад,
Гоҳ аст, ки акнун қадаҳи бода шуморӣ.
Бархезу фароз ою қадаҳ пур куну пеш ор
З-он бода, ки тобанда шавад з-ӯ шаби торӣ…

❁ ❁ ❁

Хушо, ошиқӣ, хоса вақти ҷавонӣ,
Хушо, бо паричеҳрагон зиндагонӣ,
Хушо, бо рафиқони якдил нишастан,
Ба ҳам нӯш кардан майи арғавонӣ.
Ба вақти ҷавонӣ бикун айш, зеро
Ки ҳангоми пирӣ бувад нотавонӣ.
Ҷавониву аз ишқ парҳез кардан
Чӣ бошад, надонӣ. ба ҷуз ҷонгаронӣ.
Ҷавоне, ки пайваста ошиқ набошад,
Дареғ аст аз ӯ рӯзгори ҷавонӣ.
Дари шодмонӣ бувад ишқи хубон,
Бибояд кушодан дари шодмонӣ…

❁ ❁ ❁

Дили ман ҳамедод гуфтӣ гувойӣ,
Ки бошад маро рӯзе аз ту ҷудойӣ.
Бале, ҳар чӣ хоҳад расидан ба мардум,
Бар он дил диҳад ҳар замоне гувойӣ.
Ман ин рӯзро доштам чашму з-ин ғам
Набудаст бо рӯзи ман рӯшнойӣ.
Ҷудойӣ гумон бурда будам, валекин
На чандон, ки як сӯ ниҳӣ ошноӣ.
Ба ҷурми чӣ рондӣ маро аз дари худ?
Гуноҳам набудаст ҷуз бегунойӣ.
Бад-ин зудӣ аз ман чаро сер гаштӣ,
Нигоро, бад-ин зудсерӣ чаройӣ?
Кӣ донист, к-аз ту маро дид бояд
Ба чандон вафо ин ҳама бевафойӣ.
Супурдам ба ту дил, надониста будам,
Бад-ин гуна моил ба ҷавру ҷафойӣ.
Дареғо, дареғо, ки огаҳ набудам,
Ки ту бевафо дар ҷафо то куҷойӣ.
Ҳама душманӣ аз ту дидам, валекин
Нагӯям, ки ту дӯстиро нашойӣ.
Нигоро, ман аз озмоиш беҳ оям,
Маро бош, то беш аз ин озмойӣ.
Маро хор дориву беқадр хоҳӣ.
Нигар, то бад-ин хӯ, ки ҳастӣ, напойӣ…

❁❁❁

То дили ман зи дасти ман бистадӣ,
Сар ба сар, эй нигор, дигар шудӣ.
Чораву роҳи хеш гум кардаам,
То ту маро ба роҳ пеш омадӣ.
Ман зи ҳама ҷаҳон диле доштам,
Омадиву зи дасти ман бистадӣ.
Дил ба ту додаму дилат настадам,
Мардум дидӣ ту бад-ин бебудӣ.
Гӯйӣ бедиливу бо ман дудил,
Лоҷарам, эй санам, ба коми худӣ…

❁ ❁ ❁

Занахдоне чун симу бар ӯ аз шаба холе
Дилам бурду маро кард зи андеша хаёлӣ.
Надонистам ҳаргиз, ки ба осониву зудӣ
Дили чун мане аз раҳ битавон бурд ба холе.
Дилам хол набурдаст, маҳе бурда, ки бо вай
Маҳе бо сипаре гирд ба монанди ҳилоле.
Замоне, ки бе он гирди занах бошам, моҳест,
Шабе, к-аз бари он хол ҷудо монам, соле.
Чу биншаст, чунон аст, ки аз насрин талле,
Чу бархост, чунон аст, ки аз сарв ниҳоле.
Куҷо чеҳраи ӯ бувад, чӣ боғею чӣ даште,
Куҷо қомати ӯ бувад, чӣ сарвеву чӣ ноле.
Даҳонаш ба гаҳи он ки ҳамехандад густох,
Чунон аст, ки олуда  ба май гашт сафоле.
Ба ҳар бӯса, к-аз ӯ хоҳам, нозеву итобе,
Ба ҳар  бода, к-аз ӯ хоҳам,  ғунчеву далоле….

❁ ❁ ❁

Чун мӯй миён дорӣ, чун кӯҳ камар дорӣ,
Чун мушк зиреҳ дорӣ, чун лола сипар дорӣ.
Гӯйӣ, ки туро дорам, бардор, бибар, лекин
Гуфтори дигар дорӣ, кирдори дигар дорӣ.
Дил дар кафи ту додам, ноёфта бар з-он лаб,
З-он дил, ки туро додам, ҷоно, чӣ хабар дорӣ?
Ҷон низ ба ту бахшам, ҷонро чӣ хатар бошад,
Не, не, ки чу дил дорӣ, бисёр батар дорӣ.
Ҷаври ту яке бошад, доди ту нигар чандин,
Бо дод чӣ кин дорӣ, бо ҷавр чӣ сар дорӣ?..

## ТАРҶЕЪБАНДҲО

Зи боғ, эй боғбон, моро ҳаме бӯйи баҳор ояд,
Калиди  боғ моро деҳ, ки фардомон ба кор ояд.
Калиди  боғро фардо ҳазорон хостор ояд,
Ту лахте сабр кун,  чандон ки  қумрӣ бар чанор ояд.
Чу андар боғи ту булбул ба дидори баҳор ояд,
Туро меҳмони нохонда ба рӯзе сад ҳазор ояд.
Кунун гар гулбунеро панҷ-шаш гул дар шумор ояд,
Чунон донӣ, ки ҳар касро ҳаме рӯ бӯйи ёр ояд.
Баҳор имсол пиндорӣ ҳаме хуштар  зи пор ояд,
Аз ин хуштар шавад фардо, ки хусрав аз шикор ояд.
Бад-ин  шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Кунун дар зери ҳар гулбун қанина дар намоз ояд,
Набинад кас, ки аз ханда даҳони гул фароз ояд.
Зи ҳар боде, ки бархезад, гуле бо май ба роз ояд,
Ба чашми ошиқ аз май то  то ба май  умре дароз ояд.
Ба гӯш овози ҳар мурғе латифу табъсоз ояд,
Ба дасти май зи шодӣ ҳар замон моро ҷавор ояд.
Ҳаво хуш гардаду  бар кӯҳ барф андар гудоз ояд,
Аламҳои баҳорӣ аз нишебе бар фароз ояд.
Кунун моро  бад-он маъшуқи симинбар ниёз ояд,
Ба шодӣ умр бигзорем, агар маъшуқ боз ояд.
Бад-ин  шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Замин аз хуррамӣ, гӯйӣ, кушода осмонастӣ,
Кушода  осмон, гӯйӣ, шукуфта бӯстонастӣ,
Ба саҳро лола, пиндорӣ, зи беҷода даҳонастӣ,
Дарахти сабзро, гӯйӣ, ҳазорово забонастӣ.
Ба шаб  дар боғ, гӯйӣ, гул чароғи боғбонастӣ,
Ситоки настаран, гӯйӣ, бути лоғармиёнастӣ.

Дарахти себро, гӯйӣ, зи дебо тайласонастӣ,
Ҷаҳон, гӯйӣ, ҳама пурвашшиву пур парниёнастӣ.
Маро дил гар на андар дасти он номеҳрубонастӣ,
Ба ду дастам ба шодӣ бар майи чун арғавонастӣ.
Бад-ин шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Дило, боз ой, то бо ту ғами дерина бигсорам,
Ҳадисе аз ту бинюшам, насибе аз ту бардорам.
Дило, гар ман ба осонӣ туро рӯзе ба чанг орам,
Чу ҷон дорам туро, зеро ки бе ту хораму зорам.
Дило, то ту зи ман дурӣ, на дар хобам, на бедорам,
Нишони бедилӣ пайдост аз гуфтору кирдорам.
Дило, то ту зи ман дурӣ, надонам бар чӣ кирдорам,
Маро бинӣ, чунон бинӣ, ки ман яксола беморам.
Дило, бо ту вафо кардам, к-аз ин бешат наёзорам,
Биё, то ин баҳоронро ба шодӣ бо ту бигзорам.
Бад-ин шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Чӣ кард он сангдил бо ту, ба сахтӣ сабр чун кардӣ?
Чаро якборагӣ худро чунин хору забун кардӣ?
Чунин хӯ доштӣ ҳамвора ё ин хӯ кунун кардӣ ?
Ду баҳр аз хештан бигдохтӣ, як баҳр хун кардӣ.
Намудӣ хор худрову маро чун худ забун кардӣ,
Туро ҳарчанд гуфтам, ки кам ин савдо, фузун кардӣ.
Нахустам баргаройидиву лахте озмун кардӣ,
Чу гуфтам, ҳар чӣ хоҳӣ кун,фасор аз сар бурун кардӣ.
Бирафтӣ ҷангҷӯеро суйи ман раҳнамун кардӣ,
Чу гул ханданда гашт, эй бут, маро гирянда чун кардӣ.
Бад-ин шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Туро гар ҳамчунин шояд, бигӯй он сарви симинро,
Бигӯй он сарви симинро, бигӯй он моҳу парвинро,
Бигӯй он тӯдаи гулро, бигӯй он шохи насринро,
Бигӯй он фахри хубонро, нигори Чину Мочинро,
Ки дил бурдиву даъво кардаӣ мар ҷони ширинро.,
Кам аз рӯйи кӣ бинмоӣ мани маҳҷури мискинро?
Биё, то шод бигзорем мо бӯстони Ғазнинро,
Макун бар ман табоҳин ҷашни Наврӯзи хушойинро.
Ҳаме бар ту шафеъ орам санои гавҳарогинро,
Санои мири олам Юсуф ибни Носириддинро.
Бад-ин шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Набинӣ боғро , к-аз гул чӣ гуна хубу дилбар шуд?
Набинӣ роғро, к-аз лола чун зебову дарх(в)ар шуд?
Замин аз нақши гуногуни чун дебои Шуштар шуд,
Ҳазор овои маст инак ба шуғли хештан дар шуд.
Тазарви ҷуфтгумкарда кунун бо ҷуфт ҳамбар шуд,
Чаҳон чун хонаи барбат шуду Наврӯз бутгар шуд,
Зи ҳар байғулаву боғе навои мутрибе баршуд,
Дигар бояд шудан моро кунун, к-офоқ дигар шуд.
Бад-ин шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Май андар хум ҳамегӯяд, ки ёқути равон гаштам,
Дарахти арғавон бишкуфту ман чун арғувон гаштам.
Агар з-ин пеш тан будам, кунун покиза ҷон гаштам.
Ба ман шодӣ кунад шодӣ, ки шодиро равон гаштам.
Маро з-ин пеш дидастӣ, нигаҳ кун, то чӣ сон гаштам,
Наям з-он сон, ки ман будам, дигар гаштам, ҷавон гаштам.
Зи хушрангӣ чу гул гаштам, зи хушбӯйӣ чу боғ гаштам.
Зи бими боду барфи дай ба хум- андар ниҳон гаштам.
Баҳор ояд, бурун оям, ки аз вай боамон гаштам.
Равонҳоро тараб гаштам, тарабҳоро равон гаштам.

Бад-ин  шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе.

Май андар гуфтугӯ омад, пас аз гуфтор ҷанг омад,
Хуму хумхона андар чашми ман торику танг омад.
Ба гӯши ман ҳама аз боғ бонги ною чанг омад,
Кас ар май хӯрд бе овози  най, бар сарш санг омад.
Маро боре  ҳама меҳр аз майи беҷодаранг омад,
Зумуррадро равон хоҳам, чу аз рӯйи паранг омад,
Ба хоса, к-аз ҳаво шабгир овози куланг омад,
Зи кохи мир бонги рӯди Бӯнасри паланг омад.
Кунун  ҳар ошиқе, к-ӯро майи равшан ба чанг омад,
Ба тарфи боғ ҳамдам бо нигоре шӯху шанг омад.
Бад-ин  шойистагӣ ҷашне, бад-ин боястагӣ рӯзе
Маликро дар ҷаҳон ҳар рӯз ҷашне боду Наврӯзе…

❂ ❂ ❂

Ҳамегуфтам, ки кай бошад, ки хуррам рӯзгор ояд,
Ҷаҳон аз сар ҷавон гардад, баҳори ғамгусор ояд.
Баҳори ғамгусор ояд, ки ҳар касро ба кор ояд,
Баҳоре, к-андар ӯ ҳар рӯз майро хостор ояд.
Зи ҳар боде, ки бархезад, кунун бӯйи баҳор ояд,
Кунун моро зи боди бомдодӣ бӯйи ёр ояд
Чу рӯйи кӯдакони мо  дарахти гул ба бор ояд,
Нигори  лоларух бо мо ба хуррам лолазор ояд.
Майи мушкин гусорад, то гаҳи бӯсу канор ояд,
Ҳаво хуш гардаду бо табъи хусрав созгор ояд.
Аз ин фархунда  фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Киро май хӯрдан ойин аст, май хӯрдан кунун бояд,
Бипурс аз ман, ки май хӯрдан  дар ин айём чун бояд.
Нахуст андар миён боре майи беҷодагун бояд,
Пас он гаҳ соқии покиза чун симинсутун бояд.

Ду-се рӯде ба як ҷо сохта чун  арғунун бояд,
Суруди мутриби сода тарабро раҳнамун бояд.
Ба ҳар давре, ки май хӯрдӣ, тараб кардан фузун бояд,
Мувофиқдӯстон якдил ҳаме некозмун бояд.
Дил андар шодиву ромиш ба орому сукун бояд,
Зи маҷлис душмани хусрав ба ҳар ҳоле бурун бояд.
Аз ин фархунда  фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Май акнун лаълтар гардад, ки гул рухсор бинмояд,
Ту гӯйӣ, гул ҳаме ҳар рӯз дар май ранг бифзояд.
Май аз гул гуна бистонад, гул аз май ранг бирбояд,
Гулу майро ту пиндорӣ, ки як модар ҳамезояд.
Нигорино,  бад-ин шодӣ маро гар май диҳӣ шояд,
Май акнун деҳ, ки май танро ҳаме чун рӯҳ дарбояд.
Табиби ман гул асту гул маро  ҷуз май нафармояд.
Дили зоҳид, ки мебинад ба май ҳаққо, ки бигрояд.
Гул онак  вақти он омад, ки чашм аз хоб бикшояд,
Чу рӯйи хубрӯён маҷлиси  хусрав биорояд.
Аз ин фархунда  фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Нигоро, бӯстон акнун надонӣ, к-аз чӣ сон бошад,
Кушода осмон дидастӣ андар шаб ? Чунон бошад.
Аз ин сӯ настаран бошад, аз он сӯ арғавон бошад,
Биҳиште  дар миён бошад, баҳоре  бар карон бошад,
Дарахтонро ҳама пӯшиш паранду парниён бошад,
Ҳавои бӯстон ҳамчун ҳавои дӯстон бошад.
Биё, дар бӯстон чунон ки расми бостон бошад,
Ту сарвиву  гуливу сарву гул дар бӯстон  бошад.
Гулӣ, лекин зи ту то сурхгул чандон миён бошад.
Ки аз қадри  баланди шоҳ то ҳафт осмон бошад.
Аз ин фархунда  фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Нигоро, чанд раҳ гуфтӣ, ки чун вақти баҳор ояд,
Туро бо ман гаҳи май хӯрдану бӯсу канор ояд,
Баҳор омад, ҳамегӯйӣ бар ӯ то гул ба бор ояд,
Ҳаме навмедиям з-ин ваъдаи навмедвор ояд.
Туро з-ин ваъда андар дил ба рӯзе сад ҳазор ояд,
Маро, оре, бад-ин гуфторат, эй ҷон, устувор ояд.
Чу чизе аз ту бишнидам, дил онро хостор ояд,
Гар андар дил надорӣ, бод паймудан чӣ кор ояд?
Туро тарсам, ки бӯси ман ҳаме бар чашм хор ояд,
Надонӣ, к-аз лабам бӯйи бисоти шаҳрёр ояд.
Аз ин фархунда фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Дило, ёри дигар ҷустӣ, бад-ин кор аз ту хушнудам,
Ту аз зорӣ биёсудӣ, ман аз хорӣ биёсудам.
Тан андар меҳри он, к-аз ман наяндешад, бифарсудам,
Равон андар ҳавову меҳри бадмеҳрӣ биёлудам.
На рӯзе рост биншастам, на як шаб шод биғнудам,
На бар уммеди он, к-охир магар з-ин кор барсудам.
Нигоре бар кафам додӣ, ки чун овош бишнудам,
Бар он кас, к-ин нигор аз каффи ӯ гум шуд, бибахшудам.
Бад-ин хубӣ, ки ту кардӣ, туро бисёр бистудам,
Маҳаллу ҷоҳи ту, эй дил, бари хусрав бияфзудам.
Аз ин фархунда фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Баҳор омад, ману ҳар рӯз нав боғеву нав ҷойе,
Ба гаштан ҳар замон азме, ба будан ҳар замон ройе.
Қадаҳ пурбодаи рангин ба дасти бодапаймойе,
Чу мурғ аз гул ба гул ҳар соате дигар тамошойе.
Нигоре бо ману рӯйе, на рӯйе, балки дебойе,
Аз ин хушшӣ, аз ин кашшӣ, аз ин дар кор зебойе.

Хирадманде, ки аз роям хабар дорад ба имойе,
Ғазалгӯйе, ки мурғонро ба бонг орад ба овойе.
Ману чангеву он дилбар, ки ӯро нест ҳамтойе,
Зи ман карда мадеҳи шоҳро ҳазмон тақозойе.
Аз ин фархунда фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ…

❁ ❁ ❁

Моҳи фарвардин ҷаҳонро аз дари дидор кард,
Абри фарвардин заминро пурбути Фархор кард.
Бод, гӯйӣ, нофаҳои Таббатистон бардарид,
Боғ, гӯйӣ, корвони Шуштар овор кард.
Гулбуни сурх остини сидра пурёқут кард,
Гулбуни зард остини курта бар динор кард.
Ин баҳори хуррами шодифизои мушкбӯй
Хокро баззоз карду бодро аттор кард.
То зи чашми наргиси тоза бунафша дур шуд,
Ғунчаи гул бо шукуфай арғувон дидор кард.
Чашми нилуфар чу чашми мондагон дар хоб шуд,
То нами найсон ду чашми лоларо бедор кард.
Зандвофи зандхон чун ошиқи ҳаҷрозмой
Дӯш бар гулбун ҳаме то рӯз нолай зор кард.
Аз навои мурғ, гӯйӣ хоҷаи саййид ба боғ
Мутрибе панҷоҳро чун хусраве бар кор кард…
Хоҷа Ҳаҷҷоҷ, он ки аз ҷамъи бузургони ҷаҳон
Эзид ӯро баргузиду бар ҷаҳон солор кард,
Ҷовидона хоҷаи ҳар хоҷае Ҳаҷҷоҷ бод,

Бартарин меҳтар ба кеҳтар кеҳтараш мӯҳтоҷ бод!
Ид ҳамчун ҳоҷиён Наврӯзро пеш- андар аст,
Ин-т наврӯзӣ, ки идаш ҳоҷибу хидматгар аст.
Ид агар Наврӯзро хидмат кунад, бас кор нест,

Чокари  Наврӯзро чун ид сесад чокар аст.
Идро зинат зи молу мулки дарвешон бувад,
Зинати Наврӯз ҳам боре ба Наврӯз- андар аст.
Бар замин ӯро ба ҳар гоме ҳазорон сурат аст,
Бар дарахт ӯро ба ҳар барге ҳазорон гавҳар аст.
Теғҳои  кӯҳ аз ӯ пурлолаву пурсавсан аст,
Марзҳои боғ аз ӯ пурсунбулу сесанбар аст.
Пораҳои санг аз ӯ чун тахтаҳои буссад аст,
Таллҳои рег аз ӯ чун тӯдаҳои анбар аст.
Кӯҳ аз ӯ пурсурат асту дашт аз аз ӯ пурлӯъбат аст,
Боғ аз ӯ пурзинат асту роғ аз ӯ пурзевар аст.
Бӯстони  хоҷаро монад, намонад, к-аз қиёс
Бӯстони хоҷаи сайид биҳишти дигар аст…
Ҷовидона хоҷаи ҳар хоҷае Ҳаҷҷоҷ бод,
Бартарин меҳтар ба кеҳтар кеҳтараш мӯҳтоҷ бод!

Дашт, гӯйӣ, густарида ҳуллаи дебостӣ,
Кӯҳ, гӯйӣ, тӯдаи беҷодаву миностӣ.
Киштзор аз сабза, гӯйӣ, осмонастӣ дуруст
В-осмони содаро, гӯйӣ, кунун саҳростӣ.
Арғавони лаъл , гӯйӣ, давлати маъшуқи мост,
Лолаи худрӯй, гӯйӣ, рӯйи турки мостӣ.
Гулбун андар боғ, гӯйӣ,  кӯдаке некӯстӣ,
Савсан андар  роғ, гӯйӣ, соқийи зебостӣ.
Аз дарахти себу бодоми шукуфта бӯстон
Рост пиндорӣ, ки фирдавсе пур аз ҳуростӣ.
Абр, гӯйӣ, киштии пургавҳар астӣ дар ҳаво,
Раъд, гӯйӣ, нолаву ғурридани дарёстӣ.
Қатраи борон чакида  дар даҳони сурхгул,
Дар ақиқин ҷом, гӯйӣ, луълуи байзостӣ.
Андарин Наврӯзи хуррам бар гули сурӣ ба боғ
Ёди хоҷа хӯрдаме май, гар маро ёростӣ…
Ҷовидона хоҷаи ҳар хоҷае Ҳаҷҷоҷ бод,
Бартарин меҳтар ба кеҳтар кеҳтараш муҳтоҷ бод!

## АЗ ҒАЗАЛҲО ВА ҚИТЪАҲО

❁ ❁ ❁

Ба ҳаққи он ки маро ҳеч кас ба ҷойи ту нест,
Ҷафо макун, ки маро тоқати ҷафойи ту нест.
Ҷафо чӣ бояд кардан бар он ки дар тани ӯ
Равони ширин ширинтар аз ҳавойи ту нест.
Бунафшамӯё, як мӯй нест бар тани ман,
Ки ҳамчу барда дили ман ҳавонамойи ту нест.
Ба ҷони туву ба меҳри туву ба сӯҳбати ту,
Ки дида барканам, ар дида дар ризойи ту нест.
Туро хуш асту туро ҳар касе ба ҷойи ман аст,
Маро батар, ки маро ҳеч кас ба ҷойи ту нест.

❁ ❁ ❁

Сиёҳчашмо! Меҳри ту ғамгусори ман аст,
Ба  рӯзгори хазон рӯйи ту баҳори ман аст.
Дилам шикори сияҳчашмакони тусту равост,
Аз он ки ду лаби ширини ту шикори ман аст.
Ба меҳри ту  дили ман вомдори сӯҳбати туст,
Лаби ту боз ба се бӯса вомдори ман аст.
Ҷафо  намудани беҷурм  кори туст мудом,
Вафо  намудану андешаи ту канори ман аст.
Агар ту моҳӣ, гардуни ту саройи ман аст,
Агар ту сарвӣ, бӯстони ту кори ман аст.

* * *

Чӣ кунам дил, ки ҳама дарду ғами ман зи дил аст,
Дил, ки хоҳад бибарад, гӯ, бибар аз ман, биҳил аст.
Сол то сол гирифтори дили мустаҳилам,
Войи он кас, ки гирифтори дили мустаҳил аст.
Гоҳ дар чоҳи занахдони нигори Хутан аст,
Гоҳ дар ҳалқаи зулфайни нигори Чигил аст.
Нест огоҳ, ки чоҳи занаху ҳалқаи зулф
Дилбару дилшикану дилшикару дилгусил аст.
Дил ҳамегӯяд ҷаври ту зи чашми ту равост,
Ки зи чашми туву з-ашкаш ҳама ин шаҳр гил аст.

❁ ❁ ❁

Тараб кунам, ки маро ҷойи шодиву тараб аст,
Маро бад-ин тараб,эй саййидӣ, ду-се сабаб аст.
Яке, ки кӯдаки ман бо ман аст бода ба даст,
Дигар, ки  мутриби моро нишот бо тараб аст.
Се дигар он ки  шаб асту ҳасудам огаҳ нест,
Зи дил ғуломи шабам в-ар чи рӯз беҳ зи шаб аст.
Шароб ҳасту тараб ҳасту рӯйи неку ҳаст,
Бад-ин се чиз ҷаҳон  ҷойи ишрату лаъаб аст.
Шароби мо зи ду чашмон ба рӯйи зард чакид,
Рухони дӯст ҳаме лолагун кунад, аҷаб аст.

❁ ❁ ❁

Боз, ё раб, чунам аз ҳиҷрони дӯст,
Боз чун гумгаштаам ҷӯёни дӯст.
То ҳамехоям лабу дандони хеш
З-орзуи он лабу дандони дӯст.
Дидагонам абри дурафшон шудаст
З-орзуи лутфи дурафшони дӯст.
Ман нахусбам бе хаёли рӯйи ёр,
Ман нахандам бе лаби хандони дӯст.
Ман ба ҷон бо дӯст паймон кардаам,
Нашканам, то ҷон бувад, паймони дӯст.
Ман чунинам, ёр гӯйӣ чун бувад,
Они худ донам, надонам они дӯст.

❁ ❁ ❁

Маро гар чу ман дӯстдоре набояд,
Маро низ ҳамчун туе кам наёяд.
Ҷудойӣ ҳамечӯйӣ аз ман, валекин
Туро гар бишояд, маро менашояд.
Чаро меҳрубонӣ намоям касеро,
Ки пайваста номеҳрубонӣ намояд.
Чаро дил ниҳам бар дили ҷангҷӯйе,
Ки дил з-ӯ ҳама дарда ранҷ озмояд.
Дил онро диҳам, к-ӯ ба дил додани ман
Барафрӯзаду шодмонӣ физояд.
Чу дил додам, он гаҳ сӯйи дил гароям,
Тан он ҷо гарояд, куҷо дил гарояд.
Дилам нозуку меҳрубон аст в-ар не
Дар ин кор гуфтор чандин чӣ бояд?!

❁ ❁ ❁

Ҳамеравию ман  аз рафтани  ту нохушнуд,
Нигар ба рӯйи мано, то маро кунӣ падруд.
Марав, ки гар биравӣ, боз ҷони ман биравад,
Ман аз ту нохушнуду Худой нохушнуд.
Маро  зи рафтани ту в-аз ниҳеби фурқати ту
Ду чашм чашмаи хун гашту ҷома хунолуд.
Магар фироқи туро пеша заргарӣ будаст,
Ки кард ду рухи ман зардфому зарандуд.
Ту рафтиву зи паси рафтани ту аз ғами ту
Худой донад, то ман чӣ гуна хоҳам буд.

✽ ✽ ✽

Сари зулфи ту на мушк асту ба мушки ноб монад,
Рухи равшани ту, эй дӯст, ба офтоб монад.
Ҳама шаб зи ғам нахусбам, ки нахусбад он чи ошиқ,
Манам он касе, ки бедории ман ба хоб монад.
Зи фироқи рӯю мӯйи ту зи дида хун чаконам,
Аҷаб аст сахт хуне, ки ба равшан об монад.
Сари зулфро матобон, сари зулфро чӣ тобӣ,
Ки дар он ду зулф нотофтагӣ ба тоб монад.
Ту ба офтоб мониву зи ишқи рӯйи хубат
Рухи ошиқи ту, эй дӯст, ба моҳтоб монад.

❁ ❁ ❁

Хостам аз лаъли ӯ ду бӯсаву гуфтам:
«Тарбияте кун ба оби лутф хасеро».
Гуфт: «Яке бас бувад ва гар ду ситонӣ,
Фитна шавад, озмудаем басеро.
Умри дубораст бӯсаи ману ҳаргиз
Умри дубора надодаанд касеро.»

❁ ❁ ❁

Ҳама наъими Самарқанд сарбасар дидам,
Назора кардам дар боғу роғу водиву дашт.
Чу буд кисаву ҷайби ман аз дирам холӣ,
Дилам зи саҳни амал фарши хуррамӣ бинвашт.
Басе зи аҳли ҳунар борҳо ба ҳар шаҳре
Шунида будам, кавсар якеву ҷаннат ҳашт.
Ҳазор ҷаннат дидам, ҳазор кавсар беш,
Вале чӣ суд, ки лабташна бозхоҳам кашт.
Чу дида неъмат бинад, ба каф дирам набувад,
Сари борида бувад дар миёни заррин тašт.

* * *

Навбаҳор омаду бишкуфт ба якбор ҷаҳон,
Бар сар афканд замин, ҳар чӣ гуҳар дошт ниҳон.
То зи хоби хуш бикшод гули сурӣ чашм,
Лолаи сурх бибандад ҳаме аз ханда даҳон.
Парниёнҳову паранд аст кашида ҳама боғ,
Ошиқон гоҳ бар ин соя давон, гоҳ бар он.
Андар он ҳафта, ки бигзашт, ҷаҳон пир намуд
В-андар ин ҳафта ҷавон аст карон то ба карон.
Ман шунидам, ки ба айём ҷавон пир шавад,
Нашунидам, ки ба як ҳафта шавад пир ҷавон.
Ман нагӯям, ки майи сурх ҳалол асту мубоҳ,
Гар бувад, варна ман ин лафз наёрам ба забон.
Гӯям: «Ар ҳаргиз хоҳӣ хӯрӣ, имрӯз бихӯр,
Ки дигар бора бад-ин рӯз расидан натавон.»
Хез, то бар гули нав кӯзагаке бода хӯрем,
Пеш то аз гили мо кӯза кунад дасти замон.

* * *

Эй ҷаҳоне зи ту ба озодӣ,
Бар ман аз ту чарост бедодӣ?
Дили ман додиву набуд маро
Аз дили бевафои ту шодӣ.
Дилдеҳон дил ба дӯстӣ доданд,
Ту маро  дил ба душманӣ додӣ.
Қасд кардӣ ба дил рабудани ман,
Бар ҳалоки дилам баристодӣ.
То дилам настадӣ, наёсудӣ,
Чун тавон кард аз ту озодӣ.
Дил бубурдиву ҷон шуд аз паси дил,
Эй тан, андар чӣ меҳнат афтодӣ?
Бар дили дӯстон фаромӯштӣ,
Бар дили  душманон ҳама ёдӣ.

❂ ❂ ❂

Эй ошиқони гетӣ, ёрӣ диҳед, ёрӣ,
К-он сангдил диламро хорӣ намуд, хорӣ.
Чун дӯстони якдил дар пеши ӯ ниҳодам,
Бистад ба дӯстӣ дил, нанмуд дӯстдорӣ.
Гуфтам, ки дил ситонам, ногоҳ дил супурдам,
Бар тамъи дилситонӣ мондам ба дилсупорӣ.
Гӯяд ҳаме чӣ нолӣ, ёре чу ман надорӣ,
Ёрест ин ки надҳад рӯзе ба бӯса ёрӣ.
Душман ҳаме зи душман як рӯз дод ёбад,
Ман з-ӯ ҳаме наёбам чӣ к-нам, магар, ки зорӣ.
Ҷуз сабру бурдборӣ бар вай ҳаме набинам,
Чун ошиқам, чӣ чора ҷуз сабру бурдборӣ?!

❂ ❂ ❂

Лутфе агар кунӣ ба нигоҳе, чӣ мешавад?
Хушнуд агар шавам зи ту гоҳе, чӣ мешавад?
Сероб агар шавад зи ту, эй абри марҳамат,
Дар хушксоли ҳаҷр гиёҳе, чӣ мешавад?

## РУБОИЁТ

Бигристам зор пеши он кому ҳаво,
Гуфто: «Магрӣ.» Панд ҳамедод маро.
Пиндошт магар, к-об намонад фардо,
Натвон кардан тиҳӣ ба соғар дарё.

❂ ❂ ❂

Пайваста ҳаме ҷафо намойӣ ту маро,
Аз бар дорӣ магар ту девони ҷафо.
Огоҳӣ нест аз вафо ҳеч туро,
Эй ҷони падар, на шири мурғ аст вафо.

❂ ❂ ❂

Гуфтам: «Рухи ту баҳори хандони ман аст» ,
Гуфт: «Они ту низ боғу бӯстони ман аст» .
Гуфтам: «Лаби шаккарини ту они ман аст» ,
Гуфт: «Аз ту дареғ нест, гар ҷони ман аст» .

❂ ❂ ❂

Он мушки сияҳ, ки бо суман пайвастаст,
Аз дидани ӯ дили ҷаҳоне хастаст,
Ё раб, занах аст ҳам бар он сон рустаст,
Ё ӯ ба такаллуфи фаровон бастаст.

❂ ❂ ❂

Донам, ки дилам ба меҳри ту хурсанд аст,
Андозаи меҳри ту надонам чанд аст.
Рухсори ту  дилкушову лаб дилбанд аст,
Гуфтори хуши ту рӯҳро пайванд аст.

❂ ❂ ❂

Ғам дидам аз он кас, ки маро мебояд,
Бибридам аз ӯ, то дили ман бикшояд.
Нодидани ӯ маро ҳаме бигзояд,
Гургоштие кунам, чӣ то пас ояд.

❂ ❂ ❂

Пайваста маро  ҳаменамойӣ бедод
В-он гоҳ зи ман чашм ҳамедорӣ дод.
Ту пиндорӣ, ки бо ту ман  бошам  шод,
З-ин  дастхушии манат кӣ огоҳӣ дод?

❂ ❂ ❂

Аз зулфи ту бӯйи анбару бон ояд,
З-он тангдаҳон  ҳазор чандон ояд.
Зулфи ту ҳаме сӯйи даҳон з-он ояд,
Харбанда ба хонаи шутурбон ояд.

❂ ❂ ❂

Гуфтам, ки маро зи ғам ба се бӯса бихар,
Дил тофта гаштиву гарон кардӣ сар.
Аз баҳри се бӯса, эй бути бӯсашумар,
Чун гов ба чармгар ба ман дарманигар.

❂ ❂ ❂

Гӯянд гирифт ёри ту ёри дигар,
Аз рашк ҳамегӯянд, эй ҷони падар.
Ҷоно, ту ба гуфтугӯйи эшон манигар,
Хар дарфиканад, чу ғарқа шуд, полонгар.

❂ ❂ ❂

Гуфтам, ки биё, ваъдаи дӯшина биёр,
Варна бихурӯшам аз ту акнун чу ҳазор.
Гуфто: «Диҳам, эй ҳама ҷафо, нак, зинҳор!
Овоз мадеҳ, ки гӯш дорад девор».

❂ ❂ ❂

Эй гулбуни раврасида дар боғи баҳор,
Гулҳои туро зи бим хори бисёр.
З-ин кор, ки бо ту кардам, андеша мадор,
Эман кардам гули туро аз ғами хор.

❁ ❁ ❁

Сад бор зи ман шунида будӣ каму беш,
К-Эзид ҳамаро ҳар чӣ кунанд, орад пеш.
Дар кардаи хеш мондаӣ, эй дарвеш,
Чаҳ чун кандӣ фузун зи андозаи хеш.

❁ ❁ ❁

Ёре будӣ сахт баойину басанг,
Ҳамсояи ту баҳонаҷӯю дилтанг.
Ин хӯ ту аз ӯ гирифтаӣ, эй сарҳанг,
Ангур зи ангур ҳамегирад ранг.

❁ ❁ ❁

Он рӯз чӣ буд, ки бо қазо ёр шудам,
Дидори туро ба ҷон харидор шудам.
Он рӯз ба бозӣ ба сари кор шудам,
То лоҷарам имрӯз гирифтор шудам.

❁ ❁ ❁

То дар талаби дӯст ҳамебиштобам,
Умрам ба карон расиду ман дар хобам.
Гирам, ки висоли дӯст дархоҳам ёфт,
Ин умри гузаштаро куҷо дарёбам?

❁ ❁ ❁

Гӯянд, ки маъшуқи ту зишт асту сиёҳ,
Гар зишту сиёҳ аст, маро нест гуноҳ.
Ман ошиқаму дилам бар ӯ гашта табоҳ,
Ошиқ набувад зи айби маъшуқ огоҳ.

❁ ❁ ❁

Эй дӯст, ба як сухан зи ман бигрезӣ,
Хӯйи ту набуд ба ҳар ҳадисе тезӣ.
Бад гаштӣ, аз он ки бо бадон омезӣ,
Бо дег биманшин, ки сияҳ бархезӣ.

❁ ❁ ❁

Эй дӯст, маро дид ҳаме натвонӣ,
Беҳуда чаро рӯй зи ман гардонӣ?
Бе ҷурму ҷнояте, ки аз ман донӣ
Чун пирхар аз неш зи ман тарсонӣ.

❁ ❁ ❁

Аз баҳри Худой, агар туйӣ сарви сарой,
Якбора зи ман бозмагир, эй бут, пой.
Дидор азиз кардӣ, эй бори Худой,
Симурғ наӣ, рӯй раҳиро бинамой.

# МАНУЧЕҲРИИ ДОМҒОНӢ

## АЗ ТАҒАЗЗУЛОТ

❁ ❁ ❁

Ҳамерезад миёни боғ лӯълӯъҳо ба занбарҳо,
Ҳамесӯзад миёни роғ анбарҳо ба миҷмарҳо,
Зи қаркӯбӣ ба саҳроҳо фурӯ афканда болишҳо,
Зи бӯқалмун ба водиҳо фурӯ густарда бистарҳо,
Зада ёқути руммонӣ ба саҳроҳо ба хирманҳо,
Фишонда мушки хархезӣ ба бустонҳо ба занбарҳо,
Ба зери парри қуш-андар ҳама чун чарх дебоҳо,
Ба парри кабк-бар хатте сияҳ чун хатти миҳбарҳо.
Чу чанбарҳои ёқутин ба рӯзи бод гулбунҳо,
Ҷаҳанда булбулу сулсул чу бозигар ба чанбарҳо.
Ҳама кӯҳсор пурзулфини маъшуқону пурдида,
Ҳама зулфин зи сунбулҳо, ҳама дида зи абҳарҳо.
Шукуфта лолаи нӯъмон ба сони хубрухсорон,
Ба мушк-андар зада дилҳо, ба хун-андар зада сарҳо.
Чу ҳуронанд наргисҳо, ҳама симин табақ бар сар,
Ниҳода бар табақҳо-бар зи зарри сов соғарҳо.
Шақоиқҳои ишқангез пешопеши товусон
Ба сони қатраҳои қир борида ба ахгарҳо.
Рухи гулнор чунон чун шикан бар рӯи бутрӯён,
Гули дурӯя чунон чун қамарҳо даври пайкарҳо.
Дабиронанд, пиндорӣ, ба боғ-андар дарахтонро
Варақҳо пур зи суратҳо, қаламҳо пур зи зеварҳо.
Ба сони фолгӯёнанд мурғон бар дарахтон бар—
Ниҳода пеши хеш-андар пур аз тасвир дафтарҳо.
Арӯсонанд, пиндорӣ, ба гирди марз пӯшида
Ҳама кафҳо ба соғарҳо, ҳама сарҳо ба афсарҳо.
Фурӯғи барқҳо гӯйӣ, зи абри тираву торе,
Ки бикшоянд акҳалҳои ҷаммозон ба ништарҳо.
Замин меҳроби Довуд аст азбас сабз, пиндорӣ,
Кушода мурғакон бар боғ чун Довуд ҳанҷарҳо.
Баҳоре бас бадеъ аст, ин гараш бо мо бақо будӣ,
Валекин мундарис гардад ба обонҳову озарҳо.
Ҷамоли хоҷаро бинам баҳори хурраму шодӣ,
Ки бифзояд ба обонҳову нагзояд-ш сарсарҳо...

❁❁❁

Навбаҳор омаду овард гули ёсумано,
Боғ ҳамчун Тибиту роғ ба сони Адано.
Бӯстон, гӯйӣ, ҳамчун бути Фархор шудаст,
Мурғакон чун шамону гулбунакон чун васано.
Бар кафи пои шаман бӯса бидода васанаш,
Кай васан бӯса диҳад бар кафи пои шамано?
Кабк ноқусзану шорак сантурзан аст,
Фохта нойзану бат шуда танбӯрзано.
Пардаи Рост занад ножу бар шохи чанор,
Пардаи Бода занад қумрӣ бар норвано.
Кабк пӯшида ба тан пираҳани хаззи кабуд,
Карда бо қир мусалсал ду бари пираҳано.
Пӯчак пайки нома зада андар сари хеш,
Нома гаҳ боз кунад, гаҳ шиканад бар шикано.
Фохта рост ба кирдори яке лаъбгар аст,
Дарфиканда ба гулӯ ҳалқаи мушкин расано.
Аз фурӯғи гул агар Аҳриман ояд ба чаман,
Аз парӣ боз надонӣ ду рухи Аҳримано.
Наргиси тоза чу чоҳи зақане шуд ба масал,
Гар бувад чоҳ зи динору зи нуқра зақано,
Чунки зирринқадаҳе дар кафи симинсанаме,
Ё дурахшанда чароге ба миёни парано.
В-он гули нор ба кирдори кафе шабрами сурх
Баста андар тани ӯ лахте мушки Хутано.
Сумани сурх ба сони ду лаби тӯтии нар,
Ки забонаш бувад аз зарру зада дар даҳано.
Арғувон бар тарафи шох ту, пиндорӣ, рост
Мурғаконанд акиқе зада бар бобзано.
Лола чун Миррих-андар шуда лахте ба кусуф,
Гули дурӯй чу бар моҳ Суҳайли Ямано.

Чун давоте бусадин аст хуросонивор,
Боз карда сари ӯ лола ба тарфи чамано.
Савби уннобӣ гашта салаби қавси қузаҳ,
Сундуси румӣ гашта салаби ёсумано.
Соли имсолин Наврӯз тарабноктар аст,
Пору перор ҳамедидам андӯҳгино.
Ин тарабнокиву чолокии ӯ ҳаст кунун
Аз мувофиқ шудани давлат бо Булҳасано...

❁❁❁

Чу аз зулфи шаб боз шуд тобҳо,
Фурӯ мурд қандили меҳробҳо.
Сапедадам аз бими сармои сахт
Бипӯшида бар кӯҳ санҷобҳо.
Ба майхорагон соқӣ овоз дод,
Фиканда ба зулф-андарун тобҳо.
Ба бонги нахустин аз ин хоби хуш
Биҷастем мо ҳамчу табтобҳо.
Асири ҷавона ҳанӯз аз қадаҳ
Ҳамезад ба таъҷил партобҳо.
Аз овози мо хуфта ҳамсоягон
Беором гаштанд дар хобҳо.
Барафтод бар тарфи девори ман
Зи бигмозҳо нури маҳтобҳо.
Мунаҷҷим ба бом омад аз нури май,
Гирифт иртифои сутурлобҳо.
Ба зеру бами шеъри Аъшову Қайс
Зананда ҳамезад ба мизробҳо...

❁ ❁ ❁

Ба навбаҳорон ғаввос гашт мурғи ҳаво,
Ҳамебарорад носуфта лӯълӯ аз дарё.
На ҳукми ӯ ба таҳаввур, на адли ӯ ба нифоқ,
На ҳилми ӯ ба такаллуф, на ҷуди ӯ ба риё.
Замин зи гиряи абр аст чун биҳишти наим,
Ҳаво зи хандаи барқ аст чун куҳи Сино.
Яке бигиряд бар беҳуда чу мардуми маст,
Яке бихандад хира чу мардуми шайдо.
Синони туст қадар, гар муҷассам аст қадар,
Ҳусоми туст қазо, гар мусаввар аст қазо...

❁ ❁ ❁

Дар хумори майи дӯшинам, эй нек ҳабиб,
Оби ангури дусолим бифармуда табиб.
Оби ангур фароз овар ё хуни мавиз,
Ки мавиз, эй аҷабо, ҳаст ба ангур қариб.
Шавад ангур забиб он гаҳ, к-аш хушк кунӣ,
Чун биёғорӣ, ангур шавад хушк забиб.
Ин забиб, эй аҷабо, мурдаи ангур бувад,
Чун варо зинда кунӣ, зинда шавад, ин-т ғариб!
Май бибояд, ки кунад мастиву бедор кунад,
Чӣ мавизиву чӣ ангурӣ, эй нек ҳабиб!?
Мо бисозем яке маҷлиси имрӯзин, рӯз
Чун бурун ояд аз масҷиди одина хатиб.
Бинишинем ба ҳам ошиқу маъшуқ ҳаме
На маломатгар морову на наззора рақиб.
Майи дерина гусорем ба фиръавничом
Аз кафи симбуногӯше бо каффи хазиб.
Ҷуръа бар хок ҳамерезем аз ҷоми шароб,
Ҷуръа бар хок ҳамерезанд мардони адиб.
Ноҷавонмардӣ бисёр бувад, чун набувад
Хокро аз қадаҳи марди ҷавонмард насиб.

❁ ❁ ❁

Омад шабу аз хоб маро ранҷу азоб аст,
Эй дӯст, биёр, он чи маро доруи хоб аст.
Чӣ мурдаву чӣ хуфта, ки бедор набошӣ,
Онро чӣ далел ориву инро чӣ ҷавоб аст?
Ман ҷаҳд кунам, бе аҷали хеш намирам,
Дар мурдани беҳуда чӣ музду чӣ савоб аст?
Ман хоб зи дида ба майи ноб рабоям,
Оре, адуи хоби ҷавонон майи ноб аст.
Сахтам аҷаб ояд, ки чӣ гуна барадаш хоб
Онро, ки ба кох-андар як шиша шароб аст?
В-ин низ аҷабтар, ки хӯрад бодаи бе чанг,
Бе нағмаву чангаш ба майи ноб шитоб аст.
Асбе, ки сафираш назанӣ, менахӯрад об,
Не мард кам аз аспу на май камтар аз об аст.
Дар маҷлиси аҳрор се чиз асту фузун беҳ
В-он хар се кабоб асту рубоб асту шароб аст.
На нуқл бувад моро, не дафтару не нард
В-ин ҳар се дар ин маҷлиси мо-дар на савоб аст.
Дафтар ба дабистон бувady нуқл ба бозор
В-ин нард ба ҷойе, ки харобот хароб аст.
Мо марди шаробему кабобему рубобем,
Хушшо, ки шароб асту кабоб асту рубоб аст.

❁❁❁

Алминнатулиллоҳ, ки ин  моҳи хазон аст,
Моҳи  шудану омадани  роҳи разон аст.
Азбаски дар ин роҳи раз ангуркашонанд,
Ин  роҳи раз эйдун чу раҳи Коҳкашон аст.
Чун қавси қузаҳ барги разон ранг ба ранганд,
Дар қавси қузаҳ хӯшаи ангур камон аст.
Обе чу яке кисагаке аз хази зард аст,
Дар киса яке байзаи кофури калон аст.
В-андар дили он байзаи кофури риёҳӣ
Даҳ нофаву даҳ шохакаки мушк ниҳон аст.
В-он  себ ба кирдори яке мардуми бемор,
К-аз ҷумлаи аъзову тан ӯро ду рухон аст.
Як нима рухаш зарду яке нима рухаш сурх,
Инро ҳаяҷони даму онро ярақон аст.
В-он нор  ҳамедун ба зане ҳомила монад
В-андар  шиками ҳомила муште писарон аст.
То барназанӣ бар замияш, бачча назояд,
Чун зод бача, зодану хӯрдан-ш ҳамон аст.
Модар  бачае ё ду бача зояду ё се
В-ин нор  чаро модари сесад бачагон аст?!
Модар  бачаро  то зи шикам н-орад берун,
Бистар накунад в-ин на ниҳон аст, аён аст.
Андар шикам ӯ худ бачаро бистараке зард
Кардасту бад-ӯ-дар  зи сари бачча нишон аст.
Акнун сифати баччаи ангур бигӯям,
К-ин ҳар сифате дар сафи ӯ ҳазён аст.
Ангур ба кирдори зане  ғолиянг аст
В-ӯро шикаме ҳамчу яке ғолиядон аст.
Андар шикамаш ҳаст яке ҷону сето дил
В-ин ҳар се  дил ӯро зи се пора сутхон аст.
Гӯянд, ки ҳайвонро ҷон бошад дар дил,

Онро сутхоне дилу ҷон асту равон аст.
Ҷонро нашунидам, ки бувад ранг, вале ҷон-ш
Ҳамранги  яке лола, ки  дар лоласитон аст.
Ҷонро набувад бӯйи хушу бӯйи хуши ӯ
Чун бӯйи хуши ғолияву анбару бон аст.
Ангур сиёҳ асту чу моҳ асту аҷаб нест,
Зеро ки  сиёҳӣ сифати моҳи равон аст.
Айбаш ҷуз ин нест, ки обистан гаштаст,
Ӯ нӯз яке духтараки тозаҷавон аст.
Бе шӯй шуд обистан чун Марями Имрон
В-ин қисса басе хубтару хуштар аз он аст.
Зеро ки  гар обистан Марям ба даҳон шуд,
Ин духтари разро на лаб асту на даҳон аст.
Обистании духтари Имрон ба писар буд,
Обистании духтари ангур ба ҷон аст.
Он рӯҳ Худованди ҳама халқи ҷаҳон буд,
В-ин роҳ Худованди ҳама халқи ҷаҳон аст…

❁ ❁ ❁

Санамо, бе ту дилам ҳеҷ шикебо нашавад
В-агар имрӯз шикебо шуд, фардо нашавад.
Якдилу якто хоҳам, ки ба вай ҷумла маро
В-он ки ӯ чун ту бувад, якдилу якто нашавад.
Таҷрибат кардаму доно шудам аз кори ту ман,
То муҷарраб нашавад мардум, доно нашавад.
Ноз чандон кун бар ман, ки кунӣ сӯҳбати ман,
То магар сӯҳбати дерина муъодо нашавад.
Накашам нози турову надиҳам дил ба ту ман,
То маро дӯстиву меҳри ту пайдо нашавад.
Гӯӣ, аз ду лаби ман бӯса тақозо чӣ кунӣ?
Вомхоҳӣ набувад, к-ӯ ба тақозо нашавад.
Ба мудоро дили ту нарм кунам в-охири кор
Ба дирам нарм кунам, гар ба мудоро нашавад.
В-агар ин ошиқ навмед шавад аз дари ту,
Аз дари хусрави шоҳаншаҳи дунё нашавад...

✽ ✽ ✽

Дилам, эй дӯст, ту донӣ, ки  ҳавои ту кунад,
Лаби ман  хидмати хоки кафи пойи ту кунад.
То зиям, ҷаҳд кунам ман, ки ҳавои ту кунам,
Бихӯрад бар  зи ту он кас, ки ҳавои ту кунад.
Шефта кард маро ишқу валои ту чунин,
Шоядам ҳар чӣ ба ман ишқу валои ту кунад.
Накунам бар ту ҷафо в-ар ту ҷафо қасд кунӣ,
Нагузорам, ки  касе қасди ҷафойи ту кунад.
Тани ман ҷумла паси  дил раваду дил паси ту,
Тан ҳавои дилу дил ҷумла ҳавои ту кунад.
Зӯҳра шогирдии он шонаву зулфи ту кунад,
Муштарӣ бандагии банди қабойи ту кунад.
Ройгон  мушкфурӯшӣ накунад ҳеч касе
В-ар кунад ҳеч касе, зулфи дутойи ту кунад.
Булбуле кард натонад ба дили мурдадилон,
Он  ки он зулфи хами ғолиясойи ту кунад.
Чӣ дуо кардӣ, ҷоно, ки чунин хуб шудӣ?
То чу ту чокари ту низ дуои ту кунад.
Аз латифӣ, ки туӣ, эй буту аз ширинӣ
Малики Машриқ бим аст, ки рои ту кунад…

❁❁❁

Вақти баҳор асту вақти вирди муваррад,
Гетӣ ороста чу хулди мухаллад.
Гетии фартути кужпушти дижамрӯй
Бингар, то чун бадеъ гашту муҷаддад.
Барно дидам, ки пир гардад, ҳаргиз
Пир надидам, ки тоза гардаду амрад.
Наргис чун дилбарест, сар-ш ҳама чашм,
Сарв  чу маъшуқаест, тан-ш ҳама қад.
Лола ту, гӯйӣ, чу тифлакест даҳанбоз,
Лаб-ш ақиқину қаъри комаш асвад.
Барги бунафша ба хам чу пушти  дирамзан,
Наргис чун ашр дар миёни муҷаллад.
Савсан  чун тӯтии зи буссад минқор
Боз ба минқораш  аз забонаш асҷад.
Наргис чун моҳ дар миёни Сурайё,
Лола чу андар кусуф гӯшаи Фарқад.
Шохи гул аз бод карда гардан чун чанг,
Мурғон  бар шох гашта нолон аз сад.
Булбул бар гул ба сони қавлсароён
Пош ба дебову хаззу ронҳо дар над…

❁❁❁

Рӯзе бас хуррам аст, май гир аз бомдод,
Ҳеҷ баҳона намонд, Эзид коми ту дод.
Хоста дориву соз, беғамият ҳаст боз,
Эминиву иззу ноз, фаррухиву дину дод.
Низ чӣ хоҳӣ дигар, хуш бихуру хуш бизӣ,
Андуҳи фардо мабар, гетӣ хоб асту бод.
Рафтаву фармуданӣ, мондаву фарсуданӣ
Буд ҳама буданӣ, килк фурӯ истод.
Май хӯр, к-ат бода нӯш бар сумману пилгӯш
Рӯзи хушу роми хуш, рӯзи хуру моҳу бод.
Барҷаҳ, то барҷаҳем, дом ба каф барниҳем,
Тан ба май андардиҳем, коре сахт уфтод.
Борад дурри хушоб аз остини саҳоб
В-аз дами Ҳут офтоб рӯй ба боло ниҳод.
Мурғ дилангез гашт, бод суманбез гашт,
Булбул шабхез гашт, кабк гулӯ баркушод.
Булбули боғӣ ба боғ дӯш навое бизад
Хубтар аз Борбад, хубтар аз Бомшод.
Вақти саҳаргаҳ чаков хуш бизанад дар таков
Соатаке Ганҷи гов, соатаке Ганҷи бод.
Раъд табиразан аст, барқ камандафган аст,
Вақти тараб кардан аст, май хӯр, к-ат нӯш бод!
Қавси қузаҳ қавсвор, олам фирдавсвор,
Кабки дарӣ кӯсвор карда гулӯ пур зи бод.
Боғ пур аз ҳиҷла шуд, роғ пур аз ҳулла шуд,
Дашт пур аз Даҷла шуд, кӯҳ пур аз мушки сод.
З-он майи уннобгун дар қадаҳи обгун,
Соқии маҳтобгун, турке ҳуронажод.
Вижа туӣ дар гуҳар, сахта туӣ дар ҳунар,
Нукта туӣ дар самар аз нукати Синдбод!...

❁ ❁ ❁

Соқӣ, биё, ки имшаб соқӣ ба кор бошад,
З-он деҳ маро, ки рангаш чун ҷуллинор бошад.
Май деҳ чаҳор соғар, то хушгувор бошад,
Зеро ки табъи олам ҳам бар чаҳор бошад.
Ҳамтабъро набидаш фарзонавор бошад,
То на хурӯш бошад, то на хумор бошад.
Не, не, дурӯғ гуфтам, ин чӣ шумор бошад,
Боре набид хӯрдан кам аз ҳазор бошад?
Бода хӯрем равшан то рӯзгор бошад,
Хоса, ки бода хӯрдан бо бахтёр бошад…

❁ ❁ ❁

Боди наврӯзӣ ҳаме дар бӯстон зоҳир шавад,
То ба сеҳраш дидаи ҳар гулбуне нозир шавад.
Гул, ки шаб соҳир шавад, пажмурда гардад бомдод
В-ин гули пажмурда чун соҳир шавад, зоҳир шавад.
Абр ҳазмон пеши рӯйи осмон бандад ниқоб,
Осмон бар рағми ӯ дар бӯстон зоҳир шавад.
Зардгул бемор гардад, фохта беморпурс,
Ёсумин абдол гардад, хурдмо зоир шавад.
Остини настаран бар байзаи анбар шавад,
Домани бодомбун пурлуълуи фохир шавад.
Мурғ бе барбат ба барбат сохтан доно шавад,
Оҳу андар дашт чун маъшуқагон шотир шавад.
Булбули ширинзабон бар ҷавзбун ровӣ шавад,
Зандбофи Зандхон бар бедбун шоир шавад.
Кабк раққосӣ кунад, сурхоб ғаввосӣ кунад,
Ин бад-ин маъруф гардад, он бад-он шоҳир шавад.
Бод ҳамчун дузд гардад ҳар тараф деборабой,
Бӯстон ороста чун кулбаи тоҷир шавад.
Ҳар замон дузд андар афтад, кулбаро ғорат кунад,
Мурғ чун бозориён бар кор нособир шавад.
Навбаҳор ин мафраши садранг пӯшад, то магар
Дӯсте аз дӯстони Хоҷаи Тоҳир шавад…

* * *

Абри озорӣ чаманҳоро пур аз ҳуро кунад,
Боғ пургулбун кунад, гулбун пур аз дебо кунад.
Гавҳари ҳамро кунад аз луълуи байзои хеш,
Гавҳари ҳамро касе аз луълуи байзо кунад?
Кӯҳ чун Тиббет кунад, чун соя бар кӯҳ афканад,
Боғ чун Санъо кунад, чун рӯй зӣ саҳро кунад.
Нолаи булбул саҳаргоҳону боди мушкбӯй
Мардуми сармастро коливаву шайдо кунад.
Гоҳи он омад, ки ошиқ барзанад лахте нафас,
Рӯзи он омад, ки тоиб рой зӣ саҳбо кунад.
Ман дижам гардам, ки бо ман дил дуто кардаст дӯст,
Хуррам ӯ бошад, ки бо ӯ дӯст дил якто кунад.
Ҳар замон ҷавре кунад бар ман ба нав маъшуқи ман,
Розиям, розӣ ба ҳар-ч он лоларух бо мо кунад.
Гар рухи ман зард кард аз ошиқӣ, гӯ, зард кун,
Заъфарон қимат фузун аз лолаи ҳамро кунад.
В-ар ҳаме чафта кунад қадди маро, гӯ, чафта кун,
Чафта бояд чанг, то бар чанги турк ово кунад.
В-ар ҳаме оташ фурӯзад дар дили ман, гӯ, фурӯз,
Шамъро чун барфурӯзӣ, равшанӣ пайдо кунад.
В-ар зи дида об борад бар рухи ман, гӯ, бибор,
Навбаҳорон оби борон боғро зебо кунад.

❁❁❁

Наврӯз рӯзи хуррамии беадад бувад,
Рӯзи тавофи соқии хуршедхад бувад.
Маҷлис ба боғ бояд бурдан, ки боғро
Мафраш кунун зи гавҳару маснад зи над бувад.
Он баргҳои шосипарам бину шоху ӯ
Чун сад ҳазор ҳамза, ки бар тарфи мад бувад.
Наргис ба сони ҳалқаи занҷири зар нигар,
К-андар миёни ҳалқаи заррин ватад бувад.
Андар миёни лола диле ҳаст анбарин,
Дил анбарин бувад, чу ақиқин ҷасад бувад.
Он хок ҳаст волиду гул бошадаш валад,
Бас рушди волиде, ки латифаш валад бувад.
Абри гуҳарфишонро ҳар рӯз бист бор
Хандидану giристану ҷазру мад бувад.
Хуршед чун набарда ҳабибе, ки бо ҳабиб
Гоҳеш васлу сулҳу гаҳе ҷангу сад бувад.
Чашми хуҷастаро мижа зарду миён сиёҳ
Парда забарҷадину ақиқин рамад бувад.
Сунбул ба сони зулфе бо печу бо уқуд,
Зулф он накӯ бувад, ки ба печу уқад бувад.
Бодом чун шукуфа биборад ба рӯзи бод,
Чун дасти роди Аҳмади Абдуссамад бувад.

❁ ❁ ❁

Наврӯз фаррух омаду нағз омаду ҳажир,
Бо толеи саодату бо кавкаби мунир.
Абри сиёҳ чун ҳабашӣ дояе шудаст,
Борон чу ширу лоласитон кӯдаке башир.
Гар ширхора лолаи сарсахт, пас, чаро
Чун ширхора булбули кӯҳӣ занад сафир?
Сулсул ба лаҳни Залзул вақти сапедадам
Ашъори Бӯнувос ҳамехонаду Ҷарир.
Бар бед андалеб занад Боғи шаҳрёр,
Бар сарв зандбоф занад Тахти Ардашер.
Ошиқ шудаст наргиси тоза ба кӯдакӣ,
То ҳам ба кӯдакӣ қади ӯ шуд чу қадди пир,
Бо сурмадони заррин монад хуҷаста рост,
Карда ба ҷои сурма бар он сурмадон абир.
Гулнор ҳамчу дарзии устод баркашид,
Ҷавводаи ҳариру зи беҷодагун ҳарир.
Гӯйӣ, ки шанбалид ҳама шаб зарир кӯфт,
То барнишаст гард ба рӯяш пур аз зарир.
Бар рӯи лола қир ба шангарф барчакид,
Гӯйӣ, ки модараш ҳама шангарф дода қир.
Бар шохи нор ушкуфаи сурхшохи нор
Чун аз ақиқи наргис доне бувад сағир.
Наргис чунон ки бар варақи косаи рубоб
Хунёгаре фиганда бувад ҳалкае зи зер.
Барги бунафша чун буни нохун шуда кабуд
Дар дасти ширхора ба сармои замҳарир.
В-он настаран чу мушкфурӯше муойинаст,
Дар косаи булӯр кунад анбарин хамир,
Акнун миёни абру миёни суманситон
Кофурбӯй боди баҳорӣ бувад сафир,
Мурғон дуо кунанд ба гул бар сапедадам
Бар ҷону зиндагонии Булқосими кабир...

❁❁❁

Абри озорӣ баромад  аз карони кӯҳсор,
Боди фарвардин  бичунбид аз  миёни марғзор.
Ин яке  гул бурд сӯйи кӯҳсор аз марғзор
В-он  гулоб овард сӯйи  марғзор аз кӯҳсор.
Хок пиндорӣ  ба Моҳу Муштарӣ обистан аст,
Мурғ пиндорӣ, ки ҳаст андар  гулистон  ширхор.
Ин яке  гӯё  чаро шуд норасида чун Масеҳ,
В-он  яке бе шӯй чун Марям чаро бардошт бор?!
Абри дебодӯз дебо дӯзад андар бӯстон,
Боди анбарсӯз  анбар сӯзад андар лолазор.
Ин ки ин сӯзад,  надорад оташу миҷмар ба пеш,
В-он ки он дӯзад, надорад риштаву сӯзан ба кор.
Нофаи мушк аст, ҳар  ч-он  бингарӣ дар бӯстон,
Донаи  дурраст, ҳар  ч-он бингарӣ дар ҷӯйбор.
Ин яке  дурре, ки дорад бӯйи мушки тиббитӣ
В-он дигар мушке, ки дорад ранги дурри шоҳвор.
Чанги боз он аст, гӯйӣ, шохаки  шоҳиспарам,
Пойи бат он аст, гӯйӣ, барги  пуршохи чанор…
Жолаи борон зада бар лолаи нуъмон нуқат,
Лолаи нуъмон шуда аз жолаи борон нигор.
Инчунин норе куҷо бошад ба  зери  нори об
В-ончунон  обе куҷо бошад ба зери оби нор.
Бехта  барги суман бар оразайни шанбалид,
Рехта барги бунафша бар   рухони ҷуллинор.
Ин чу рӯйи сурх гашта аз сари  дандон кабуд
В-он  чу рӯйи  зард гашта бар вай аз мижгон нисор.
Савсани озоду шохи наргиси бемор ҷуфт,
Наргиси хушбӯю шохи савсани озод ёр.
Ин чунон заррин намакдон бар булӯрин моида
В-он  чунон чун бар ғилофи зарри симин гӯшхор.

Сулсули боғӣ ба боғ-андар ҳаме гиряд ба дард,
Булбули роғӣ ба роғ-андар ҳаменолад ба зор.
Ин занад бар чангҳои суғдиён полизбон
В-он занад бар нойҳои луриён озодвор.
Зардгул бинӣ ниҳода рӯйро бар настаран,
Настаран бинӣ, гирифта зардгулро дар канор.
Ин чу заррин чашм бар вай баста симин чашмбанд
В-он чу симин гӯш андар гӯши заррин гӯшвор.
Абр бинӣ фавҷ-фавҷ андар ҳаво дар тохтан,
Об бинӣ мавҷ-мавҷ андар миёни рӯдбор…

❁ ❁ ❁

Бар лашкари зимистон Наврӯзи номдор
Кардаст ройи тохтану қасди корзор.
В-инак биёмадаст ба панҷоҳ рӯз пеш
Ҷашни Сада талояи Наврӯзи номдор.
Оре, ҳар он гаҳе, ки сипоҳе шавад ба разм,
З-аввал ба чанд рӯз биёяд талоядор.
Ин боғу роғ мулкати наврӯзмоҳ буд,
Ин кӯҳу кӯҳпояву ин ҷӯю ҷӯйбор.
Ҷӯяш пур аз санавбару кӯҳаш пур аз суман,
Роғаш пур аз бунафшаву боғаш пур аз баҳор.
Наврӯз аз ин ватан сафаре кард чун малик,
Оре, сафар кунанд мулуки бузургвор.
Чун дид моҳиёни зимистон, ки дар сафар
Наврӯзмаҳ бимонд қариби маҳи чаҳор,
Андардавиду мамлакати ӯ биғоратид
Бо лашкаре гарону сипоҳе газофкор.
Бардошт тоҷҳои ҳама тораки суман,
Бардошт панҷаҳои ҳама соиди чанор.
Бистад амомаҳои хази сабзи займурон,
Бишкаст ҳуққаҳои зару дурри мевадор,
Дар боғҳо нишонд гурӯҳ аз паси гурӯҳ,
Дар боғҳо кашид қатор аз паси қатор.
З-ин хоҷагони пунбақабои сапедранг,
З-ин зангиёни сурхдаҳони сиёҳкор.
Боди шимол чун зи зимистон чунон бидид,
Андар так истод чу қосуси беқарор.
Наврӯзро бигуфт, ки дар хонадони мулк
Аз фарру зинати ту, ки перор буду пор,
Бунгоҳи ту сипоҳи зимистон биғоратид,
Ҳам ганҷи шойгонату ҳам дурри шоҳвор.

Маъшуқакон-тро гулу гулнору ёсуман,
Аз даст ёра бирбуд, аз гӯш гӯшвор.
Хунёгарон-т фохтаву андалебро
Бишкаст ной дар кафу танбӯр дар канор.
Наврӯзмоҳ гуфт: «Ба ҷону сари амир,
К-аз ҷони дай барорам, то чанд гаҳ димор.
Гирд оварам сипоҳии дебои сабзпӯш,
Занҷирзулфу сарвқаду силсилаъизор!
Аз арғувон камар кунам, аз займурон зиреҳ,
Аз норван пиёдаву аз норвон савор.
Қавси қузаҳ камон кунам аз шохи бед тир,
Аз барги лола рояту аз барқ зулфиқор.
Аз абр пил созаму аз бод пилбон
В-аз бонги раъд ойинаи пил бешумор».
Наврӯз пеш аз он  ки саропарда зад ба дар
Бо лӯъбатони боғу арӯсони марғзор.
Ин ҷашни фаррухи Садаро чун талоягон.
Аз пеши хештан  бифиристод комгор.
Гуфто: «Бирав ба назди зимистон ба тохтан,
Саҳро ҳаменаварду биёбон ҳамегузор.
Чун андар ӯ расӣ ба шаби тираи сиёҳ,
Зуд оташе баланд барафрӯз рӯзвор.
Ин азми ҷунбишу нияти ман, ки кардаам,
Назди шаҳаншаҳи маликон бар ба исказор.
Аз ман худойгони ҳама шарқу ғарбро
Дар соат ин хабар бигузор, эй хабаргузор!
Зинҳор, то нагӯйӣ бо ӯ ҳадиси ман,
Ту  бар забони хеш дигарбора зинҳор,
Зеро ки ҳаст ҳашмати ӯ пеш аз он ки ту
Бо вай сухан мувоҷиҳа гӯйиву ошкор.
Бо ҳоҷате бигӯй ниҳонӣ ту ин ҳадис,
То ҳоҷиб ин сухан бирасонад ба шаҳрёр.

Гӯ: «Эй гузидаи малики ҳафт осмон!
Эй хусрави бузургу амири бузургвор!
Панҷоҳ рӯз монд, ки то ман чу бандагон
Дар маҷлиси ту оям бо гунагун нисор,
Бо сад ҳазор ҷоми майи сурхи мушкбӯй,
Бо сад ҳазор барги гули сурхи комгор,
Бо андалебакони кулаҳсурхи чангзан,
Бо ёсуминакони бусадрӯйи мушкбор.
То ту гаҳе ба зери гулу гоҳ зери бед
Гаҳ зери арғувону гаҳе зери гуланор.
Мастӣ куниву бода хӯрӣ солу солиён,
Шаккар газиву нӯш мазӣ шоду шодхор.
Бар сабзаи баҳор нишиниву мутрибат,
Бар сабзаи баҳор занад сабзаи баҳор...

❁ ❁ ❁

Ҳангоми баҳор асту ҷаҳон чун бути Фархор,
Хез, эй бути Фархор, биёр, он гули бехор.
Он гул, ки мар онро битавон хӯрд ба х(в)ашшӣ
В-аз хӯрдани ӯ рӯй шавад чун гули пурбор.
Он гул, ки мар ӯро бувад ашҷор ба ангушт,
В-омад-шуданаш бошад ашҷор ба ашҷор.
Он гул, ки ба гирдаш-дар наҳланд фаровон,
Наҳлаш маликонанд ба гирд-андару аҳрор.
Ҳамвора ба гирди гул тайёра бувад наҳл
В-ин гул ба суи наҳл бувад доим тайёр.
Дар сояи гул бояд хӯрдан майи чун гул,
То булбули қавволат бархонад ашъор,
То абр кунад майро бо борон мамзуҷ,
То бод ба май дарфиканад мушк ба хирвор.
Он қатраи борон бин аз абр чакида,
Гашта сари ҳар барг аз он катра гуҳарбор.
Овехта чун решаи дасторчаи сабз
Симингирахе бар сари ҳар решаи дастор.
Ё ҳамчу забарҷадгун як риштаи сӯзан,
Андар сари ҳар сӯзан як луълуи шаҳвор.
Он қатраи борон, ки фурӯ резад шабгир
Бар тарфи чаман бар ду рухи сурх гули нор,
Гӯйӣ, ба масал байзаи кофури раёҳин
Бар сипрами ҳумро бипарокандаш аттор.
В-он қатраи борон, ки фуруд ояд аз шох
Бар тоза  бунафша на ба таъҷил ба идрор.
Гӯйӣ, ки машшота зи бари фарқи арӯсон
Мовард ҳамерезад борик ба миқдор.
В-он қатраи борони саҳаргоҳӣ бингар
Бар тарфи гули ношукуфида шуда сайёр.

Ҳамчун сари пистони арӯсони парирӯй
В-андар сари пистон-бар шир омада ҳамвор.
В-он қатраи борон, ки чакад аз бари лола
Гардад тарафи лола аз он борон, бингор.
Пиндорӣ, табхолаи хурдак бидамидаст
Бар гирди ақиқи ду лаби дилбари айёр.
В-он катраи борон, ки барафтад ба гули сурх
Чун ашки арӯсест барафтода ба рухсор.
В-он  қатраи борон, ки барафтад ба сари хед,
Чун қатраи симоб аст афтода ба зангор.
В-он қатраи борон, ки барафтад ба гули зард,
Гӯйӣ, ки чакидаст гули зард ба динор.
В-он қатраи борон, ки чакад бар гули хайрӣ,
Чун қатраи май бар лаби маъшуқаи майхор.
В-он қатраи борон, ки барафтад ба суманбарг,
Чун нуқта сафедоб бувад аз бари тӯмор.
В-он қатраи борон зи бари лолаи аҳмар,
Ҳамчун шарари мурда фарози алами нор.
В-он қатраи борон зи бари савсани кӯҳӣ,
Гӯйӣ, ки Сурайёст бар ин гунбади даввор.
Бар барги гули насрин он қатраи дигар
Чун қатраи хай бар занахи лӯъбати Фархор.
Он доираҳо бингар андар шамари об,
Ҳар гаҳ, ки дар он об чакад қатраи амтор.
Чун маркази паргор шавад қатраи борон
В-он доираи об ба сони хати паргор.
Марказ нашавад доира в-он қатраи борон
Сад дойира дар дойира гардад ба яке бор.
Он дойирапаргор аз он ҷой наҷунбад
В-ин дойира аз ҷунбиши саъб орад рафтор.
Ҳар гаҳ, ки аз он дойира ангезад борон,
Аз бод дар ӯ чину шикан хезаду зуннор.

Гӯйӣ, аламе аз сақлотуни сапед аст,
Аз боди ҷаҳанда мутаҳаррик шуда наҳмор.
В-он гаҳ, ки фурӯ борад борони бақувват,
Гирад шамари об дигар сурату осор.
Чун оҳани суда, ки бувад бар табақе-бар,
Дар зери табақ монда зи мағнотис аҳҷор.
Ин ҷӯйи муанбарбару ин оби мусандал,
Пеши дари он бор Худойи ҳама аҳрор.
Гӯйӣ, ки ҳама ҷӯй гулоб асту раҳиқ аст,
Ҷӯяст ба дидору халиҷ аст ба кирдор.
З-ин пеш гулобу арақу бодаи аҳмар
Дар шишаи аттор буду дар хуми хаммор.
Аз давлати он хоҷа Алӣ ибни Муҳаммад
Имрӯз гулоб асту раҳиқ аст дар анҳор…

❂ ❂ ❂

Ба деҳқони кадивар гуфт ангур:
Маро хуршед кард обистан аз дур.
Камобеш аз саду ҳафтоду се рӯз
Будам дар бистари хуршеди пурнур.
Миёни мо на ақде, на никоҳе,
На ойини арӯсӣ буду на сур.
Набудам сахт мастуру набуданд
Гузашта модаронам низ мастур.
Шудам обистан аз хуршеди равшан,
На маъзурам, на маъзурам, на маъзур!
Худовандам наколи оламин кард,
Сиёҳу сарнигуну гирду мандур,
Ман аз аввал биҳиштивор будам,
Рухи ман буд чун пироҳани ҳур.
Худовандам забоне рӯй кардаст.
Сиёҳу лафҷану торику ранҷур,
Гуморидаст, занбӯрон ба ман бар
Ҳамедаррад ба ман-бар пӯст занбӯр.
Ҳамехоҳам ман, эй деҳқон, ки имрӯз
Бигирӣ ханҷаре монанди сотур.
Ба ханҷар ҳанҷари ман бозбуррӣ,
Нишонӣ мар маро бар пушти муздур.
Бикӯбӣ зери пои хеш хурдам,
Зи пушту гардани муздуру нотур.
Ба чархушт-андар андозӣ нигунам,
Ду китфи ман напиндорӣ чу Шопур.
Лагад сесад ҳазорон бар сари ман
Занӣ в-аз ман бад-он-бошӣ ту маъзур.
Биёндозӣ изому лаҳму шаҳмам,
Рагу пай ҳамчунону ҷилд мақшур.

Бигирӣ хуни ман чун оби лола,
Чу қатрай жолаву чун ашки маҳҷур.
Фурӯ резӣ ба хумми хусравонӣ,
Назар дорӣ дар ӯ як сол маҳсур.
Магар ёре зи ман хушнуд гардад,
Бувад дар кори ман саъйи ту машкур.
Пас он гоҳе бурун овар зи хуммам,
Чу каффи дасти Мӯсо дар куҳи Тур.
Ба ёди шаҳрёрам нӯш гардон
Ба бонги чангу мусиқору танбӯр.

❁ ❁ ❁

Навбаҳор омаду овард гули тоза фароз,
Майи хушбӯй фароз овару барбат бинавоз.
Эй баландахтари номовар, то чанд ба кох?
Сӯйи боғ ой, ки омад гаҳи Наврӯз фароз.
Бӯстон уд ҳамесӯзад, тимор бисӯз,
Фохта ной ҳамесозад, танбӯр бисоз.
Ба қадаҳ булбулро сар ба суҷуд овар зуд,
Ки ҳаме булбул бар сарв кунад бонги намоз.
Ба самоъе, ки бадеъ аст, кунун гӯш бинеҳ,
Ба набиде, ки латиф аст, кунун даст биёз.
Гар ҳамехоҳӣ биншаст, маликвор нишин
В-ар ҳаме тохтан орӣ, ба суйи хубон тоз.
Бидавон аз бари хешу бипарон аз кафи хеш
Бари оҳубача юзу бари теҳубача боз.
Зар ситон, мушк фишон, ҷом ситон, бӯса бигир,
Бода хӯр, лола сипар, сайд шикар, чавгон боз.
Бухл куш, дод деҳу шер кушу захра шикоф,
Теғ каш, бора фикан, найза зану тир андоз…

❁ ❁ ❁

Ошиқо, рав, дида аз сангу дил аз фӯлод соз,
К-аз суйи  дилбар баромад ишқбозӣ тоз-тоз.
Ишқ бозидан чунон шатранҷ бозидан бувад,
Ошиқӣ кардан наёрӣ, даст сӯйи ӯ маёз.
Дил ба ҷойи шоҳ бошад в-ин дигар андомҳо
Сохта чун лашкари шатранҷ аз шатранҷбоз.
Шоҳ дилгум гашту чун шатранҷро шаҳ гум шавад,
Кай тавонад бохтан шатранҷро шатранҷбоз?
Ман ниёзуманди ту гаштамму ҳар к-ӯ шуд чунин
Ошиқи нози ту мезебад-ш  ҳар гуна ниёз.
Он ситам, к-аз ишқ ман дидам, мабинод эч кас,
Ҷуз адуи хусрави покизадину покбоз…

* * *

Омадат Наврӯзу омад ҷашни наврӯзӣ фароз,
Комгоро, кори гетӣ тоза аз сар гир боз.
Лолаи худрӯй шуд чун рӯйи бутрӯён бадеъ,
Сунбул андар пеши лола чун сари зулфи дароз.
Шохи гул шатранҷи симину ақиқин гаштааст,
Вақти шабгирон ба натъи сабза бар шатранҷ боз.
Гулбунон дар бӯстон чун хусравон ороста,
Мурғакон чун шоирон дар пеши ин ёзон фароз.
Лолаи розӣ шукуфта пеши барги ёсуман
Чун даҳони буссадин дар гӯши симин гуфта роз.
Бӯстон чун масҷиду шохи бунафша дар рукӯъ,
Фохта чун муъзину овози ӯ бонги намоз.
В-он бунафша чун адуи хоҷаи гетӣ нигун,
Сар ба зону барниҳода, рух ба нил андуда боз…

❁ ❁ ❁

Биёр, соқӣ, заррин набиду симин кос,
Ба бода ҳурмату қадри баҳори нав бишнос.
Набид хӯр, ки ба Наврӯз ҳар кӣ май нахӯрад,
На аз гурӯҳи киром асту н-аз идоди анос.
Нигоҳ кун, ки ба Наврӯз чун шудаст ҷаҳон,
Чу корномаи Монӣ дар обгун қиртос.
Фурӯ кашид гули сурх рӯйи банд аз рӯй,
Бароварид гули мушкбӯй сар зи тарос.
Ҳаме нисор кунад абри шомгоҳӣ дурр,
Ҳаме абир кунад боди бомдодӣ ос.
Дуруст, гӯйӣ, наххос гашт боди сабо,
Дарахти гул ба масал чун канизаки наххос.
Хуҷастаро ба ҷуз аз хурдпо надорад гӯш,
Бунафшаро ба ҷуз каркамо надорад пос.
Ҳазордастон ин мидҳати Манучеҳрӣ
Кунад ривоят дар мадҳи хоҷа Булаббос…

❁ ❁ ❁

Бинӣ он турке, ки ӯ чун барзанад бар чанг чанг.
Аз дили абдол бигрезад ба сад фарсанг санг.
Бигсалад бар асби ишқи ошиқон-бар танги сабр,
Чун кашад бар асби хеш аз мӯйи асб ӯ танг танг.
Чанги ӯ дар чанги ӯ ҳамчун хамида ошиқе,
Бо хурӯшу бо нафиру бо ғиреву бо ғаранг.
Ошиқе, к-ӯ бар миёни хеш барбастаст ҷон,
Аз сари зулфайни маъшуқаш камар бастаст танг.
Зангие, гӯйӣ, бизад дар чанги ӯ дар чанги хеш,
Ҳар ду дасти хеш бибрида бар ӯ монанди чанг.
В-он сар ангуштони ӯро бар бирешимҳои ӯ
Ҷунбише бас булъаҷаб в-омад-шуде бас бедаранг.
Бин, ки дебобофи румӣ дар миёни коргоҳ
Дебаҳе дорад ба кор андар ба ранги бодранг.
Бар самоъи чанги ӯ бояд набиди хом хӯрд,
Май хуш ояд, хоса андар Меҳргон бар бонги чанг.
Хуш бувад бар ҳар самоъе май, валекин Меҳргон
Бар самоъи чанг хуштар бодаи равшан чу занг.
Меҳргон ҷашни Фаридун асту ӯро ҳурмат аст,
Озаре нав бояду май хӯрдане бе озаранг…

❁ ❁ ❁

Ало, ё хаймагӣ, хайма фурӯ ҳил,
Ки пешоҳанг берун шуд зи манзил.
Табиразан бизад табли нахустин,
Шутурбонон ҳамебанданд маҳмил.
Намози шом наздик асту имшаб
Маҳу хуршедро бинам муқобил.
Валекин моҳ дорад қасди боло
Фурӯ шуд офтоб аз кӯҳи Бобил.
Чунон ду каффаи симин тарозу,
Ки ин каффа шавад з-он каффа моил.
Надонистам ман, эй симин санавбар,
Ки гардад рӯз чунин зуд зойил.
Ману ту ғофилему моҳу хуршед
Бар ин гардуни гардон нест ғофил.
Нигорини мано, баргарду магрез,
Ки кори ошиқонро нест ҳосил.
Замона ҳомили ҳаҷр асту лобуд
Ниҳад якрӯз бори хеш ҳомил.
Нигори ман чу ҳоли ман чунин дид,
Биборид аз мижа борони вобил.
Ту гӯйӣ, пилпили суда ба каф дошт,
Пароканд аз каф андар дида пилпил.
Биёмад уфтон - хезон бари ман
Чунон мурғе, ки бошад нимбисмил.
Ду соидро ҳамоил кард бар ман
Фурӯ овехт аз ман чун ҳамойил.
Маро гуфт: «Эй ситамкора ба ҷонам,
Ба коми ҳосидам кардиву озил.
Чӣ донам ман, ки боз ойӣ ту ё на
Бад-он гоҳе, ки боз ояд қавофил.
Гуро комил ҳамедидам ба ҳар кор,
Валекин нестӣ дар ишқ комил.

Ҳакимони замона рост гуфтанд,
Ки «Ҷоҳил гардад андар ишқ оқил».
Нигори хешро гуфтам: «Нигоро,
Наям ман дар фунуни ишқ ҷоҳил.
Валекин устодони муҷарраб
Чунин гуфтанд дар кутби авоил,
Ки ошиқ таъми васл он гоҳ донад,
Ки оҷиз гардад аз ҳиҷрони оҷил.
Бад-ин зудӣ надонистам, ки моро
Сафар бошад ба оҷил ё ба оҷил.
Валекин иттифоки осмонӣ
Кунад тадбирҳои мард ботил.
Ғариб аз моҳ волотар набошад,
Ки рӯзу шаб ҳамебуррад  манозил.
Чу баргашт аз ман он маъшуқи мамшуқ,
Ниҳодам собириро санг бар дил.
Нигаҳ кардам ба гирди корвонгоҳ
Ба ҷои хаймаву ҷои равоҳил
На ваҳше дидам он ҷову на инсе,
На рокиб дидам он ҷову на роҷил,
Наҷиби хешро дидам ба як сӯ
Чу деве дасту по андар салосил.
Кушодам ҳар ду зонубандаш аз пой,
Чу мурғе, к-аш кушоянд аз ҳабоил.
Баровардам зимомаш то баногӯш,
Фурӯҳиштам ҳавидаш то ба коҳил.
Нишастам аз бараш чун тахти Билқис,
Биҷаст ӯ чун яке ифрити ҳоил,
Ҳамерондам наҷиби хеш чун бод,
Ҳамегуфтам, ки Аллоҳумма, саҳҳил.
Чу массоҳе, ки паймояд замонро,
Бипаймудам ба пои ӯ мароҳил.
Ҳамерафтам шитобон дар биёбон,
Ҳамекардам ба як манзил ду манзил.

Биёбоне чунон сахту чунон сард,
К-аз ӯ хориҷ набошад ҳеч дохил.
Зи бодаш хун ҳаме бифсурд дар тан,
Ки бодаш дошт табъи заҳри қотил.
Зи ях гашта шамарҳо ҳамчу симин,
Табақҳо бар сари заррин мароҷил.
Чу посе аз шаби дерина бигзашт,
Баромад шаъриён аз кӯҳи Мавсил,
Банотуннаъш кард оҳанги боло
Ба кирдори камар шамшери Ҳирқил.
Саводи шаб ба вақти субҳ бар ман
Ҳамегашт аз баёзи барф мушкил.
Ҳамебигдохт барф андар биёбон
Ту гуфтӣ бошадаш бемории сил.
Ба кирдори сирешимҳои моҳӣ,
Ҳаме бархост аз шахсори ӯ гил.
Расидам ман фарози корвон танг
Чу киштӣ, к-ӯ расад наздики соҳил.
Ба гӯши ман расид овози халхол,
Чу овози ҷалоҷил аз ҷалоҷил.
Ҷарас дастони гуногун ҳамезад
Ба сони андалебе аз анодил.
Аморӣ аз бари турке, ту гуфтӣ,
Ки товусест бар пушти ҳавосил.
Зи нӯки найзаҳои найзадорон,
Шуда водӣ чу атрофи санобил.
Чу дидам рафтани он бесурокон,
Бад-он кашшӣ равон зери маҳомил,
Наҷиби хешро гуфтам сабуктар:
Ало, ё дастгири марди фозил.
Бичар, к-ат анбарин бодо чарогоҳ,
Бичам, к-ат оҳанин бодо мафосил!
Биёбон дарнаварду кӯҳ бигзор,
Манозилҳо бикӯбу роҳ бигсил...

❁ ❁ ❁

Омада Наврӯзмоҳ бо гули сурӣ ба ҳам,
Бодаи сурӣ бигир, бар гули сурӣ бичам.
Зулфи бунафша бибӯй, лаъли хуҷаста бибӯс,
Дасти чағона бигир, пеши чамона бихам.
Аз писари нардбоз дови гаронтар бибар,
В-аз ду кафи содагон сотгине каш ба дам.
Эй санами моҳрӯй, хез ба боғ-андар ой,
З-он ки шуд аз рангу бӯй боғ ба сони санам.
Шох барангехт дур, хок барангехт нақш,
Бод фурӯ бехт мушк, абр фурӯ рехт нам.
Миқраазан гашт раъд, миқрааи ӯ дурахш,
Ғошиякаш гашт бед, ғошияи ӯ диям.
Қумрӣ даршуд ба ҳол, тӯтӣ даршуд ба рақс,
Булбул даршуд ба лаҳн, фохта даршуд ба дам.
Дар салавот омадаст бар сари гул андалеб,
Дар ҳаракот омадаст шохаки шаҳиспарам.
Бод аламдор шуд, абр алам шуд сиёҳ,
Барқ чунон чун зи зар як-ду тирози алам.
Роғ ба боғ-андарун чун алам андар алам,
Боғ ба роғ-андарун чун Ирам андар Ирам.
Бар сари товус моҳ, бар сари ҳудҳуд кулоҳ,
Бар рухи дурроҷ гул, бар лаби тӯтӣ бақам
Гардани ҳар қумрие маъдани чине зи мушк,
Дидаи ҳар кабкаке маскани миме ба дам.
Рангу рухи лоларо аз наду уд аст хол,
Шамъу гули зардро аз маю мушк аст шам.
Моҳӣ дар обгир дорад ҷазъин зиреҳ,
Оҳу дар марғзор дорад симин шикам.
Бод зиреҳгар шудаст, об мусалсалзиреҳ,
Абр шуда хаймадӯз, моғ мусалсалхиям.
Сулсул хонад ҳаме шеъри Лабиду Зуҳайр,
Нору ронад ҳаме мадҳи Ҷариру Ҳусам.
Бар думи ҳар товусе сад қамару сӣ қамар
Бар пари ҳар кабкаке нӯҳ рақаму даҳ рақам.
Мурғон бар гул кунанд ҷумла ба некӣ дуо,
Бар тану бар ҷони мир бор худои Аҷам...

❁❁❁

Баромад зи кӯҳ абри Мозандарон,
Чу мори шиканҷиву моз андар он.
Ба сони яке зангии ҳомила
Шикам карда ҳангоми зодан гарон.
Ҳамезод ин духтари сарсапед,
Чу пирони фартут пунбасарон.
Ҷуз ин абру ҷуз модари Золи Зар
Назоданд чунин писар модарон.
Ҳаме омаданд аз ҳаво хурд—хурд
Чу пунба сапед андар он духтарон.
Нишастанд зоғон ба болинашон,
Чу навдоягони сияҳмеъҷарон.
Ту гӯйӣ, ба боғ андар ин рӯзи барф
Сафи нож буду сафи аръарон.
Басе хоҳаронанд бар роҳи раз
Сияҳмӯзакону суманчодарон.
Бипӯшанд дар зери чодир ҳама
Ситабрақ зи болои сар то ба рон.
Зи зоғони бар нуж гӯйӣ, ки ҳаст
Кулоҳи сияҳ бар сари хоҳарон.
Чунон коргоҳи Самарқанд шуд
Замин аз дари Балх то Ховарон.
Дару бому devори он коргоҳ
Чунон зангиёнанд коғазгарон.
Мар ин зангиёнро чӣ кор уфтод,
Ки коғазгаронанду коғазхарон?
Нахарранд коғаз аз ин бештар
На коғазфурӯшон, на коғазхарон.
Шавад коғази тозаву тарру хушк,
Чу хуршед лахте битобад бар он.

Валекин шавад таррии ин фузун,
Чу тобанд беш андар он наййирон.
Шуда обгирон фусурда зи ях,
Чунон кӯси рӯйини Искандарон.
Чу сандони оҳангарон гашта ях,
Чу оҳангарон абри Мозандарон.
Барояд ба зер он тагарг аз ҳаво
Чун он путки пӯлоди оҳангарон.
Чӣ беҳтар зи хиргоҳу торам кунун,
Ба хиргоҳу торам-дарун озарон.
Фурӯ бурда мастон сар аз беҳушӣ,
Баровардa овоз хунёгарон.
Ба ҷӯш-андар он деги Баҳманҷанаҳ,
Ба гӯш-андар он Баҳману Қайсарон.
Сари бобзан дар сару рони мурғ,
Буни бобзан дар кафи дилбарон.
Кабоб аз танӯра даровехта,
Чу хунин варақҳои ҷавшанварон.
Худованди мо гашта масту хароб,
Гирифта ду бозуи ӯ чокарон.
Яке номдоре, ки бо номи вай
Шудастанд беном номоварон.
Ба умре чунон гавҳари покро
Наёяд яке гавҳар аз гавҳарон.
Бидодаст дод аз тани хештан
Чу некӯдилону накӯмаҳзарон.
Касе, к-ӯ диҳад аз тани хеш дод,
Набояд-ш рафтан бари доварон...

❁❁❁

Шабе гесӯ фурӯҳишта ба доман,
Палосин миъҷару қирина гарзан.
Ба кирдори зани зангӣ, ки ҳар шаб
Бизояд кӯдаке булғорӣ он зан.
Кунун шӯяш бимурду гашт фартут,
Аз он фарзанд зодан шуд сатарван.
Шабе чун Чоҳи Бежан тангу торик
Чу Бежан дар миёни чоҳи ӯ ман.
Сурайё чун Манижа бар сари чоҳ,
Ду чашми ман бад-ӯ чун чашми Бежан.
Ҳаме баргашт гирди қутби ҷаддӣ,
Чу гирди бобзан мурғи мусамман.
Банотуннаъш гирди ӯ ҳамегашт,
Чу андар дасти марди чап фалохан.
Думи ақраб битобид аз сари кӯҳ
Чунон чун чашми шоҳин аз нишеман.
Маро дар зери рон-андар кумайте
Кушанда нею саркаш нею тавсан.
Инон бар гардани сурхаш фиканда
Чу ду мори сияҳ бар шохи чандан.
Думаш чун бофта банди бирешим,
Сумаш чун з-оҳану пӯлод ҳован.
Ҳамерондам фарасро ман ба тақриб
Чу ангуштони марди арғунунзан.
Сар аз Албурз барзад қурси хуршед,
Чу хунолуда дузде сар зи макман.
Ба кирдори чароғи ниммурда,
Ки ҳар соат фузун гардад-ш равған.
Баромад боде аз ақсои Бобул,
Ҳубубаш хорадарру бораафкан.

Ту гуфтӣ, к-аз ситеғи кӯҳ селе
Фуруд орад ҳаме аҳҷор сад ман.
Зи рӯйи бодия бархост гарде,
Ки гетӣ кард ҳамчун хаззи адкан.
Чунон к-аз рӯйи дарё бомдодон
Бухори об хезад моҳи Баҳман.
Баромад зоғрангу моғпайкар
Яке меғ аз ситеғи кӯҳи Қоран.
Чунон чун сад ҳазорон хирмани тар,
Ки амдан дарзанӣ оташ ба хирман.
Бичастӣ ҳар замон з-он меғ барқе,
Ки кардӣ гетии торик равшан.
Чунон оҳангаре, к-аз кӯраи танг
Ба шаб берун кашад рахшанда оҳан.
Хурӯше баркашидӣ тунд тундар,
Ки мӯйи мардумон кардӣ чу сӯзан.
Ту гуфтӣ нойи рӯйин ҳар замоне
Ба гӯш-андар дамидӣ як дамидан.
Биларзидӣ замин аз зилзила сахт,
Ки кӯҳ андар-фитодӣ з-ӯ ба гардан.
Ту гуфтӣ, ҳар замоне жандапиле
Биларзонад зи ранҷи пашшагон тан.
Фурӯ борид бороне зи гардун
Чунон чун барги гул борад ба гулшан.
Ва ё андар тамузӣ маҳ биборад
Ҷароди мунташир бар бому барзан.
Зи саҳро селҳо бархост ҳар сӯ
Дарозоҳангу печону заминкан.
Чу ҳангоми азоим зӣ муаззам
Ба так хезанд саъбонони риман.
Намози шомгоҳӣ гашт софӣ
Зи рӯйи осмон абри муаккан.

Чу бардорад зи пеши рӯй авсон,
Ҳиҷоби мордӣ дасти Бараҳман.
Падид омад ҳилол аз ҷониби кӯҳ
Ба сони заъфарон олуда маҳҷан,
Чунон чун ду сар аз ҳам боз карда
Зи зарри мағрибӣ дастоваранҷан.
Ва ё пироҳани нилӣ, ки дорад
Зи шаъри зард ниме зеҳ ба доман.
Расидам ман ба даргоҳе, ки давлат
Аз ӯ хезад чу руммонӣ зи маъдан...

❁ ❁ ❁

Эй ниҳода бар миёни фарқ ҷони хештан,
Ҷисми мо зинда бо ҷону ҷони ту зинда ба тан.
Ҳар замон рӯҳи ту лахте аз бадан камтар кунад,
Гӯйӣ, андар рӯҳи ту музмар ҳамегардад бадан.
Гар найӣ кавкаб, чаро пайдо нагардӣ ҷуз ба шаб?
В-ар найӣ ошиқ, чаро гирйӣ ҳаме бар хештан?
Кавкабӣ, оре, валекин осмони туст мум,
Ошиқӣ, оре, валекин ҳаст маъшуқат лаган.
Пираҳан дар зери тан пӯшиву пӯшад ҳар касе
Пираҳан бар тан, ту тан пӯшӣ ҳаме бар пираҳан.
Чун бимирӣ, оташ андар ту расад, зинда шавӣ,
Чун шавӣ бемор, беҳтар гардӣ аз гардан задан.
То ҳамехандӣ, ҳамегирйиву ин бас нодир аст,
Ҳам ту маъшуқиву ошиқ, ҳам бутиву ҳам шаман.
Бишкуфӣ бе навбаҳору пажмурӣ бе меҳргон,
Бигрийӣ бе дидагону бозхандӣ бе даҳан.
Ту маро мониву ман ҳам мар туро монам ҳаме,
Душмани хешем ҳар ду, дӯстдори анҷуман.
Хештан сӯзем ҳар ду бар муроди дӯстон,
Дӯстон дар роҳатанд аз мову мо андар ҳазан.
Ҳар ду гирёнему ҳар ду зарду ҳар ду дар гудоз,
Ҳар ду сӯзонему ҳар ду фарду ҳар ду мумтаҳан.
Он чи ман бар дил ниҳодам, бар сарат бинам ҳаме,
Он чи ту бар сар ниҳодӣ, дар дилам дорад ватан.
Ашки ту чун дур, ки бигудозиву баррезӣ ба зар,
Ашки ман чун рехта бар зар ҳаме барги суман.
Роздори ман туйӣ, ҳамвора ёри ман туйӣ,
Ғамгусори ман туйӣ, ман з-они ту, ту з-они ман.
Рӯйи ту чун шанбалиди навшукуфтай бомдод,
Рӯйи ман чун шанбалиди пажмурида дар чаман.

Расми нохуфтан ба рӯз асту ман аз баҳри туро
Бе васан бошам ҳама шаб, рӯз бошам бо васан.
Аз фироқи рӯйи ту гаштам адуйи офтоб
В-аз висолат бар шаби торе шудастам муфтатан.
Ман дигар ёрони худро озмудам хосу ом,
Не якешон роздору не вафо андар ду тан.
Ту ҳаметобиву ман бар ту ҳамехонам ба меҳр
Ҳар шабе то рӯз девони Абулқосим Ҳасан.
Устоди устодони замона Унсурӣ
Унсураш бе айбу дил беғашшу динаш бефитан.
Шеъри ӯ чун табъи ӯ ҳам бетакаллуф, ҳам бадеъ,
Табъи ӯ чун шеъри ӯ ҳам бомаҳолат, ҳам ҳасан.
Неъмати фирдавс як лафзи матинашро самар,
Ганҷи бодовард як байти мадеҳашро саман,
То ҳамехонӣ ту ашъораш, ҳамехонӣ шакар,
То ҳамегӯйӣ ту абёташ, ҳамебӯйӣ суман.
Ҳилми ӯ чун кӯҳу андар кӯҳи ӯ каҳфи амон,
Табъи ӯ чун баҳру андар баҳри ӯ дурри фитан.
Гоҳи назму гоҳи насру гоҳи мадҳу гоҳи ҳаҷв
Рӯзи ҷидду рӯзи ҳазлу рӯзи килку рӯзи дан.
Дуррбору мушкрезу нӯштабъу заҳрфеъл,
Ҷонфурӯзу дилкушову ғамзудову лаҳватан
Ку Ҷариру ку Фараздақ, ку Зуҳайру ку Лабид,
Руъбаи Аҷҷочи Дикалҷинну Сайфи Зуязан?
Ку Ҳуайя, ку Умайя, ку Нусайбу ку Кумайт,
Ахталу Башшори Бурд, он шоири аҳли Яман?
Дар Хуросон Бӯшуайбу Бузар, он Турки Кишӣ
В-он Сабури Порсӣ  в-он Рӯдакии чангзан.
Он ду гургониву он ду розиву ду валволиҷӣ,
Се сарахсиву се, к-андар Суғд буда мустакан.
Ибни Ҳонӣ, Ибни Румӣ, Ибни Муътаз,  Ибни Файз,
Диъбалу Бӯшису он фозил, ки буд андар Қаран.

В-он хуҷаста панҷ шоир ку, куҷо будандашон:
Арваву Афрову Ҳинда, Вамияву Лайлӣ сакан?
В-он ду Имрулқайс в-он ду Тарфаву ду Нобиға
В-он ду Ҳассону се Аъшо в-он се Ҳаммоду се зан.
Аз Бухоро панҷу панҷ аз Марву панҷ аз Балх боз
Ҳафт Нишопуриву се Тӯсиву се Булҳасан?
Гӯ фароз оянду шеъри устодам бишнаванд,
То ғаризӣ равза бинанду табиӣ настаран.
То бар он осору шеъри хештан гирянд боз,
Не бар осору диёру расму атлолу даман.
Ӯ расули мурсали ин шоирони рӯзгор,
Шеъри ӯ Фурқону маънихош сар то сар сунан.
Шеъри у фирдавсро монад, ки андар шеъри ӯст
Ҳар чӣ дар фирдавс моро ваъда карда зулминан.
Кавсар аст алфози азби ӯю маънӣ Салсабил,
Завқи ӯ анҳори хамру вазнаш анҳори лабан.
Лаззати анҳори хамри ӯст моро беҳисоб,
Роҳати арвоҳи лутфи ӯст моро бешаҷан.
Аз кафи ӯ ҷуд хезад в-аз дили ӯ мардумӣ,
Аз Тибит мушки тибиттӣ в-аз Адан дурри Адан.
Вақти сулҳаш кас надонад марғзан аз марғзор,
Вақти хашмаш кас надонад марғзор аз марғзан.
Назми ӯю лафзи ӯю завқи ӯю вазни ӯ
Ҳар хитобаш, ҳар итобаш, ҳар мадеҳаш, ҳар сухан.
Ҳимматаш обу маолӣ умму бедорӣ валад,
Ҳикматаш амму ҷалолат холу ҳушёрӣ хатан.
З-ин фурӯтар шоирон даъвию з-ӯ маънӣ падид
В-ин ҳакимони дигар якфанну ӯ бисёрфан.
Дар заған ҳаргиз набошад фарри аспи роҳвор,
Гарчи бошад чун саҳили асп овози заған.
Ҳаббазо, аспе муҳаҷҷал, маркабе тозинажод,
Наъли ӯ парвиннишону сумми ӯ хорошикан.

Боркаш чун говмешу ҳамлабар чун наррашер,
Гомзан чун жандапилу бонгзан чун каркадан.
Юзҷасту рангхезу гургпӯю ғурмтак,
Бабрҷаҳ, оҳудаву рубоҳҳила, гӯрдан.
Чун забоне андар оташ, чун сулаҳфот андар об,
Чун наоим дар биёбон, чун баҳоим дар қаран.
Ромзину хушинону кашхирому тезгом,
Шахнаварду роҳҷӯю селбурру кӯҳкан.
Пушти ӯву пойи ӯву гӯши ӯву гарданаш
Чун камону чун римоҳу чун синону чун маҷан.
Баршавад бар бораи сангин, чу санг аз манҷаниқ,
Дарравад дар каъри водӣ чун ба чоҳ-андар шатан.
Бар тарози охта пӯя кунад чун анкабут,
Барбадасте ҷойбар ҷавлон кунад чум бобзан.
Рахш бо ӯ лоғару Шабдиз бо ӯ кундрав,
Вард бо ӯ Арҷалу Яҳмум бо ӯ Ажгаҳан.
Инчунин аспе тавонад бурд берун мар маро
Аз чунин водӣ ба қоъе саҳмноку нешзан.
Аз тапиш гашта ғадираш ҳамчу чашми аъмашон
В-аз аташ гашта масилаш чун гулӯи Аҳриман.
Гашта рӯйи бодия чун хонаи ҷавшангарон
Аз нишони сусмору нақши морони шикан.
Ҳамчу овози камон овои гургон андар ӯ
Ҳамчу ҷаъди зангиён шохи гиёҳон пуршикан.
Бар чунин асбе чунин даште гузорам дар шабе,
Тира чун рӯзи қисосу танг чун рӯзи миҳан.
Рӯй шуста осмони ӯ ба оби лоҷвард,
Даст дарбаста замин-ш аз қир в-аз мушки Хутан.
Рост чун як қабзаву як хонаи қавсе бувад
Он банотуннаъши тобон бар сари кӯҳи Яман.
Бар сипеҳри лоҷвардӣ сурати Саъдуссууд
Чун яке чоҳи ақиқин бар яке нилӣ зақан.

Чун се санги дегпояш – шакли ҷавзо бар канор,
Чун шарора дегпоя, пеши ӯ хайли паран.
Асби ман дар шаб давон ҳамчун сафина дар халиҷ,
Ман бар ӯ собит чунон чун бодбон андар суфан.
Гоҳаш андар шеб тозам, гоҳ тозам бар фароз,
Чун касе к-ӯ гоҳи бозӣ  барнишинад бар расан.
Дар миёни маҳди чашми ман нахусбад тифли хоб,
То набинам рӯйи он Бирҷисройи таҳмтан.
То нагирам домани иқболи ӯ муҳкам ба чанг,
То набӯсам хоки зери пойи ӯ тӯлуззаман.
Эй Манучеҳрӣ, ҳаметарсам, ки аз бедонишӣ
Хештанро ҳам ба дасти хештан дӯзӣ кафан.
Он ки андар зери тоҷи гавҳару дебои шеър
Чун нигори Озар асту чун Баҳори барҳаман,
Бурд хоҳӣ пеши ӯ нопарварида шеъри хеш,
Кард хоҳӣ дар маломат арзи худро муртаҳан.
Бар думи товус хоҳӣ кард нақше хубтар,
Дар биҳишти адн хоҳӣ гашт шохи норван.
Он ки устодони гетӣ барҳазар бошанд аз ӯ,
Ту ба нодонӣ марав наздики ӯ лотаъҷалан.
Маҷлиси устоди ту чун оташе афрӯхтаст,
Ту чунон чун уштури бехостор андар атан.
Уштури нодон зи нодонӣ фурӯ хуспад ба роҳ,
Бе ҳазар бошад аз он шере, ки ҳаст уштпуршикан…

❂ ❂ ❂

Ҳосидон бар ман ҳасад карданду ман фардам чунин,
Доди мазлумон бидеҳ, эй иззи мири мӯъминин.
Шери нар танҳо бувад ҳар ҷову хукон ҷуфт-ҷуфт,
Мо ҳама ҷуфтему фард аст Эзиди ҷонофарин.
Ҳосидам бар ман ҳаме бешӣ кунад, ин з-ӯ хатост,
Бифсурад, чун бишкуфад гул пеши моҳи фарвадин.
Ҳосидам хоҳад, ки ӯ чун ман ҳамегардад ба фазл,
Ҳар кӣ бемории диқ дорад, куҷо гардад самин?
Ҳосидам гӯяд: «Чаро бар ман ба як гуфтори ман
Кӯж гаштӣ чун камону тир гаштӣ чун камин?»
Куж гаштан бо чунон ҳосид бувад аз ростӣ,
Божгуна рост ояд нақши кӯж андар нигин.
Ҳосидам гӯяд: «Бибурдӣ дӯстонамро зи ман».
Дӯстонро худ бар абру буд аз вай хамму чин.
Мардуми доно набошад дӯсташ як рӯз беш,
Ҳар касе ангушти худ як раҳ кунад дар зулфин.
Ҳосидам гӯяд: «Чаро бошӣ ту дар даргоҳи шоҳ,
Ин-т бузғе ошкоро, ин-т ҷаҳли ростин».
Ҳар куҷо боғе бувад, он ҷо бувад овози мурғ,
Ҳар куҷо мурғе бувад, он ҷо бувад тири сафин.
Ҳосидам гӯяд, ки «Мо пирему ту барнотарӣ,
Нест бо пирон ба дониш мардуми барно қарин.
Гар ба пирӣ дониши бадгавҳарон афзун шудӣ,
Русияҳтар нестӣ ҳар рӯз Иблиси лаин.
Ҳосидам гӯяд: «Чаро хонанд камтар шеъри ман,
З-они ту хонанд ҳар кас, ҳам баноту ҳам банин?»
Шеъри ман моъи маъину шеъри ту моъи ҳамим,
Кас хӯрад моъи ҳамимӣ, чун бувад моъи маъин?
Ҳосидам гӯяд: «Чаро ту хидмати хусрав кунӣ?
Рӯбаҳонро кард бояд хидмати шери арин?»

Пилбонро рӯзӣ андар хидматам пилон бувад,
Бандагонро рӯзӣ  андар хидмати шоҳи замин.
Ҳосидам гӯяд, ки «Шеъри ӯ бувад танҳову бас
Бознашносад касе барбат зи чанги Ромтин.»
На ҳама ҳикмат Худо андар яке шоир ниҳод,
На ҳама бӯйе бувад дар нофаҳои мушки Чин.
Шоире ташбиб донад, шоире ташбеҳу мадҳ,
Мутрибе Қолус донад, мутрибе шаккартавин.
Ҳосидам гӯяд: «Чаро дар пешгоҳи меҳтарон
Мо залилему ҳақиру ту аминиву меҳин?»
Қавли ӯ бар ҷаҳли ӯ ҳам ҳуҷҷат асту ҳам далел,
Фазли ман бар ақли ман ҳам шоҳид асту ҳам ямин.
Ҳосидо, ҳаргиз набинӣ, то ту бошӣ рӯйи ақл,
Дӯзахӣ ҳаргиз набинад рӯю мӯйи ҳуриин.
Ҳосидо, ту шоириву низ ман ҳам шоирам,
Чун туро шеъри заиф асту маро шеъри самин.
Шеъри ту шеър аст, лекин ботинаш пурайбу ор.
Кирми бисёре бувад дар ботини дурри самин.
Шеър ногуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст,
Бачча нозодан беҳ аз шашмоҳа бифкандан ҷанин.
Ҳосидо, то ман бад-ин даргоҳи султон омадам,
Барфитодат ғулғулу бархостат вайлу ҳанин.
Гар чунин бошӣ ба ҳар шоир, ки ояд назди шоҳ,
Баски бояд, баски бояд, мар туро будан ҳазин,
Шоҳро сар сабз боду тан ҷавон, то ҳар замон
Шоирон оянд-ш аз ақсои Руму ҳадди Чин.
Соли порин бо ту моро чӣ ҷидолу ҷанг хост,
Соли имсолин ту бо мо даргирифтӣ ҷангу кин.
Бош, то соли дигар навбат киро хоҳад будан,
То киро мебоядам зад бар сари вай пӯстин.
Ман туро аз хештан дар боби шеъру шоирӣ
Камтарин шоир шиносам, ҳозиҳи ҳаққуляқин!
Мир фармудат, ки рав, як шеъри ӯро кун ҷавоб,
Буд солеву накардӣ, нанг бошад беш аз ин?!

Гар маро фармуда будӣ хусрави банданавоз.
Беҳтар аз девони шеърат посухе кардам матин.
Лекин ашъори туро он қадру он қимат набуд,
К-аш бифармудӣ ҷавоб ин хусрави шоиргузин.
Гар ту, эй нодон, надонӣ, ҳар касе донад, ки ту
Нестӣ бо ман ба гоҳи шеър гуфтан ҳамнишин.
Ман бидонам илми дину илми тиббу илми наҳв,
Ту надонӣ, долу золу рову зову сину шин.
Ман басе девони шеъри тозиён дорам зи бар,
Ту надонӣ хонд: илоҳуббӣ бисаҳнак фасбаҳин.
Хост аз Рай хусрави Эрон маро бар шаст мил,
Худ зи ту ҳаргиз наяндешид дар чандин синин.
Ман ба фазл аз ту фузунам, ту ба мол аз ман фузун,
Беҳтар аст аз мол фазлу беҳтар аз дунёст дин.
Моли ту аз шаҳрёри шаҳрёрон гирд гашт
В-арна андар Рай ту саргин чидаӣ аз поргин.
Гар набошад дар чунин ҳоҷат мазиде мар туро,
Оразе бас бошадат бар лашкари мири матин.
Ҳеҷ соле нест, к-аз динор сесад, чорсад
Аз паи арзи ҳашам камтар кунӣ дар остин.
В-он гаҳе гӯйӣ: «Ман аз шоҳи ҷаҳон шокир наям»,
Гар на нанг ояд аз ин шаҳ, рахт, рав, барбанд ҳин!
Боз Ширвон шав, бад-он ҷойе, ки додандат ҳаме
Гӯшти хуки мурдаи якмоҳаву нони ҷавин.
Мар маро боре бад-ин даргоҳи шоҳ аст орзу
Н-аз Раю Гургон ҳаме ёд оядам, н-аз Хофиқин.
Шоиронро дар Раю Гургону дар Ширвон кӣ дид
Бадраи адле ба пушти пил оварда ба зин?
Он чи ин меҳтар диҳад рӯзӣ ба кеҳтар шоире,
Мӯътасим ҳаргиз ба умр-андар надоду мустаин.
Рав, чунин шукре куну бисёр наспосӣ макун,
То-т бахшад бахти неку сояи хусрав матин.
Он ки ӯ шокир бувад, бошад зи хайли акрамин
В-он ки ношокир бувад, бошад зи хайлулахсарин...

❂ ❂ ❂

Эй бода, фидои ту ҳама ҷону тани ман,
К-аз бех бикандӣ зи дили ман ҳазани ман.
Хуб аст маро кор, ба ҳар ҷо ки ту бошӣ,
Бедории ман бо ту хуш асту васани ман.
Бо туст ҳама унси дилу коми ҳаётам,
Бо туст ҳама айши тану зистани ман.
Ҳар ҷойгаҳе, к-он ҷо омад-шудани туст,
Он ҷо ҳама гаҳ бошад омад-шудани ман.
Эй бода, Худоят ба ман арзонӣ дорад,
К-аз туст ҳама роҳати рӯҳу бадани ман.
В-он ҷо, ки бувад мастии айёми гузашта,
Он ҷост ҳама расму талолу дамани ман.
Ё дар хуми ман бодӣ, ё дар қадаҳи ман,
Ё дар кафи ман бодӣ, ё дар даҳани ман!
Бӯйи хуши ту бод ҳамасола бахурам,
Ранги рухи ту бод бари пираҳани ман.
Озода рафиқони мано, ман чу бимирам,
Аз сурхтарин бода бишӯед тани ман.
Аз донаи ангур бисозед ҳанутам
В-аз барги рази сабз ридову кафани ман.
Дар сояи раз-андар гӯре биканедам,
То нектарин ҷойе бошад ватани ман.
Гар рӯзи қиёмат барад Эзид ба биҳиштам,
Ҷӯйи майи пур хоҳам аз зулминани ман.

❁ ❁ ❁

Фиғон аз ин ғуроб бину вои ӯ,
Ки дар наво фикандамон навои ӯ.
Ғуроб бин, наяст ҷуз паямбаре,
Ки мустаҷоб зуд шуд дуои ӯ.
Ғуроб бин, ки нойзан шудасту ман
Сутуҳ шудам зи истимоъи нои ӯ.
Бирафт ёри бевафову шуд чунин
Саройи ӯ хароб чун вафои ӯ.
Ба ҷойи ӯ бимонд ҷойи ӯ ба ман
Вафо намуд ҷойи ӯ ба ҷои ӯ.
Ба сони чоҳи Замзам аст чашми ман,
Ки Каъбаи вуҳуш шуд сарои ӯ.
Саҳоби ӯ ба сони дидагони ман,
Ба сони оҳи сарди ман сабои ӯ.
Хароб шуд тани ман аз бақои ман,
Хароб шуд тани вай аз бақои ӯ.
Ало, куҷост ҷамли бодпои ман,
Ба сони соқҳои арш пои ӯ.
Чу киштие, ки Нили ӯ зи думми ӯ
Шуроъи ӯ, сурини ӯ, қафои ӯ.
Зимоми ӯ тариқи ӯю роҳбар,
Ситоми ӯю дасти ӯ асои ӯ.
Куҷост, то биёзмоям андар ин
Сароби оби чеҳра ошнои ӯ.
Бибуррам ин дуруштнок бодия,
Ки гум шавад хирад дар интиҳои ӯ.
Зи тӯли ӯ ба ними роҳ бигсилад
Фарози ӯ масофати самои ӯ.
Замини ӯ чу дӯзаху зи таффи он
Чу мӯйи зангиён шуда гиёи ӯ.

Ба сони мулки Ҷам хароб бодия,
Сипоҳи ғӯлу дев подшои ӯ.
Зананд микраа ба пеши подшо
Дуволи мору неши аждаҳои ӯ.
Канизакон ба гирди ӯ кашида саф
Зи каркиву наомаву катои ӯ.
Зи рангу нақши мор кард рег пур
Ғадирҳову обгирҳои ӯ.
Шароби ӯ саробу ҷомаш авдия
Ва нуқли ӯ ҳаҷораву ҳасои ӯ
Самои мутрибон ба гирди ӯ-дарун
Зи бабру гургу шер пур авои ӯ.
Чу роҳи пурсамуму гарму испарам,
Ба гирди ӯ акозаву ғизои ӯ.
Шамида ман дар он миёни бодия
Зи саҳми деву бонги ҳой-ҳои ӯ.
Бад-он гаҳе, ки ҳур қиргун шавад,
Чу рӯйи ошиқон бувад зиёи ӯ.
Шаб аз миёни Бохтар бурун чаҳад,
Бигустарад ба зери чарх ҷои ӯ.
Фалак чу чоҳи лоҷварду далви ӯ
Дупайкару Маҷарра ҳамчу нои ӯ.
Чу ҷомаи нигор гар шавад ҳаво,
Нуқатти зар шавад бар ӯ нақои ӯ,
Ҳубуби ӯ ҳавову бар ҳубуби ӯ
Касе фишонда гарди осиёи ӯ.
Зи Ҳақъае чу нимхонаи камон
Баноти наъш аз аввали бинои ӯ.
Ҷадӣ чунон башорае дар остар
Чу нуқтае ба Савр бар Суҳои ӯ.
Хаво ба ранги нилгун яке қабо,
Шиҳоб банди сурх бар қабои ӯ.

Маҷарра чун зиё, ки андар ӯ фитад
Ба равзану нуҷуми ӯ ҳабои ӯ.
Бад-он гаҳе, ки субҳи рӯз бардамад,
Баҳои ӯ ба кам кунад баҳои ӯ.
Камар ба сони чашми дардгин шавад,
Сапедадам шавад чу тӯтиёи ӯ.
Расида ман ба интиҳои бодия,
Ба интиҳо расида ҳам анои ӯ...

❁ ❁ ❁

Расми Баҳман гиру аз нав тоза кун Баҳмаҷана,
Эй дарахти мулк, борат иззу бедорӣ тана.
Урмузду Баҳману Баҳманҷана фаррух бувад,
Фаррухат бод Урмузду Баҳману Баҳманҷана.
Рост пиндорӣ булӯрин ҷомҳои чиниён
Бар сари тасвири зангориву банди ойина.
Ё ба минқори зуҷҷои барканад товуси нар
Паррҳои тӯтиён аз тӯтиён вақти чина.
Эй худованде, ки рӯзи хашми ту аз хашми ту
Дарҷаҳад оташ ба санги оташу оташзана.
Хашми ту чун моҳии фарзанди Довуди набӣ,
К-ӯ биявборад ҷаҳон, гӯяд, ки ҳастам гурсуна.
Дар дуои мӯъминину мӯъминотӣ з-он ки ҳаст
Зери борат гардани ҳар мӯъмину ҳар мӯъмина.
То тавонӣ, шаҳрёро, рӯзи имрӯзин макун
Ҷуз ба гирди хум хиромиш, ҷуз ба гирди дан дана.
Бомдодон ҳарби ғамро таъбия кун лашкаре,
Ихтиёраш бар талоя, ифтихораш бар буна.
Ту ба қалби лашкар-андар, хуни ангурон ба даст,
Соқиён бар майсара, хунёгарон бар маймана.
Соқиёни ту фиканда бода андар ботия,
Ходимони ту фиганда анбар андар мадхана.
Мутрибон соат ба соат бар навои зеру бам,
Гоҳ Сарвистон зананд имрӯзу гоҳе Ишкана,
Гоҳ Зери Қайсарону гоҳ Тахти Ардашер,
Гоҳ Наврӯзи Бузургу гаҳ навои Баскана,
Гаҳ навои Ҳафтганҷу гаҳ навои Ганҷи гов,
Гаҳ навои Деврахшу гаҳ навои Арҷана,
Навбате Полизбону навбате Сарви сиҳӣ,
Навбате Равшанчароғу навбате Ковизана,

Соате Сивори тиру соате Кабки дарӣ,
Соате Сарви ситоҳу соате Боравзана,
Бомдодон бар Чакак чун чоштгоҳон бар Шахач,
Нимрӯзон бар Лабипо, шомгоҳон бар Дана.
Моҳи Фарвардин ба Гулчам, моҳи Дай бар Бодранг,
Меҳргон бар Наргису фасли дигар бар Савсана…

❁ ❁ ❁

Бархез, ҳон, эй ҷория, май дарфикан дар ботия,
Ороста кун маҷлисе аз Балх то Армония.
Омад хуҷаста Меҳргон-ҷашни бузурги хусравон,
Норинҷу нору аққавон овард аз ҳар ноҳия.
Гулнорҳо берангҳо, шоҳаспарам бечангҳо,
Гулзорҳо чун гангҳо, бустонҳо чун авдия.
Лола нарӯяд дар чаман, бодом накшояд даҳан,
На шабнам ояд бар суман, на бар шукуфа андия.
Наргис ҳаме дар боғ-дар чун сурате дар симу зар
В-он шохаҳои мурди тар чун гесуи пурғолия.
В-он норҳо бин даҳ рада бар норвон гирд омада.
Чун ҳоҷиён гирд омада дар рӯзгори тарвия.
Гарде бар обӣ бехта, зар аз турунҷ ангехта,
Хӯша зи ток овехта монанди саъду ахбия.
Шуд гуна-гуна хоки раз чун пираҳани ранграз,
Акнун-т бояд хаззу баз гирд овариду адъия.
Булбул нагӯяд ин замон лаҳни суруди тозиён,
Қумрӣ нагардонад забон бар шеъри ибни Тасрия.
Булбул чағона бишканад, соқӣ чамона пур кунад,
Мурғ ошёна бифканад андар шавад дар зовия.
Ангурҳо бар шоххо монандаи чахмоххо
В-ангушташон чун коххо, бустонашон чун бодия.
Орад сӯи чархушташон в-он гаҳ бидаррад пусташон,
Дар фарқашону пушташон андарфишонад носия.
Чун ҷонҳошон барканад, хуншон зи тан бипроканад,
Орад фуруду афканад дар хусравонӣ хобия.
Муҳкам кунад сарҳои хум, то моҳи панҷум ё шашум
В-он гаҳ биёяд бофдум, он гаҳ биёрад ботия.
Хишт аз сари хум барканад, бода зи хум берун кунад
В-он гаҳ варо дарафканад дар қасъави марвония.
Чун субҳи содиқ бардамад, мири маро ӯ май диҳад.
Ҷоме ба дасташ барниҳад чун чашмаи маъмудия.
Гӯяд: бихӯр, к-ат нӯш бод ин ҷоми май аз бомдод,
Эй аз дари мулки Қубод бо тахту тоҷу алвия...

❀ ❀ ❀

Ҳоҳам, ки бидонам ман, ҷоно, ту чӣ хӯ дорӣ?
То аз чӣ барошӯбӣ, то аз кӣ биёзорӣ?
Гар ҳеҷ сухан гӯям бо ту зи шаккар хуштар,
Сад кина ба дил гирӣ, сад ашк фурӯ борӣ.
Бадхӯ набудӣ чунин, бадхӯт кӣ кард, охир?
Бадхӯтар аз ин хоҳӣ гаштан, сари ӯ дорӣ.
Бадхӯ нашудастӣ ту, гар з-он ки накардимон
Бо хӯйи бад аз аввал чандон-т харидорӣ.
Хидмат накунӣ моро в-аз мо талабӣ хидмат,
Ёрӣ накунӣ моро в-аз мо талабӣ ёрӣ.
Нозе ту кунӣ бар мо в-аз мо накашӣ нозе,
Хорӣ бнкунй бар мо в-аз мо накашӣ хорӣ.
Рав, рав, ки ба якбора чунин натавон будан,
Ланге натавон бурдан, эй дӯст, ба раҳворӣ.
Ё дӯстии содиқ, ё душмании зоҳир,
Ё яксара пайвастан, ё яксара безорӣ.
Ман душманият, ҷоно, бар дӯстӣ ангорам,
Ту дӯстиям, ҷоно, бар душманӣ ангорӣ.
Некӯст ба чашми ман дар пирию барноӣ,
Хуб аст ба табъи ман дар хобеву бедорӣ.
Ҷанге, ки ту оғозӣ, сулҳе, ки ту пайвандӣ,
Шӯре. ки ту ангезӣ, узре, ки ту пеш орӣ,
Айшест маро бо ту, чунон ки наяндешӣ,
Ҳолест маро бо ту, чунон-ш напиндорӣ.
Айшем бувад бо ту дар ғайбату дар ҳазрат,
Ҳолем бувад бо ту дар мастиву ҳушёрӣ.
Ман умри ту дар шодӣ бо умри шаҳи олам
Пайваста ба ҳам хоҳам чун рӯзу шаби торӣ.

✼ ✼ ✼

Наврӯз даромад, эй Манучеҳрӣ,
Бо лолаи лаълу бо гули ҳумрӣ.
Мурғони забонгирифта яксар боз
Бикшода забони румиву ибрӣ.
Як мурғ суруди порсӣ гӯяд,
Як мурғ суруди моваруннаҳрӣ.
Дар замҷара шуд чу мутрибон булбул,
Дар замзама шуд чу мӯбадон қумрӣ.
Монад варашон ба мутриби Кӯфӣ,
Монад варашон ба муқрии Басрӣ.
Дар домани кӯҳ кабк шабгирон
Даррафт ба ҳам ба рақс бо кадрӣ.
Бар пар алифе кашиду натвонист,
Хаммида кашид алиф зи бесабрӣ.
Бар пар бикашид ҳафт алиф ё нӯҳ,
Аз беқаламӣ ва ё зи беҳабрӣ.
Тӯтӣ ба ҳадису қисса андар шуд
Бо мардуми рустоиву шаҳрӣ.
Пироҳанаке буриду шалворе
Аз байрами сабзу аз гули ҳумрӣ.
Пироҳанаке беостин, лекин
Шалвор чу остини Бӯамрӣ.
Худҳуд чу канизакест дӯшиза,
Бо зулфи Аёзу дидаи Фахрӣ.
Бар фарқ задаст шонае мушкин
Бе гесуваке дароз аз ғумрӣ.
Бар шохи дарахти арғувон булбул
Монад ба Ҷамили Маъмари Азрӣ.
Бе вазни арӯз баҳрҳо гӯяд,
Шоир иабувад бад-ин накӯшеърӣ,

Товус мадеҳи Унсурӣ хонад,
Дурроҷ мусаммати Манучеҳрӣ,
Бар барги сапеди ёсуминитар
Баррехт қуробаи майи ҳумрӣ.
Ҷунбид сари ҳуҷаста натвонад
Бар гардани кӯтаҳаш зи пуратрӣ.
Хуни дили лола дар дили лола
Афсурда шуд аз ниҳеби камумрӣ.
Сад гарданаки забарҷадин дидӣ,
Бар як тани хурди наргиси баррӣ.
Шамшод нигар, бад-он накӯзулфӣ,
Гулнор нигар, бад-он накӯчеҳрӣ.
Эй тозабаҳор, сахт падромӣ
Пирояи даҳру зевари асрӣ...
Аз бӯи бадеъу аз насими хуш
Чун нофаи мушку анбари таррӣ.
В-аз рангу нигору сурати некӯ
Чун қасри малик Муҳаммади Қасрӣ...

❁❁❁

Наврӯз барнигошт ба саҳро ба мушку май
Тимсолҳои Аззаву тасвирҳои Май.
Бустон ба сони бодия гаштаст пурнигор,
Аз сунбулаш қанинаву аз арғувон-ш ҳай.
Сад коргоҳи Шуштар кардаст боғ лош,
Сад коргоҳи Тиббит кардаст дашт тай.
Тутӣ миёни боғ дамону кашикунон
Чангаш чу барги савсану болаш чу барги най.
Пояш ба сони домани дебои заррбафт,
Думмаш пур аз ҳилолу ҷиноҳаш пур аз чудай.
В-ин ҳудҳуди бадеъ дар ин аввали рабеъ
Бирҷисвор тоҷе бар сар ниҳода вай.
Бирҷиси ӯ ба сар-бар гаҳ бозу гаҳ фароз,
Чун ходиме, ки саҷда барад пеши шоҳи Рай.
Қумрӣ ҳазор навҳа кунад бар сари чанор,
Чун аҳли шиа бар сари асҳоби Ашъарай.
Мурғ андар обгиру бар ӯ қатраҳои об.
Чун чеҳраи нишаста бар ӯ қатраҳои хай.
Аз қаҳқаҳи қанина чу май з-ӯ фурӯ кунӣ,
Кабки дарӣ бихандад шабгир то зуҳай.
Чун сабзаи баҳор бувад нойи андалеб,
Чун анди шаҳрёр бувад савти титавай.
Булбул ба захма гирад най бар сари чанор,
Чун хоҷаи хатир барад дастро ба май...

❁ ❁ ❁

Наврӯз рӯзгор муҷаддад кунад ҳаме
В-аз боғи хеш боғи Ирам рад кунад ҳаме.
Наргис миёни боғ, ту гӯйӣ, дирамзанест,
Авроқи ушрҳои муҷаллад кунад ҳаме.
Дар лолазор лолаи нӯъмони сурхрӯй
Холе зи мушку ғолия бар хад кунад ҳаме.
В-он настаран чу нофи булӯрини дилбаре,
К-ӯ нофро миёна пур аз над кунад ҳаме.
В-он баргҳои бед, ту гӯйӣ, касе ба қасд
Пайконаҳои пахн забарҷад кунад ҳаме.
Зарробвор шохи гули зард ҳар шабе
Динорҳои гирд муҷаддад кунад ҳаме.
Аз баҳри он ки зулфи муаккад накӯ бувад,
Сунбул ба боғ зулф муаккад кунад ҳаме.
В-аз баҳри он ки рӯй бувад сурх хубтар,
Гулнор рӯи хеш муваррад кунад ҳаме.
Хур боз миҷмаре бифурӯзад бар осмон,
Гӯйӣ, ки зар ба теғ муҳаннад кунад ҳаме.
Абри гулобрез ҳаме бар гулобдон
Бар рӯйи гул гулоб мусаъъад кунад ҳаме.
Абри сиёҳ боз мутарро кунад баҳор,
Ҳар гаҳ, ки рӯйи хеш бар ӯ рад кунад ҳаме.
Бе уди бод уд мусаллас кунад ҳаме,
Бе тоби об диръ музаррад кунад ҳаме.
Боғи тарӣ ситабрақи румӣ кунад ҳаме,
Бар бар ҳаме қалода зи фарқад кунад ҳаме.
Бар сар асобаи зари румӣ кунад ҳаме,
Дар бар лабодае зи забарҷад кунад ҳаме.
Савсан сурин зи байрами кӯҳлӣ кунад ҳаме,
Насрин даҳан зи дурр муназзад кунад ҳаме.

Лола дил аз фатилаи анбар кунад хаме,
Хайрӣ рух аз саҳифаи асҷад кунад ҳаме.
Боди барин саноати Монӣ кунад ҳаме,
Мурғи ҳазин ривояти мубад кунад ҳаме.
Булбул гулӯ кушода саҳаргоҳ бар дарахт,
Гӯйӣ, санои мир Муайяд кунад ҳаме...

❁ ❁ ❁

Санамо, гирди сарам чанд ҳамегардонӣ,
Зиштӣ аз рӯи накӯ зишт бувад, гар донӣ.
Ё бикун, он чи шабу рӯз ҳаме ваъда диҳӣ,
Ё макун ваъда ҳар он чиз, ки он натвонӣ.
Аз ҳаду ғояти нофармонӣ дармагузар,
Ки падидор аст андозаи нофармонӣ.
Дили ман бурдиву аз хештанам дур кунӣ,
Барнаёяд, санамо, кор бад-ин осонӣ.
Меҳрубонӣ накунӣ бар ману меҳрам талабӣ,
Надиҳӣ доду ҳаме дод зи ман бистонӣ.
Бевафоӣ куниву нодон созӣ тани хеш,
Нестӣ, эй бут, якбора бад-ин нодонӣ.
Набувӣ розӣ, гар з-он ки амират хонам,
Ман бад-он розӣ бошам, ки ғуломам хонӣ.
Аз ту моро на канору на паёму на салом,
Мекун, эй дӯст, ки кайфар бариву дармонӣ.
Гӯйӣ, андар дили пинҳон-т ҳамедорам дӯст,
Беҳ бувад душманӣ аз дӯстии пинҳонӣ.
Макун, эй дӯст, ки бедод пишоне нагузошт,
Адл боз омад бо Булҳасани Имронӣ...

❁ ❁ ❁

Рафт сармову баҳор омад чун товусе,
Ба суи равза бурун омад ҳар маҳбусе.
Ҳар замон навҳа кунад фохта чун навҳагаре,
Ҳар замон кабк ҳаметозад чун ҷосусе.
Бар сари сарв занад пардаи Ушшоқ тазарв,
Варашон ной занад бар сари ҳар мағрусе.
Бизанад нору бар сарви сиҳӣ сарви сиҳӣ,
Бизанад булбул бар тораки гул қолусе.
Дами ҳар тӯтияке чун вараќи наргиси тар,
Боз чун дастаи савсан думи ҳар товусе.
Ба саҳаргоҳон ногоҳон овози куланг
Рост чун ғев кунад сафдар дар курдусе.
Чун сафире бизанад кабки дарӣ дар ҳазмон,
Бизанад лақлақ бар кунгура-бар ноқусе…

❁❁❁

Наврӯз, рӯзгори нишот асту эманӣ,
Пӯшида абр дашт ба дебои арманӣ.
Бар ёсумин асобаи дурри мурассаъ аст,
Бар арғувон тавилаи ёқути маъданӣ.
Хайли баҳор хайма ба саҳро бурун занад,
Воҷиб бувад, ки хайма ба саҳро бурун занӣ.
Аз бомдод то ба шабонгоҳ май хӯрӣ
В-аз шомгоҳ то ба саҳаргоҳ гул канӣ.
Бар арғувон қалодаи ёкут бигсилӣ,
Бар мушки бед ноижаи уд бишканӣ.
Бар гул ҳаменишиниву бар гул хамехӯрӣ,
Бар хум ҳамехиромиву бар дан ҳамеданӣ.
Дурр аст нохаридаву мушк аст ройгон,
Ҳарчанд барфишониву ҳарчанд барчинӣ,
Наргис ҳаме рукӯъ кунад дар миёни боғ,
Зеро ки кард фохта бар сарв муъзинӣ.
Дорад хуҷаста ғолиядоне зи сандарӯс,
Чун нимае ба анбари соро биёканӣ.
Наргис ба сони каффаи симин тарозуест,
Чун зарри ҷаъфарӣ ба миёнаш дарафканӣ.
Монад ба синаву думи товус шохи гул
Чун мушку дурру дона дар ӯ барпароканӣ.
Дурӯя гул чу дойира бар сурхдеба аст,
Чун пушти ӯ ба риштаи заррин биёжанӣ.
Ботин-ш ҳаст дигару зоҳир-ш дигар аст,
Гавҳар шудаст ин гули дурӯй ботинӣ.
Наргис ба сони чарх ба шашпарра осиё,
Он чархи осиё, ки сутун зумрадин кунӣ.
Чархаш зи зарр зарб кунӣ в-он гаҳе дар ӯ
Дандонаи булӯрин гирдаш фурӯ канӣ.
Шохи бунафша бар сари зону инҳода сар,
Монандаи мухолифи Бӯсаҳли Зӯзанӣ…

❁❁❁

Бизан, эй турки оҳучашм, оҳу аз сари тиро,
Ки боғу роғу кӯҳу дашт пурмоҳ асту пуршаъро.
Яке чун хаймаи Хоқон, дувум чун хиргаҳи хотун,
Сеюм чун ҳуҷраи Қайсар, чаҳорум қуббаи Кисро.
Гули зарду гули хайриву беду боди шабгире
Зи Фирдавс омаданд имрӯз субҳоналлазӣ асро.
Яке чун ду рухи Вомиқ, дувум чун ду лаби Узро,
Сеюм чун гесуи Марям, чаҳорум чун дами Исо.
Бинолад мурғ бо х(в)ашшӣ, биболад сарв бо кашшӣ,
Бигиряд абр бомаънӣ, бихандад барқ бемаъно.
Яке чун ошиқи бедил, дувум чун ҷаъди маъшуқа,
Сеюмм чун мижжаи Маҷнун, чаҳорум чун лаби Лайло.
Гаҳе булбул занад бар зеру гаҳ сулсул занад бар бам,
Гаҳе қумрӣ кунад аз бар, гаҳе сорӣ кунад имло.
Яке мақсураи Уттобу дигар чомаи Даъбал,
Се дигар мухлиси Ахтал, чаҳорум мақтаи Аъшо.
Забону арғувону аққавону займурони нав
Ҷаҳон гаштаст аз х(в)ашшӣ ба сони Лоту Алуззо,
Яке чун зумрадин байрам, дувум чун буссадин миҷмар,
Сеюм чун мармарин афсар, чаҳорум анбарин бадро.
Гули зарду гули дурӯ, гули сурху гули насрин,
Зи дарду доғ додастанд моро хатти истиғно.
Яке чун рӯйи беморон, дувум чун рӯи майхорон,
Сеюм чун дасти боҳинно, чаҳорум дасти беҳинно.
Ба зери гул занад чанге, ба зери сарвбун нойе,
Ба зери ёсумин Урват, ба зери настаран Афро.
Яке най бар сари Кисро, дувум най бар сари Шишам,
Се дигар пардаи Саркаш, чаҳорум пардаи Лайло.
Ҳумому фохта бар шоху таззу қумрӣ андар гул
Ҳамехонанд ашъору ҳамегӯянд: «ё лаҳфо».

Яке чун Бушр бин Ҳозим, дувум чун Амри Бӯяҳё,
Савум чун Аъшии Ҳамдон, чаҳорум Наҳшали Ҳурро.
Навойи қумриву тӯтӣ, ки бо руд аст май бар сар,
Нашиди булбулу сулсул, қифо набки ва мин зикро.
Яке чун Мӯбади мутриб, дувум чун Зулзули Розӣ,
Сеюм чун Ситтии Заррин, чаҳорум чун Алӣ Макко.
Чу тӯбо гашт шохи беду шохи сарву нужу гул,
Нишаста арғунунсозон ба зери сояи тубо.
Яке чун чатри зангорӣ, дувум чун сабз - амморӣ,
Сеюм чун қомати ҳуро, чаҳорум номаи Моно.
Гули сурху пари теҳу, гули зарду пари нору
Ба шеъру ишқи ин ҳар ду кунанд ин ҳар ду тан даъво
Яке ҳамчун Ҷамил омад, дувум монанди Бусайна,
Се дигар чун Зуҳайр омад, чаҳорум чун Уми Авфо.
Канори обдон гашта ба шохи арғувон ҳомил,
Саҳоби соҷгун гашта ба тифли оҷгун ҳубло.
Яке чун дидаи Яъқубу дигар чун рухи Юсуф,
Се дигар чун дили Фиръавн, чаҳорум чуи кафи Мӯсо.
Ба боғи мушкбуй-андар насими боғро ҷунбиш,
Ба боғи сабзрӯй-андар Фуроти обро маҷро...

❁ ❁ ❁

Офарин, з-он маркаби шабдизранги рахшрӯй,
Аъваҷе модар-шу он модар-шро Яҳмум шӯй.
Гоҳи баррафтан чу мурғу гоҳи печидан чу мор,
Гоҳи раҳворӣ чу кабку гоҳи барҷастан чу гӯй.
Чун наҳангон андар обу чун палангон дар ҷибол,
Чун кулангон дар ҳавову ҳамчу товусон ба кӯй.
Даршавад бе захму заҷру даршавад бе тарсу бим,
Ҳамчу озаршат ба оташ, ҳамчу мурғобӣ ба ҷӯй.
Пай зи қавсу раг зи диръу фаш зи мӯю тан зи кӯҳ,
Сар зи нахлу дум зи ҳаблу бар зи сангу сум зи руй.
Дерхобу зудхезу тезсайру дурбин,
Хушинону кашхирому покзоду некхӯй.
Сахтпою захмрону ростдасту гирдсум,
Тезгӯшу паҳнпушту нармчарму хурдмӯй.
Абрсайру бодгарду раъдбонгу баркҷаҳ,
Пилгому селбурру шахнаварду роҳҷӯй.
Гӯрсоқу шерзаҳра, юзтозу ғурмтак,
Пилгому каргсина, рангтозу гургпӯй.
Тсзчашм, оҳанҷигар, фӯлоддил, кимухтлаб,
Симдандон, чоҳбинӣ, новакому лавҳрӯй.
Найзаву теғу каманду ночиху тиру камон,
Гардану гӯшу думу сумму даҳону соқи ӯй.
Инчунин аспе маро додаст безин шаҳрёр,
Асби безин ҳамчунон бошад, ки бедаста сабӯй.

❁ ❁ ❁

Бисоз чангу биёвар дубайтиву рачазӣ,
Ки бонги чанг фурӯ дошт андалеби разӣ.
Расид пешрави корвони моҳи хазон,
Таноби роҳила барбаст рӯзгори хазӣ.
Ҷаҳони мо чу яке зудсайри пешавар аст,
Чаҳор пеша кунад, ҳар яке ба деграѕӣ.
Ба рӯзгори зимистон кунад-т симгарӣ,
Ба рӯзгори ҳазирон кунад-т хиштпазӣ.
Ба рӯзгори хазон заргарӣ кунад шабу рӯз,
Ба рӯзгори баҳорон кунад-т ранграѕӣ.
Кунад-т пешаи хеш андар ӯ ҳаме качу рост,
Падид нест варо ҳеч ростиву кажӣ.
Ту устодиву донотарӣ ба сарфи замон,
Чаро ки оқил бошӣ, чунон ки менамазӣ.
Ҷаҳони мо саги шӯх асту мар туро бигазад
Ҳар ойина ту мар ӯро нагирию нагазӣ.
Мадор дил мутафаккир ба фитнаи айём,
Чаро ки фикрати айёмро ҳаменасазӣ.
Бипеч зулфаки маъшуқи хеш бар тани хеш,
Чунон ки ман-т гумоне барам, ки кирми қазӣ.
Биёр бода, куҷо беҳтар аст бода ҳанӯз,
Ки ту ба бода зи чанги замона муҳтаразӣ.
Ба ҳар тане, ки май андар шавад, ғамаш бишавад,
Чунон ки боз наёяд чу Қоризи Аназӣ.
Ба бода сард тавон кард оташи ҳадасон,
Ки оташи ҳадасон ҳамчу оташест газӣ.
Бигир бодаи нӯшину нӯш кун ба савоб
Ба бонги Шишам, бо бонги Афсари Сагзӣ.
Ба лафзи порсиву чиниву Хумохусрав,
Ба лаҳни мӯяи золу касидаи луғазӣ.

Ба шеъри Хубзуразӣ бар қадаҳ бихӯр се-чаҳор,
Ки дӯст дорӣ ту шеърҳои Хубзуразӣ.
Қадаҳ ба кор наёяд, ба ратлу ботия хӯр,
Чунон ки гар бихиромӣ, наменавӣ бихазӣ.
Ба роҳи туркӣ моно, ки хубтар гӯйӣ,
Ту шеъри туркӣ бархон марову шеъри ғузӣ.
Ба ҳар луғат, ки ту гӯйӣ, сухан тавонӣ гуфт,
Ки асли ҳар луғатеро ту абҷаду ҳавазӣ.
Фуроти илмӣ, ҳар ҷойгаҳ куҷо биравӣ,
Насими ҷудӣ, ҳар ҷойгаҳ куҷо бивазӣ.
Ба гоҳи ҷунбиши хашму ба гоҳи тинати нафс
Дурушттар зи муғелону нармтар зи хазӣ.
Нигоҳ доштани дӯстро зи кайди замон
Ҳазор калъаи сангину сад ҳазор дизӣ.
Бузургворон ҳамчун қалодаи харазанд,
Ту ҳамчу ёқут андар миёнаи харазӣ.
Ҷуз ин дуот нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфтаст:
«Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ».

## ДАР ШАРҲИ ШИКОЯТ

Гоҳи тавба кардан омад аз мадоеҳ в-аз ҳиҷо,
К-аз ҳиҷо бинам зиёну в-аз мадоеҳ суд не.
Гар хасисонро ҳиҷо гӯйӣ, бале, бошад мадеҳ,
Гар бахилонро мадеҳ орӣ, бале, бошад ҳиҷо.
Рӯзгоре пешамон омад, бад-ин санъат ҳаме
Ҳам хазина, ҳам қабила, ҳам вилоят, ҳам ливо.
Аз миёни хонаи Каъба фурӯ овехтанд
Шеъри некӯро ба зарринсилсила пеши Узо,
Имруалқайсу Лабиду Аҳталу Аъшои Қайс,
Бар талалҳо навҳа кардандию бар расми бале.
Мо ҳама бар назму шеъру қофия навҳа кунем,
На бар атлолу диёру на вуҳушу на забо.
Бӯнувосу Бӯҳадоду Бӯмалик, Ибн-ул-Башир,
Будаводу бин Дурайду ибни Аҳмар, Ёфато...
Бӯлалову Бӯлабосу Бӯсулайку Булмасал,
Он ки аз Валвоҷ омад, он ки омад аз Ҳаро.
Аз ҳакимони Хуросон ку Шаҳиду Рӯдакӣ,
Бӯшакури Балхиву Булфатҳи Бустӣ, ҳоказо?
Гӯ, биёеду бибинед ин «шариф айёмро»,
То кунад ҳар к-аз шуморо шоирӣ кардан киро.
Рӯзгоре, к-ин ҳакимону сухангӯён буданд,
Буд ҳар якро ба шеъри нағз гуфтан иштиҳо.
Андар ин айёми мо бозори хазл асту фусӯс,
Кор Бӯбакри Рубобӣ дораду танзи Ҷуҳо.
Хар киро шеъре барӣ, ё мидҳате пеш оварӣ,
Гӯяд: «Ии яксар дурӯғ аст ибтидо то интиҳо».
Гар мадеҳу офарини шоирон будӣ дурӯғ,
Шеъри Ҳассон ибни Собит  кай шунидӣ Мустафо?

Бар лабу дандони он шоир, ки номаш Нобиға,
Кай дуо кардӣ расули ҳошимӣ хайрулваро?
Шоирӣ Аббос карду Талҳа карду Ҳамза кард,
Ҷаъфару Саъду Саъиду Саййиди уммулқаро.
В-ар ато додан ба шеъри шоирон будӣ фусӯс,
Аҳмади мурсал надодӣ Каъбро ҳадя ридо.

❁ ❁ ❁

Чунин хондам имрӯз дар дафтаре,
Ки зинда-ст Ҷамшедро духтаре.
Бувад солиён ҳафтсад, ҳаштсад,
Ки то ӯст маҳбус дар манзаре.
Ҳанӯз андар он хонаи габракон
Бимондаст бар ҷой чун аръаре.
На биншинад аз пову не як замон
Ниҳад паҳлуи хеш бар бистаре.
Нагирад таому нагирад шароб,
Нагӯяд сухан бо сухангустаре.
Маро ин сухан буд нодилпазир,
Чу андеша кардам ман аз ҳар даре.
Бад-он хонаи бостонӣ шудам
Ба ҳинҷор чун озмоишгаре.
Яке хона дидам зи санги сиёҳ,
Гузаргоҳи ӯ танг чун чанбаре.
Кушодам дари он ба афсунгарӣ,
Барафрӯхтам duздвор озаре.
Чароғе гирифтам, чунон чун бувад
Зи зарри ҳарива сари ханҷаре.
Дар он хона дидам ба як пой-бар
Арӯсе калон чун ҳаюненаре.
Сафолинарӯсе ба меҳри Худой,
Бару бар на зарреву на зеваре.
Бибаста сафолин камар ҳафт-ҳашт,
Фиканда ба сар-бар тунук миъҷаре.
Чу обистанон ишкам оварда пеш,
Чу хурмобунон паҳн фарқи саре.
Басе хок биншаста бар фарқи ӯ,
Ниҳода ба сар-бар гилин афсаре.

Бару гардану захм чун рони пил,
Кафи пои ӯ гирд чун испаре.
Давидам ман аз меҳр наздики ӯ,
Чунон чун бари хоҳаре - хоҳаре.
Зи фарқи сараш боз кардам сабук
Тунуктар зи парри паша чодаре.
Сутурдам рухашро ба саростин
Зи ҳар гарду хокеву хокистаре.
Фикандам кулоҳи гилин аз сараш,
Чунон к-аз сари ғозие миғфаре.
Бидидам ба зери кулоҳаш фарох
Даҳоневу зери даҳан ханҷаре.
Мар ӯро лабе зангиёна ситабр,
Чунон чун зи ҷӯъӣ лаби уштуре.
Валекин яке салсабилаш сабил,
Кушода буд андар миёнаш даре.
Ҳаме бӯйи мушк омадаш аз даҳон,
Чу бӯйи бахӯр ояд аз миҷмаре.
Маро ишқи он салсабилаш гирифт,
Чу ишқи паричеҳраи аҳваре.
Бибурдам аз ӯ муҳри дӯшизагӣ
В-аз он салсабилаш задам соғаре.
Яке қатрае бар кафам барчакид,
Кафи дасти ман гашт чун Кавсаре.
Бибӯйидам ӯро в-аз он бӯйи ӯ
Баромад зи ҳар мӯйи ман абҳаре.
Ба соғар лаби хеш бурдам фароз,
Маро ҳар лабе гашт чун шаккаре.
Яке ҳотиф аз хона овоз дод
Чу ромишбаре назди ромишгаре,
Ки ҳаст ин арӯсе, ба меҳри Худой
Паричеҳрае, саътариманзаре.

Бибояд алалҳол кобин-ш кард,
Биярзад ба кобин чунин духтаре.
Бувад ақди кобини ӯ ин ки ту
Кунӣ саҷдаи шукр чун шокире.
Сар аз саҷда бардориву ин шароб
Кашӣ ёди фархундарух меҳтаре...

❁ ❁ ❁

Эй турки ман, имрӯз нагӯйӣ ба куҷойӣ?
То кас нафиристему нахоҳем, наёӣ.
Он кас, ки набояд бари мо, зудтар ояд,
Ту дертар ойӣ ба бари мо, ки бибойӣ.
Он рӯз, ки ман шефтатар бошам бар ту,
Узре биниҳӣ бар худу нозе бифизойӣ.
Чун бо дигаре ман бикушоям, ту бибандӣ
В-ар бо дигаре ҳеч бибандам, бикушойӣ.
Гӯйӣ: «Ба рухи кас манигар, ҷуз ба рухи ман»,
Эй турк, чунин шефтаи хеш чаройӣ?...
Ман дар дигарон з-он нигарам, то ба ҳақиқат
Қадри ту бидонам , ки ба хубӣ ба чӣ ҷойӣ.
Ҳарчанд бад-ин саътариён дарнигарам ман,
Ҳаққо, ки ба чашмам зи ҳама хубтар ойӣ.
Бо ту надиҳад дил, ки ҷафойе кунам аз беш,
Ҳарчанд ба хидмат-дар тақсир намойӣ…

❁ ❁ ❁

Эй лӯъбати ҳисорӣ, шуғли дигар надорӣ,
Маҷлис чаро насозӣ, бода чаро наёрӣ?
Чунонки ман ба шодӣ рӯзӣ ҳамегузорам,
Хоҳам, ки ту ба шодӣ рӯзӣ ҳамегузорӣ.
Гар дӯстдори мойӣ, эй турки хубчеҳра,
З-ин беш кард бояд морот хостгорӣ.
Бинмой дӯстдорӣ, бифзой хостгорӣ,
Донӣ, ки хостгорӣ бошад зи дӯстдорӣ.
Ту хоркор туркӣ, ман бурдбор ошиқ,
Зишт аст хоркорӣ, хуб аст бурдборӣ.
Гар гирди хоркорӣ гардӣ ту низ бо мо,
Оре, ту хештанро наздики мо ба хорӣ.
Ман дил ба ту супурдам, то шуғли ман басеҷӣ,
З-он дил ба ту супурдам, то ҳаққи ман гузорӣ.
Гар з-он ки ҷурм кардам, к-ин дил ба ту супурдам,
Хоҳам, ки дил ба раъфат бозаш ба ман супорӣ…

## АЗ МУСАММАТОТ

❁❁❁

Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,
Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст,
Он барги хазон аст, ки бар шохи разон аст.
Гӯйӣ, ба масал пираҳани рангразон аст.
Деҳқон ба таажҷуб сари ангушт газон аст,
К-андар чаману боғ на гул монд, на гулнор.

Товуси баҳориро дунбол биканданд,
Парраш бибуриданду ба кунҷе бификанданд,
Хаста ба миён-боғ ба зориш бибанданд,
Бо ӯ нанишинанду нагӯянду наханданд
В-ин парри нигорин-ш бар ӯ боз набанданд,
То озармаҳ бигзараду ояд озор.

Шабгир набинӣ, ки хуҷаста ба чӣ дард аст?
Карда ду рухон зарду барӯ пурчин кардаст,
Дил ғолияфом асту рухаш чун гули зард аст,
Гӯйӣ, ки шаби дӯш маи ғолия х(в)ардаст,
Бӯяш ҳама бӯи суману мушк бибурдаст,
Рангаш ҳама ранги ду рухи ошиқи бемор.

Бингар ба турунҷ, эй аҷабивор, ки чун аст,
Пистоне сахт асту дароз асту нигун аст,
Зард асту сапед асту сапедиш фузун аст,
Зардиш бурун асту сапедиш дарун аст,
Чун сим дарун асту чу динор бурун аст,
Оганда бад-он сим-дарун луълуи шаҳвор.

Норинҷ чу ду каффаи симини тарозу,
Ҳар ду зи зари сурх тило карда бурунсӯ,
Оганда ба кофуру гулоби хушу лӯълӯ
В-он гоҳ яке заргараки зираки ҷоду,
Бо зер ба ҳам боз ниҳода лаби ҳар ду,
Рӯяш ба сари сӯзан-бар ожада ҳамвор.

Обӣ чу яке чӯҷакак аз хоя биҷаста,
Чун чӯҷакакон бар тани ӯ мӯй біруста,
Модар-ш биҷаста, сараш аз тан бигусаста
Некӯю баандом ҷароҳат-ш бибаста,
Як пояки ӯро зи бун-андар бишикаста,
В-овехта ӯро ба дигар пой нигунсор.

В-он нор ба кирдори яке ҳуққаи сода,
Беҷода ҳама ранг бад-он ҳуққа бидода,
Лахте гуҳари сурх дар он ҳуққа ниҳода,
Лахте салаби зард бар он рӯй фитода,
Бар сар-ш яке ғолиядоне бикушода,
В-оганда дар он ғолиядон сӯниши динор.

В-он себ чу махрут яке гӯйи табарзад,
Дар маъсифаре об зада боре сесад,
Бар гирди рухаш-бар нуқате чанд зи буссад
В-андар дами ӯ сабзҷулайле зи зумуррад
В-андар шикамаш хурдаки хурдак ду-се гунбад,
Зангибачае хуфта ба ҳар як дар чун қор.

Деҳқон ба саҳаргоҳон, к-аз хона биёяд,
На ҳеҷ биёромаду на ҳеҷ бипояд.
Наздики раз ояд, дари разро бикушояд,
То духтари разро чӣ ба кор асту чӣ шояд,
Як духтари дӯшиза бад-ӯ рух нанамояд,
Илло ҳама обистану илло ҳама бемор.

Гӯяд, ки: «шумо, духтараконро чӣ расидаст?
Рухсори шумо, пардагиёнро кӣ бидидаст?
В-аз хона шумо, пардагиёнро кӣ кашидаст?
В-ин пардаи Эзид ба шумо-бар кӣ даридаст?
То ман бишудам хона, дар ин ҷо кӣ расидаст,
Гардед ба кирдору бикӯшед ба гуфтор.

То модаратон гуфта, ки ман бачча бизодам,
Аз баҳри шумо ман ба нигаҳдошт фитодам,
Қуфле ба дари боғи шумо-бар биниҳодам,
Дарҳои шумо ҳафта ба ҳафта накушодам.
Касро ба масал сӯи шумо бор надодам,
Гуфтам, ки бароед накӯному накӯкор.

Имрӯз ҳаме бинаматон бор гирифта
В-аз бори гарон ҷурми тан авбор гирифта,
Рухсоракатон гунаи динор гирифта,
Заҳдонакатон баччаи бисёр гирифта,
Пистонакатон шири бачадор гирифта,
Оварда шикам пешу зи гуна шуда рухсор.

Ман низ мукофоти шумо боз намоям,
Андоми шумо як ба як аз ҳам бикушоям,
Аз боғ ба зиндон бараму дер биёям,
Чун омадаме, назди шумо дер напоям,
Андоми шумо - бар ба лагад хурд бисоям,
Зеро ки шуморо ба ҷуз ин нест сазовор.»

Деҳқон бидароядду фаровон нигарадшон,
Теғе бикашад тезу гулӯ боз бурадшон
В-он гаҳ ба табангӯй, к-аш андаршумурадшон
В-ар з-он ки нагунҷанд, бад-ӯ дарсипарадшон.
Бар пушт ниҳадшону суи хона барадшон
В-аз пушт фурӯ гираду бар ҳам ниҳад анбор.

Он гаҳ ба яке чархушт-андар фиканадшон,
Бар пушт лагад бист ҳазорон бизанадшон,
Рагҳо бибурадшон, сутухонҳо биканадшон:
Пушту сару паҳлӯй ба ҳам даршиканадшон.
Аз банди шабонрӯзӣ берун наҳиладшон,
То хун биравад аз танашон пок ба якбор.

Он гоҳ биёрад рагашону сутухоншон,
Ҷойе фиканад дуру нагардад нигароншон,
Хуншон ҳама бардорад якбораву ҷоншон
В-андар фиканад боз ба зиндони гароншон,
Се моҳи шумурда набарад ному нишоншон,
Донад, ки бад-он хун набувад мард гирифтор.

Як рӯз сабук хезад шоду хушу хандон,
Пеш ояду бардорад мӯҳр аз дару бандон,
Чун дарнигарад боз ба зиндониву зиндон,
Сад шамъу чароғ уфтадаш бар лабу дандон.
Гул бинад чандону суман бинад чандон,
Чандон, ки ба гулзор надидаст суманзор.

Гӯяд, ки: «шуморо ба чӣ сон ҳол бикуштам,
Андар хуматон кардаму в-он ҷой биҳиштам,
Аз оби хушу хок яке гил бисириштам,
Кардам сари хумтон ба гилу эмин гаштам,
Б-ангушт хате гирди гил-андар бинавиштам,
Гуфтам, ки «Шуморо набувад з-ин пас бозор».

Имрӯз ба хум-андар некӯтар аз онед,
Некӯтар аз онеду беоҳутар аз онед,
Зиндатар аз онеду банерӯтар аз онед,
Болотар аз онеду накӯхӯтар аз онед.
Ҳаққо, ки басе тозатару навтар аз онед,
Ман низ аз ин пастон нанмоям озор.

Аз маҷлисатон ҳаргиз берун нагузорам,
Аз ҷону дилу дида гиромитар дорам,
Бар фарқи шумо оби гули сурӣ борам,
Бо ҷоми ҷавонӣ ба ҳам-андар бигусорам.
Ман хуб мукофоти шумо боз гузорам,
Ман ҳаққи шумо боз гузорам ба сазовор.»

Он гоҳ яке сотгине бода барорад
Деҳқону замоне ба кафи даст бидорад,
Бар ду рухи аврангаш моҳе бинигорад,
Уду баласон бӯяш дар мағз бикорад,
Гӯяд, ки маро ин майи мушкин нагуворад,
Илло, ки хӯрам ёди шаҳе одилу мухтор...

❁❁❁

Оби ангур биёред, ки обонмоҳ аст,
Кор якрӯя ба коми дили шоҳаншоҳ аст,
Вақти манзар шуду вақти назари хиргоҳ аст,
Дасти тобистон аз рӯйи замин кӯтоҳ аст,
Оби ангури хазониро хӯрдан гоҳ аст,
Ки кас имсол накардаст мар ӯро талабе.

Шохи ангури куҳан духтаракон дод басе,
Ки на аз дард бинолиду на барзад нафасе,
Ҳамаро зод ба як дафъа на пеше, на пасе,
На варо қобилае буд, на фарёдрасе,
Инчунин осон фарзанд назодаст касе,
Ки на дарде бигирифташ мутавотир, на табе.

Чун бизод он бачагонро сари ангушти дижам
В-андаровехт ба рӯда бачагонро ба шикам,
Бачагон зод мудаввар, ҳама беқадду қадам,
Саду сӣ баччаву андарзада ду даст ба ҳам.
Ду сар андар шиками ҳар як, на бешу на кам,
На дар эшон сутухоне, на раге, на асабе.

Чун нигаҳ кард бад-он духтаракон модари пир,
Сабз буданд якояк, чи сағиру чи кабир,
Кардашон модар бистар ҳама аз сабзҳарир,
На хӯриш дод мар он баччакаконрову на шир,
На шағаб карданд мар он бачагонро, на нафир,
Бачаи гурсуна дидӣ, ки надорад шағабе?

Разбон гуфт: «Чӣ рой асту чӣ тадбир ҳаме,
Модар ин баччакаконро надиҳад шир ҳаме,
На ба парварданашон бошад ожир ҳаме,
На даҳон-шон кунад аз ҳалқаи занҷир ҳаме,
Бимуранд ин ҳамагон яксара бар хир ҳаме,
Бими он аст, ки девона шавам, эй аҷабе!»

Рафт разбон, чу равад тир ба партоб ҳаме,
Тира з-андӯҳ бикашид об зи дӯлоб ҳаме,
Гуфт: «Агар шири замона набувад ноб ҳаме,
Ин тавонам, ки диҳамтон шабу рӯз об ҳаме.
Мард бошад, ки кунад саъй дар ин боб ҳаме,
То Худованд падидор кунадтон сабабе».

Бачагонаш биниҳоданд тани хеш дар об,
Бичамиданду наҷунбиданд аз бистари хоб,
Гирд карданд сурин, мухкам карданд рикоб,
Рӯйҳо яксара карданд ба зангор хизоб,
Додашон разбон пайваста шаробе чу гулоб,
Нашуд аз ҷонибашон ғоиб рӯзеву шабе.

Гуфт: «Пиндорам, ин духтаракон они мананд,
Чун дилу чун ҷигару чун тану чун ҷони мананд,
То бибошанд бар ин раз-дар, меҳмони мананд,
Раз фирдавси ман аст, эшон ризвони мананд,
То дар ин боғу дар ин хону дар ин мони мананд,
Дорам андар сарашон сабз кашида салабе».

Разбон тохтане кард ба шаҳр аз рази хеш,
Дари раз баст ба занҷиру ба қуфл аз пасу пеш,
Буд як ҳафта ба наздикии бегонаву хеш,
З-орзуи бачаи раз дили ӯ хаставу реш,
Гуфт, ки «Сабр намондаст дар ин фурқат беш»,
Рафт сӯйи раз бо тохтаневу хабабе.

Дар чу бикшод, бад-он духтаракон кард нигоҳ,
Дид чун зангӣ, ҳар якро ду рӯй сиёҳ.
Ҷой-ҷойи бачае тобон, чун зӯҳраву моҳ,
Бачаи сурх чу хуну баччаи зард чу коҳ,
Сар нигунсор зи шарму рӯй тира зи гуноҳ,
Ҳар яке бо шиками ҳомилу пурноз лабе.

Разбонро ба ду абрӯй барафтод гиреҳ,
Гуфт: «Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллаҳ».
Ии балои бачагон дар ҳақи ман омад, зеҳ,
Ҳама обистан гаштанд ба як шаб кеҳу меҳ,
Нест як тан ба миёни ҳамагон эдар беҳ,
Инчунин зония бошад бачаи хар инабе.

Нузатон модар шаш рӯз бибошад, ки бнзод
Нузатон ноф набурридаву аз зеҳ накушод,
Нузатон синаву пистон ба даҳан дарнаниҳод,
Нузатон рӯй нашусту нузатон шир надод,
Ҳама обистан гаштед, ҳама девнажод,
Ин мукофот чунин бошадатон аҷри шабе.

Рост гӯйед, ки ин қиссаву ин нодира чист?
Ин ки обистанатон кард, бигӯед, ки кист?
Ин чӣ бешармиву бебокиву бедодгарист?
Ҷойи он аст, ки бояд ба шумо – бар бигирист.
На яке, на дуву на севу на ҳаштоду дивист,
Ҳаргиз ин духт ба судан натавонад азабе.

Духтарони раз гӯянд, ки «мо бегунаҳем,
Мо тани хеш ба дасти банӣ Одам надиҳем,
Мо ҳама сар ба сар обистани хуршеду маҳем,
Мо тавонем, ки аз халқи ҷаҳон дур ҷаҳем,
Натавонем, ки аз моҳу ситора бираҳем,
З-офтобу маҳамон суд надорад ҳарабе».

Рӯз, ҳар рӯзе хуршед битобад бари мо,
Хештан барнакунад бар тани мову сари мо,
Чуи шаб ояд, биравад хуршед аз маҳзари мо,
Моҳтоб ояду дархуспад дар бистари мо,
В-ин ду тан дур нагарданд зи бому дари мо,
Накунад ҳеҷ кас ин беадабонро адабе.

Бачагон-мон ҳама монандаи шамсу қамаранд,
З-он ки ҳамсирату ҳамсурати ҳар ду падаранд.
Тобноканд азеро, ки ду улвӣ гуҳаранд,
Бачагон он банасаб тар, ки аз ин бобгаранд,
Чеҳраву рангу руху одати обосипаранд,
Тӯҳматолуда нагарданд ба дигар сабабе.»

Разбон гуфт, ки «Ин михрақа бовар накунам,
То ба теғи ҳанафӣ гардани ҳар як назанам,
То шикамшон надарам, то сарашон барнаканам,
То ба хуншон нашавад муъсафарӣ пирҳанам,
То фаровон нашавад таҷрибати ҷону танам,
К-ин хашуконро ҷуз шамсу қамар нест абе».

Агар эдун, ки ба куштан намуранд нн писарон,
Они хуршеду қамар бошанд ин ҷонварон,
З-он куҷо нест маҳи равшану хуршед қирон,
Ба насаб боз шаванд ин писарон бо падарон
В-агар эдун, ки набошанд зи пушти дигарон,
Аз паси куштан зинда нашаванд, эй аҷабе!

Разбон омаду ҳалқуми ҳама боз бурид,
Қатраи хун ба масал аз гулуи кас начакид,
На бинолид аз эшон касу на кас битапид,
Боз омад ҳамагонро суи чархушт кашид,
Бо лагад нофу зиҳори ҳама аз бун бибурид,
Ки аз эшон ба тан-андар шуда будаш ғазабе.

Пусти ҳар як бификанду сутухону ҷигараш,
Хунашон кард ба хум-андару пӯшид сараш,
Пас ба соруҷ бияндуд ҳама бому бараш,
Ҷомаи гарм бияфканд палосин ба сараш.
Панҷ-шаш моҳи замистонӣ накшод дараш,
Ду рабеъу ду ҷамодӣ, шаъбону раҷабе.

Омад он гоҳ чунон чун мутакаббир малаке,
То бибинад, ки чӣ будаст ба ҳар кӯдакаке.
Наҷм-андарнигарид аз шаби рафта се яке,
Дид андар хуми сангин ҳамаро гашта яке.
Бо рухи рахшон чун гирдмаҳе бар фалаке,
Вар самовоти уло баршуда з-эшон лаҳабе.

Разбон гуфт, ки «Ин лӯъбатакон бегунаҳанд,
Ҳеч  шак нест, ки обист зи хуршеду маҳанд,
Аз суйи нофу зи пушти ду гаронмоя шаҳанд,
Айбашон нест, гар он модараконшон сияҳанд.
Гоҳи он аст, ки аз меҳнату сахтӣ бираҳанд,
Ҷойи он аст, ки имрӯз кунам ман тарабе!»

Маҷлисе созам бо барбату бо чангу рубоб,
Бо турунҷу биҳиву наргису бо нуқлу кабоб,
Бигусорам ба сабӯҳ-андар з-ин сурх шароб,
Ки ҳамаш гунаи гул бинам, ҳам бӯйи кабоб,
Гӯям он гоҳ: «Биёред яке доруи хоб,
Ёдбоди малике зуҳасабе зунасабе...».

❁ ❁ ❁

Боз дигарбора меҳрмоҳ даромад,
Ҷашни Фаридуни Обтин ба бар омад,
Умри хуши духтарони раз ба сар омад,
Куштаниёнро сиёсате дигар омад,
Деҳқон дар бӯстон ҳаме бихиромад,
То бибарад ҷонашон ба нохуну чангол.

Духтаракони сиёҳи зангизода,
Бас ба вазеъу шариф рӯй кушода,
Модараконшон ба доя ҳеҷ надода
В-аз дари гаҳворашон бурун наниҳода,
Бар сари гаҳворашон ба рӯй фитода,
Мирваҳаи сабз бар ду даст ҳама сол.

Духтаракон бист-бист хуфта ба ҳар сӯ,
Паҳлӯ бинҳода бист-бист ба паҳлу,
Гесӯ дарбаста бист-бист ба як сӯ.
Гесӯшон сабзу гесӯ аз бари зону.
Ҳар яке аз соидайни модару бозу
Хештан овехта ба акҳалу қифол.

Шир диҳадшон ба пой модари ожир,
Кӯдак диди, куҷо ба пой хӯрад шир?
Модарашон сарсиёҳу ҷумла шуда пир
В-эшон пистони ӯ гирифта ба занҷир,
Деҳқон рӯзе зи дар дарояд шабгир,
Гӯяд, к-эй духтарони ҷодую мӯҳтол,

Модаратон пир гашту пушт ба хам кард,
Мӯйи сари ӯ сапед гашту рухаш зард,
То кай аз ин гандапир шир тавон х(в)ард?!
Сард бувад ломаҳол ҳар чӣ бувад сард.
Ман на мусулмонаму на марди ҷавонмард,
Гар саратон нагсилам зи дӯш ба кӯпол.

Он гаҳ разбон-шро бихонад деҳқон,
Ду писари хешро ду пуси разбон.
Ҳар як досе биёваранд ятимон,
Бурда ба оташ даруну карда ба сӯҳон,
Ҳанҷараву ҳалкашон бибурранд эшон,
Нодира бошад гулӯ буридани атфол.

Нодиратар ин ки тифлакон нахурӯшанд,
Хун зи гулӯ барнаёваранду начӯшанд
В-он куштагкони сахткӯш накӯшанд,
Пас ба гавора фурӯ ниҳанду бипӯшанд,
Дар тамаъи он ки куштаро бифурӯшанд,
Ин-т аҷоиб ҳадису ин-т аҷаб ҳол.

Он гаҳ оранд куштаро ба гавора,
Бар сари бозорашон ниҳанд ба зора,
Ояд бар куштагон ҳазор назора,
Парда кашанду биистанд канора,
На ба қасосаш кунанд халқ ишора,
На ба дият подшаҳ бихоҳад аз ӯ мол.

Балки бихарранд куштаро зи кушанда,
Гаҳ ба дуруштиву гаҳ ба хоҳишу ханда,
Эй аҷабе, то буванд эшон зинда,
Н-оядашон муштарӣ тамому писанда,
Рост чу кушта шаванду зор фиканда,
Оядашон муштариву ояд даллол.

Зуд бихаррандашон зи ҳол нагашта,
Ҳаргиз кӣ харида буд духтари кушта?
Гаштаву баргашта чанд рӯз гузашта
Дар кафане ҳеҷ куштаро нанабишта,
Рӯзи дигар он гаҳе ба новаву пушта,
Дар буни чархушташон бимолад ҳаммол.

Боз лагадкӯбашон кунанд ҳамэдун,
Пӯст кунанд аз тани якояк берун.
Бар сарашон барниҳанду пушту сутихун,
Сахт гаронсанге аз ҳазор ман афзун,
То биравад қатра-қатра аз танашон хун,
Пас фиканад хунашон ба хум-дар қаттол.

Чун ба хум-андар зи захм ӯ бихурӯшад,
Тир занад бе камону сахт бикӯшад,
Мард сари хум-ш устувор бипӯшад,
То бачагон аз миёни хум набиҷӯшад,
Ояд ҳар соатеву пас биниюшад,
То нашавад ҳеч қил ва ё нашавад қол.

Чун биншинад зи май муанбар хӯша
Гӯянд, к-«Эдун намонд ҷойи ниюша»,
Дарфиканад сурхгул ба ратли дугӯша,
Равшан гардад ҷаҳон гӯша ба гӯша,
Гӯяд, к-«Ин май маро нагардад нӯша,
То нахӯрам ёди шаҳрёри адӯмол»...

❂ ❂ ❂

Омада Наврӯз ҳам аз бомдод,
Омаданаш фарруху фархунда бод!
Боз ҷаҳон хурраму хуб истод,
Мурд зимистону баҳорон бизод,
З-абри сияҳ рӯи суманбӯйи род,
Гетӣ гардид чу дорулқарор.

Рӯйи гули сурх биёростанд,
Зулфаки шамшод бипеhостанд,
Кабкон бар кӯҳ ба так хостанд,
Булбулакон Зеру Сито хостанд.
Фохтагон ҳамбари миностанд,
Нойзанон бар сари шохи чанор.

Лола ба шамшод баромехтанд,
Жола ба гулзор даровехтанд,
Бар сари он мушк фурӯ бехтанд
В-аз бари ин дурр фурӯ рехтанд.
Нақшу тамосил барангехтанд
Аз дили хоку ду рухи кӯҳсор.

Қумриякон ной биёмӯхтанд,
Сулсулакон мушки Тибит сӯхтанд.
Зардгулон шамъ барафрӯхтанд,
Сурхгулон ёқут андӯхтанд,
Сарвбунон ҷомаи нав дӯхтанд
З-ин суву з-он сӯ ба лаби ҷӯйбор.

Тӯтиякон бар гулакон тохтанд,
Оҳуякон гӯш барафрохтанд,
Гӯрхарон майманаҳо сохтанд,
Зоғон гулзор бипардохтанд.
Бедилакон ҷону равон бохтанд
Бо туркони Чигилу Қандаҳор.

Боз ҷаҳон хурраму хуш ёфтам,
Зӣ суману савсан биштофтам,
Зулфи парирӯён бартофтам.
Дил зи ғами ҳиҷрон бишкофтам,
Хубтар аз бӯқаламун ёфтам,
Бӯқаламуниҳо дар навбаҳор.

Пайкар дар пайкар бингоштем,
Лола бари лола фурӯ коштем.
Гетиро чун чаман ангоштем,
Даст ба ёқути тар анбоштем,
Боз ба ҳар гӯша барафроштем
Шохи гулу настарани обдор.

Боз ҷаҳон гашт чу хуррамбиҳишт,
Хед дамид аз ду буногӯши мишт.
Абр бар оби мижа дар рӯйи кишт,
Гул ба мулу мул ба гул андар сиришт,
Боди саҳаргоҳии урдибиҳишт
Кард гулу гавҳар бар мо нисор.

Саҳро гӯӣ, ки Хаварнақ шудаст,
Бустон ҳамранги ситабрақ шудаст,
Булбул ҳамтабъи Фараздақ шудаст,
Савсан чун дебаи азрақ шудаст,
Бодаи хушбӯй мураввақ шудаст,
Поктар аз обу қавитар зи нор.

Мурғ набинӣ, ки чӣ хонад ҳаме?
Меғ надонӣ, ки чӣ ронад ҳаме?
Дашт набинӣ, ба чӣ монад ҳаме?
Дӯст набинӣ, чӣ ситонад ҳаме?
Боғ бутонро бинишонад ҳаме
Бар суману настарану лолазор.

Ман бироавам, низ баҳоре кунам,
Бар рухаш аз мадҳ нигоре кунам,
Бар сараш аз дурр хуморе кунам,
Бар танаш аз шаър шиоре кунам
В-ин ҳамаро зуд нисоре кунам,
Пеши амирулумаро рӯзи бор...

То гули  худрӯй бувад хубрӯй,
То шикани мушк бувад мушкбӯй,
То бути Кашмир бувад ҷаъдмӯй,
То зани бадмеҳр бувад ҷангҷӯй,
То зи бари сарв кунад гуфтугӯй
Булбули хушгӯй ба овози зор...

✽✽✽

Наврӯзи Бузургам бизан, эй мутриб, имрӯз,
Зеро ки бувад навбати Наврӯз ба Наврӯз,
Барзан ғазале нағзу дилангезу дилафрӯз
В-ар нест туро, бишнав аз мурғи навомӯз,
К-ин фохта з-ин гавзу дигар фохта з-он гавз
Бар қофияи хуб ҳамехонад ашъор.

Кабкони дарӣ ғолия дар чашм кашиданд,
Сарвони сиҳӣ абқарии сабз хариданд.
Тӯтибачагонро салаби сабз буриданд.
Шоҳиспарамон чине дар зулф кашиданд,
Бодомбунон миқнаъа бар сар бидариданд
Шалвораки бо пойчаҳои табаривор.

Кабкони беозор, ки бар кӯҳи баланданд,
Бе қаҳқаҳа як бор надидам, ки биханданд,
Ҷуз хорбунон ҷойгаҳи худ написанданд,
Бар паҳлу аз ин нима бад-он нима бигарданд,
Ҳар соатаке сина ба минқор биранданд,
Чун ҷазъ бари синаву чун буссад минқор.

Шабгир зи гул фохтагон бонг бароранд,
Гӯйӣ, ки саҳаргоҳ ҳама хоб гузоранд,
Моҳи сешаба аз бари гардан бинигоранд,
Аз ғолия бе он ки ҳаме ғолия доранд,
Сад бор ба рӯзе—дар парҳо бишуморанд,
Чун нимдабире, ки ғалат карда ба ушмор.

Чун оҳуякон сум биниҳанду бигурозанд,
Гӯйӣ, ки ҳама доғниҳи синаи бозанд.
Он гардани махрут ҳар он гаҳ, ки биёзанд
В-аз гӯшу сару тиру камоне битарозанд,
Чун гардани симини хуморӣ бифарозанд,
Бар фарқ сари тиру бар аз шер падидор.

Ҳар соатаке бат сухане чанд бигӯяд,
Дар об чаҳад, ҷома дигарбора бишӯяд,
Дар об кунад гардану дар об бирӯяд,
Гӯйӣ, ки ҳаме чизе дар об биҷӯяд,
Чун сина биҷунбонаду як лахт бипӯяд,
Аз ҳар сари парраш бичаҳад сад дури шаҳвор.

Дурроҷ кунад гирди гиё зор такопӯй,
Аз ғолия уҷме ба бару бар сари ҳар мӯй,
Ҳазмон бикунад бонги намозе ба лаби ҷӯй,
То сурх кунад гардану то сабз кунад рӯй,
Дар сачда равад хайрӣ бо лолаи худрӯй,
Сурхӣ на ба шангарфашу сабзӣ на ба зангор.

Бод аз суманистон ба так ояд ба талоя,
То ҳарб кунад бо сипаҳи абри нафоя.
Абр аз тарафи кӯҳ баромад ду-се поя,
Аз шарм ба рухсор фурӯҳишт вақоя,
Овард лаолӣ ба ҷуволу ба абоя,
Аз соҳили дарё чу ҳамолон ба китиф бор.

Чун бод дар ӯ дарнигарад, дил-ш бисӯзад,
Бо кинаи дерина аз ӯ кина натӯзад,
Гоҳе бикушад шӯълаву гоҳе бифурӯзад,
Гоҳе бидарад пираҳану гоҳ бидӯзад,
Гоҳеш биомӯзаду гоҳеш бисӯзад,
Гоҳе ба биёбон нигарад, гоҳ ба кӯҳсор.

Абр аз фазаи бод чу аз кӯҳ бихезад,
Бо бод даровезаду лахте бисitезад,
Теғе бикашад мункару меғе бингезад,
Охир зи пас андар ба ҳазимат бигурезад,
Чун меҳтари покиза ҳама ҳол бирезад,
Ҳам дурри беандозаву ҳам лӯълуи шаҳвор.

❁❁❁

Омад бонги хурӯс - муаззини майхорагон,
Субҳ нахустин намуд рӯй ба наззорагон,
Кӯҳ ба китиф баргирифт ҷомаи бозоргон,
Рӯй ба машриқ ниҳод хусрави сайёрагон,
Бода фароз оваред - чораи бечорагон,
Қумму шурибуссабуҳ, ё айуҳанноимин.

Майзадагонем мо, дар дили мо ғам бувад,
Чораи мо бомдод ратли дамодам бувад,
Роҳати каждумзада куштаи каждум бувад.
Майзадаро ҳам ба май доруву марҳам бувад,
Ҳар кӣ сабӯҳӣ занад, бо дили хуррам бувад
Бо ду лаби мушкбуй, бо ду рухи ҳуриин.

Эй писари майгусор, нӯшлабу нӯшгӯй,
Фитна ба хашму ба чашм, фитна ба рӯю ба мӯй.
Мо секихори нек, тозаруху сулҳҷӯй
Ту секихори бад, ҷангкуну туршрӯй,
Пеши ман овар набид дар қадаҳи мӯшкбӯй,
Тоза чу оби гулоб, соф чу моъи маъин.

Дар ҳама вақте сабӯҳ хуш бувадӣ ибтидӣ,
Беҳтару хуштар бувад вақти гули буссадӣ,
Хоста аз марғзор ғулғули тиму удӣ,
Дар шуда оби кабуд дар зираҳи довудӣ,
Омада дар наъти боғ Унсуриву Асҷадӣ
В-омада андар шароб он санами нозанин.

Бар кафи ман неҳ набид пештар аз офтоб,
Низ чӣ сӯзам, бахур, низ чӣ бӯям, гулоб,
Майзадагонро даво бошад қатрай шароб,
Бошад бӯйи бахур, бӯйи бухори кабоб.
Охта чангу чалаб, сохта чангу рубоб,
Дида ба шаккарлабон гӯш ба шаккартавин.

Хушшо ба вақти сабӯҳ, хушшо май хӯрдано,
Рӯй нашуста ҳанӯз даст ба май бурдано,
Мутриби сармастро боз ҳуш овардано,
Дар гулуи ӯ бате бода фурӯ кардано,
Гардон дар пеши рӯй бобзану гардано,
Соғарат андар ясор, бодаат андар ямин.

Карда гулӯ пур зи бод қумрии санҷобпӯш,
Кабк фурӯ рехта мушк ба сӯрохи гӯш,
Булбулакон бо нишот, қумриякон бо хурӯш,
Дар даҳани лола мушк дар даҳани наҳл нӯш,
Савсани кофурбӯй, гулбуни гавҳарфурӯш
В-аз маҳи урдибиҳишт карда биҳишти барин.

Шохи суман бар гулӯй баста бувад михнақа,
Шохи гул андар миён баста бувад минтақа,
Абри сияҳро шамол карда бувад бадрақа,
Бадрақаи ройгон бе тамаъу михрақа,
Боди саҳаргоҳиён карда бувад тафриқа,
Хирмани дурру ақиқ бар ҳама рӯйи замин.

Чук зи шохи дарахт хештан овехта,
Зоғи сияҳ бар ду бол ғолия омехта,
Абри баҳорӣ зи дур асп барангехта,
В-аз суми аспи сиёҳ луълуи тар рехта,
Дар даҳани лола бод рехтаву бехта,
Бехта мушки сиёҳ, рехта дурри самин.

Сарв симоте кашид бар ду лаби ҷӯйбор,
Чун ду рада чатри сабз дар ду сафи корзор,
Мурғ ниҳод ошён бар сари шохи чанор,
Чун сипари хайзурон бар сари марди савор,
Гашт нигорин тазарв пинҳон дар киштзор,
Ҳамчу арӯсе ғариқ дар буни дарёи Чин.

Вақти саҳаргаҳ кուланг таъбияе сохтаст
В-аз лаби дарёи Ҳинд то Хазарон тохтаст,
Меғи сияҳ бар қафош теғ бурун охтаст,
Табл фурӯ кӯфтаст, хишт бияндохтаст,
Моҳи нави мунхасиф дар гулуи фохтаст,
Тӯтиякон бо ҳадис, қумриякон бо анин.

Гӯйӣ, батти сапед ҷома ба собун задаст,
Кабки дарӣ соқи пой дар қадаҳи хун задаст,
Бар тали тар андалеб ганҷи Фаридун задаст.
Лашкари Чин дар баҳор ҳайма ба ҳомун задаст.
Лола суи ҷӯйбор хирга ба берун задаст,
Хиргаҳи ин сабзгун, хаймаи он оташин.

Аз думи товуси нар моҳе сар барзадаст,
Дастакаке мӯрди тар, гӯӣ, бар пар задаст,
Шонакаке з-обнӯс ҳудҳуд бар сар задаст,
Бар ду буногӯш кабк ғолияи тар задаст,
Қумрияки тавқдор, гӯйӣ, сар дарзадаст
Дар шабагун хотаме, ҳалқаи он бенигин.

Боз маро табъи шеър сахт ба ҷӯш омадаст,
К-ам сухани андалеб дӯш ба гӯш омадаст,
Аз шағаби мардумон лола ба ҳуш омадаст,
Зер ба бонг омадаст, бам ба хурӯш омадаст,
Настарани мушкбӯй мушкфурӯш омадаст,
Симаш дар гардан аст, мушкаш дар остин.

Бод абир афканад дар қадаҳи ҷоми ту,
Абр гуҳар густарад дар қадаму гоми ту,
Боз суман бардиҳад бӯса бар андоми ту,
Мурғ ривоят кунад шеъре бар номи ту,
Хубон наъра зананд дар даҳану коми ту,
Дар лабашон салсабил, дар кафашон ёсамин.

❁ ❁ ❁

Субҳоналлаҳ, ҷаҳон набинӣ чун шуд,
Дигаргун боғу роғ дигаргун шуд,
Шамшод ба бӯй зулфаки хотун шуд,
Гулнор ба ранг тузии пурхун шуд,
Аз сабза замин ба ранги бӯқалмун шуд
В-аз меғ ҳаво ба сурати пушти паланг.

Дар боғ кунун ҳарирпӯшон бинӣ,
Бар кӯҳ сафи гуҳарфурӯшон бинӣ,
Бар рӯи ҳаво гилемгӯшон бинӣ,
Дилҳо зи навои мурғ ҷӯшон бинӣ,
Шабгир кулангро хурӯшон бинӣ,
Дар даст абиру нофаи мушк ба чанг.

Ҳангоми саҳар абр занад кӯс ҳаме,
Бо боди сабо бед занад лӯс ҳаме,
Бар лола кунад шохи гул афсӯс ҳаме,
Наргис гулро даст диҳад бӯс ҳаме,
Дурроҷ кашад шишаму қолус ҳаме,
Бе пардаи танбӯру наю риштаи чанг.

Ҳар тӯтияке сабз қабое дорад,
Ҳар товусаке дароз пое дорад,
Ҳар фохтае сохта ное дорад,
Ҳар булбулаке Зеру Ситое дорад,
Теҳу ба даҳан шохи гиёе дорад
В-оҳу ба даҳан-дарун гули рангбаранг.

Булбул ба ғазал тира кунад Ашъоро,
Сулсул ба наво сухра кунад Лайлоро,
Гулбун ба гуҳар хира кунад Кисроро,
Мӯсича ҳаме бонг кунад Мӯсоро,
Қумрӣ ба мижа-дарун кашад Шаъроро,
Ҳудҳуд ба сар-андарун занад тири хаданг.

Ҳар рӯз дарахт бо ҳарири дигар аст
В-аз бод суйи бода сафири дигар аст,
Ҳар рӯз кулангро нафири дигар аст,
Мискин варашон бо баму зери дигар аст.
Ҳар рӯз саҳобро масири дигар аст,
Ҳар рӯз наботро дигар зинату ранг.

Ҳар зардгуле ба каф чароғе дорад,
Ҳар оҳуяке чаро ба роғе дорад,
Ҳар боз ба зери чанг моғе дорад,
Ҳар сурхгул аз бед ҷаноғе дорад,
Ҳар қумрияке қисса ба боғе дорад,
Ҳар лола гирифта лолае дар бар танг.

Дар боғ ба Наврӯз дирамрезон аст,
Бар норванон лаҳни Дилангезон аст,
Боди саҳарӣ сапедадам хезон аст,
Бо меғи сияҳ ба чанг овезон аст
В-аз меғи сияҳ чашмаи хун резон аст,
То бод магар зи меғ бардорад чанг.

Бар дил дорад лола яке доғи сиёҳ,
Дорад суман андар занахаш симин чоҳ,
Бар фарқи сари наргис—бар зардкулоҳ,
Бар фарқи сари чакова як мушт гиёҳ.
Гулнор чу Мирриху гули зард чу Моҳ,
Шамшод чу зангору майи лаъл чу ранг...

❂ ❂ ❂

Бустонбоно, ҳолу хабари бустон чист?
В-андар ин бустон чандин тараби мастон чист?
Гул сари дастон бинмуда дар он дастон чист?
Ин навоҳо ба гул аз булбули пурдастон чист?
Дари сарвистон боз аст, ба сарвистон чист?
Урмузд аст хуҷаста сари солу сари моҳ.

Боз дар зулфи бунафша ҳаракот афканданд,
Даҳани зарди хуҷаста ба абир оганданд,
Дар занахдони суман симин чоҳе канданд,
Бар сари наргиси махмур тале пайванданд.
Сарвро сабз қабое ба миён дарбанданд,
Бар сари наргиси тар созанд аз зарр кулоҳ.

Сандуси румӣ дар норванон пӯшонданд,
Хирмани мино бар бедбунон афшонданд,
Зиндбофони беҳӣ Занд зи бар бархонданд,
Булбулон вақти саҳар Зеру Сито ҷунбонданд,
Қумриён роҳи гулу Нӯши Лабино ронданд,
Сулсулон Боғи Сиёвушон бо Сарвситоҳ.

Дайламивор кунад ҳазмон дурроҷ ғаве,
Бар сари ҳар параш аз мушк нигоранд раве,
Варашон навҳа кунад бар сари ҳар роҳраве,
Булбул аз дур хамегӯяд бар ман наҷаве,
Хули танбура ту гӯйӣ, занаду лосакавӣ
Аз дарахте ба дарахте шаваду гӯяд: «Оҳ».

Фохта вақти саҳаргоҳ кунад машғалае,
Гӯйӣ, аз ёраки бадмеҳр аст ӯро гилае,
Карда, пиндорӣ, гирди талае ҳарвалае,
То дарафтода ба халқаш—дар мушкин талае,
Ҳар чаковакро руста забари сар килае,
Зоғ дар боғ гирифта ба яке кунҷ паноҳ.

Кабк чун толиби илм асту дар ин нест шаке,
Масъала хонад ,то бигзарад аз шаб сеяке,
Баста зери гулӯ аз ғолия таҳтулҳанаке,
Сохта поякҳоро зи луко мӯзакаке
Пираҳан дорад з-ин толибилмона яке,
В-аз ду териз сутурда қаламу карда сиёҳ.

Ҳудҳудак пайки барид аст, ки дар абр танад,
Чун барид он ду мураққаъ ба тан-андар фиканад,
Рост чун пайкон нома ба сар-андар бизанад,
Нома гаҳ боз кунад, гоҳ ба ҳам даршиканад,
Ба ду минқор замин чун бинишинад, биканад,
Гӯӣ, аз саҳм кунад нома ниҳон бар сари роҳ.

Ба суманзор-дарун лолаи нӯъмон бисёр,
Чун давоте бусадин аст хуросонивор
В-он давоти бусадинро на сар асту на нигор,
Дар бунаш тозамидоди табарӣ бурда ба кор.
Чун ду ангушт дабирона кунад фасли баҳор,
Ба давоти бусадин андар шабгир нигоҳ.

Боди хушбӯй диҳад наргисро мужда ҳаме,
Ки гули сурх падид омад дар ханда ҳаме,
Бо ту дар боғ ба дидор кунад ваъда ҳаме,
Наргис аз шодии он ваъда кунад саҷда ҳаме,
Ба такопӯи саҳоб ояд аз ҷадда ҳаме,
Ба лаби боғ кунад дар салаби боғ нигоҳ.

Боғ маъшуқа буду ошиқи ӯ буда саҳоб,
Хуфта маъшуқаву ошиқ шуда маҳҷуру масоб.
Ошиқ аз ғурбат боз омада бо чашми пуроб,
Дӯстонро ба сиришки мижа баркард зи хоб.
Дӯстгон даст баровард, бидаррид ниқоб,
Аз паси парда бурун омад бо рӯи чу моҳ.

Ошиқ аз дур ба маъшуқи худ-андар нигарид,
Бихурӯшиду хурӯшаш ҳама гӯше бишунид,
Оташе дошт ба дил, даст заду дил бидарид,
То ба дида бути ӯ оташи ҳиҷрон-ш бидид,
Оби ҳайвон заду чашмаш бидавиду бичакид,
То бируст аз дилу аз дидаи маъшуқ гиёҳ.

Ҳамчунин моҳ ду-се аз сари болинаш тофт,
То ки ногоҳ чунин дил бидариду бишикофт,
Ошиқ аз дур бидиду бидавиду бишитофт,
То дилу дидаи боқиш аз ӯ гарм биёфт,
Ҳамчу хуршед фароз омада, бар дӯст битофт,
Бишудаш колбуд аз партави хуршед табоҳ...

❂ ❂ ❂

Бӯстонбоно, имрӯз ба бустон будаӣ,
Зери он гулбун чун сабзаморӣ шудаӣ,
Остин барзадаӣ, даст ба гул барзадаӣ,
Ғунчае чанд аз ӯ тозаву тар барчидаӣ?
Дастаҳо баста ба шодӣ бари мо омадаӣ,
То нишон орӣ моро зи дилафрӯз баҳор.

Бозгард акнуну оҳистаашон бар сару рӯй
Обаке хурд бизан, хоки лаби ҷӯй бишӯй,
Ҷомае бифкану баргард ба пиромани ҷӯй,
Ҳар куҷо тозагуле ёбӣ, аз меҳр бибӯй.
Ҳар куҷо ёбӣ з-ин тозабунафша худрӯй,
Ҳамаро даста куну баста куну пеши ман ор.

Чун ба ҳам кардӣ бисёр бунафшаи табарӣ,
Боз баргард, ба бӯстон шав чун кабки дарӣ,
То куҷо беш бувад наргиси хушбӯйтаре,
Ки ба чашми ту чунон ояд, чун дарнигарӣ,
Ки зи динор даровехт касе чанд паре
Ҳарчӣ ношуста бувад, пок макун, бок мадор.

Гузаре гир аз он пас ба суи лоласитон,
Тӯтиён бин, ҳама минқор ба пар хуфта чи сон,
Ҳар яке ҳамчу яке ҷом дар ӯ ғолиядон,
Тобиши ғолиядон з-оташу миле ба миён,
Мили он ғолия бар ғолияи ғолия дон,
З-ин нишон ҳарчӣ биёбӣ, ба ман овар якбор.

Эй шаробӣ, ба хумистон раву бардор калид,
Дари ӯ боз куну рав бари он хумми набид,
Аз сару рӯи вай андарфикан он тоҷи палид,
То аз ӯ пайдо ояд маҳу хуршед падид,
Ҷомҳое, ки бувад поктар аз марворид,
Чун бадахшӣ куну пеш ору фурӯ неҳ ба қатор.

Ба рукӯъ ор сурохҳиро дар қиблаи ҷом,
Чун сарафтода шавад, боз даровар ба қиём,
Зи суҷудаш ба ташаҳҳуд бирав, он гаҳ ба салом,
З-ин саломеву дуруде зи ту бар ҷамъи киром,
Ин намоз аз дари хос аст, маёмӯз ба ом,
Ом нашносад ин сирату оини кибор.

Мутрибо, гар ту бихоҳӣ, ки маят нӯш кунам,
Ба ҳама ваҷҳат сомеъ шаваму гӯш кунам,
Шодиву хушшии имрӯз беҳ аз дӯш кунам,
Бичамам, даст занам, наъраву ухрӯш кунам,
Ғами беҳудаи айём фаромӯш кунам,
Ба сӯи панҷа бар он панҷу серо сӯи чаҳор.

Барбати ту чу яке кӯдакаке мӯҳташам аст,
Сари мо з-он сабаб он ҷост, ки ӯро қадам аст,
Кӯдак аст, ӯ зи чӣ маъниро пушташ ба хам аст?
Рӯдагонеш чаро низ буруни шикам аст,
З-он ҳаменолад, к-аз дарди шикам бо алам аст,
Сари ӯ неҳ ба канору шикамаш нарм бихор.

Гар сухан гӯяд, бошад сухани ӯ Раҳи Рост,
З-ӯ дилорому дилангез сухан бояд хост,
З-он суханҳо, ки бад-ӯ табъи туро майли ҳавост,
Гӯш молаш ту ба ангушт, бад-он сон ки сазост,
Гӯш молидану захм арчи мукофоти хатост,
Бехато гӯш бимолаш, бизанаш чӯб ҳазор.

То ҳазорово аз сарв барорад овоз,
Гӯяд ӯро: Мазан, эй Борбади рӯднавоз,
Ки ба зории ваю захми ту шуд дурударoз
Обидонро ҳама дар савмиа пайванди намоз.
Ту бад-ӯ гӯй, ки, эй булбули хушгӯй, маноз,
Ки маро дар дил аз ишқ аст ин нолаи зор…

❁❁❁

Шод бошед, ки ҷашни Меҳргон омад,
Бонгу овои дарои корвон омад,
Корвони Меҳргон аз Хазарон омад,
Ё зи ақсои билоди чиниён омад,
На аз ин омад, биллаҳ, на аз он омад,
Ки зи фирдавси барину з-осмон омад.

Меҳргон омад, ҳон, дар бикушоедаш,
Андар ореду тавозӯъ бинамоедаш,
Аз миёни роҳ-андар бирабоедаш,
Бинишонеду ба лаб хурд бихоедаш,
Хуб дореду фаровон биситоедаш.
Ҳар замон хидмат лахте бифазоедаш…

Нигаред обиву он ранги рухи обӣ,
Гашта аз гардиши ин чанбари дӯлобӣ,
Рухи ӯ чун рухи он зоҳиди меҳробӣ,
Бар рухаш-бар асари сиблати сақлобӣ,
Ё чунон зард яке ҷомаи уннобӣ,
Пур зи бархоста з-ӯ чун пари мурғобӣ.

В-он турунҷ-андар чун дебаи динорӣ,
Гаҳ бимоливу бимоланду набигзорӣ,
З-ӯ ба миқроз буришше ду-се бардорӣ,
Кисае дӯзиву дарзашна падид орӣ
В-он гаҳ он кисаи кофур биянборӣ,
Даркашӣ сар-ш ба абрешими зангорӣ...

❁ ❁ ❁

Омад баҳори хурраму овард хуррамӣ
В-аз фарри навбаҳор шуд ороста замӣ,
Хуррам бувад ҳамеша бад-ин-вақт одамӣ
Бо бонги зеру бам бувaду Қаҳфи Дарғамӣ,
Зеро ки нест аз гулу аз ёсуман камӣ,
То кам шудаст офати сармо зи гулситон.

Аз абри навбаҳор чу борон фурӯ чакид,
Чандин ҳазор лола зи хоро бурун дамид,
Он ҳуллае, ки абр мар ӯро ҳаметанид,
Боди сабо биёмаду он ҳулла бардарид,
Он ҳулла пора-пора шуду гашт нопадид
В-омад падид боз ҳама дашту парниён.

Аз лолаву бунафша ҳама кӯҳсору дашт
Сурху сапед гашт чу дебойҳои Рашт.
Барчид бунафша домaну аз хок барнавашт,
Чун боди навбаҳор бар ӯ дӯш баргузашт,
Шохи бунафша чун бару зулфайни дӯст гашт.
Афканд нилгун ба сараш миъҷари каён.

Омад ба боғ наргис чун ошиқи дижам
В-аз ишқи пилгӯш даровварда сар ба ҳам,
З-ӯ даста баст ҳар кас монанди сад қалам,
Бар ҳар қалам нишонда бар ӯ панҷ-шаш дирам,
Андар миёни ҳар қаламе з-ӯ яке шикам.
Оганда он шикам-ш ба кофуру заъфарон.

Он савсани сафед шукуфта ба боғ-дар,
Як шохи ӯ зи симу дигар шохи ӯ зи зар,
Пироҳан аст, гӯйӣ,  дебо зи Шуштар,
К-аз нил абра асташу аз оҷ остар,
Аз баҳри бӯйи хуш чу яке пора уди тар,
Дорад ҳамеша дӯхта бар пеши бодбон.

Барги гули сапед ба монанди абқарӣ,
Барги гули дуранг ба кирдори ҷаъфарӣ,
Барги гули муваррад бишкуфтаву тарӣ,
Чун рӯйи дилрабои ман он моҳи саътарӣ,
Зӣ ҳар гуле, ки жарф бад-ӯ дар ту бингарӣ,
Гӯӣ, ки зарр дорад якбора дар миён.

Чун бардарид бар кафи саҳро қаболаҳо,
Боронҳо чакиду биборид жолаҳо,
То гирди даштҳо ҳама бишкуфт лолаҳо,
Чун дарзада ба оби муасфар гулолаҳо,
Бишкуфт лолаҳо чу ақиқин пиёлаҳо
В-он гаҳ пиёлаҳо ҳама оганда мушку  бон.

Бинмуд чун зи бурҷи Бара офтоб рӯй,
Гулҳо шукуфт бар тани гулбун ба ҷойи мӯй,
Чун дид дӯш гулро андар канори ҷӯй,
Омад ба бонг фохтаву гашт ҷуфтҷӯй,
Булбул чу сабза дид ҳама гашта мушкбӯй,
Гоҳе сурудгӯй шуду гоҳ шеърхон.

Гулҳо кашидаанд ба сар-бар кабудҳо,
На торҳо падид бар онҳо, на пудҳо,
Мурғон ҳамезананд ҳама рӯз рудҳо,
Гӯянд зор-зор ҳама шаб сурудҳо.
То бомдод гардад аз шатту рӯдҳо,
Мурғони об бонг бароранд з-обдон.

То бӯстон ба сони биҳишти Ирам шавад,
Саҳро зи акси лола чу Байтулҳарам шавад,
Бонги ҳазордастон чун зеру бам шавад,
Мардум чу ҳол бинад, аз ин сон хурам шавад,
Афзун шавад нишоту аз ӯ ранҷ кам шавад,
Бе руду май набошад як рӯзу як замон.

Булбул ба шохи сарв барорад ҳаме сафир,
Моғон ба абр наъра баророанд аз обгир,
Қумрӣ ҳамесарояд ашъор чун Ҷарир,
Сулсул ҳаменавозад якҷой бамму зер
Чун мутрибон зананд наво Тахти Ардашер
Гаҳ Меҳргони хурдаку гоҳе Сипаҳбадон.

То бодҳо вазон шуда бар рӯи обҳо,
Он обҳо гирифт шиканҳову тобҳо,
То баргирифт абр зи саҳро ҳиҷобҳо,
Бастанд боғҳо зи гулу май хизобҳо,
Бардоштанд бар гулу савсан шаробҳо,
Аз ишки некувони паричеҳра ошиқон.

Ошиқ зи меҳри ёр бад-ин вақт май х(в)арад,
Чун май гирифт ошиқ, дар боғ бигзарад,
Атрофи гулситонро чун нек бингарад,
Пироҳани сабурӣ чун ғунча бардарад.
Аз наргиси тариву бунафша ҳасад барад,
К-он ҳаст аз ду чашму ду зулфи буте нишон.

Хушшо, баҳори тозаву бӯсу канори ёр,
Гар дар канор ёр бувад, хуш бувад баҳор,
Эй ёри дилрабой, ҳало, хезу май биёр,
Май деҳ марову гир яке танг дар канор,
Бо ман чунон бизӣ, ки ҳаме зистӣ ту пор,
Ин нози бекарон-т ту баргир аз миён.

То з-ин сипас ҳаме гаҳу бегоҳ хуш зием,
Донӣ, ба ҳеч ҳол забуни касе наем,
То рӯз бо самоъи бутонему бо маем,
Донад, ҳар он ки донад, моро, ки мо кием,
Он меҳтаре, ки мо ба ҷаҳон кеҳтари ваем,
Мири бузургвор аст, иқболи ӯ ҳамон...

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ ВА ҚИТЪАҲО

❁❁❁

Омад, эй саййиди аҳрор, шаби чашни Сада,
Шаби ҷашни Садаро ҳурмати бисёр бувад.
Барфурӯз Оташбарзин, ки дар ин фасл басо
Озарибарзин пайғамбари озор бувад.
Оташе бояд чунон, ки фурӯзад, аламаш
Бартар аз доираи гунбади даввор бувад.
Чун зи гардун-бар аз ин силсилаи зарандуд
Қурси хуршед фурӯ хуфта нигунсор бувад.
Оташу дуд чу дунболи яке товусе,
Ки барандуда ба тарфи думи ӯ кор бувад,
Б-он шараф, гӯйӣ, товус ба гирди думи хеш
Луълуе хурд фитолида ба минқор бувад.
Чун яке хаймаи марҷон зи бараш нофаи мушк,
Ки суманбарг бар он нофаи аттор бувад.
Ё чу заррин шаҷаре даршуда атрофи шаҷар,
Ки бар ӯ-бар шамар аз луълуи шаҳвор бувад.
Боғбон ин шаҷар аз ҷой биҷунбонад сахт
То фурӯ борад боре, ки бар ашҷор бувад.
Май хӯр, эй саййиди аҳрор, бар ин ҷашни Сада,
Бода хӯрдан, бале, аз одати аҳрор бувад...

❁ ❁ ❁

Нӯшам қадаҳи набиди нӯшанҷа,
Ҳангоми сабӯҳ, соқиё, ранҷа.
На нарду на тахти нард пеши мо,
На маҳзару на қаболаву панҷа.
Наззора ба пеш даркашида саф
Чун кофари Рум бар дари Ганҷа.
Хунёгар истоду барбатзан
Азбас шукуфа шуда дар ишканҷа.
В-он ратли гарони якманиморо
Чун моҳ сею ду панҷ дар панҷа.
Бардошта то ҳиҷоби шарм аз рух,
Гаҳ шодиву гаҳ нишоту гаҳ ғанча.
Андар шуда чашми мо ба хоби хуш
Чашми ҳадасон ба водии Танҷа.

❁ ❁ ❁

Ин қасри хуҷаста, ки бино кардаӣ имсол,
Бо ғурфаи Фирдавс ба фирдавс қарин аст.
Ҳамчун ҳарамаш толеи саъд аст муборак,
Ҳамчун Ирамаш нақши муҳанново гузин аст.
Чун қадри ту оливу чу рӯйи ту кушода,
Чун аҳди ту некӯю чу ҳилми ту разин аст.
Чӯбаш ҳама аз сандалу аз уди қуморӣ,
Сангаш ҳама аз гавҳару ёқути самин аст.
Обаш ҳама аз кавсару аз чашмаи ҳайвон,
Хокаш ҳама аз анбару кофуру аҷин аст.

❂ ❂ ❂

Чарх аст, валекин на дар ӯ толеи наҳс аст,
Хулд аст, валекин на дар ӯ ҷӯйи иқор аст.
Чун абруи маъшуқон  бо тоқу равоқ аст,
Чун рӯйи париpӯён бо рангу нигор аст.
Бозигаҳи шамсу қамару абри ҳизабр аст,
Манзилгаҳи ҷуду караму ҳилму виқор аст.
Аз рӯи салотинаш ҳар рӯз бисот аст
В-аз бӯсаи шоҳонаш ҳар рӯз нисор аст.

❂ ❂ ❂

Набиз пеши ман омад ба шотии бирка,
Ба ханда гуфтам: «Тубо лиман яро акка.»
Хушам набизу хушо рӯйи он ки дод набиз,
Хушам ҷавониву ин бӯстону ин барка.
Ману набизу ба хона-дарун самоъу рубоб,
Ҳасуд бар дару бисёргӯй дар сакка.
Маро ту, гӯйӣ, май хӯрдан аст асли фасод,
Ба ҷони ту, ки ҳамеоядам зи ту заҳка.
Агар фасод кунад, ҳар кӣ ӯ набиз хӯрад,
Басо фасод, ки дар Ясриб асту дар Макка,
Дар ин фасод маро дастёр додӣ ту дод,
Ки нест бо ту маро не никоҳу не ширка.
Чаро набиз ҳаром асту ҳаст сирка ҳалол,
На ҳам набиз бувад ибтидо аз он сирка?
Набиз талх чи ангуриву чу майвизӣ,
Сапедсим чи бо сиккаву чи бе сикка.
Куҷо набиз аст, он ҷо бувад ҷавонмардӣ,
Куҷо набиз аст, он ҷойгаҳ бувад бирка.

❀❀❀

Эй бо адуи мо гузаранда зи кӯйи мо,
Эй моҳрӯй, шарм надорӣ зи рӯйи мо.
Номам ниҳода будӣ бадхӯю ҷангҷӯй,
Бо ҳар касе ҳаме гила кардӣ зи хӯйи мо.
Ҷустиву ёфтӣ дигаре бар муроди дил,
Растӣ зи хӯйи нохушу аз гуфтугӯйи мо.
Акнун ба ҷӯйи ӯст равон оби ошиқӣ,
Он рӯз шуд, ки об гузаштӣ ба ҷӯйи мо.
Гӯянд сардтар бувад об аз сабӯйи нав,
Гарм аст оби мо, ки куҳан шуд сабӯйи мо.
Акнун яке ба коми дили хеш ёфтӣ,
Чандин ба хир - хир чӣ гардӣ ба кӯйи мо?

❀❀❀

Ало, вақти сабӯҳ аст, на гарм асту на сард  аст,
На абр асту на хуршед, на бод асту на гард аст.
Биёр, эй бути Кашмир, шароби куҳани пир,
Бидеҳ пурру тиҳӣ гир, кимон  нангу набард аст.
Аз он  бода, ки зард асту низор аст, валекин
На аз ишқ низор асту на аз меҳнат зард аст.
Ба ҷон-андар қут асту ба мағз-андар мушк аст,
Ба чашм-андар нур асту ба рӯй-андар вард аст.

❁ ❁ ❁

Навбаҳор аз хеду гул орост гетӣ ранг-ранг,
Арғувонӣ гашт хоку парниёнӣ гашт санг.
Гул шукуфту лола бинмуд аз ниқоби сурх рӯй,
Он зи анбар бурд бӯю ин зи гавҳар бурд ранг.
Шохи бодом аз шукуфа лӯъбате шуд озарӣ,
Ҷомҳои май гирифта баргҳо ҳар сӯ ба чанг.
Абр шуд наққоши Чину бод шуд аттори Рум,
Боғ шуд айвони нуру роғ шуд дарёи Ганг.

❁ ❁ ❁

Эй дил, чу ҳаст ҳосили кори ҷаҳон адам,
Бар дил манеҳ зи бахри ҷаҳон ҳеҷ бори ғам.
Афканда ҳамчу суфра мабош аз барои нон,
Ҳамчун танӯр гарм машав аз пайи шикам.
Ту масти хоби ғафлативу аз барои ту
Эзид фиканда хони карам дар сапедадам.

❁ ❁ ❁

Эй бути занҷирҷаъд, эй офтоби некувон,
Талъати хуршед дорӣ, қомати фирдавсиён.
Н-офарид Эзид зи хубони ҷаҳон чун ту касе
Дилрабову дилфиребу дилнавозу дилситон.
Гар-т хонам моҳ, моҳӣ в-ар-т хонам сарв, сарв,
Гар-т хонам ҳур, ҳурӣ, вар-т хонам ҷон, чу ҷон.
Мушкҷаъду мушкхатту мушкнофу мушкбӯй,
Хушсамоъу хушсуруду хушканору хушзабон.
Рӯ-т аз гул дурҷ дорад, дурҷат аз анбар тароз,
Мушкат аз маҳ нофа дорад, моҳат аз мушк осмон.
Ҳам бути занҷирҷаъдӣ, ҳам бути занҷирзулф,
Ҳам бути лолаҷабинӣ, ҳам бути лоларухон.
Эй равону ҷони ман доим зи ту бо хуррамӣ,
Эй сарову боғи ман доим зи ту чун бӯстон.

❁ ❁ ❁

Нӯшам қадаҳи набиди нӯшанҷа,
Ҳангоми сабӯҳ соқиё, ранҷа.
На нарду на тахти нард пеши мо,
На маҳзару на қаболаву панҷа.
Наззора ба пеш даркашида саф
Чун кофари Рум бар дари Ганҷа.
Хунёгар истоду барбатзан
Аз бас шукуфа шуда дар ишканҷа.
В-он ратли гарони якманиро
Чун моҳ сею-ду панҷ дар панҷа.
Бардошта то ҳиҷоби шарм аз рух,
Гаҳ шодиву гаҳ нишоту гаҳ ғунча.
Андар шуда чашми мо ба хоби хуш
Чашми хадасон ба водии Танҷа.

❁❁❁

Бо рухат, эй дилбари айёр, ёр,
Нест маро низ дигар бор, бор.
Ду рухи рахшони ту гулнор гашт,
Бар дили ман рехта гулнор нор.
Чашми ту хунхораи ҳар ҷодае,
Монда аз он чашмаки хунхор хор.
Банда вафодору ҳавохоҳи туст,
Банда ҳавохоҳу вафодор дор.
Дод кун, эй кӯдаку бардор ҷавр,
Минбар пеш овару бардор дор.
Эй, ту дилозору ман озурдадил,
Дил шуда з-озори дилозор зор.

❂ ❂ ❂

Наврӯз рӯзи хурамии беадад бувад,
Рӯзи тавофи соқии хуршедхад бувад.
Маҷлис ба боғ бояд бурдан, ки боғро
Мафраш кунун зи гавҳару маснад зи над бувад.
Он баргҳои шосипарам бину шохи ӯ,
Чун сад ҳазор ҳамза, ки бар тарфи мад бувад.
Наргис ба сони ҳалқаи занҷири зарнигор,
К-андар миёни ҳалқаи заррину мад бувад.
Андар миёни лола диле ҳаст анбарин,
Дил анбарин бувад, чу ақиқин ҷасад бувад...
Абри гуҳарфишонро ҳар рӯз бист бор
Хандидану гиристани ҷазру мад бувад.
Хуршед чун набарда ҳабибе, бо ҳабиб
Гоҳеш ҷангу сулҳу гаҳе васлу сад бувад.
Чашми хуҷастаро мижа зарду миён сиёҳ,
Парда забарҷадину ақиқин рамад бувад.
Сунбул ба сони зулфе бо печу бо уқуд,
Зулф он накӯ бувад, ки бад-ӯ-дар уқад бувад.

❁ ❁ ❁

Ба фоли неку ба рӯзи мубораки шанбад,
Набиз гиру мадеҳ рӯзгори хеш ба бад.
Ба дини Мӯсо имрӯз хуштар аст набиз,
Бихӯр мувофиқаташро набизи нав шанбад.
Агар тавонӣ, якшанберо сабӯҳӣ кун,
Куҷо сабӯҳӣ некӯ бувад ба якшанбад.
Тариқу мазҳаби Исо ба бодаи хуш ёб,
Нигоҳ дору мазан бахти хешро ба лагад.
Ба рӯзгори душанба набиз хӯр ба нишот,
Ба расми мӯбади пешини мӯбадон мӯбад.
Чаҳоршанба, ки рӯи балост, бода бихӯр!
Ба сотгин май хӯр, то ба офият гузарад.
Ба панҷшанба, ки рӯзи хумори майзадагист,
Чу талх бода хӯрӣ, роҳатат физояд х(в)ад,
Пас аз намози дигар рӯзгори одина,
Набид хӯр, ки гуноҳон афу кунад Эзад.

❁ ❁ ❁

Сапедадам, ки вақти кори ом аст,
Набизи мушкбӯ расми кором аст.
Маро деҳ, соқиё, ҷоми нахустин,
Ки ман махмураму майлам ба ҷом аст,
Валекин лахтаке бориктар деҳ,
Набизи якманӣ додан кадом аст?
Намози бомдодон кард бояд,
Се ҷоми якманӣ хӯрдан ҳаром аст.
Чунон к-он бор нашносад имомам,
Рукӯъам бо рукӯъ асту қиём аст.
Чу воми эзидӣ бинҳода бошам,
Маро даҳ сотгине бар ту вом аст.
Хушо, ҷоми маё, хушшо, субӯҳо,
Хушо, к-ин моҳрӯ моро ғулом аст.
Ду зулфаш ду шабу ду холи мушкин,
Зулом андар зулом андар зулом аст.
Сабӯҳ аз дасти соқӣ он сабӯҳ аст,
Мудом аз дасти он дилбар мудом аст...

❂ ❂ ❂

Хез, бутрӯё, то маҷлис зӣ сабза барем,
Ки ҷаҳон тоза шуду мо зи ҷаҳон тозатарем.
Бар бунафша бинишинему парешем хатат,
То ба ду даст дилу пойи бунафша сипарем.
Чун кадаҳ гирем, аз чарх дубайтӣ шунавем,
Ба суманбарг чу май хӯрда шавад, ғам сипарем.
В-агар эдун ба бун анҷомадамон нуқлу набид,
Чораи ҳар ду бисозем, ки мо чорагарем.
Бимазем оби даҳони туву май ангорем,
Ду-се бӯса бидиҳем он гаҳу нуқлаш шумарем,
Нахӯрем андуҳи гетӣ, ки басе фоида нест,
Агар эдун, ки барем, андуҳи ӯ дарнабарем.
Пеш аз он гетӣ моро бизанад ё бихӯрад,
Мо маликвор мар ӯро бизанему бих(в)арем.

❀ ❀ ❀

Дӯстон, вақти асир асту кабоб,
Роҳро гард нишондаст саҳоб.
Сӯйи раз бояд рафтан ба сабӯҳ,
Хештан кардан мастони хароб.
Нимҷӯшида асир аз сари хум
Бикашидан, ки чунин аст савоб.
Родмардонро ҳангоми асир
Шояд, ар май набувад софию ноб.
То ду-се рӯз дар ин сояи раз
Оби ангур гусорем ба об
Бифурӯзем ҳаме оташи раз,
Густаронем бар ӯ сурхкабоб.
Токи раз бошадамон шосипарам,
Барги раз бошад дастори шароб.
Нуқли мо хӯшаи ангур бувад,
Аз бари сар-бар чун парри уқоб,
Бонги ҷӯшидани май бошадамон
Нолаи барбату танбӯру рубоб.

❁ ❁ ❁

Май бар кафи ман неҳ, ки тарабро сабаб ин аст,
Ороми ману мӯниси ман рӯзу шаб ин аст.
Тарёки бузург аст шифои ҳама ғамҳо,
Наздики хирадмандон майро лақаб ин аст.
Бе май натавон кардан шодиву тараб ҳеҷ,
Зеро ки бад-ин гетӣ асли тараб ин аст.
Маъҷуни муфарриҳ бувад ин тангдилонро.
Ме бесалабонро ба зимистон салаб ин аст.
Эй он, ки нахӯрдастӣ, гар мебичашӣ з-он
Савганд хӯрӣ, гӯйӣ, шаҳду рутаб ин аст.
Май гиру ато бахшу накӯ гӯю наку хоҳ,
Ин аст каримиву тариқи адаб ин аст.

❃ ❃ ❃

Шабе дароз, майи сурх ман гирифта ба чанг,
Мае ба сони ақиқу гудохта чун ранг,
Ба дасти рост шаробу ба дасти чап зулфайн,
Ҳамехӯрему ҳаме бӯса медиҳем ба данг.
Набиду бӯса, ту донӣ, чӣ нек сахт бувад,
Яке набиду дусад бӯсаву шароби заранг.
Гаҳе битозад бар ман, гаҳе бад-ӯ тозам,
Ба соате дар гаҳ оштию гоҳе ҷанг.
Ба гоҳи мастӣ чунон шавад ду чашми бутам,
Ки наргисине ғарқа шавад ба хуни паланг.

❁❁❁

Ҳаст аёми иду фасли баҳор,
Ҷашни Ҷамшеду гардиши гулзор.
Эй нигори бадеъ, вақти сабӯҳ
Зуд бархезу роҳи рӯҳ биёр.

❁❁❁

Гирифтамат, ки расидӣ, ба он чӣ металабӣ,
Гирифтамат, ки шудӣ, он чунон ки меёбӣ.
На ҳар чӣ ёфт камол, аз паяш бувад нуқсон,
На ҳар чӣ дод, ситад боз чархи миноӣ.

## РУБОИҲО

❂ ❂ ❂

Дар бандам аз он ду зулфи банд андар банд,
Нолонам аз он ақиқи қанд андар қанд.
Эй ваъдаи фардои ту печ андар печ,
Охир,  ғами ҳиҷрони ту чанд андар чанд?

❂ ❂ ❂

Ҳар кор, ки ҳаст, ҷуз ба коми ту мабод,
Ҳар хасм, ки ҳаст, ҷуз ба доми ту мабод.
Ҳар сикка, ки ҳаст, ҷуз ба номи ту мабод,
Ҳар хутба, ки ҳаст, ҷуз ба боми ту мабод!

❂ ❂ ❂

Давлат ҳамасола бе ҷалоли ту мабод,
Ҳиммат ҳамасола бе ҷамоли ту мабод,
Ҳар банда, ки ҳаст, бе камоли ту, мабод,
Хуршеди ҷаҳон пайи заволи ту мабод!

❂ ❂ ❂

Торик шуд аз меҳри дилафрӯзам рӯз,
Шуд тирашаб аз оҳи ҷигарсӯзам рӯз,
Шуд равшанӣ аз рӯзу сиёҳӣ зи шабам,
Акнун на шабам шаб асту на рӯзам рӯз.

❂ ❂ ❂

Эй карда сипоҳи ахтарон ёрии ту,
Фахр аст ҷаҳонро ба ҷаҳондории ту,
Мастанд мухолифон зи ҳушёрии ту,
Бахти ҳама хуфта шуд зи бедории ту.

# УНСУРӢ

## ТАШБИБҲО

❁ ❁ ❁

Дили маро аҷаб ояд ҳаме зи кори ҳаво,
Ки мушкбӯй салаб шуд зи мушкбӯй сабо.
Зи рангу бӯй ҳамедонаму надонам аз он- к
Чунин ҳаво зи сабо гашт ё сабо зи ҳаво.
Дарахт агар алами парниён кушод, равост,
Ки хок боз кушодаст мафраши дебо.
Ба нуру зулмат монад замину абр ҳаме,
Ба дурру мино монад сиришки абру гиё.
Фирефтаст замин абри тираро, ки аз ӯ
Ҳамеситонад дурру ҳамедиҳад мино.
Ба зери гавҳари албону зери нақши бадеъ
Ниҳуфта гашт дарозии оламу паҳно.
Агарчи гавҳару нақши ҷаҳон фаровон аст,
Ҳама синоати абр асту дастбурди сабо.
Чӣ фойидаст зи нақши баҳору пайкари ӯ,
Ки аз ҳавош ҷамол асту аз бухор наво.
Агар ҳавош бад-ин рӯзгор тоза кунанд,
Ба рӯзгори хазон ҳам ҳаво кунад-ш ҳабо…

❁ ❁ ❁

Ҳар суоле, к-аз он лаби сероб
Дӯш кардам, ҳама бидод ҷавоб.
Гуфтамаш: «Ҷуз шабат нашояд дид.»
Гуфт: «Пайдо ба об бувад маҳтоб.»
Гуфтам: «Аз ту кӣ бурда дорад меҳр?»
Гуфт: «Аз ту кӣ бурда дорад хоб?»
Гуфтам: «Аз шаб хизоби рӯз макун.»
Гуфт: «Бар зар зи хун макун ту хизоб!»
Гуфтам: «Аз тоби зулфи ту тобам,»
Гуфт: «Аз ӯ тофта шавад, ту матоб.»
Гуфтам: «Он лола дар хизоби шаб аст.»
Гуфт, к-аз ишқи ӯ шавӣ ту мусоб.
Гуфтам: «Он зулф сахт хушбӯяст.»
Гуфт: «З-он рӯ, ки ҳаст анбари ноб.»
Гуфтам: «Оташ бар он рухат кӣ фурӯхт?»
Гуфт: «Он, к-ӯ дили ту кард кабоб.»
Гуфтам: «Аз ҳоҷибат битобам рӯй.»
Гуфт: «Кас рӯй тобад аз меҳроб?»
Гуфтам: «Андар азоби ишқи туам.»
Гуфт: «Ошиқ, бале, бувад ба азоб.»

❁ ❁ ❁

Бут, ки бутгар кунад-ш, дилбар нсст,
Дилбарӣ дастбурди бутгар нест.
Бути ман дил барад, ки сурати ӯст
Озаривору сунъи Озар нест.
Аз бадеъӣ ба бӯстони биҳишт
Ҷуфти болои ӯ санавбар нест.
Чист он ҷаъди силсила, ки ҳаме
Бӯйианбардеҳасту анбар нест.
Ҳеч мӯйе шикофта аз боло
Зортар з-он миёни лоғар нест.
Бинӣ он чашми пуркарашмаву ноз,
Ки бад-он чашм ҳеҷ абҳар нест.
Сими бебор агарчи пок бувад,
Чун буногӯши он суманбар нест.
Гирди маҳ з-он ду зулф доираест,
Нуқтае з-он даҳон-ш камтар нест…

❃❃❃

Боди наврӯзӣ ҳаме дар бӯстон бутгар шавад,
То зн сунъаш ҳар дарахте лӯъбате дигар шавад.
Боғ ҳамчун кулбаи баззоз пурдебо шавад,
Бод ҳамчун таблаи аттор пуранбар шавад.
Савсанаш сими сапед аз боғ бардорад ҳаме,
Боз ҳамчун орази хубон замин ахзар шавад.
Рӯйбанди ҳар замине ҳуллаи чинӣ шавад,
Гӯшвори ҳар дарахте риштаи гавҳар шавад.
Чун ҳиҷоби лӯъбате хуршедро бинӣ зи ноз
Гаҳ бурун ояд зи меғу гаҳ ба меғ андар шавад.
Дафтари Наврӯз бандад бӯстонкирдор шаб,
То кавокиб нуқтаи авроқи он дафтар шавад.
Афсари симин фурӯ гирад зи сар кӯҳи баланд,
Боз миночашму деборӯю мушкинсар шавад…

❁❁❁

То ҳаме ҷавлони зулфаш гирди лоластон бувад,
Ишқу ромишро ба гирди ҳар диле ҷавлон бувад.
То ҳаме нотофта тоб ӯфтад дар зулфи ӯ,
Тофта будан дили ушшоқро паймон бувад.
Мар-маро пайдо наёмад, то надидам зулфи ӯ,
К-аз шаба занҷир бошад, ё зи шаб чавгон бувад.
Оразаш донад магар, к-аз чашми бад ояд сутӯҳ,
Аз ниҳеби чашми бад доим дар ӯ пинҳон бувад.
То ҷаҳон будаст, кас бар бод нафшондаст мушк,
Зулфи ӯро ҳар шабе бар бод мушк афшон бувад…
Ромишафзойӣ кунад, вақте ки дар маҷлис бувад,
Лашкароройӣ кунад, рӯзе ки дар майдон бувад.
Шодӣ андар ҷони ман маъво гирифт аз ишқи ӯ,
Шод бошад ҷони он кас, к-аш чунон ҷонон бувад.

❁❁❁

Моҳи рухсораш ҳаме дар ғолия пинҳон шавад,
Зулфи мушкинаш ҳаме бар лола шодурвон шавад.
Дардам он рӯй асту дармонам ҳам аз дидори ӯ,
Дидаӣ дарде, ки дар вай бингарӣ, дармон шавад?
На шитифт аст, ар бигардад зулфи ҷонон ҷонвар,
Гунаи рухсораи ҷонон бад-ӯ дар ҷон шавад.
Гар бихандад як замон он лаб, шакар гардад гарон
В-ар биҷунбад як замон он зулф, мушк арзон шавад,
В-ар кунӣ сурат ба ҷон- андар лабашро ту ба ваҳм,
Ҷонат аз ранги лабаш ҳамгунаи марҷон шавад.
Ҳалқаи зулфаш агар даъвӣ ба ранги куфр кард,
Нури рухсораш ҳаме исломро бурҳон шавад.
Ҳаҷри ӯ з-уммеди васли ӯ бувад ширин чу васл,
Васли ӯ аз бими ҳаҷраш талх чун ҳиҷрон шавад.
Чун биҳиште ҳаст он рухсори ҷонафзои ӯ
В-он чи бифзояд, ҳам аз нодиданаш нуқсон шавад…

❁ ❁ ❁

Нигар ба лолаву табъи баҳори рангпазир:
Яке ба ранги ақику яке ба бӯйи абир.
Чу ҷаъди зулфи бутон шохҳои беду хед,
Яке ҳама зиреҳ асту яке ҳама занҷир.
Дарахту дашт магар хостанд хилъат з- абр
Яке тавилаи гавҳар, дигар бисоти ҳарир.
Бухори тираву аз абри дашти миноранг
Яке ба сони ғубору дигар ба сони ғадир.
Зи рангу бӯйи гиёву замин, ту гӯйӣ ҳаст
Яке зи ҳулла бисоту дигар зи  мушк хамир.
Ҳавову роғ , ту гӯйӣ, ду оламанд бузург,
Яке пур аз ҳаракоту дигар пур аз тасвир.
Ҳаво зи акси само тираву замин гулгун:
Яке чу хомаи Монӣ, яке бути Кашмир.
Ба дашт  сунбулу мино сипаҳ кашиду нишаст
Яке ба маъдани барфу дигар ба ҷойи зарир.
Нигорҳои баҳорӣ чу шеърҳои бадеъ:
Якест пур зи мувашшаҳ, дигар нур аз ташҷир.
Ба чизҳо ба ду чиз аст рангу бӯйи баҳор:
Яке ба боди сабову дигар ба абри матир…

❂❂❂

Мунаққаш оламе фирдавскирдор
Зи Фархору ҳама пурнақши Фархор.
Ҳавош аз талъати моҳон пур аз нур,
Замин-ш аз бӯсаи шоҳон пуросор.
Бутоне андар ӯ, к-аз хатти хубон
Ба гирди оразу хуршеди рухсор.
Бад-он монад, ки зоғонанду доранд
Гул андар чангулу лола ба минқор.
Ба чеҳру ғамза наққошанду ҷоду,
Зи рангу бӯй баззозанду аттор.
Шаби баргашташонро рӯз маъдан,
Гули наврусташонро ғолиябор.
Гаҳе андаркашад лола ба сунбул,
Гаҳе сунбул ниҳад бар лола анбор.
Аз эшон ҳар яке ҳамчун дарахте,
Ки симаш асл бошад арғувонбор.
Чу чархи рӯз бошад рӯзи ромиш,
Чу бурҷи рӯз бошад вақти пайкор.
Зи зарру сим бар кирдори Парвин
Камар шамшерҳо чун чархи даввор.
Зи маълоқӣ камарҳо ҳар даволе,
Зи кавкабҳош чун теғе гуҳарбор.
Гурӯҳеро камар шамшери заррин,
Дар ӯ ёқути руммонӣ падидор.
Ба хуни дидаи ушшоқ монад,
Чакида бар рухи заррин зи тимор.
Даволаш димаи нор аст заркаш,
Миёни нору гавҳар донаи нор.
Сафи пилонаш андар сози заррин
Чу бар кӯҳе шукуфта заъфаронзор.
Ба барқ ороста меғанду доранд
Ба гирди мавҷи дарё шӯълаи нор.

Чу   моронандашон хартум, ар эдун
Бувад заррин пашиза  бар тани мор.
Ба захми пойи эшон кӯҳ дашт аст,
Ба захми  яшки эшон дашт шуд ёр.
Ба ҳайҷо меғрангу теғдандон,
Ба саҳро кӯҳҷисмон, бодрафтор…

❁ ❁ ❁

Чӣ чиз аст рухсораву зулфи дилбар:
Гули мушкбӯю шаби рӯзпарвар.
Гул андар шуда зери навруста сунбул,
Шаб андар шуда зери хуршеди анвар.
Ҳамоно, ки хуршед ранги лабашро
Бидуздад, ки бахшад ба ёқути аҳмар.
Рухаш гулситон асту майгун лабонаш
Ба гуна ба урдубиҳишту ба озар.
Зи ранги рухаш пургули сурх маҷлис,
Зи ранги лабаш пурмайи лаъл соғар.
Накӯтар зи равшан рухаш тира зулфаш
В-агарчанд равшан зи тира накӯтар.
Накӯтар зи фарбист лоғар миёнаш
В-агарчанд фарбӣ накӯтар зи лоғар.
Ҳаметобад он зулфи мушкин-ш доим,
Ҳамеҷӯшад он хатти чафта чу чанбар.
Битобад ба гул-бар алалҳол сунбул,
Биҷӯшад бар оташ алалҳол анбар.
Ба моҳи мунаввар-ш monанда кардам,
Маро рӯз шаб кард моҳи мунаввар…

❁ ❁ ❁

Аз эшон ҳар яке чун рӯз равшан,
Зи тирашаб ниҳода бар сар афсар.
Ҳамеша зери рӯз андар бувад шаб,
Кӣ дида рӯз аз зеру шаб аз бар?
Чу бинӣ қадди эшонро ту, гӯӣ:
Ҳаме шамшод рӯяд бар муасфар.

❁ ❁ ❁

Чӣ гуна бар хӯрам аз васли он бути дилбар,
Ки сӯхт оташи ҳаҷраш дили маро дар бар?!
Тамаъ кунад, ки зи маъшуқ бар хӯрад ошиқ,
Бад-ии ҷаҳон набувад кор аз ин мухолифтар.
Аз он ки ошиқ набвад касе, ки дил надиҳад,
Чу дод дил, натавонад гирифт аз дилбар.
Зи баҳри васлаш ҳар ҳилате ҳамесозам,
Висол бошад бо ӯ маро ба ҳила магар?
Шудам ба сурати чанбар, чу зулфи ӯ дидам,
Ба сурати расану асли он расан анбар.
Магар ба ман гузарад, ҳаст дар масал, ки расан
Агарчи дер бувад, бигзарад сӯи чанбар.
Чӣ хезад аз ғазалу наъти некӯвон гуфтан,
Чаро нагӯйӣ наъту санои хайри башар?!.

* * *

Зи ишқи хеш магар зулфи он парирухсор
Шикаста шуд, ки чунин чафта гашт чанбарвор?
Зиреҳ набуду зиреҳ шуд,зи бас гнреҳ, ки гирифт,
Шаби сиёҳ кӣ дид аз гиреҳ зиреҳкирдор?!
Зи баски лаъб намояд, зи баски бӯй диҳад,
Гаҳе мушаъбад хонанду гаҳе аттор.
Магар, ки бод барри ӯ чу бода муставлист,
Ки гоҳ дойира созад аз ӯву гаҳ паргор.
Мадеҳ ба ишқ инон, эй дил, ар нахоҳӣ ранҷ,
Ки ҳар кӣ ошиқ шуд, ранҷадил зияд ҳамвор.
Ҳаменигорӣ беҳуда зар ба марворид,
Ки ман ба шаҳр нигоре бадеъ дорам ёр…

❁ ❁ ❁

Оразашро ҷома пӯшидаст некӯиву фар,
Ҷомае, к-аш абра аз мушк асту з-оташ остар.
Турфа бошад мушк пайваста ба оташ моҳу сол
В-оташе, к-ӯ мушкро ҳаргиз насӯзад, турфатар.
Чун тавонад дил бурун омад зи банди ҳалқаҳош,
Гаҳ бурун натвонад омад ҳалқаҳош аз якдигар.
Ҳар кӣ мушки неку дебои накӯ хоҳад ҳаме,
Маъдани ҳар ду манам, пас гӯ: биё в-аз ман бибар.
З-он ки то зулфайни ӯ бӯидаму дидам рухаш,
Мағзи ман Тиббат шудасту дидагонам Шуштар.
Кину меҳр ар на яке бошад бари умраш, чаро
Ман бар ӯ- бар меҳрубонам, ӯ ба ман - бар кинавар?

❁ ❁ ❁

Иттифоқ афтод, пиндорӣ маро бо зулфи ёр,
Ҳамачу ӯ ман кӯжпуштам, ҳамчу ӯ ман беқарор.
Тофтаст он зулфи пурдастону ман з-ӯ тофта,
Чун миёни мо бипайвандад замоне рӯзгор?
Тоби ӯ бар тоби ман анбар ба бор орад ҳаме,
Тоби ман бар тоби ӯ ёқути сурх орад ба бор.
Қоматаш хоҳам, ки бошад солу маҳ дар чашми ман
З-он ки некӯтар бувад сарви сиҳӣ дар ҷӯйбор.
Парда шуд равшан рухашро тира зулфу нодир аст
Пардаи аҳриманӣ бар рӯи яздонӣ нигор.
Гар баҳори тоза шояд сохта бо замҳарир,
Чун нашояд тирбörони самуми созгор?
Рӯй зери об дорам, об на, бал хуни дил,
Рӯҳ зери бор дорам, бор на, бал тирбор…

* * *

Аз дидану бисудани рухсору зулфи ёр
Дар даст мушк дораму дар дида лолазор.
Бо мушк ранг дорам аз он зулфи мушкранг,
Бо лола кор дорам аз он рӯйи лолакор.
Мондаст чун дили ман дар зулфи ӯ асир,
Рухсори обдораш дар зулфи тобдор.
Гаҳ бандадаш ба ҳалқаву гаҳ дорадаш асир
То ҳамчунон ки ӯст, сияҳ гашту беқарор.
Сарву маҳу бунафша ба бӯстон биҳил, ки ӯ
Моҳест пурбунафшаву сарвест пурканор.
Гуфтам: Ситора дорад дар нӯш, то бикард
Нӯши ситорадораш чашмам ситорабор…

❁ ❁ ❁

Ҳазор гуна зиреҳ баст зулфи он дилбар,
Зи мушк ҳалқа шуда бар шикасти якдигар.
Чунонки бод ҳар он гаҳ,ки барвазид бар ӯй,
Гиреҳкушой шуду мушксою ҳалқашумар.
Агар битобад, пурпарниёну зар гардад
В-агар бупечад, пурарғувон шавад чанбар.
Гули шукуфта ҳаме мушк сояд, ин аҷаб аст,
Аҷабтар он, ки ҳаме ҷодуӣ кунад абҳар.
Қадаш чу аръару рӯяш, ки бӯстон гардад,
Гул асту наргису шамшоду арғувон дар бар.
Ҳаме биҷӯшад  зулфаш зи ишқи хеш чу ман,
Чаро биҷӯшад мискин бар оташин бистар?
Зи дур шуд чу ақиқ ашкам аз ақиқи лабаш,
Ҳадиси ӯ шунаву кун бар он ақиқ гузар…

❁ ❁ ❁

На хуфтаст он сияҳчашму на бедор,
На маст аст он сияҳзулфу на ҳушёр:
Яке бедортабъу хуфтасурат,
Яке ҳушёртабъу масткирдор.
Сари ҷаъду сари зулфаш нигаҳ кун
Чу хатти дойра бар сими гулнор:
Яке шуд муставӣ бе ранҷи мистар,
Яке шуд мунҳанӣ бе ранҷи паргор.
Ба рӯю мӯйи ӯ ҳар монавиро
Зи мазҳаб ошкоро карда асрор:
Якеро ҳуҷҷати аҳриман омад,
Якеро ҳуҷҷати Яздони додор.
Зи атториву наққошӣ ду ганҷ аст
Ба зулфи тираву рахшанда рухсор:
Яке бар сони атторони Тиббит,
Яке бар сони наққошони Фархор.
Руху ҷаъдаш зи ду ранги мухолиф
Ҳаме бе асл бннмояд намудор:
Яке монандаи Зӯҳра-ст равшан,
Яке монанди Ҳорути нагунсор.
Яке шангарфҷӯю ранги шангарф,
Яке зангорҷӯю ранги зангор.
Гул ар бохору бехор аст баргаш,
Руху чашмаш чаро бехору бохор:
Яке чун сурхгул бехору дилбанд,
Яке чун наргису хораш ҷигархор.
Маро ҷону хирад ҳар ду азиз аст,
Надорам ҳар дуро ҷуз шод ҳамвор...

❁ ❁ ❁

Гар аз ишқаш дилам бошад ҳамеша зери бор- андар,
Чаро гум шуд рухаш боре ба зулфи мушкбор- андар?
Агар таъна занад қаддаш ба сарви ҷӯйбор- андар,
Чаро рахна кунад ғамзаш ба теғи зулфиқор- андар?
Шикаста зулфи мушкафшон ба гирди рӯйи ёр- андар,
Ба шайтонӣ ният монад, ба яздонӣ нигор- андар.
Ҷафо гӯйӣ гирифтастӣ вафоро дар канор- андар,
Ту пиндорӣ гули сурӣ шукуфтастӣ ба қор- андар.
Гул аз рӯяш барад гуна ба ҳангоми баҳор- андар,
Муғ аз чеҳраш барад сурат ба фағфурӣ нигор- андар…

❁ ❁ ❁

Эй парирӯйи одамипайкар,
Ранҷи наққошу офати бутгар,
Тирагӣ мар хати туро бандаст,
Рӯшнойӣ рухи туро чокар.
Ҷодуйи ғамзаи туро теғ аст,
Некӯйӣ чеҳраи туро лашкар.
Рӯю мӯят маро зи моҳу зи мушк
Бениёз аст, ар кунӣ бовар.
Пеши рӯйи ту моҳро чӣ шараф?!
Пеши мӯйи ту мушкро чӣ хатар?!
Ду руху ду лабат ба рангу маза
Чира омад бар арғувону шакар.
Бар рухи туст каждуму аҷаб аст,
Захми ӯ мар маро миёни ҷигар.
Бе ту хубӣ ҳама натонад буд,
Бо ту зодаст, гӯйӣ, аз модар.
Сангу сим ар на ҷонвар бошад,
Чун ту сангиндиливу симинбар?
Чанбари зулфро зи ман бимапӯш,
К-аз ғамат гашт пушти ман чанбар…

❁❁❁

Гаҳ он ороста зулфаш зиреҳ гардад, гаҳе чанбар,
Гаҳ он пироста ҷаъдаш биборад мушку гаҳ анбар.

Рухе чун навшукуфта гул, ҳама гулбун ба ранги мул,
Ҳама шамшод пурсунбул, ҳама беҷода пуршаккар.

Бар ӯ аз нскӯӣ маънӣ,ба ғамз аз ҷодуӣ даъвӣ,
Ба чеҳра ҳуҷҷати Монӣ, ба хубӣ ҳоҷати Озар.

Шукуфта лола рухсора, ҳиҷоби лола ҷаррора,
Бар аз оҷу дил аз хора, тан аз ширу лаб аз шаккар.

Сиришта рӯяш аз раҳмат ҳамедун ганҷи пурнеъмат,
Рух аз нуру хат аз зулмат,лаб аз марҷон дил аз   мармар.

Суманбӯе, шабаҳмӯе , балоҷӯе, ҷафогӯе,
Паризоде, парирӯе, паричеҳре, парипайкар.

Диломе, дилорое, ғаманҷоме, ғамафзое,
Накӯрӯе, накӯрое, ба  ҳусн андар ҷаҳон сарвар…

* * *

Гар на мушк аст, аз чй маънй шуд сари зулфайни ёр
Мушкбӯю мушкрангу мушксою мушкбор?
Ар дили моро бибаст, ӯ худ чаро дар банд шуд?
В-ар қарори мо бибурд, ӯ худ чаро шуд беқарор?
В-ар нашуд абрӯш ошиқ, чанд бошад кӯжпушт?
В-ар на май хӯрдаст чашмаш,аз чӣ бошад дар хумор?
Моҳтоб асташ буногӯшу хаташ сунбул бар ӯ,
Офтоб асташ руху болош сарви ҷӯйбор.
Ҳеч кас дидаст моҳе, к-андар ӯ сунбул дамид?
Ҳеҷ кӣ дидаст сарве, к-офтоб овард бор?
То бибӯйидам-ш ҷаъду то биковидам-ш зулф,
То бибӯсидам-ш лаълу то-ш бигрифтам канор,
Дар ду дастам анбар асту дар машомам ғолия,
Дар даҳонам ангубину дар канорам лолазор.
Сурхӣ аз хун нагсалад ҳаргиз, чунон к-аз нор нур,
Мардумон гӯянд, лекин ман надорам устувор.
З-он ки ман борам ба рух-бар хуну рӯи ӯст сурх,
З-он ки рӯяш ҷои нур асту дили ман ҷойи нор…

❁ ❁ ❁

Наврӯз фароз омаду идаш ба асар- бар,
Н-аз якдигару ҳар ду зада як ба дигар- бар.
Наврӯзи ҷаҳонпарвар  монда зи даҳоқин,
Деҳқони чаҳондидаш парварда ба бар -бар.
Он девари шоҳона, ки хуршед бар ӯ баст,
Овард, ҳамехоҳад бастан ба шаҷар -бар.
Бар гавҳари ӯ абр магар ошиқ гаштаст,
К-аз дида ҳаме қатра чаконад ба гуҳар- бар.
Гӯйӣ, магар аз чашмаи Хизр аст, чу бинӣ,
Обе, ки бувад монда шабона ба хазар бар.
Аз лола чу беҷодаст оҳу ба биёбон,
Нахчир чу пирӯза зи сабза ба камар- бар.
Бо ёр яке сӯи шамар шав, чу вазад бод,
Бишмар шикани зулфи бутонро ба шамар -бар.
Гар хок ҳамехандад зери кадами абр,
Чун абр ҳаме зор бигиряд ба забар- бар.
Пурсурату нақш аст ҳаме рӯи замин пок,
Фитнаст магар абр бар ин нақшу сувар- бар…

* * *

Нигоре, ки буд тайласон парниёнаш,
Ба зар аз чӣ мансух шуд бар миёнаш?
Нигоре, ки Наврӯз кард аз дарахтон,
Чаро боз бистурд боди хазонаш?
Хусумат кунад боғ бо бод, азеро
Ки бистурд ҳам зевари гулситонаш.
На бӯяст бо ҳуллаи мушкбедаш,
На ранг аст бо киллаи арғувонаш.
Ба ғорат бибурд он ҷавоҳир, ки будӣ
Пароканда бар тахтаи бӯстонаш.
Надонам, ки разро кӣ дод ин бизоат,
Ки пурзаъфарон шуд миёну каронаш?...

❁❁❁

Меҳргон омад, гирифта фолаш аз некӣ мисол,
Неквақту некҷашну некрӯзу некҳол.
Фоли фирӯзиву зарраст осмону бӯстон,
К-он яке пирӯзаҷомаст, ин дигар зарринниҳол.
Гирди барги зарди ӯ бар чафта шохи зарди хеш,
Рост пиндорӣ, ки бадр овехтастӣ аз ҳилол.
Бигзарад боди шамол эдун ки нашносӣ, ки ӯ
Дастҳои ноқиди зарраст, ё боди шамол.
Осмон пок асту як пора дар ӯ абри сиёҳ
Ёфтаст аз базмгоҳи хусрави машриқ мисол…

* * *

Гули навшукуфтасту сарви равон,
Баромехта меҳри ӯ бо равон.
Хирад чеҳри ӯ барнигорад ба дил,
Ки дил меҳри ӯ бозбандад ба ҷон.
Агар бингарӣ сӯйи рухсори ӯ,
Бирӯяд ба чашм- андарат арғувон.
Ба ман гар ба ангушт ишорат кунӣ,
Зи нохун-т берун дамад заъфарон.
Беҳ аз шаккараш лафзи шаккаршикан,
Беҳ аз анбараш зулфи анбарфишон.
Агар номи печида зулфаш барӣ,
Пур аз мушк ёбӣ ту кому даҳон.
Ва гар васф гӯйӣ зи ширин лабаш,
Равон гардадат ангубин бар забон…

❁ ❁ ❁

Чист он обе чу оташ в- оҳане чун парниён,
Бе равон тан, пайкаре покиза чун бе тан равон.
Гар бичунбониш, об аст, ар биларзонӣ, дурахш
В- ар бияндозиш, тир аст, ар бихаммонӣ, камон.
Аз хирад огоҳ на, дар мағз бошад чун хирад,
Аз гумон огоҳ на, дар дил бувад ҳамчун гумон.
Ойина дидӣ, бар ӯ густарда марвориди хурд,
Резаи алмос дидӣ, бофта бар парниён.
Гавҳар аз ранҷаш ба чашм- андар намоянда дур аст,
Чун ба оби равшан- андар пурситора осмон.
Бӯстондидору оташкору нашносад хирад,
К-оташи афрӯхтаст он, ё шукуфта бӯстон.
Обдода бӯстоне сабз чун мино ба ранг,
Захми ӯ ҳамранги оташ бишкуфонад арғувон.
Дар паранд ӯ чашмаи симоб дорад беканор
В-андар оҳан ганҷи марворид дорад бекарон…

* * *

Лола дорад тӯта-тӯда рехта бар парниён,
Мушк дорад ҳалқа-ҳалқа бофта бар арғувон.
Тахти баззоз аст, ё раб, ё фаровон лолазор,
Табли аттор аст, ё раб, ё шукуфта бӯстон?
Гар битобад зулфи мушкинро, дар ӯ дил гум шавад,
Бофта дорад ҳамеша зулфро аз баҳри он.
Ҷомаи некӯ аз он пӯшад, ки некӯтар шавад,
Балки некӯйишро пӯшад ба ҷома бегумон.
Дар миёни дуду оташ, ҳарчӣ бошад, сӯхтаст
В-ар насӯзад ҳеҷ касро, то насӯзад дар ҷаҳон.
Гар бисӯзад дар миёни дуду оташ хатти ӯ,
Ман чаро бояд, ки бошам сӯхтадил аз миён?
Чун бихандад, шаккару лӯълӯъ фурӯ резад ба тунг,
Гӯйӣ аз Уммону Аскар омадасташ корвон…

❁❁❁

Бухори дарё бар урмузду фарвардин
Ҳаме фурӯ гусалад риштаҳои дурри самин.
Зи оби пок даҳон пурситора дорад абр,
Зи боди пок шикам пурситора дорад тин.
Ба мушкранг либос- андарун шудаст либос,
Ба лаълранг паранд- андарун шудаст замин…
Ҳавои равшан агар арз кард лашкари Занг,
Замини тира кунад низ арз лашкари Чин.
Аҷаб нигоргар аст абру боди дебобоф
Ба дашту беша намудаст корсон рангин.
Ба боғи руда гузар, дастбофи бод бибӯй,
Ба дашти сода нигар, дастбурди абр бибин…

❁ ❁ ❁

Фурӯ шикан ту маро пушту зулф бармашкан,
Бизан ба теғу диламро ба теғи гамза мазан.
Чу ҷаъд силсила кардӣ зи баҳри бастани ман,
Раво бувад ба занах -бар маро ту, чоҳ макан.
Бас он ки рӯ зи рухи ту сиёҳ кардам рӯз,
Шаби сиёҳ бар он рӯзи дилфурӯз матан.
Назорагони ту аз ду лабу хати ту ҳаме
Баранд қанд ба хирвору мушки суда ба ман.
Ту мушкзулфӣ, лекин туро зи гул нофаст,
Ту сарвқаддӣ, лекин туро ҷамоли чаман.
Шиканҷи зулфи ту, эй моҳрӯй, барзгар аст,
Зи мушк бар гули сурӣ ҳамениҳад хирман.
Чӣ барзгар, ки хирадро мушаъбид аст чунон,
Ки ҷодувони ҷаҳон з-ӯ баранд ҳилату фан.
Гаҳе зи сунбули навраста пардае дорад,
Гаҳе бар оташи рахшанда баркашад доман…

❁ ❁ ❁

Гуфтам: «Нишон деҳ аз даҳани танги дилситон»,
Гуфто: «Зи нест нест нишон андарин ҷаҳон».
Гуфтам, ки соате ба бари ман фурӯ пишин,
Гуфто, ки боди сард замоне фурӯ нишон.
Гуфтам, ки боди сард зиён дорадат ҳаме,
Гуфто: «Зи боди сард бувад лоларо зиён».
Гуфтам, ки гулситон-т ҳамасола пургул аст,
Гуфто, ки гул ғариб набошад ба гулситон.
Гуфтам: «Зи бӯстони ту як мушт гул чинам»,
Гуфто: «Гули маро патавон чид зи бӯстон».

⁂

Шиканҷи зулфу чашми ӯ рабояд
Дил аз дасти хирадмандон ба дастон:
Яке даъвӣ кунад мар ҷодуиро,
Яке бинмояд андар вақт бурҳон.

⁂

Гули хандон хиҷил гардад баҳоре,
Ки ту ранг аз баҳору гул беҳ орӣ.
Ба симу мушк нозад ҷон, азеро
Ки симиноразу мушкинизорӣ.
Нигори қандаҳорӣ қандлаб нест,
Ту қандинлаб, нигори қандаҳорӣ.
Ба мушкин зулф шаҳрошӯб моҳӣ,
Ба ҷоду ғамза ҷонро ҳеч коре.
Ба банди зулф чуз дилро набандӣ,
Ба хори ғамза чуз ҷонро нахорӣ.
Бухору занг бар дилҳо фикандӣ
Ба ҷаъди зангиву зулфи бухорӣ.
Ба ранг аз лолаи худранг аксӣ,
Ба бӯй аз анбари суда бухорӣ.
Ҳамехандӣ, ки моҳи сарвқаддӣ,
Ҳамеболӣ, ки сарви ҷӯйборӣ…

❃❃❃

Эй шикаста зулфи ёр, азбаски ту дастон кунӣ,
Даст дасти туст, агар бо соҳирон паймон кунӣ.
Гоҳ бар моҳи дуҳафта гарди мушк орӣ падид,
Гоҳ мар хуршедро дар ғолия пинҳон кунӣ.
Гоҳ беҷӯш аз бари гулбарг барҷӯшӣ ҳаме,
Гоҳ бемушк аз бари кофур мушкафшон кунӣ.
Сомирӣ аз соҳирӣ бар зарри гӯсола накард
Ним аз он ҳаргиз, ки ту бо орази тобон кунӣ.
Ҳам зиреҳ пӯшиву ҳам чавгон занӣ бар арғувон,
Хештанро гаҳ зиреҳ созиву гаҳ чавгон кунӣ.
Бишканӣ бар хештан, то нархи анбар бишканӣ,
Хештан ларзон кунӣ, то нархи мушк арзон кунӣ,
Чун бихоҳӣ гашт, гардишгоҳи ту дебо бувад,
Чун бихоҳӣ хуфт, бистар лолаи нӯъмон кунӣ…

* * *

Чу офарид, бутo, рӯйи ту зудуда Худой,
Маҷӯй фитнаву рӯйи зудударо мазудой!
Ба орази ту бар он гарди мушки суда бас аст,
Ба чашм сурма макун, халқро бало манмой.
Балои тофта ҷаъдат бас аст бар дили халқ,
Матоб зулфу дигар бар бало бало мафзой.
Ба бастани камару лаб кушодан аз ханда
Ҳаме миёну даҳони туро набинад рой.
Агар намуд нахоҳӣ ҳаме миёну даҳон,
Яке бибанд лаб аз хандаву миён бикшой…

❁❁❁

Эй ҷаҳонро дидани рӯи ту фоли Муштарӣ,
Кист он, к-ӯ нест фоли Муштариро муштарӣ?
Гар зи анбар бар суман амдан ту афкандӣ зиреҳ,
Он зиреҳ кӣ коштаст аз ғолия бар шуштарӣ?
Оҳуи базмӣ ту, бо кибри палангонат чӣ кор?
Оҳувонро кай бувад кибри паланги барбарӣ!
Бози саргирӣ туву кабке ниёз орад туро,
Бозро ин дӯстӣ кай буд бо кабки дарӣ?!
Гарчи аз дилҳо нарӯяд аръару ҳаргиз наруст,
Ту ҳаме рӯӣ ба дилҳо- бар, ки симин аръарӣ.
То набинандат, ба хубӣ достон аз ту зананд,
Чун бибинандат, шунидан инчунин бошад парӣ.
Гар на Иброҳими Озар гашт мушкин зулфи ту,
Зери озар пас чаро рустаст шамшоди тарӣ?
Нисбате дорӣ ба Озар, ҳамчунон ки зулфи ту
Нест Иброҳим, аммо ту нигори озарӣ.

## ҒАЗАЛИЁТ ВА ҚИТЪАҲО

❁ ❁ ❁

Ба гирди моҳ- бар аз ғолия ҳисор кӣ кард?
Ба рӯйи рӯз- бар аз тирашаб нигор кӣ кард?
Набуд ёр ба табъу ба ҷинс зулмату нур,
Ба рӯйи хуби ту ин ҳар ду чиз ёр кӣ кард?
Туро кӣ кард, буто, аз баҳорхона бурун?
Ҷаҳон ба рӯйи ту- бар, ҷони ман, баҳор кӣ кард?
Агар зи ишқи ту пурноз гашт ҷону дилам,
Маро бигӯй, рухи ту ба ранги нор кӣ кард?
Гар устувор набудӣ зи дур бар дили ман,
Маро ба меҳри ту наздику устувор кӣ кард?

❁❁❁

Мушкин шавад, чу бод ба зулфи ту бигзарад,
Ошиқ шавад касе, ки ба рӯйи ту бингарад.
Бар ғолия бимонад- бар орази ту бод,
Гоҳаш ба рӯ бимоладу гаҳ боз бистурад.
Гар пушт ёбад аз рухи ту лола, бишкуфад
В-аз бими ғамзагони ту наргис бипажмурад.
Найранги ҷодувонаву аржанги чиниён
Ҳар шаб ба назди чашму рухи ту кӣ оварад?
В-он сад ҳазор ҳалқаи мушкини пуршикан
Ҳар соате ба гирди гули ту кӣ густарад?
Чашми турост мояи найрангу дилбарӣ,
Наргис надидаам, ки ба найранг дил барад.
Табъе бар он ду зулфи ту чандон гиреҳ фитод,
К-аш марди ҳандасӣ ба дусад сол нашмарад.

❁ ❁ ❁

Гули сурӣ ба моҳ- андар шукуфта,
Бар ӯ- бар каждуми ҷаррора хуфта.
Ду лаб чун донаи нор аст, лекин
Ба нӯги сӯзани андеша суфта.
Накӯрӯе, ки аз фирдавс ҳуро
Бар ӯ хубӣ фиристодаст суфта.
Шаби тор ошкоро гашта доим
Ба зераш рӯзи рахшанда нуҳуфта.
Беҳойин сурате, к-андар ҷаҳон кас
Назири ӯ надидасту на гуфта.
Чу гул бегул шукуфта оразайнаш
В-аз ӯ зулфайни мушкин гард руфта.

❁ ❁ ❁

Дандону орази бутам аз ман бибурд ҳуш,
К-ин дурри нӯштаъм аст, он моҳи мушкпӯш.
Ҷӯшон шуда ду зулфи бути ман ба рӯй-бар,
Ҷонам бар оташ аст, аз он омада ба ҷӯш.
Андар чаҳор чизаш дорам чаҳор чиз
Ҳар шаб аз он ба бурдани дил гашта сахткӯш:
Андар суман бунафшаву андар садаф гуҳар,
Андар суҳайл сунбулу андар ақиқ нӯш.
Эй зулфи ӯ на зулфе в-эй ду лабаш на лаб,
Ринди абирсоеву дузди шакарфурӯш.
Зулф ар фурӯ кашад, ба миён -бар камар кунад,
Чун даст боз дорад, ҳалқа шавад ба гӯш.

❁ ❁ ❁

Бар моҳ мушк бинаму бар сунбул офтоб,
Он солу маҳ ба ҳалқаву ин солу маҳ ба хоб.
Онро даранг неву ҳама сол бодаранг
В-инро шитоб неву ҳама сол бошитоб.
Он моҳро зи анбар созад ҳаме тило
В-ин офтобро кунад аз ғолия хизоб.
Ин бар булӯргунаву он тира чун шаба,
Он гул ба дасту бӯй диҳад хуштар аз гулоб.
Ин кӯж гаштаву шуда з-ӯ кӯж пушти ман
В-он мор гашта хуфтаву аз ман рабуда хоб.
Бифзуд ишқу фитна шудам ман ба ҳар ду- бар,
К-он ҳар ду чиз фитнаи сабранду ишқи ноб.

❁ ❁ ❁

Ба маҷлис- андар, к-он бут маро шароб диҳад,
Ба ман нишоту ба бадхоҳи ман азоб диҳад.
Яке чунон ки Худояш хама азоб диҳад,
Яке чунон ки Худояш ҳама савоб диҳад.
Гумони он, ки ба ман офтоб хоҳад дод,
Бале, ки соқӣ маҳ бошад, офтоб диҳад.
Агар бихонам онро куҷо, ки дӯзахи уст,
Ҳаройина гули ҳамро маро ҷавоб диҳад.
Зи бод ҳалқаи зулфайни ӯ бар он рухсор
Ҳаме шитоб кунад, то маро шитоб диҳад.
Бар ин ҷаҳон чӣ шиносӣ аҷабтар аз хати ӯ,
Ки мушк нест, вале бӯйи мушки ноб диҳад...

* * *

Фиғон з-он парichеҳра айёр ёр,
Ки бо ман-ш доим ба пайкор кор.
Ду зулфи сиёҳаш намояд бад-он,
Ки ду зоғ дорад ба минқор қор.
Даҳоне чу як нордона дуним,
Маро ҳаст дар дил аз он нор нор.
Ба назди бузургон бузургам, вале
Ба наздики он чашми хунхор хор.
Ба ёди туам нӯш гардад ҳаме
Ба ком -андарун заҳру душвор вор.
Агар тамъ кардӣ ба ҷону дилам,
Ба дасту дилу ҷон ту бардор дор.

* * *

Сари зулфи мушкини ҷонони ман
Маро кушту печид бар ҷони ман.
Аё турки симинтани сангдил,
Ҳувайдо ба ту рози пинҳони ман.
Ду абранд зулфи туву чашми ман,
Ба ишқ - андарун ҳар ду бурҳони ман.
Ба фармони ман бош, то бар хӯрӣ,
Туро бад наёяд зи фармони ман.
Нагардам зи паймони ту ман ба дил,
Магардон ту  дилро зи паймони ман.

❃ ❃ ❃

Эй моҳи сияҳпӯш, ту равшаншуда моҳӣ,
Ҳам шамъи саройи ману ҳам пушти сипоҳӣ.
Аз қомату қадди ту барад сарв баландӣ
В-аз ҳалқаи зулфи ту барад қир сиёҳӣ.
Ҷонам ба салоҳ ояд аз он нӯши лаби ту,
Гар боз наяфзояд чашми ту табоҳӣ.
Яъқуб агар зинда шавад боз ба олам,
Нашносадат, эй  турк, зи пайғамбари чоҳӣ.
Хаста дилам, эй бут, букшоию бибандӣ,
Чун зулф ба рух- бар бифизоию бикоҳӣ.

❁❁❁

Эй турк, мебирафта ба яғмову халлухӣ,
Ҳам сарви мушкзулфию хам моҳи гулрухӣ.
Ҳамчун баҳори хуррам дар дида хуррамӣ,
Ҳамчун ҳумои фаррух бар банда фаррухӣ.
Дар ҷодуӣ муаллими пирони Бобулӣ,
Дар иекуӣ муқаддами туркони халлухӣ.
Мушкинхатӣ, пас аз чӣ сабаб симоразӣ?
Ширинлабӣ, пас аз чӣ сабаб заҳрпосухӣ?
Хориҷ шавад зи наъти хатат табъи Унсурӣ,
Оҷиз шавад зи васфи лабат ваҳми Фаррухӣ.
То ҳамчу Юсуфӣ ба латифию хуррамӣ,
Бар аҳли хулқ ҳуҷҷати аҳли таносухӣ.

❃ ❃ ❃

Зи зулфи ту бурдаст шаббӯй бӯй,
Аз ӯ гашт пурмушк мушкӯю кӯй.
Куҷо ҷӯйи хун бинӣ, эй дилрабой,
Рухони маро андар он ҷӯй ҷӯй.
Ту гӯйӣ, дил аз ту бишустам, чаро
Дил аз ман чӣ шӯйӣ, дил аз шӯй шӯй?
Чу чавгон хамидаст бадгӯйи мо,
Набошам ба чавгони бадгӯй гӯй.
Равонмӯю ашк аст Омӯйи об,
Чӣ арзад бари оби Омӯй мӯй?!

❃❃❃

Ҳалқаи зулфаш ба гул- бар ғолия дорад ҳаме,
Гул ба бӯйи ғолия анбар ба бор орад ҳаме.
Нест сунбул, к-он хати мушкини он турки ман аст,
Дида чун онро бибинад, сунбул ангорад ҳаме.
Узри ҷон аст он руху он ғамзагон озори дил,
Он рухон чун узр хоҳад, ин дил озорад ҳаме.
Боғбонанд он ду зулфаш, боғ ду рухсори ӯ,
Онак-онак, боғбон дар боғ гул корад ҳаме.

❁ ❁ ❁

Ман зи тими ту ба тимор гирифтор шудам,
Ту ба тимори маҳал боз ба тим ор маро.

❁ ❁ ❁

Аз давлати ишқ аст ба ман бар ду муваккал,
Ҳар ду мутақозӣ ба ду маънӣ, на ба ҳамто.

❁ ❁ ❁

Эй, рухи рахшони ҷонон зери он зулфи батоб,
Лолаи сунбулҳиҷобӣ, ё маҳи анбарниқоб?

❁ ❁ ❁

Гуфтам, ки чист бар рухат он зулфи пур зи тоб,
Гуфто: «Ба рӯю ранг абир асту мушки ноб.»

❁ ❁ ❁

Ғазал рӯдакивор некӯ бувад,
Ғазалҳои ман рӯдакивор нест,
Агарчи бикӯшам ба борик ваҳм,
Бад-ин парда- андар маро бор нест.

❂ ❂ ❂

Дарди маро ба гетӣ дору падид нест,
Дарде, ки аз фироқ бувад, дарди бедавост.
Ганҷест ошиқонро сабр, ар нигаҳ кунӣ,
К-ӯ рӯи зард сурх кунад, пушти кӯж рост.

❂ ❂ ❂

Зи ростиву баландӣ, ки мар туро болост,
Ба васф- андар маънӣ баланд гардаду рост.

❂ ❂ ❂

Дилбар санаме дорам, шаккарлабу мармарбар,
Мармар зи бараш хезад, шаккар зи лабаш борад.
Анбар ба хами зулфаш, абҳар бадали чашмаш,
Ханҷар сари мижгонаш, аръар ба қадаш дорад.

❂ ❂ ❂

Эй дареғо, к-аз ин мунаввар ҷой
Зери хоки мағок бояд шуд.
Пок нокарда тан зи гарди гуноҳ,
Пеши Яздони пок бояд шуд.
Бо чунин хотире чу оташу об
Бод паймуду хок бояд шуд.

❁ ❁ ❁

Ҳикоят кунад наргис андар чаман
Зи чашми дилором рӯзи хумор.
Зи мино яке шох диди латиф,
Дирам барги он шоху динор бор.
Чу фирӯза бар ойинай обгир
Бароварда нилуфари созгор.
Чу кофар сияҳрӯй бар гирди ӯ
Зудуда синонҳо бувад обдор.

❁ ❁ ❁

Ҳамеша дониш аз ӯ шокир асту зар ба гила,
Аз он ки кард мар инро азизу онро хор.

❁ ❁ ❁

Агарчи бод надорад зи нақшу атр хабар,
Ба тобиш- андар наққош гардаду аттор.
Гаҳе бигустарадаш ҳамчу мушк бар лола,
Гаҳеш тӯда кунад чун бунафша бар гулзор.
Гаҳаш чу силсила дорад шикаста бар пайванд,
Гаҳаш чу дойира дорад кашида бар паргор.
Аз ӯст равнақи он рӯю инчунин нашгифт,
Ки абри тира бувад равнақи шукуфта баҳор.

❀ ❀ ❀

Агар ҳамеша ба шодиш хоҳам, эй аҷабе,
Чаро ҳамеша ба темор хоҳадам ҳамвор?
Хабар надорад, к-андар дилам асар накунад,
Агар ҷаҳон ҳама тимор гардад аз буну бор.
Агар зи оташи рухсори ӯ насӯзад мушк,
Чаро зи дард бисӯзад ҳаме дили ман зор?

❀ ❀ ❀

Зи беқарорип зулфаш бимондаам ба аҷаб,
На ӯ ба табъ чунон аст, аз ӯ шигифт мадор.
Чӣ аз тапидани дилҳо, ки андар ӯ бастаст,
Чунон шудаст, ки натвонад ӯ гирифт қарор.

❀ ❀ ❀

Нест Монӣ абр, пас, чун боғ аз ӯ Артанг шуд,
Нест Озар бод, пас, чун боғ аз ӯ шуд пурнигор?
Чун дарахти гул, ки ҳарчанд абри Наврӯзаш ҳаме
Бештар шӯяд мар ӯро, бештар гардад нигор.
Пеш аз ин аз гул гулоб омад ҳаме в-акнун нигар,
К-аз гулоб ояд ҳаме гул, нодир аст ин рӯзгор.

❁ ❁ ❁

Посухе деҳ, то нишон ёбам зи нопайдо даҳон,
Дар ҷаҳон ҳаргиз кӣ дид аз чизи нопайдо нишон?
Мардумон пайдо даҳон доранду нопайдо сухан,
Ту чаро пайдо сухан дориву нопайдо даҳон?

❁ ❁ ❁

Аз орзуи рӯйи гулу рӯйи дӯстон
Заррин шудаст рӯйи ману рӯйи бӯстон.

❁ ❁ ❁

Он чӣ рӯяст, он шукуфта гирдаш- андар гулситон
В-он чӣ ҷаррор аст хуфта солу маҳ бар гулситон?

❁ ❁ ❁

Бӯса надиҳад моро, моро надиҳад бӯса,
Ғамгин дили мо дорад, дорад дили мо ғамгин.

❁ ❁ ❁

Гӯям: «Зи дили хеш даҳонат кунам, эй дӯст»,
Гӯяд: «Натавон кард зи як нуқта даҳоне» .
Гӯям: «Зи тани хеш миёнат кунам, эй моҳ» ,
Гуяд: «Натавон сохт зи як мӯй миёне» .

❁ ❁ ❁

Чун ду рухи ӯ гар қамар астӣ ба фалак-бар,
Хуршед яке зарра зи нури қамар астӣ.
Чун ду лаби ӯ гар шакар астӣ ба ҷаҳон- дар,
Сад бадраи зар қимати як ман шакар астӣ.

❁ ❁ ❁

Фиғон аз он ду сияҳ зулфу ғамзагон, ки ҳаме
Бад-ин зиреҳ бибуриву бад-он зи раҳ бибарӣ.

## РУБОИЁТ

❁❁❁

Ман гуфт наёрам, ки ту моҳӣ, санамо,
Равшан ба ту гашт моҳу моҳӣ, санамо.
Ман шоҳи ҷаҳон, маро ту шоҳӣ, санамо,
Фармон-т раво, ба ҳарчӣ хоҳӣ, санамо.

❁❁❁

Гул бар рухи тусту чашми ман ғарқа ба об,
Ман тофтаву зулфи ту печида ба тоб.
Зулфи ту бар оташ асту ман гашта кабоб,
Бехоб ману наргиси ту мояи хоб.

❁❁❁

Абрӯт гиреҳ карда чунон омад рост,
Мижгон-т чу тир бар камон омад рост.
Моро зи ту дилбарӣ гумон омад рост,
Эй дӯст, туро пеша ҳамон омад рост.

❁❁❁

Чун мегузарад кор, чи осону чи сахт
В-ин як дами орият чи идбору чи бахт.
Чун ҷойи дигар ниҳод мебояд рахт,
Наздики хирадманд чи тобуту чи тахт.

❁❁❁

Он зулф, ки ӯ ба бӯй марзангӯш аст,
Гаҳ бар ҷабҳасту гаҳ ба зери гӯш аст,
З-ин боз аҷабтар, он лабат хомӯш аст,
З-ӯ шаҳру ҷаҳон ба бонги нӯшонӯш аст.

❂ ❂ ❂

Гуфтам: «Санамо, дилам туро ҷӯён аст»,
Гуфто, ки лабам дарди туро дармон аст.
Гуфтам, ки ҳамеша аз манат ҳиҷрон аст,
Гуфто, ки парӣ з-одамиён пинҳон аст.

❂ ❂ ❂

Аз мушк нигар, ки лола бунгоҳ гирифт,
З-ӯ табъ ғаме дарозу кӯтоҳ гирифт.
Бар моҳ ба шасти зулфакон роҳ гирифт,
Гиранд ба шаст моҳӣ, ӯ моҳ гирифт.

❂ ❂ ❂

Шангарф чаконида туро бар шакар аст,
Мушкин зулфат шикаста гирди қамар аст.
Ҳур аст магар модару ғилмон падар аст,
К-ин сурати ту зи одамӣ хубтар аст.

❂ ❂ ❂

Офоқ ба пойи оҳи мо фарсангест
В-аз оташи мо сипеҳр дудоҳангест.
Дар пойи умеди мост, ҳар ҷо хорест,
Бар шишаи умри мост, ҳар ҷо сангест.

❂ ❂ ❂

Кай айби сари зулфи бут аз костан аст?
Чӣ ҷойи ба ғам нишастану хостан аст?
Рӯзи тарабу нишоту май хостан аст,
К-оростани сарв ба пиростан аст!

❂ ❂ ❂

Ҷом аз лаби ту гунаи марҷон гирад
В-аз ҷаъди ту бод бӯи райҳон гирад.
Наққош чу нақши ту наёрояд беҳ,
Дидори ту боз дил гаравгон гирад.

❂ ❂ ❂

Зулфи ту камандест, ҳама ҳалқаву банд,
Холӣ набувад зи ҳалқаву банд каманд.
Он чоҳ бар он сими занахдон-т кӣ канд?
В-ар худ кандӣ, маро бад-он чаҳ кӣ фиканд?

❂ ❂ ❂

Аз бӯса ту мурда боравон тонӣ кард
В-аз чеҳра дили пир ҷавон тонӣ кард.
Рух гоҳ гулу гаҳ арғувон тонӣ кард
В-аз ғамза фиреби ҷодувон тонӣ кард.

❂ ❂ ❂

Рухсори туро лолаву гул бор кӣ дод?
В-он сунбули навруста ба гулзор кӣ дод?
В-он рӯз ба дасти он шаби тор кӣ дод?
В-он ёри сазоро ба сазовор кӣ дод?

❂ ❂ ❂

Ҳаврот нахонам, ки туро ор бувад,
Ҳавро бари ту нигори девор бувад.
Онро, ки чунин латиф дидор бувад,
Ҳаққо, ки бар ӯ ишқ сазовор бувад.

❂ ❂ ❂

То насрой сухан, даҳонат набувад,
То накшой камар, миёнат набувад.
То аз камару сухан нишонат набувад,
Савганд хӯрам, ки ину онат набувад.

❂ ❂ ❂

Он лаб намазам, гарчи маро он созад,
Зеро ки шакар, чун бимазӣ, бигдозад.
Чашмам зи ғамон-ш заргарӣ оғозад,
То бигдозад ақиқу бар зар ёзад.

❂ ❂ ❂

Гуфтам: «Чашмам зи бас к-аз ӯ хун омад,
Аз лола ба рангу сурхӣ афзун омад» .
Гуфт: «Он ҳама хун набуд, ки берун омад,
К-аз ранги рухам ашки ту гулгун омад» .

❂ ❂ ❂

Эй моҳи сухангӯи ман, эй ҳурнажод,
Аз ҳусни бузург кӯдаки хурд назод.
Дар сеҳр ба дилбарӣ шудастӣ устод,
Ин соҳирӣ аз кӣ дорӣ, эй дилбар, ёд?!

❂ ❂ ❂

Бут гуна аз он бути ҳисорӣ гирад,
Шаб гуна аз он зулфи бухорӣ гирад.
Он дил, ки басаш азиз медоштаме,
Кай донистам, зи ман ба хорӣ гирад?!

❂ ❂ ❂

Чун нор рухе зи нур пурмоя кӣ дид?
Густурда ба рӯз-бар зи шаб соя кӣ дид?
Бар тавба-бар аз гунoҳ пироя кӣ дид?
Имону нифоқ ҳар ду ҳамсоя кӣ дид?

❂ ❂ ❂

То бар ду ҷаҳон қазои маъбуд бувад,
То халқи ҷаҳону чарх мавҷуд бувад,
Гар мулк бувад, ба дасти Маҳмуд бувад
В-ар саъд бувад, ба дасти Масъуд бувад.

❂ ❂ ❂

Симин бари ту санг бипӯшад ба самур,
Зулфат ба шабаҳ ҳамекунад нақши булӯр.
Эй бо лаби тӯтиёну бо кашшии гӯр,
Ҳусни ту ҳаме мурда барорад аз гӯр.

❂ ❂ ❂

Шоҳи ҳабаш аст зулфат, эй бадри мунир,
Аз анбар тоҷ дорад, аз лола сарир.
Ту шуста ҳамекунӣ гули сурх ба қир,
Ман  шуста ҳамекунам ба хуноб зарир.

❂ ❂ ❂

Арзон бифурӯхтам, гарон боз харам.
Ин ганҷи равонро ба равон боз харам,
Ёрӣ хоҳам зи дӯстон, эй дилбар,
То бӯ, ки туро зи душманон боз харам.

❁ ❁ ❁

Эй дил, зи висоли ту нишоне дорам
В-эй ҷон, зи фироқи ту амоне дорам.
Бечора танам ҳама ҷаҳон дошт ба ту
В-акнун ба ҳазор ҳила ҷоне дорам.

❁ ❁ ❁

Шабҳо чу зи рӯзи васли ӯ ёд кунам,
То рӯз ҳазор гуна фарёд кунам.
Тарсам, ки шаби аҷал амонам надиҳад,
То боз ба рӯзи васл дил шод кунам.

❁ ❁ ❁

Бар оташи ҳаҷр умре ар биншинам,
Хоки дари ту ҳаме ба дил бигзинам.
Аз бод ҳаме насими зулфат бӯям,
Дар об ҳама хаёли рӯят бинам.

❁ ❁ ❁

Эй дил, чу ба ғамҳои ҷаҳон дармонам,
Аз дида сиришкҳои рангин ронам.
Худро чӣ диҳам ишва, яқин медонам,
К-андар сари дил шавад ба охир ҷонам.

❁ ❁ ❁

Рози ту зи бими хасм пинҳон дорам
В-арна ғаму меҳнати ту чандон дорам.
Гӯйӣ, ки зи дил дӯст надорим ҳаме,
Оре, зи дилат надорам, аз ҷон дорам.

❁ ❁ ❁

Гуфтам, ки чӣ номӣ, эй санам? Гуфто: «Ғам»,
Гуфтам: «Нигарӣ ба ошиқон?» Гуфто: «Кам».
Гуфтам: «Ба чӣ бастаӣ маро?» Гуфт: «Ба дам».
Гуфтам: «Чӣ бувад пешаи ту?» Гуфт: «Ситам».

❁ ❁ ❁

Ман сурати ту ба дида- андар дорам,
К- аз дида ҳаме ба рух- бараш бингорам.
Чандон, санамо, зи дидагон хун борам,
То сурати ту зи дида берун орам.

❁ ❁ ❁

Ман монда ба дом доим аз баҳри мудом
Ҳам ғолиязулфайнию ҳам симандом,
Ҳам рӯйи накӯ дорию ҳам некӯ ном.
Ду лаб чу мудом дорию зулф чу дом,

❁ ❁ ❁

Бояд, ки  ту ин қадар бидонӣ ба яқин,
К- он, к-ӯ чу туе барорад аз хоки замин,
Нохоста дод, он чи бояст ҳаме,
Ногуфта диҳад, ҳар он чи ояд пас аз ин.

❁ ❁ ❁

Дидор  ба дил фурӯхт, нафрӯхт гарон,
Бӯса бо ҷон фурӯшаду ҳаст арзон.
Оре, чу чунон моҳ бувад бозаргон,
Дидор ба дил фурӯшаду бӯса ба ҷон.

❂ ❂ ❂

Себу гулу сим дорад он дилбари ман,
Себаш занаху гул ду руху симаш тан.
Бингар ба руху ду зулфи он симзақан,
То лола ба хирвор барӣ, мушк ба ман.

❂ ❂ ❂

Дар ишқи ту пой кас надорад ҷуз ман,
Дар шӯра касе тухм накорад ҷуз ман.
Бо душману бо дӯст бадат мегӯям,
То ҳеҷ касат дӯст надорад ҷуз ман.

❂ ❂ ❂

В-аз даст ҳаме даргузарад корам аз ӯ,
Он дил, ки ба дасти бут гирифторам аз ӯ,
Безор шудаст аз ману ман зорам аз ӯ,
Дил на, ки ҳазор дарди дил дорам аз ӯ.

❂ ❂ ❂

Бо рӯзи рухи ту гарчи, эй дӯст, чу моҳ
Аз рӯзу шаби ҷаҳон набудам огоҳ.
Бинмуд чу чашми бад, фурӯ баст он моҳ,
Шабҳои фироқи ту маро рӯзи сиёҳ.

❂ ❂ ❂

Оё ки маро ту даст гирӣ, ё на,
Фарёдрасе ба ин асирӣ, ё на?
Гуфтӣ, ки туро ба бандагӣ бипзирам,
Хидмат кардам, агар пазирӣ, ё на.

❁ ❁ ❁

Гуфтам: «Чашмам». Кард ба зулфи ту нигоҳ,
Чун гашт дилам ба ранги зулфи ту сиёҳ.
Гуфт: «Ӯ набарад магар ба бедорӣ роҳ,
Зеро ки нагирад он лаб ӯро ба гуноҳ».

❁ ❁ ❁

Аз чеҳраву ҳуснашон ҳаметобад моҳ,
Бар моҳ шикастазулфашон гирад роҳ.
Бо чеҳраи инчунин бутони дилхоҳ
Ман чун дорам хештан аз ишқ нигоҳ?!

❁ ❁ ❁

Шамшодқаду нӯшлабу оҷбарӣ,
Сангиндилу симинзақану заркамарӣ,
Ҳам сарви равону ҳам бути Кошғарӣ,
Мар ҳуроро ту сахт некӯписарӣ.

❁ ❁ ❁

Бар лола зи мушк зулфро гоҳ задӣ
В-аз шаб ду ҳазор ҳалқа бар моҳ задӣ.
Бар ғолия, эй моҳи замин, роҳ задӣ
В-ин роҳ бад-он ду зулфи кӯтоҳ задӣ.

❁ ❁ ❁

Бар шаст ду зулфи ҳалқабаст овардӣ,
То чун моҳӣ дилам ба шаст овардӣ,
Ин вақт май аз куҷо ба даст овардӣ?
Бе бода ҳамаш зи ғамза маст овардӣ.

❁ ❁ ❁

Эй рух, на рухӣ, ки лолаи луробӣ,
Эй лаб, на лабӣ, ба нӯш дар уннобӣ.
Эй ғамза, ба ҷодуӣ магар қассобӣ,
Ту ғамза наӣ, ки наргиси пурхобӣ.

❁ ❁ ❁

Гар зулфи туро рухи ту манзил нашудӣ,
Торикии шаб зи халқ зоил нашудӣ.
Гар бар ҳукамо васфи ту мушкил нашудӣ,
Фарзона зи дидори ту бедил нашудӣ.

❁ ❁ ❁

Бигрифт сари зулфи ту ранг аз дили ту,
Наздуд вафову меҳр занг аз дили ту.
То кай нашавад кибри паланг аз дили ту,
Мум аз дили ман баранду санг аз дили ту.

❁ ❁ ❁

Эй моҳ, ба рӯи лоларанг омадаӣ,
Аз синаву дил ҳарирусанг омадаӣ.
Гар ту ба даҳону чашми танг омадаӣ,
Дилтанг чароӣ, ки ба ҷанг омадаӣ.

❁ ❁ ❁

Мангар ту бад-ӯ, то нашавад дил-т сиёҳ,
В-ар сер шудӣ зи дил, бирав, кун ту нигоҳ.
В-ар дард нахоҳӣ ту, бирав, ишқ махоҳ,
Ишқ ар хоҳӣ, макун дил аз дард табоҳ.

❁ ❁ ❁

Эй рӯи ту чашми ҳуснро биноӣ,
Яғмост маро қибла, гар аз яғмоӣ.
Хандон гули сурхӣ ту, вале гӯёӣ,
З-он аст, ки аз бутон ту беҳамтоӣ.

❁ ❁ ❁

Рух поктар аз замири содиқ дорӣ,
Зулфайн сияҳ чун дили фосиқ дорӣ.
Бар хештанам бад-ин ду ошиқ дорӣ:
Мӯъмин сухану вафо мунофиқ дорӣ.

❁ ❁ ❁

Гар зулфи ту солу моҳ ларзон будӣ,
Анбар ба баҳо ҳамеша арзон будӣ.
В-арна рухи ту ба зулф пинҳон будӣ,
Рӯзу шаб аз ӯ ба нур яксон будӣ.

❁ ❁ ❁

Хубӣ зи рухи ту баргирифтаст парӣ,
Рафтан зи ту омӯхт магар кабки дарӣ.
Ҷони шударо ба мурдагон боз барӣ,
Гӯйӣ, ки дами паямбари бепадарӣ.

❁ ❁ ❁

Эй кош, ман он ду зулфи анбар бараме,
То бар рухи ӯ замон-замон бигзараме.
Эй кош, ман он ду лаъли чун шаккараме,
То аз даҳани нӯши ту мебарх(в)араме.

❂ ❂ ❂

Чун бар пойӣ, ба сарви симин монӣ,
Чун биншинӣ, ба Моҳу Парвин монӣ.
Озода буто, ба дидаву дин монӣ
В-аз ширинӣ ба ҷони ширин монӣ.

❂ ❂ ❂

Эй тира шуда об ба ҷӯйи ту зи ту
В-аз хӯи ту бар нахӯрда рӯйи ту зи ту.
Ушшоқи замонаро фароғат додаст
Рӯйи ту зи дигарону хӯи ту зи ту.

❂ ❂ ❂

Чун мӯҳра ба рӯйи тахтанардем ҳама,
Гоҳе ҷамъему гоҳ фардем ҳама.
Саргаштаи чархи лоҷвардем ҳама,
То дарнигаред, дарнавардем ҳама.

❂ ❂ ❂

Бар зулф магар тӯҳмати ноҳақ дорӣ,
Зеро ки бар оташат муаллақ дорӣ.
Гаҳ моҳ ба ғолия мутаввақ дорӣ,
Чун ранги равон майи мураввақ дорӣ.

❂ ❂ ❂

Андар шикани зулф маро бишкастӣ
В-андар бандаш дили маро бигсастӣ.
Гӯйӣ, ки расул назди ман чифристӣ?
Дил боз фирист, к-аз расулам растӣ.

❂ ❂ ❂

Бар чехраи хубат офарин карда басе,
Кас бо ту шавад аз ин ҷаҳон дастрасе?
Гар мезанам аз оташи ишқат нафасе,
То сӯхта дар ҷаҳон намонанд касе.

## АЗ МАСНАВИИ «ВОМИҚ ВА УЗРО»

### КОРИ АРӮСИИ ФУЛУҚРОТ ВА ЁНӢ ДАР ҶАЗИРАИ ШОМУС

Кас аз ҳар ҷазира зи юнониён
Бирафтанд баста ба шодӣ миён.
Ба ҳар ҷой шуд киштӣ ороста,
Пур аз мардуму ҷома в-аз хоста.
Ҳама кас ба Шомус ниҳоданд рӯй,
Ҳаво гашт з-эшон пур аз рангу бӯй.
Ба як ҳафта аз бонги чангу рубоб
Касеро набуд ёди орому хоб.
Ҳамебуд Ёнӣ барои падар,
Бад-ӯ буткада шуд сарои падар.
Ба рух-бар гули нав ба бор омадаш,
Бар ӯ ҳалқаи мушкбор омадаш.
Фулуқротро дил бар он хубчеҳр
..............................................
Чу кори арӯсӣ фароз омадаш,
Ба дидори Ёнӣ ниёз омадаш.
Сарояндагон руд бардоштанд.
Ба некахтарӣ роҳ бигзоштанд...
Ба кохи Фулуқрот доданд рӯй,
Фуруд омаданд он ду оромҷӯй.
Чу Ёнӣ бидид ончунон дастгоҳ,
Бузургиву номи Фулуқротшоҳ,
Дилу ҷон-ш бо ӯ шуд омехта,
Ба чизе набуд дил-ш овехта.
Чу омеғ барно шуд ороста,
Чу хуфта ду бошад, се бархоста.

## ХОБ ДИДАНИ ФУЛУҚРОТ ВА ТАЪБИРИ ОН

Шабе хуфта буд шоҳи фарҳангёб,
Чунон дид равшан равонаш ба хоб,
Ки зайтуне аз он миёни сарой
Бирастиву рафтӣ ҳам он гаҳ зи ҷой.
Раҳи ҳар ҷазира наваштӣ яке,
Пас он гаҳ зи бар баргузаштӣ яке,
Пас он гаҳ бад-он ҷой бозомадӣ,
Чу соя ба сӯяш ба ноз омадӣ.
Ба тахте бараш рафт болову паст,
Бидид ину аз хоби нӯшин биҷаст.
Дилаш шуд  хунук боз аз хештан,
Ҳамегуфт бад нест ин хоби ман.
Ҳамоно, ки фарзанд ояд маро,
К-аз ӯ корҳо баркушояд маро.

## ВАЛОДАТИ УЗРО ВА НАШЪУНАМОИ Ӯ

Чу з-ин кор бигзашт якчанд гоҳ,
Яке духтар овард Ёнӣ чу моҳ.
Ҳар он гаҳ к-аз ӯ бӯю ранг омадӣ,
Ҷаҳон бар гули мушк танг омадӣ.
Чу аз ҷома он моҳ бархостӣ,
Ба чеҳра ҷаҳонро биёростӣ.
Яке моҳ боло гирифт он ниҳол,
Фузун з-он ки дигар дарахтон ба сол.
Чу шуд ҳафтмоҳа, бирафтан гирифт,
Сухан гуфт даҳмоҳа низ, эй шигифт.
Чу дусола шуд, роҳи омӯхтан
Гирифту ба дониш дил афрӯхтан.
Чу бар ҳафт шуд сол, донишпазир
Ситорашумар гашту чобук дабир.

Бад-ӯ ҳар-ч бинмудӣ омӯзгор,
Ба санг-андарун канда будӣ нигор.
Чу даҳсола шуд, шуд ба майдони гӯй,
Ба тиру камон андаровард рӯй.

## НОМГУЗОРӢ БАР УЗРО БА САБАБИ ҲУНАРМАНДИИ Ӯ ВА ГИРОМӢ ДОШТАНИ ПАДАР ВАЙРО

Ба найза кӯҳ аз ҷой бардоштӣ,
Ба пӯлод-бар тир бигзоштӣ.
Чунон шуд, ки аз подшаҳзодагон
Ҷуз ӯ кас набудаш зи озодагон.
Чу андар ҳунар озмудаш падар,
Калили сухун диду ганҷи ҳунар.
Ба тадбири фарзанди фарҳангсоз
Зи дастури фарзона шуд бениёз.
Чу ӯро ба фарҳанг ҳамто надид,
Падар номи он моҳ Узро гузид.
Накардиш пинҳон падар аз касе,
Накардӣ бе ӯ шодмонӣ басе.
Фулуқротшаҳро гар аз ҳеч рӯй
Падид омадӣ душмани ҷангҷӯй,
Ба Узро супурдӣ сипаҳ пеши хеш,
Фиристодӣ ӯро бад-он кор пеш.
Гиромӣ ҳамедошт ӯро падар,
Гиромитар аз ҷону аз чашми сар.

## САХТӢ КАШИДАНИ ВОМИҚ, КИ ҶАВОНИ ХИРАДМАНД БУД, АЗ ДАСТИ МОДАРАНДАРАШ

..................................................
................................................
В-агар ҳар чӣ рафтӣ ба бозору кӯй,
Ҷаҳон хира мондӣ зи дидори ӯй.

Ҷавонро ҳаме модараш мурда буд,
Падар низ дигар зане карда буд.
Зане бадкуниш Маъшакуля ба ном,
Набудаш ҳаме ҷуз badӣ ҳеч ком.
Зани бад агар чун маҳи равшан аст,
Маёмез бо ӯ, ки оҳарман аст.
Дилаш бо падар карда будӣ дурушт,
Ҳама тухми тарриш додӣ ба мушт.
Ҳар он мард, к-ӯ рафт бар ройи зан,
Накӯҳида бошад абар ройи зан.
Ба ройи зан андар зи бун суд нест,
Гар оташ намояд-т, ҷуз дуд нест.
Надодӣ мар ӯро зи бун дастгоҳ,
Ба некӣ накардӣ суйи ӯ нигоҳ.

## ВОМИҚ ҲАМРОҲИ ДӮСТАШ ТӮФОН САФАРИ ШОМУС КУНАД

Зи дасти падар тангрӯзӣ писар,
Ба сахтӣ ҳаме бурд рӯзе ба сар:
«Аз ин кишвари беҳунар бигзарам,
Беҳ ояд магар кишвари дигарам,
Ҳамон кас, ки ҷон дод, рӯзӣ диҳад,
Чу рӯзӣ диҳад, дилфурӯзӣ диҳад.
Ҳаме буд з-андеша якчанд гоҳ,
Ки чун ҷӯяд аз гардиши рӯз роҳ?»
Нигаҳ кард бероҳ модандараш,
Ки ҷонро барорад ба заҳр аз бараш,
Зи рояш ба Вомиқ расид огаҳӣ,
Дуто гашташ аз ранҷ сарви саҳӣ.
Бар оташ диле дид з-он растахез,
Дилашро надид ҷуз ба роҳи гурез.
Касеро, ки ӯ роҳ хоҳад бурид,
Аз оғоз ҳам роҳ бояд бурид.

Яке дӯсташ буд, Тӯфон ба ном,
Гузашта бар ӯ-бар басе кому дом.
Ҷаҳондидаву кордида басе,
Писандида андар дили ҳар касе.
Ҳамон гоҳ кас кард, ӯро бихонд,
Ҳама рози дил пеши Тӯфон биронд.
Чунин гуфт, к-«эй пурҳунар ёри ман,
Ту огоҳӣ аз гашти паргори ман.
Зи кирдори ин зан ту низ огаҳӣ,
Ки якбора кард аз хирад дил тиҳӣ,
Ҳама ҳуши ӯ дар ҳалоки ман аст,
Бадандеши торикхоки ман аст.
Равонам бимонад ба шарм-андарун,
Наёяд аз он шарм ҳаргиз бурун.

Бикӯшам, ба фармону рой оварам,
Ба кӯшиш магар ҷон ба ҷой оварам».
Чунин гуфт Тӯфон ба Вомиқ, ки ман
Фидои ту дорам ҳаме хештан.
Туро ҳаст чандон, ки бояд хирад,
Валекин чӣ чора-ст бо бахти бад?!
Агар нестӣ бахт носозвор,
Напечонадӣ мар туро рӯзгор.
Ба Шомус басечид бояд-т роҳ,
Гузаштан ба назди Фулуқротшоҳ.
Туро низ хешист бо ӯ ба хун,
Ба искӣ бувад мар туро раҳнамун.
Бидорад туро хурраму шодмон,
Бибошӣ беозору эмин ба ҷон.
Писандид Вомиқ, ҳар он-ч ӯ бигуфт,
Бисечид ҳам роҳ андар ниҳуфт.

## ВОМИҚ ВА ТӮФОН БА ШОМУС МЕРАСАНД

Чу шуд ҷомаи рӯзи фархунда чок,
Баромад шаби тирагун аз мағок.
Ба киштӣ нишастанд ҳар ду ҷавон,
Шудашон сухунҳо зи ҳар кас ниҳон.
Ба Шомус расиданд ҳар ду ба ҳам,
Нашуд ҳеҷ дилшон аз он раҳ дижам.
Чу ҳар ду зи киштӣ бурун омаданд,
Зи дарё суи шаҳри Шомус шуданд.

## ҲАЙКАЛИ ШОМУС ВА МУЛОҚОТИ ВОМИҚ ДАР ОН БО УЗРО ВА МОДАРАШ ЁНӢ

Чунон дон, ки он ҳайкал аз паҳлавӣ,
Бувад номи бутхона, то бишнавӣ.
Ба рӯзон ҳама мардумон сарбасар
Шудандӣ бад-он ҳайкали номвар.
Ҳама пеши он бут шудандӣ фароз,
Баду нек бурдӣ ба пешаш намоз.
Аз ӯ хостандӣ ҳама ройи хеш,
Гирифта будандӣ дилоройи хеш.
Чунон буд ойин, ки шоҳу сипоҳ
Ба ҳайкал пиёда шудандӣ ба роҳ.
В-агар номвар тоҷдоре будӣ,
Ҳар он гаҳ, ки дар пеши он бут шудӣ,
Ба фармон шудандӣ ҳама роҳҷӯй
Ва пас бозгаштандӣ аз пеши ӯй.
Чу Вомиқ ба наздики ҳайкал расид,
Бад-он ҳайкал-андар яке бингарид,
Чунон буд, ки Узро зи дар ногаҳон
Бурун омаду гашт равшан ҷаҳон.
Нигаҳ кард бад-он рӯй Вомиқ даранг,
К-аз ӯ хира шуд он буторойи Ганг.

Сари зулфи мушкини ӯ чун гиреҳ,
Фиканда ба гул гирда, бар бар зиреҳ,
Ҳамекард Узро ба Вомиқ нигоҳ,
Кайи шоҳ дид аз дари тоҷгоҳ.
Дили ҳар ду барно баромад ба ҷӯш,
Ту гуфтӣ тиҳӣ монд ҷоншон зи ҳуш.
Зи дидор хезад ҳама растахез,
Барояд ба мағз оташи меҳри тез.
Чунин гуфт Узро, ки эй хубрӯй,
Бад-ин рӯю болову ин рангу бӯй
Яке ту маро бозгӯй аз насаб,
Биёгоҳ моро зи ҳолу сабаб.
Бад-ӯ гуфт, к-эй бонуи бонувон,
Ғарибам, яке хастадил ман ҷавон.
Зи бедоди бедодгар ҷастаам,
Ба меҳри Фулуқрот пайвастаам.
Магар шоҳи фархунда бипзирадам,
Шумори парастандагон гирадам.
Ба некахтар аз хок бардорадам,
Ба зинҳори Эзид нигаҳ дорадам.
Бигуфт ину аз тан-ш бикшод ҳай,
Ту гуфтӣ бар оташ ниҳодаст пай.
Пас ангушт карда суйи модараш,
Ба дилдода Вомиқ намуд афсараш.
Чу Ёнӣ фароз омаду бингарид,
Шигифтӣ фурӯ монд, к-ӯро бидид.
Бад-ӯ гуфт, к-эй ранҷдида ҷавон,
Падид аст бар ту раҳи хусравон.
Пазирам сипос аз ту, эй некхоҳ,
Бигӯям ҳадиси ту ман пеши шоҳ.
Бигуфт ину бигзашту Вомиқ бимонд,
Ҳаме мар ҷаҳонофаринро бихонд.
Ҳамерафт Узро ба раҳ печ-печ,
Ба модар ҳаме рӯй нанмуд ҳеч.

Бад-он то надонад, ки бедил шудаст,
Ба рух сабз рангаш биёзурда даст.
Або хештан гуфт Вомиқ ҳаме,
Ки бахти бад аз ман набуррад даме.
Чӣ бутпора пеши ман овард боз,
Ки дилро ғам оварду дилро гудоз.
Кӣ донад кунун, к-он чи дилхоҳ буд,
Парӣ буд, ё бар замин моҳ буд?
Ҳамегуфт дил тира чун обнус,
Ҳамеронд бечода бар сандарус.

## НАСИҲАТИ ТӮФОН БА ВОМИҚ

Чу Тӯфон бидидаш ду рухсора тар,
Бидонист, к-ӯро чӣ омад ба сар.
Бад-ӯ гуфт, эй меҳрпайванди тав,
Дами аждаҳоро пазира машав.
Бад-ин кор, к-андеша ронӣ ҳаме,
Ки бар мавҷи дарё нишонӣ ҳаме.
Ҳамегуфт Вомиқ, ҳамеронд хун,
Ба посух набудаш ҳаме раҳнамун.
Чу Тӯфон бидонист пӯшида роз,
Сабук пеши бут рафт бурдаш намоз.
Ҳамегуфт, к-эй мар-маро раҳнамой,
Нигаҳ дор ин подшоҳию ҷой.
Нигаҳ дор фарҳангу рою равон
Бар-ин дилшикаста ғарибу ҷавон.
Зи бедодӣ аз хона бигрехта,
Ба дандони марг-андар овехта.
Чу Узро зи ҳайкал суи хона рафт,
Дилаш кафтӣ аз ғам, ҳаме боз кафт.
Ҳамебуд ба уммед, то модараш
Дилафрӯзу фаррух кунад ахтараш.
Чу модар ба сӯяш нигоҳе накард,
Бупечид Узро, рухон кард зард.

## ЁНӢ ПЕШИ ФУЛУҚРОТ АЗ ВОМИҚ СУХАН ГӮЯД

Чу бар рӯйи Узро нигоҳаш фитод,
Ҳамон соат аз Вомиқ омад-ш ёд.
Ба пеши Фулуқрот шуд некҷуфт,
Зи Вомиқ сухан пеши ӯ боз гуфт.
Ба Шомус ба зинҳори шоҳ омадаст,
Бад - ин номвар боргоҳ омадаст.
Ки ман бар дари ҳайкалаш дидаам,
Ба гуфтори хубаш писандидаам.
Яке номҷӯе ба болои сарв,
Бунафша дамида зи хуни тазарв.
Бидонист он некхӯ шаҳрёр,
Сабук дод фармон ба солори бор:
«Яке бораи ман ба ҳайкал гузор,
Бад-ӯ барнишон он ҷавонро, биёр».
Бикарданд, чунон ки бифармуд шоҳ,
Раворав баромад зи даргаҳ ба моҳ.
Чу омад ба даргоҳ Вомиқ фароз,
Дуто кард боло ба расми намоз.
Бипурсид мар Вомиқи хастаро,
Мар он мустаманди дилозурдаро.
Бигуфто, ки эй хубчеҳра ҷавон,
Хирадманди равшандилу меҳрубон.
Ба дастурии шоҳ бар ман биёй,
Кунун хез аз ин ҷову эдар мапой!

## ФУЛУҚРОТ ВА ВОМИҚ

Абар хост Вомиқ ба фармони шоҳ,
Бирафташ аз ин ҷо бад-он боргоҳ.
Фулуқрот рафташ пазира ба дар,
Бипурсид гарму гирифташ ба бар.

Ба маҷлисгаҳ оварду бинвохташ,
Ба пурмоятар ҷой биншохташ.
Бад-ӯ гуфт коми ту коми ман аст,
Ба дидори ту чашми ман равшан аст.
Суйи хонаву шаҳри хеш омадӣ,
Хирадро ба фарҳанг пеш омадӣ.
Сари бонувон дасти Узро ба даст
Гирифту биёмад, ба ҷое нишаст...
Чу дидори Узро ба Вомиқ расид,
Чу моҳӣ ба хушкӣ дилаш метапид.

## МАҶҶИНУС ВОМИҚРО ИМТИҲОН КУНАД

Яке буд фарзонае пешдаст,
Ки будӣ Фулуқротро ҳамнишаст.
Ҷаҳондидае, номи ӯ Маҷҷинус,
Ки дониш ҳаме дасти ӯ дод бӯс,
Ба Узро нигаҳ кард бас Маҷҷинус,
Ки шуд чашм равшан чу чашми хурӯс.
Ҳамедид дуздида дидори шон,
Зи пайвастани меҳри бисёри шон.
Ҳамехост, к-аз Вомиқи меҳрҷӯй
Биҷӯяд сухун, то биёбад аз ӯй.
Зи меҳраш сухунро ҳама беху шох,
Кунад роҳи дидор бар дил фарох.
Сухун, то надонад, нагӯяд касе,
Ҷуз он кас, ки мағзаш набошад басе.
Зи Вомиқ бипурсид доно сухун,
Кӣ бо ту бизоду ба дониш куҳун?
Тани дӯстиро хирадманд мард
Зи гетӣ ба чӣ чиз монанда кард?
Чӣ чиз аст мар пайкарашро нигор,
Чӣ гуна нигорандаш андар баҳор?
Бад-ӯ гуфт Вомиқ, ки ё роҳбин,
Писандидаи подшоҳӣ чунин.

Дили солхӯрда ҷаҳондидатар,
Ба фарҳангу дониш писандидатар.
Ба чизе гарон озмоиш маро
Набудасту набвад раҳоиш маро.
Агарчанд ман з-ӯ надорам нишон,
Ҳамеояд андар дили ман гумон,
Ки мар дӯстиро хирадманд мард
Ба якке чавонмард монанда кард.
Ба дидор покизаву хубрӯй,
Ба кирдори пархошҷӯй ҷангҷӯй.
Фурӯзанда оташ ба як даст-бар,
Камоневу тире ба дасти дигар.
Навозад ба хубӣ дили мардумон,
Ба рӯям бувад ҳар касе шодмон.
Чу наздик шуд дил бад-ӯ бедаранг,
Чу сангаш бидӯзад ба тири ханг.
Биёрад ба пайкон дили дӯхта,
Бар оташ ниҳад, то шавад сӯхта.
Ба пиреш монанда карданд низ,
Ки пиру набошад танашро ба чиз
Ки бинанда бо сустӣ ангорадаш.
Ки фартути бедаступо донадаш.
Ҳар он гаҳ, ки бо ӯ бикӯшад ба ҷанг,
Бичӯшад ба сони диловар наҳанг.
Зи чанголи ӯ буд тавон растано,
Набояд бад-ӯ ҳеҷ пайвастано.
Чу овози Вомиқ ба Узро расид,
Яке тира меҳр аз дилаш бардамид.
Ҳамехост он симтан сарвбун,
Ки бо дилрабояш бувад ҳамсухун.
Баҳона буд он, то надонад падар,
Ки ӯ даст кай дорад аз меҳр бар.
Ба Вомиқ чунин гуфт, к-эй некрой,
Сухангӯйи бинодили раҳнамой.

Аз он пайкари дӯстӣ пир нест,
К-аз ӯ мар дили пирро тир нест.
Ҳаме ройи ӯ марди барно кунад,
Зи гавҳар ҳунар меҳр пайдо кунад.
Чӣ барно ба барно расад дил ба меҳр,
Ба ёр омада тоза гардад ба чеҳр,
Ки ҳамто бувад, дархур ояд ҳаме,
Ки ҳамто ба ҳамто барояд ҳаме.
Зи пирон наёяд чунин гуфтугӯй,
Дили марди барно бувад меҳрҷӯй.
Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бимонад ҷавон.
Агар дӯсте ҷуз ҷавон бошаде,
Бувад к-аш зи пире зиён бошаде.
Падар в-он ки бо ӯ дар он базм буд,
К-аз ин гуна гуфтори Узро шунуд.
Чунон гуфт Вомиқ бар ин достон:
Чунон ёфтам аз гаҳи бостон,
Ки фарзона Ҳурмуз, ки буд устувор
Равонаш ба бахшоиши кирдгор,
Зи баҳри парастидани додгар
Ҳамекард бар тунд кӯҳе гузар.
Бад-он кӯҳ дид ӯ яке сангпушт,
Бад-ӯ ҷаста ҳар гуна боди дурушт.
Аз ӯ гӯшт яксар фурӯ рехта,
Бипӯсида, хокандар омехта.
Зи рагҳои ӯ ногусаста гиреҳ,
Кашида ба хушкӣ ба кирдори зеҳ.
Чу бод андар ӯ раҳгузар доштӣ,
Ба бод аз дарун бонг бардоштӣ.
Чу овози ӯ сӯи Ҳурмуз расид,
Дили хештанро бад-ӯ тоза дид.
Чу андар дилаш ройи шодӣ фузуд,
Бидонист, к-аш моя он бонг буд.

Мар ӯро аз он кӯҳ пас баргирифт,
Ҳамедошт бо хештан, эй шигифт.
Чу бар роҳи бодаш баровехтӣ,
Ба бонг омадӣ, шодӣ ангехтӣ.
Бар андешаи рӯзгори дароз
Чунон сангпушт олате кард соз.
Битобид пас, рӯда чун баркашид,
Ба хушкӣ бад-он олат андаркашид.
Чу боде ба ҷастан ба соз омадӣ,
Аз овози ӯ дил ба ноз омадӣ.
Пас андеша кард ӯ, ки бар ёдгор
Бисозад чу андешаи бодсор.
Ба бонг андарояд аз ин сози ман,
Бар ин гуна суст ояд оғози ман.
Чунон сохт бояд агар ҳеҷ бод
Наҷунбад, мар инро набояд ниҳод.
Пас он пардаҳоро, ки буд аз дарун
Кушоду бад-ӯ баркашид аз бурун.
Яке дастгоҳаш бисозид нағз,
Бас андеша кард ӯ ба покиза мағз,
Ки чун созад он рудро гардано,
Куҷо бандадаш, то бисозад наво.
Басе рӯзгор андар ин роҳ ҷуст,
Нашуд сози он ҳеҷ гуна дуруст.
Саранҷом рӯзе бурун шуд ба дар,
Ба ҷое, ки мехост, бар раҳгузар.
Яке пир дидаш нишаста ба роҳ,
Дуто гашта аз гардиши солу моҳ.
Ба андеша-андар сар афканда паст,
Сутун карда зери буногӯш даст.
Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз: «Чаройӣ дижам?
На ҳамчун дили ман дилат шуд ба ғам?»
Кай ин олати ман шавад сохта,
Нагардад ҳаме ҳеч пардохта?

Надонам, ки чун дӯстӣ созамаш,
Чӣ гуна кунам, то бипардозамаш.
Бад-ӯ пир гуфто, ки созаш бибин,
Сар аз даст бардошт, гуфто чунин.
Хуш омад-ш чун панҷаи мардумон
Бисозиду шуд сохта дар замон.
Ҷаҳондида, фарзона устоди ман
Чунин гуфт, он пир бувад роди ман.
Бисозед бас рудҳо сарбасар
Чу омезиши гавҳари ҷонвар.
Чу бигзид ҳар табъро ҷойи ӯй,
Бипайваст ҳар як ба ҳамтои ӯй.
... Зи гуфтор чун гашт пардохта,
Шуда буд худ барбаташ сохта.
Чу гӯшаш бипечиду зери шикам,
Ту гуфтӣ сухунгӯй шуд зеру бам.
Фулуқроту Ёниву он гавҳарон,
Ки буданд яксар карон то карон,
Чунон шод гаштанд ....
..........................................
Ҷигархаста Узро чунон шуд ба гил,
Сиришке падид омад аз хуни дил.
Бичӯшид мағзаш ба меҳрандарун,
Бипӯшид гулбаргрезаш ба хун.
Ба чора ниҳон кард хуни сиришк,
Бикӯшид, н-ояд ва бистурд ашк.
Ба шоиставу ҳар чӣ буд х(в)арданӣ,
Сазовор густарда густарданӣ.
Дар ӯ буд Тӯфон, ки Вомиқ ба хоб
Бад-он ҳуҷра шуд, мағзи дил пуршитоб.
Ҳамебуд печон ҳама шаб чу мор,
Ту гуфтӣ, ки бар бистараш ҳаст хор.
Фулуқрот бо ҳамнишинони хеш
Зи Вомиқ сухунҳо биёвард пеш,

Ки дидӣ, ки ҳаргиз ҷавоне чун ӯй
Ба гуфтору фарҳангу симову рӯй.
Бигуфтанд ҳаргиз на мо дидаем,
На аз кас ба гуфтор бишнидаем.
Ба бахти ту, эй номвар шаҳрёр,
Ба дасти ту андохташ рӯзгор. ...
Ба мондан касеро чӣ ёро бувад,
Ба майдон зан ар мардосо бувад,
Ҳамехост з-он ҷо бигардад яке,
Магар дил ба бор омадаш андаке.
Чу осуд Вомиқ аз он кори сахт,
Биларзид бар ҷо ҳаме паҳндахт.
Ҷаҳон аз ту гар моя гирад беҳӣ,
Чӣ чораст аз он, к-ам ба фармон деҳӣ?
На з-он кардам оҳанги пайванди ту,
Ки рой омадам ҷанги фарзанди ту.
Агар барвазад тундбоде бар ӯй,
Дигаргуна ҷунбад-ш як тори мӯй,
Кунам дашт бар боди коми наҳанг,
Ба рахшанда хуршеди алмосранг.
В-агар душмане ҳаст пархошҷӯй,
Сазад гар фиристӣ маро пеши ӯй.
Чу ман баркушоям ба майдон инон,
Биковам-ш дида ба нӯги синон.
Бибинад сари хеш бо хоки паст,
Агар шери шарза-ст ё пили маст.
Фулуқрот хонд офарин аз Худой
Бад-он некиорои фархундарой.
Ҳамон гаҳ зи майдон ба айвон шуданд,
Ба бода ҳаме ройи шодӣ заданд.

## РОМИШГАР

Зи ҷонофаринаш биёростанд,
Зи Яздон бар ӯ офарин хостанд.
Фулуқротро буд ромишгаре,
Ба некӣ сутуда ба ҳар кишваре.
Ҷаҳондидаву номи ӯ Ранқудус,
Ки кардӣ бар овози булбул фусус.
Ба мусиқӣ андар нигаҳ карда буд,
Ба дониш дили пок парварда буд.
Ба Эрону Руму ба Ҳиндустон
Ба некӣ задандӣ бад-ӯ достон.
Магар ҷашн будиву кори бузург,
Фулуқротро кору бори бузург,
К-аз ӯ шоҳ ромишгарӣ хостӣ
В-агар пай ба ромиш наёростӣ.
Ба ромиш Фулуқрот аз ӯ ҷуст роҳ...
Суруди Диёнусу роҳи нуҳуфт.
Диёнусро ном Ҳорут дон,
Ба юнонӣ ӯро Диёнус хон.
Ба бозори Узрову Вомиқ суруд
Ҳаме дархур омад ба меҳру дуруд.
Чунон сусту бемор шуд Зулқудус,
Ки аз дониши хешаш омад фусус.
Касе низ аз он пас бад-ӯ нангарид,
Ба дидори ӯ кас нахӯрдӣ набид.
Гаронаш наёмад ҳаме, ҳар чӣ гуфт,
Ки дидори Узро бидид, эй шигифт.
Чу Ёнӣ ҳаво дид ҳамранги бурд,
Бишуд, дасти Узро гирифту бибурд.
Ҳам аз баҳри Вомиқ шаҳи некрой
Яке ҳуҷра фармуда буд дар сарой.

## НИЁЛИШИ ВОМИҚ

Суйи додгар рӯ бароварду сар,
Ҳамегуфт, к-эй довари додгар,
Гувоӣ ту бар ман ба дил сӯхтан,
Ба мағзандарун оташ афрӯхтан.
Ғамам кӯҳу мум ин дили меҳрҷӯй,
Чӣ гуна кашам кӯҳро ман ба мӯй?
Шикастасту хаста дил андар танам,
Ба ранҷи дил андар ҳаме бишканам.
Ту мапсанд аз он кас, ки бар ман ҷаҳон
Чунин тира кард ошкору ниҳон.
Маро баста дорад ба банди ниёз,
Худ ором карда ба шодиву ноз.
Ситора ту гуфтӣ ба хоб андар аст,
Сипеҳри раванда ба об андар аст.
Ҳамегашт Вомиқ дар он гирди боғ
Ниҳода зи хун барги рӯро ба доғ.
Чунон то дари кохи Узро бирафт,
Ба дил барзада оташи тезрафт.

## ФАЛОТУС - УСТОДИ УЗРО БО ФУЛУҚРОТ

Яке некдил  мард буд хушкор,
Фалотус ному ба дониш савор.
Мар ӯро ба ҳар донише дастрас,
Ки ҳамто набудаш бад-он кор кас.
На Узро сипарда ҳама рӯзгор,
Мар ӯро дилафрӯз омӯзгор.
Фулуқрот фарзонае шаҳрёр
Бад-ӯ доштӣ духтро устувор.
Шабу рӯз будӣ ба наэдики ӯй,
Замоне аз ӯ барнатобид рӯй.
Чу Узро бурун омад аз ҷойи хеш,
Ба хун шуста рӯй аз дилорои хеш.

Ниҳонӣ сухунро басе боз ҷуст,
Нашуд назди ӯ ҳеҷ гуна дуруст.
Мар устодро ӯ бари хеш хонд,
Зи бегонагон ҷой пардахта монд.

## УЗРО ВА ФАЛОТУС

Наёмад-ш дар дил зи Узро раво
Шаби тираву рафтани бенаво.
Бурун омад ӯ аз паяш бедаранг
Яке теғи заҳробдода ба чанг.
Бидонист Узро аз ин кори ӯй,
Ки устодаш огаҳ зи тимори ӯй.
Чу Узро зи даргоҳи Вомиқ расид,
Замоне зи тимор сахтӣ бидид.
Бидонист устоди Узро, ки кор
Чӣ гунаст, чун танг шуд рӯзгор.
Ҳамегуфт то беҳтар огаҳ шавам,
Бибинам чӣ ҳол аст, ё бишнавам.
Басе озмуданд корогаҳон,
Чунин кор ҳаргиз намонад ниҳон.
Агар тухми бад бар замин афканӣ,
Бирӯяд саранҷом, ҳар чун кунӣ.

## ИТОБИ ФАЛОТУС БАР УЗРО

Ба Узро чунин гуфт: «Андар ҷаҳон
Бало беҳтар аз ҳар зане дар замон.
Ту андар ҷаҳон аз чӣ танг омадӣ?
Ки бар дудаи хеш нанг омадӣ!
Ба як бор шармат бурун шуд зи чашм,
Зи бешармии хеш н-ояд-т хашм.
Ба шаҳри касон марде омад зи роҳ
Бараҳна ба назди Фулуқротшоҳ.
Фалотус чун ин суханҳо бигуфт,
Дилу мағзн Узро ба ҳам баршукуфт.

Зи андӯҳи шарми падар бардамнд,
Яке бонги сахт аз гулӯ баркашид.
Бияфтод беҳуш чун мурдагон,
На тоза, валекин чу пажмурдагон.
Фалотусро гашт рухсора зард,
Пушаймон шуд аз гуфтаи хеш мард.
Ба болини Узро шуд, овоз дод,
Ки боз ой, бонуи фаррухнажод.
Ба Вомиқ надорам сар аз хирагӣ,
На гумроҳ дорам дил аз тирагӣ.
Ту донӣ, куҷо ман сутудастамат,
Ба якборагӣ озмудастамат.

### ФАРЁДИ УЗРО

Ки нафрин бари ман чунин хонд зор,
Ки нафрин кунад мар бар ӯ рӯзгор.
Ба ман-бар зи дидори Вомиқ ба меҳр
Аз оташ ҳаме жола борад сипеҳр,
Ки дар шаҳри хеш андар ин бӯстон
Чунонам, ки дар дасту шаҳри касон.
Саройи падар гашта зиндони ман,
Ғирев он ду марҷони хандонн ман.
Зи дил пардаи шарм даррам ҳаме,
Ба дида балоро бихаррам ҳаме.
Ҳамекард он гулрухи наврасид,
Ҳаме хун чаконид бар шанбалид.
Ҳамегуфт: «Эй бахти носозгор,
Чаро талх кардӣ маро рӯзгор?»
Чу шуд ношикебо, зи беруни дар
Ба хона даромад, бишуд гармсар.
Ба наздики худ дид, чизе биҷуст,
Ба наздики ӯ рафт Вомиқ нахуст.
Бигуфто, ки эй кошкӣ донаме,
Ки ман дар дили ту ба чӣ монаме.

Ба гуфтори Узро фурӯ монда буд,
Дилаш номаи дӯстӣ хонда буд.

## ФАЛОТУС ВА ВОМИҚ

Фалотус баргашт, омад зи роҳ
Суйи ҳуҷраи Вомиқи некхоҳ.
Ба Тӯфон чунин гуфт, к-эй баднишон,
Шуда номи ту гум зи гарданкашон.
Магар хонаи деви Оҳарман аст,
Ки тухми табоҳӣ бад-ӯ андар аст?!
Ҳама пардарӯёни пӯшидагон
Бидаррид чун мағзҷӯшидагон.
Шуморо Фулуқрот бинвохтаст,
Ба кох-андарун ҷойгаҳ сохтаст.
Пазируфт Вомиқ зи равшанхирад,
Ки ҳаргиз ба Узро ба бад нангарад.
Чу паймон бад-ин гуна омад ба бун,
Ба ноком Узро биронд ин сухун.
Фалотус чун мардро баста дид
Ба банде, ки пайдо набудаш калид,
Дил аз тирагӣ бурд зӣ равшанӣ,
Зи Вомиқ падид омадаш эманӣ.
Ба кӯҳ андарояд нишони гудоз
Аз андешаву биму ранҷи дароз.
Чу Ёнӣ гули тоза пажмурда дид,
Дили зиндаро хуфта чун мурда дид,
Абар хештан зор нафрин гирифт,
Зи дида ба рух-бар чу хун ҳин гирифт.
Чӣ созам, ки он ёри дилбанди ман
Зи ман пеш хезад ба пайванди ман?!
Чӣ гӯяд, чӣ андешад аз меҳри ман,
Ки маҳ меҳри ман бод, маҳ чеҳри ман?!

## ФАРЁДИ УЗРО

Ҳамекард дар хона Узро хурӯш,
Ту гуфтӣ равонаш баромад ба ҷӯш.
Кушод аз ду мушкин камандаш гиреҳ,
Зи лола ҳамеканд мушкин зиреҳ,
Ҳамегуфт: «Вомиқ дил аз меҳри ман
Буриду нахоҳад ҳаме чеҳри ман.
Касеро, ки чизе бувад орзу,
Биҷӯяд зи ҳар кас, бигӯяд, ки ӯ.
Биёмад кунун марг наздики ман,
Ба гавҳар шавад ҷони торики ман.
Тани Вомиқ андар ҷаҳон зинда бод,
Бар ӯ-бар шаб аз рӯз фархунда бод.
Чу ман гирам андар дили хок ҷой,
Равон бигзаронам ба дигар сарой.
Дилаш бод хуррам ба ҷойи дигар,
Беҳ аз ман ба рӯю ба мӯю ҳунар!

## ТӮФОН

Ҳамегуфту дар тоса афканда сар,
Ҳамеронд бар дида хун аз ҷигар.
Надониста буд эҷ Тӯфон, ки меҳр
Чӣ гуна ба Вомиқ намудаст чеҳр?
Бурун омада буд ба дил некхоҳ,
Ҳамедошт аз дур ӯро нигоҳ.
Ба меҳр-андарун рой ворун шавад,
Инони дил аз даст берун шавад.
Гумон чун ба меҳр андаровард рӯй,
Набаргардад, ар санг борад бар ӯй.
Бурун омада буд Узро нахуст,
Ҳаме з-оташи дӯстӣ роҳ ҷуст.

Ҳамегашт гирди сарой-андарун,
Пуроташ дилу дида пурҷӯши хун.
Ҳамегуфт: Чашми бадам ёфтаст,
Ки шодӣ зи ман рӯй бартофтаст.
Яке найза бардошт печон чу мор,
Ба майдон-дарун шуд ба аспе савор.
Ҳунарҳо ҳамекард пайдо ба дашт,
Ҳаме гирди майдон нишаста бигашт.
Ҳамекард ҳар кас бар ӯ офарин,
Ки дигар набошад ба майдон чунин.
Ҳар он кас, ки бо ӯ бувад дар набард,
Сари хешро боз бинад ба гард.

## АБЁТИ ПАРОКАНДАИ «ВОМИҚ ВА УЗРО» АЗ ФАРҲАНГҲО

Сухан, к-он бигӯию н-орӣ ба ҷой,
Бувад чун диле, к-андар он нест рой.
Зи гуфтор резад ҳама обрӯй,
Бикун, он чи гӯйӣ в-агарна магӯй.
Агар карда ногуфта бинад касе,
Беҳ аз гуфта нокарда бошад басе.
Ҷаҳон гоҳ нарм асту гоҳе дурушт,
Гаҳаш рӯй бо мо бувад, гоҳ пушт.
Шикар гар занӣ бар касе рӯзи ҷанг,
Нагиранд фарзонагон ҷуз ба санг.
Чу дар оташе санг резӣ зи бар,
Надонанд санги туро аз шикар.
Ба нармӣ чу гардан ниҳад рӯзгор,
Дуруштиву сахтӣ наёяд ба кор.
Касе беҳунартар зи хунхор нест,
Зи хунхорӣ ояд, ки хун хор нест.
Ба беҳуда хун рехтан суд нест,
Сияҳтар зи хун дар чаҳон дуд нест.

❁ ❁ ❁

На кас кори касро кушояд шигифт,
Ба дасти касон мор бояд гирифт.
Ба ту нангарад, то бад-ӯ нангарӣ,
Чу ранҷаш бибинӣ, бараш худ х(в)арӣ.
Суханвар чу ройи радон оварад,
Сухан бар забон аз даҳон оварад.
Бувад марди доно ба гоҳи набард
Тануманду озодаву рух чу вард.
Нигоре, к-аз ӯ бут намуна шавад,
Ба ёрой ӯро чӣ гуна шавад?
Бар ӯ ҷаст Узро чу шери нажанд,
Бизад дасту чашми Адонус канд.
Сухан мар сареро кунад ҷоҳдор,
Сареро кунад ҳам сухан хору зор.
Биёрост худро чу мардон ба ҷанг,
Турунҷид бар борагӣ танг-танг.
Битунҷид Узро чу мардони ҷанг,
Турунҷид бар борагӣ танг-танг.
Касе кард натвон зи заҳр ангубин,
Насозад зи рукоша кас пӯстин.
Чу бо одамӣ ҷуфт гардад парӣ,
Нагӯяд парӣ ҷуз ба лафзи дарӣ.

## АБЁБТИ ПАРОКАНДАИ МАСНАВИҲОИ ДИГАРИ УНСУРӢ

Бевафо ҳаст дӯхта ба ду нах,
Бадгуҳар ҳаст ҳезуми дӯзах.
Ҳаракоташ ҳама раҳи ҳунар аст,
Барам аз ҷони ман азизтар аст.
Накунад майл беҳунар ба ҳунар,
Ки биюсад зи заҳр таъми шакар?
Табанакро чу каж ниҳӣ, бешак
Рехта каж бароянд аз табанак.
Бисупорем дил ба ҷустани ҷанг
Дар дами аждаҳову яшки наҳанг.
Вайҳак, эй абр, бар гунаҳкорон
Сайгаку барф бориву борон.
Феъли олуда гавҳар олояд,
Аз хуми сирка сирка полояд.
Ҳар куҷо гавҳаре ба дасти бадест,
Бадгуҳар нек чун тавонад зист?
Бад зи бадгавҳарон падид ояд,
Ҳар касе он кунад, к-аз ӯ зояд.
Ҳар киро роҳбар заған бошад,
Манзили ӯ ба марғазан бошад.
Бо дирафш ар тапонча хоҳӣ зад,
Боз гардад ба ту ҳаройина бад.
Ҳар кӣ фарҳанг аз ӯ фурӯҳидаст,
Тезмағзе аз ӯ накӯҳидаст.
Ҳар киро раҳбарӣ кулоғ кунад,
Бегумон дил ба дахма доғ кунад.
Ройи доно сари сухансорист,
Нек бишнав, ки ин суханборист.

❁ ❁ ❁

# АСҶАДИИ МАРВАЗӢ

## ҚИТЪА, ТАШБИБ, РУБОӢ

❂ ❂ ❂

Раҳмате кун, парда аз рух бармаяфкан зинҳор,
То нагардад баъди чандин рӯз расво офтоб.
Солҳо шуд, то ба бӯйи лаълу ёқути лабат
Ранги май омезад андар санги хоро офтоб.

❂ ❂ ❂

Ба хатту он лабу дандон-ш бингар,
Ки ҳамвора маро доранд дар тоб:
Яке ҳамчун бари вай авҷи хуршед,
Яке чун дурри шаҳворе ба унноб.

❂ ❂ ❂

Чуғз, ки бо бозу бо кулангон паррад,
Бишканадаш парру болу гардад лат-лат.

❂ ❂ ❂

Зи бас хунҳо, ки мерезӣ ба ғамза,
Шумори куштагон н-ояд ба ёдат.
Гар аз хун рехтан шармат наёяд,
Зи ранҷи ғамза боре шарм бодат.

❂ ❂ ❂

Бархезу барафрӯз, ҳало қиблаи Зардушт,
Биншину барафкан шиками қоқум бар пушт.
Бас кас, ки зи Зардушт бигардиду кунун боз
Ночор кунад рӯй суйи қиблаи Зардушт.

Ман сард наёям, ки маро з-оташи ҳиҷрон
Оташкада гаштаст дилу дида чу чархушт.
Гар даст ба дил барниҳам аз сӯхтани дил,
Ангишт шавад бешак дар дасти ман ангушт.

Эй рӯйи ту чун боғу ҳама боғ бунафша,
Хоҳам. ки бунафша чинам аз зулфи ту як мушт.
Он кас, ки туро кушт, туро кушту маро зод
В-он кас, ки маро зод, маро зоду туро кушт.

❁ ❁ ❁

Ҷавон шуд ҳакими мо ҷавонмарду дилфарох,
Яке пирзан харид ба як мушт сими мох.
Гуфтам: «Миён кушой.» Гуфто, ки ҳеч н-оям,
Зад даст бар камарбанд, бигсист ӯ парандох.

❁ ❁ ❁

На ҳамқимати лаъл бошад булӯр,
На ҳамранги гулнор бошад пасанд.
Бипечад дилам чун зи печа бутам,
Кушояд бар ғам дилам печабанд.

❁ ❁ ❁

Чаро на мардуми оқил чунон бувад, ки ба умр
Чу дарди сар кунадаш, мардумон дижам гарданд.
Чунончи бояд будан, ки гар сарам бибуранд,
Ба сар буридани ӯ дӯстон хурам гарданд.

❁ ❁ ❁

Дӯстонам ҳама монандаи васнӣ шудаанд,
Ҳама з-он аст, ки бо ман на дирам монду на зар.

❁ ❁ ❁

Фиғон зи дасти ситамҳои гунбади даввор,
Фиғон зи сифливу улвиву собиту сайёр.
Чӣ эътибор бар ин ахтарони номаълум,
Чӣ эътимод бар ин рӯзгори ноҳамвор.
Ҷафои чарх басе дидаанд аҳли ҳунар,
Аз он ба ҳарза шикоят намекунанд аҳрор.
Дило, чу сурати ҳоли замона мебинӣ,
Сазад, агар бидарой зи пардаи пиндор.
Тамаъ мадор,ки бо ту вафо кунад даврон,
Ки бо касе ба фусун меҳрубон бигардад мор?..
Куҷо шуданд ҳакимони кордони карим,
Ки бар либоси бақошон на пуд буду на тор!
Чаро зи пой даромад дарахти боғи ҳунар,
Ба мавсиме, ки зи сар тоза мешавад ашҷор?!

❁❁❁

Ба навбаҳор ҷавон шуд ҷаҳони пир зи сар,
Зи рӯйи сабза баровард шохи наргис сар.
Хазон ҷаҳонро аз аҳд карда буд куҳан,
Баҳор аҳди ҷаҳон боз тоза кард зи сар.
Ҳаво нишонд ба барги шукуфта-дур ёқут,
Сабо нишонд ба шохи бунафша-дар анбар.
Зи бӯйи бод баровард сабза мушки набот,
Зи сели абр баровард лола дурри самар.
Зи баҳри он ки зи пирӯза фаррухист нишон,
Зи баҳри он ки зи беҷода равшанист асар,
Наботи сабза зи пирӯза барфиканд ридоъ,
Симоти лола зи беҷода барниҳод афсар.
Агар зи сундуси ҳулла надид боғ ба зар,
Агар зи абқари килла надид шох забар,
Бибин, ки боғ кунун ҳулла бофад аз сундус,
Бибин, ки шох кунун килла бандад аз абқар.
Зи бас ки бар тани лола кунад замона нигор,
Зи баски бар сари наргис кунад замона сувар,
Баёзи лола зи нуру саводи лола зи дур,
Канори наргис симу миёни наргис зар.
Даҳони гул зи сиришки ду чашми абр мало
Зи иқдҳои ақиқу зи донаҳои дурар.
Шақоиқу суман аз меҳр карда рӯй ба рӯй,
Бунафшаву гул аз нор бурда сар дар сар.
Зи ханда ком зи ҳам боз карда лолаи сурх,
Ба гиря чашм зи ҳам боз карда сунбули тар.
Зи баски токи калон дур дораду марҷон,
Зи баски шохи шаҷар зарр дораду зевар,
Ҳама муаққади дурранд токҳои калон,
Ҳама мурассаъи зарранд шохҳои шаҷар.
Зи сабза гашта тани даҳр муштарикирдор,
Зи лола гашта сари кӯҳ муштарипайкар.

Фарози шох накӯтар бувад гулу наргис,
Миёни наҷм Сурайё накӯтар асту қамар.
Чу роҳибон ба тааббуд ҳама бутони баҳор,
Ба пеш-дар меҳробу ба даст-дар миҷмар.
Маро зи нолаи тан дил шуда ба чунон нил,
Маро зи озари дил ашк гашта чун озар.
Чаро ҳамеша ба озар-дар аст озаргун?
Чаро ҳамеша ба нил андар аст нилуфар?
Пур аз бухур дами гул шуда зи таффи бухор,
Пур аз хатар лаби лола шуда зи қатри матар.

❁ ❁ ❁

Борони қатра-қатра ҳамеборам абрвор,
Ҳар рӯз хира-хира аз ин чашми селбор.
З-он қатра-қатра қатраи борон шуда хиҷил,
З-он хира-хира хира дили ман зи ҳаҷри ёр.
Ёре, ки зарра-зарра намояд маро назар,
Ҳиҷрон-ш бора-бора ба ман барниҳод бор:
З-он зарра-зарра зарра чу кӯҳ оядам ба дил,
З-он бора-бора бора ба чашм оядам ғубор.
Дандон-ш дона-донаи дурр аст ҷонфизой,
Лабҳош пора-пора ақиқ аст обдор:
З-он дона-дона донаи дурри ятим зард,
З-он пора-пора пораи ёқути сурх хор.
Хуре, ки тира тира-тира бипӯшад рухони рӯз
Чунон ки турра-турра шавад турра бар изор:
З-он тира-тира тира шавад нури офтоб,
З-он турра-турра турра шавад турраи тарор...

❂ ❂ ❂

Агарчи дидаи афъӣ ба хосият бичаҳад,
Бад-он гаҳе, ки зумуррад бад-ӯ барӣ ба фароз.
Ман ин надидаму дидам, ки хоча даст бидошт
Баробари дили ман битракид чашми ниёз.
Бад-он расид, ки бар мо, ба зинда будани мо
Худойвор ҳаме миннате ниҳад ҳар хас.

❂ ❂ ❂

То яке хум бишканад, реза шавад сесад сабӯ,
То мурад пире, ба пеши ӯ мурад сесад кулук.

❂ ❂ ❂

Он забарчадранг мушкинбӯю таъмаш таъми шаҳд.
Ранги дебо дораду бӯе қиморӣ уди хом.
Чун ту бубридӣ, шавад ҳар як аз он даҳ моҳи нав
В-арна бадре бошад ӯ дар зоти худ моҳи тамом.

❂ ❂ ❂

Жож дорӣ туву ҳастанд басе жожхарон
В-ин ачаб нест, ки ёзанд суйи жож харон.

❁ ❁ ❁

Ҳамедавам ба ҷаҳон-андар аз паси рӯзӣ,
Ду пой бар шуғаву монда бо диле гирён.

❁ ❁ ❁

Маҳо, аз рӯзи хубӣ шаб барафкан,
Фиғону нола дар ҳар кишвар афкан.
Каманди зулфи дастафроз бикшой,
Сари гарданкашон дар по дарафкан.
Ҳалоки ҷони ҳар бечораеро
Мусалсал ҷаъди мушкин дар бар афкан.
Зи лаб уннобро хун дар дил андоз,
Зи писта шӯре андар шаккар афкан.
Чу ҷони Асҷадӣ сайди лабат гашт,
Каманди турра андар дигар афкан.

❁ ❁ ❁

Соқӣ ба обгинаи Бағдод дарфиканд
Ёқутранг бодаи хушхори мушкбӯ.
Гӯйӣ, ки пеши ошиқ маъшуқи меҳрубон-ш
Бигрист, ӯфтод ба рухсор-ш ашки ӯ.
Аз дил бароварид дами сарду оҳи гарм,
Бифшурд оби дидаву бигдохт ранги рӯ.

❁ ❁ ❁

Эй табъи созгор, чӣ кардам туро, чӣ буд,
Бо ман ҳаменасозиву доим ҳамежакӣ!

❁ ❁ ❁

Бар гул рақаме зи мушк ногоҳ заданд,
Бар тунги шакар мӯрчагон роҳ заданд.
Ойинаи рӯйи дӯст зангор гирифт,
Азбаски бар ӯ сӯхтагон оҳ заданд.

❁ ❁ ❁

Дар даври ту ақли кул куништӣ гардад,
Ҳусни абадӣ шӯҳра ба зиштӣ гардад.
Хокистари куштагон-т дар дӯзахи ишқ
Пироян ҳурони биҳиштӣ гардад.

❂ ❂ ❂

Дил дӯш ҳазор чорасозӣ мекард,
Бо ваъдаи дӯст ишқбозӣ мекард.
То бар кафи пои ту тавонад молид,
Дилро ҳама шаб дида намозӣ мекард.

❂ ❂ ❂

Субҳ асту сабо мушкфишон мегузарад,
Дарёб, ки аз кӯйи фалон мегузарад.
Бархез, чӣ хусбӣ,ки ҷаҳон мегузарад!
Бӯе биситон, ки корвон мегузарад!

❂ ❂ ❂

Мо дар ғами хеш, ғамгусори хешем,
Меҳнатзадагони рӯзгори хешем.
Саргаштаву шӯридаи кори хешем,
Сайёдонему ҳам шикори хешем.

❂ ❂ ❂

Он ҷисми пиёла бин ба ҷон обистан,
Ҳамчун саname ба арғувон обистан.
Не-не ғалатам, пиёла аз ғояти лутф
Обест ба оташи равон обистан.

❂ ❂ ❂

Гар з-он ки маро фалак диҳад моли фиреҳ,
Бикшоям аз ин кори фурӯбаста гиреҳ.

❂ ❂ ❂

Турке бихарам, ки ҳар кӣ бинад, гӯяд:
Эй хоки ту аз хуни харидори ту беҳ.

❂ ❂ ❂

Аз шурби мудому лофи машраб тавба
В-аз ишқи бутони симғабғаб тавба.
Дил дар ҳаваси шаробу бар лаб тавба,
З-ин тавбаи нодуруст, ёраб, тавба.

❂ ❂ ❂

Ҳам содагулӣ, ҳам шакарӣ, ҳам намакӣ,
Бар барги гули сурх чакида намакӣ.
Пайғамбари мисриӣ ба хубиву макӣ,
Ман бӯса занам, лаб бимакам, ту намакӣ.

# ҒАЗОИРИИ РОЗӢ

## АЗ ҚАСОИД ВА ҚИТЪАҲО

### ҚАСИДАИ ШУКРИЯ

Агар камол ба ҷоҳ -андар асту ҷоҳ ба мол,
Маро бибин, ки бибинӣ камолро ба камол.
Ман он касам, ки ба ман то ба ҳашр фахр кунад,
Ҳар он ки бар сари як байти ман нависад қол.
Ҳама кас аз қибали нестӣ фиғон дорад
Гаҳи заъифию бечорагию сустии ҳол.
Ман он касам, ки фиғонам ба чархи Зӯҳра расид
Зи ҷуди он малике, к-ам зи мол дод малол.
Раво бувад, ки зи бас бори шукри неъмати шоҳ
Фиғон кунам, ки малолам гирифт з-ин амвол.
Чу шеъри шукр фиристам аз он сипас бар шоҳ,
Нигар, чӣ хоҳам гуфтан зи кибру ғунчу далол:
Бас, эй малик, ки на лӯълӯъ фурӯхтам ба салим,
Бас, эй малик, ки на гавҳар фурӯхтам ба ҷавол.
Бас, эй малик, ки аз ин шоирию шеър маро
Маликфиреб бихонанду ҷодӯе мӯҳтол.
Бас, эй малик, ки ҷаҳонро ба шубҳат афкандӣ,
Ки зарри сурх аст ин ё шикаста зарру сафол.
Бас, эй малик, ки зиёъи ману иқори маро
На офтоб масоҳат кунад, на боди шимол.
Бас, эй малик, ки на гӯгирди сурх гашт сухан,
На кимиё, ки аз ӯ ҳеҷ кас надид хаёл.
Бас, эй малик, ки дигар ҷойи шеъри шукр намонд
Маро ба ҳар ду ҷаҳон дар саҳифаи аъмол.
Бас, эй малик, ки ҷаҳон сарбасар ҳадиси ман аст,
Миёни ҳосиду ноҳосидам ҳамеша ҷидол.
Бас, эй малик, ки туро сад ҳазор сол бақост,
Қиёс гиру ба тақдири сол бахш амвол.
Бас, эй малик, ки ман азбас атот сер шудам,
На з-он ки неъмат бар ман ҳаром гашту вубол.

Каме битарсам, к-аз шоирӣ малол орам,
Малоли мадҳи ту куфр асту ҷовидона залол.
Ҳаме якояк динору бадраи туву ганҷ
Асири рӯзи масоф асту сайди рӯзи қитол.
Зиҳӣ малик, ки ҳалол инчунин бувад динор,
Ба теғ полуда, дар хуни хасм дода сиқол.
Ҳазор буткада овора карда ҳар як аз ӯ,
Ҳазор шери даманда ба қаҳр карда шикол.
Балои барҳаманон асту қаҳри қарматиён,
Ҳалоки аҳраманон асту офати даҷҷол.
Бад-ин баҳо, ки ту як байти ман харидастӣ,
Сариру мулк нахарранду тоҷу ҷоҳу ҷамол.
На офтоб ба чандин ҳазор сол кунад
Ҳамеша зар, ки ту аз баҳри ман диҳӣ ҳама сол.
Савоб кард, ки пайдо накард ҳар ду ҷаҳон
Ягона эзиди додори беназиру ҳамол.
В-агар на ҳар ду ҷаҳонро кафи ту бахшидӣ,
Умеди банда намондӣ ба Эзиди мутаол...
Ба шеър ёд кунад рӯзгори Бармакиён
Дақиқӣ, он ки ошуфта шуд бар ӯ аҳвол.
Суҳоқ ибни Бироҳимро чӣ баҳра расид
Зи Фазли Бармаку он шеъри қофия бар дол.
Ба як-ду байт надонам чӣ дод Фазл бад-ӯ,
Фасона бок надорад зи номуҳолу муҳол.
Маро ду байт бифармуд шаҳрёри ҷаҳон
Бар он санавбари анбаръизори мушкинхол.
Ду бадра зар бифиристоду ду ҳазор дирам
Ба рағми ҳосиду тимори бадсиголи накол.
Ҳазор буду ҳазори дигар малик бифзуд,
Зи як ғазал, ки зи ман хост бар латифғизол...
Ҳамон санам, ки ба ман барнакард чашм аз уҷб,
Надод фурқати ӯ мар маро умеди висол.

Кунун ҳамерасадам, к-аш ба фарри давлати шоҳ
Зи офтоб кунам тоҷу моҳи нав халхол...
Ду бадра зар бигирифтам ба фатҳи Нороин,
Ба фатҳи Рухмия сад бадра гираму хартол.
Куҷо шариф бувад чун Ғазоирӣ бар ту,
Зи табъ бошад чунон ки зарри сурху сафол.
На бандагон ҳама чун Мустафо буванд ба қадр,
Ба қадри тоат муфзил бошаду мифзол.

## ҶАВОБИ ҒАЗОИРӢ БА УНСУРӢ

Паём дод ба ман-банда дӯш боди шамол
Зи ҳазрати малики молбахши душманмол,
Ки шеъри шукр ба ҳазрат расиду бипсандид
Худойгони ҷаҳон, хусрави хуҷистахисол...
Ҷаҳон ба нӯги синонаш барофарид Худой,
Чу ӯ биҷунбад, гетӣ биҷунбад аз зилзол...
Чу ҷойи таъна набошад, чӣ гуфт донад хасм,
Чу по набошад, кай чунбиш ояд аз халхол?
Ҳаройина, ки туйӣ офтоби ҳафт иқлим,
Гаҳе ба бадра фиристӣ ато, гаҳе ба ҷувол.
Агар саге бувад азбас ҳасад, чаро битабад?
В-агар зи санг бувад, пас, чӣ гуна ёбад ҳол?
Ҳазор айб ниҳоданд назми Фурқонро,
Ки суратулаъроф асту суратуланфол.
Нахуст таъна маро гуфт, бас хато гуфтӣ,
«Ба ҷид бикӯшу мадеҳ ақлро ба ҳазлу ҳузол».
Ду шоиранд ба ҳангоми шеър, гуфт яке:
Ғанӣ шудам басу серӣ гирифтам аз амвол.
На бас-на бас дигаре гуфт гоҳи шукру ато,
Тиҳӣ намонду мало шуд саҳифаи аъмол.
Чӣ гуна гӯям? Гӯям ҳама саҳифа тиҳист?
Зи шеъри шукр чӣ гӯянд пас ҷуз ин қаввол!
Агар фиғон кунам аз бори шукри ӯ, на шигифт,
Фиғон зи лавҳу зи шодӣ бувад, на аз аҳвол!
Ба шеъри шукр нигаҳ кун, ки Рӯдакӣ гуфтаст:
«Ҳама касеро дарвешиясту ранҷи иёл.
Ғаму аност маро гуфт з-ин зиёъу иқор,
Фиғон ҳаме кунам аз ранҷи ганҷу зайъати мол».
Фиғони банда ҳамону ғами анош ҳамин,
На ҷои таъна бимонад, на ҳилати мӯҳтол...

Дуруст гуфт, ки кас кирдгорро нафрефт,
Гар эътиқод канад, бераҳ асту кофару зол.
Фиреб аз орзуст, орзу ҳамеша ба дил.
Худой бедилу ҷон асту низ беғаму ҳол.
На неъмат аз паи мадҳу ғазал диҳад чу мулук,
На зулфи мушкин ҷӯяд, на қомати майёл.
На кирдгор зи ҷӯҳҳоли рӯзгори Масеҳ
Хабар-ш дод аз ин қилу қолу он аҳвол.
Чӣ сарзаниш расад акнун марову шеъри маро,
Агар ҳикоят кардам зи аҳли ҷаҳлу залол...
Бад-он ду байти мадеҳи шариф таъна задаст —
Ба зарри сурху сафолу ба фозилу мифзол.
Дуруст, фозилу мифзол бояд аз раҳи рост,
Зарурат аст суруву сурини гӯру ғизол.
Ба зарри сурху сафол андарун чӣ донад гуфт,
Ҳар он ки фарқ шиносад миёни шеру шакол.
Зи зарри сурх гаронмоятар чӣ донӣ низ
Ба гетӣ-андар, ё хормоятар зи сафол.
В-агар ба шоир на ҷанг аст мар-маро, на ҷидол.
На аҷз буд Калими Худойро, чу адӯ
Ба ҳила гуфт ҳаме аждаҳо кунам зи ҳибол...
Агар туро хираду хидмати мулук астӣ,
Ба гоҳи мадҳи Худованд чун шунидӣ қол?
Агар-т мӯй ба сарбар ҳаме забон гардад
Зи бими сар ҳама яксар чаро нагардад лол?
Агар набуд сазовори бадра шеъри раҳӣ,
Тафаззул асту тафаззул беҳ аст гоҳи навол.
В-агар набуд тафаззул, ғалат фитод бар ӯ,
Забон буридани ту воҷиб асту захми кифол.
«Худойгони Хуросон» навиштӣ аввал шеър,
Куҷост Ҳинду куҷо Нимрӯзи Рустами Зол?

Магар ба шаҳри ту бошад, ба шаҳри мо набувад
Ҳавои бодандону қазои бочангол...
Нахустмисраи ман бар нигин нигор кунанд,
Ҳанӯз мисраи дигар хирад накарда сигол.
Хаёли шеъри ту ҳаргиз замини мо набсуд
Забони ноқиди ашъору мутриби қаввол...

❁ ❁ ❁

Зи диноргун беду абри сапед
Замин гашта заррину симин само.
Чаро н-ояд оҳуи симини ман,
Ки бар чашм кардам-ш ҷои чаро?
Асо баргирифтан на мушкил бувад,
Ҳаме аждаҳо кард бояд асо.
Насими ду зулфайни ӯ бигзарад
Биёмехта бо насими сабо.
Чӣ гӯям? Чу бигзашт ӯ. Гӯямаш:
«Ало ё насимуссабо, марҳабо!»
Ба даст андараш барқу зераш бурок,
Кӣ ёрад-ш пеш омадан в-аз куҷо?
Ки на таъни жӯпин-ш рад кард кас.
На ҳаргиз шудаш захми хатте хато.
Кунам хидмати подшо, то кунад
Маро бар тубар подшо подшо.

❁ ❁ ❁

Ҷоми май оварду пур зи бода ба ман дод,
Он ки маро бо лабон-ш кор фитодаст.
Гуфтам: «Меҳр аст». Гуфт: «Меҳраш парвард».
Гуфтам: «Моҳ аст». Гуфт: «Моҳаш зодаст».
Бода ба ман дод аз латофат. Гуфтам:
«Ҷом ба ман дод, лек бода надодаст».

❁ ❁ ❁

Эй баҳори доду дин, омад хуҷиста навбаҳор,
Бӯстони подшоҳӣ кард ҳамчун Қандаҳор.
Обдода хишти пӯлод аст, пиндорӣ гиёҳ,
Кас надонад чун бубинад киштзор аз хиштзор,
Лола бинӣ ларз-ларзон чун дили бадхоҳи мулк
Ниме андар хун ғариқу ниме андар зери қор.
Шоҳ ҳарчандон ки бинӣ, нур дорад бар ҷабин,
Роғ ҳарчандои ки бинӣ, ҳур дорад дар канор.
Дӯш то шабгир марворид борид осмон,
Лоларо бар тоҷ бориду суманро бар сивор.

❁ ❁ ❁

Мутрибе хубрӯю барбати ӯ
Чу яке кӯзпушт ошиқи пир.
Нолаи ширхор дорад, лек
Ба канор андарун нахоҳад шир.

❁ ❁ ❁

Саҳаргоҳон яке амдан ба саҳро баргузар, бингар!
Ду карданд осмон, гӯйӣ, яке зеру дигар аз бар.
Чу барқ аз меғ бидрахшад, ту пиндорӣ яке зангӣ
Зи хиргоҳе ба хиргоҳе давонад пораи ахгар.
В-аз он ахгар бисӯзад дасташ аз гармию бетобӣ
В-аз он осеб бихрӯшад, равона бифканад озар.

❁ ❁ ❁

Сиёҳангишт чун рӯзи ҷудоӣ
Миёни оташӣ чун доғи ҳиҷрон.
Сиёҳ ахгар миёни оташи сурх
Чу чашми дарманд аз дур тобон.

❁ ❁ ❁

Чун сими пок мағзаш, чун зарри зард пӯст,
Рангаш чу ранги ошиқу бӯяш чу бӯйи дӯст.

❁ ❁ ❁

Аз орзуи рӯйи гулу рӯйи дӯстон
Заррин шудаст рӯйи ману рӯйи бӯстон.

# ТАВЗЕҲОТ

**Унсурӣ** – Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад аз шоирони маъруфи нимаи аввали асри Х1 буда, дар шаҳри Балх ба дунё омадааст.Пас аз пайдо кардани шӯҳрати шоирӣ ба шаҳри Ғазнин омадааст ва дар дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писари ӯ Султон  Масъуд хидмат карда, соҳиби мансаби Маликушшуаро гаштааст. Соли 1040 аз олам гузаштааст. Ӯ асосан шоири қасидасарост, вале илова бар он  чанд маснавӣ, амсоли «Шодбаҳру Айнулҳаёт», «Хингбуту Сурхбут», «Вомиқу Узро»-ро навиштааст, ки танҳо аз маснавии охирин пораҳо боқӣ мондаанд, ки дар ин маҷмуа ҷой дода шудаанд.

Девони Унсурӣ, ки бо кӯшиши Муҳаммаддабири Сиёқӣ таҳия ва чоп шудааст, қасидаҳо, ғазалҳо, қитъаҳо ва рубоиҳои боқимондаи ӯро дар бар мегирад.

**Фаррухӣ** – Абулҳасан Алӣ ибни Ҷулуғ дар охири асри Х дар Систон таваллуд ёфта, давраи бачагиву наврасиашро дар зодгоҳаш гузарондааст. Ӯ аввал дар хидмати Амир Халафи Бону ва Амир Абдулмузаффари Чағонӣ буда, сипас ба дарбори Султон Маҳмуд рафтааст.Фаррухӣ илова бар истеъдоди шоирӣ дар навохтани созҳои мусиқӣ низ маҳорати баланд доштааст. Ӯ соли 1038 дар Ғазнин  вафот кардааст.

Аз осори Фаррухӣ девоне боқӣ мондааст, ки нисбат ба маҷмӯаҳои ашъори шоирони пешгузашта ва муосираш мукаммалтар буда, аз 214 қасида, 3 тарҷеъбанд, 35 қитъаву ғазал ва 36 рубоӣ иборат аст.

**Манучеҳрӣ** - Аҳмад ибни Қавс Абуннаҷм дар нимаи дувуми асри Х дар Домғон ба дунё омадааст.Ӯ пас аз фаро гирифтани илмҳои гуногун ва пайдо кардани шӯҳрати шоирӣ ба дарбори султони вилояти Гургон Манучеҳр ибни Ковус меояд ва ба шарафи ӯ тахаллуси Манучеҳриро қабул менамояд. Сипас ӯ ба дарбори Султон Масъуди Ғазнавӣ ворид шуда, то охири умр дар он ҷо хидмат менамояд. Соли 1040 дунёро падруд гуфтааст.

Девони Манучеҳрӣ, ки бо кӯшиши Муҳаммаддабири Сиёқӣ соли 1947 дар Теҳрон ба табъ расидааст, 57 қасида, 11 мусаммат, 20 қитъа ва 6 рубоиро  дар бар мегирад. Манучеҳрӣ беҳтарин сароядаи мусаммат дар адабиёти форсӣ - тоҷикӣ шинохта шудааст.

**Асҷадӣ** - Абӯназар Абдулазиз ибни Мансур дар поёни авсри Х дар шаҳри Марв таваллуд ёфтааст. Ӯ дар дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ хидмат карда, дар сафарҳои ҳарбии ӯ ба Хоразм ва Ҳиндустон ширкат варзида, корнамоиҳояшро васф кардааст. Санаи вафоти ӯро сарчашмаҳо тақрибан солҳои 1040 -– 1041 донистаанд.

Девони Асҷадӣ боқӣ намондааст. Ашъори парокандаи ӯ дар сарчашмаҳои гуногун ба назар мерасанд, ки аз чанд қасидаву ғазал ва қитъаву рубоӣ иборатанд.

**Ғазоирии Розӣ** -  дар нимаи дувуми асри Х дар шаҳри Рай ба дунё омадааст. Ӯ асосан дар дарбори Баҳоуддавлаи Дайламӣ хидмат кардааст.Дар айни замон бо дарбори Ғазнавиён низ робита доштааст. Аз ҷумла ӯ ба дар мадҳи Султон Маҳмуд қасидаи шукрия навишта, ба Ғазнин фиристодааст. Қасидаи мазкур мавриди танқиди

Маликушуарои дарбори Ғазнавиён Унсурӣ қарор гирифтааст.

Девони Ғазоирии Розӣ то имрӯз боқӣ намондааст. Ашъори ӯ аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъоварӣ шуда, бо саъйи Муҳаммаддабири Сиёқӣ дар маҷӯаи «Ганҷи бозёфта» ба табъ расидааст.

## ЛУҒАТ

### А

**Аб** — падар
**Абар** — бар
**Абоя** — навъе аз либоси болопӯш
**Абраш** — асп
**Абрез** — зари холис
**Абқарӣ** — либоси нафис
**Аврад** — ҷамъи вард, гули сурх
**Адил** — ҳамто, монанд
**Акҳал** — раги ҳафтандом, мардуми сурмачашм, киноя аз сиёҳӣ
**Амдан** — қасдан
**Амрад** — ҷавони зеборӯй
**Амтор** — борон
**Андарво** — саргашта, сарнигун, саргардон
**Анин** — нола
**Ано -** ранҷ, азоб
**Аржанг, Артанг-** номи китоби мусаввари Монӣ
**Арқам** — мори сиёҳу сафед, мори бадзаҳр
**Арҷу** — умедворам
**Асвад** — сиёҳ
**Асир** — шира, ширaи ангур, май, шароб
**Асир** — эфир, осмон
**Асоба** — ангушт, андозаи дарозӣ
**Асҷад** — зар, тило
**Афзор** — асбоб, олат
**Ашмор** — шумор, ҳисоб
**Ашр** — даҳ
**Ашҳаб** — сиёҳу сафед, хокистарранг
**Ашҷор** — ҷамъи шаҷар — дарахтон

**Аҷин** — сиришта, хамир
**Аҷр** — подош, музд
**Аҷром** — ҷирмҳо
**Аҷсом** — ҷисмҳо
**Аъло** — машҳур, олӣ
**Аҳвар** — сиёҳчашм, оҳучашм

## Б

**Бадрақа** — роҳбалад, ҳамсафар
**Байрам** — матои нарм
**Байғула** — гӯша, кунҷ, канора
**Банон** — ангуштон
**Барда** — ғулом
**Батар** — такаббур, худнамоӣ, кибр
**Баррӣ** — даштӣ, саҳроӣ
**Басар** — биноӣ
**Басечидан** — оҳанг ва майл намудан
**Бат** — мурғобӣ
**Баюсидан** — умедвор будан, интизор доштан
**Бақам** — заранги сурх
**Баҳор** — бутхона, оташкада, номи бутхонаи зардуштӣ
**Бемар** — бешумор, беҳад
**Бигмоз** — шароб, май
**Биндон** — шоиста, муносиб
**Бистгонӣ** — маош, рӯзӣ
**Биҳил** — афв кардан, бахшидан
**Бобзан** — сих, сихи кабоб
**Бон** — дарахте, ки баргҳои хушбӯй дорад, хушбӯӣ
**Бур, бурок** — асп
**Бурд** — навъе аз матои катонии рах-рах
**Бу ки** — шояд ки
**Буссадин** – марҷонӣ

## В

**Вазеъ** — паст, бад
**Вало** — муҳаббат, меҳр
**Варашон** — кабӯтари ёбоӣ
**Вард** — гули сурх
**Васан** — бут, санам
**Васан** — хоб
**Вашшӣ** — навъе аз матоъи гулдор, сурх, сурхранг
**Виқоя** — парда
**Воло** — гаронбаҳо, муносиб
**Ворун** — сарнигун, чаппа, сарозер

## Г

**Гавз** — чормағз
**Гавора** — сабад
**Газофкор** — беҳудакор, хатокор
**Гоз** — миқроз, зарба
**Гулоби мусаъъад** — гулоби тоза, гулоби холис
**Гуна** — ранг
**Гурм** — ғам, андӯҳ
**Гурозон** — хиромон
**Гӯр** — гӯрхар

## Д

**Дад** — ҳайвони даранда
**Дайҳим** — тоҷ
**Далол** — ғурур, ишваю ноз
**Даман** — домани кӯҳ
**Данг** — бехудона, беҳушона
**Дан** — хуми калон
**Данд** — аблаҳ, аҳмақ
**Данон** — хушҳол, шод

**Дарқа** — зиреҳ, ҷавшан

**Даҷҷол** — фиребгар, шахсе, ки гӯё дар охирзамон харсавор пайдо шуда, мардумро бо фиреб аз пасаш мебарад

**Диж, диз** — қалъа

**Дирафш** —бигиз; байрақ, алам

**Диям** — ҷамъи дайма—борони давомдор, борони паёпай

**Дият** — хунбаҳо, товони хун

**Доҳон** — канизакон

## Ж

**Жакидан** — ғур-ғур кардан, зери лаб бо хашму газаб гап задан

**Жож** —дурӯғ, ёва.

## З

**Забиб** — мавиз

**Зайн** — зинат, ороиш

**Зайъат** —замини зироатӣ

**Залол** — гумроҳӣ

**Замҳарир** — хунукии сахт

**Зилом** — зулмат

**Зония** — зинокор

**Зубин** — найза

## И

**Изом** — устухонҳо

**Иклил** — тоҷ

**Иксир** — ҷавҳарест, ки гуё тавассути он мисро ба тилло табдил медиҳанд

**Инаб** — ангур

**Иртифоъ** — фароз, баландӣ
**Итеб** — итоб
**Иқор** — молу мулк, обу замин

## К

**Кадевар** — боғбон
**Каиб** — андӯҳгин, ғамгин
**Кайфар** — ҷазо
**Катон, каттон** — зағир, суфи канабӣ, матое, ки аз нахи зағир бофта мешавад
**Кафт, кафтан** — кафидан
**Кийфол** — ринду озод
**Килла** — чодар, парда
**Колива** — саросема, гаранг, ҳайрон
**Кундвир** — нобурро, суст
**Кундовар** — далер, ҷасур, шуҷоъ
**Курдус** — асп
**Кӯс** —нақораи калон, табл

## Қ

**Қавси қузаҳ** — тиру камон
**Қазиб** — шох
**Қанина** — шиша ,пиёла
**Қаркӯб** — порчаи абрешим
**Қарин** — монанд, ҳамто, мисл наздик, ҳамсӯҳбат
**Қилода** — гарданбанд
**Қир** — сиёҳӣ, моддаи равғанмонанди сиёҳ
**Қобида** — доя
**Қол** — гуфтор, сухан
**Қоқум** — ҳайвони хурдест, ки пӯсти гаронбаҳо дорад

## Л

**Лагом** — лаҷоми асп
**Лаҳаб** — оташ, шӯъла
**Лоскав** — парандаи хурди хушовоз
**Луко** — сурх
**Лус** — тамаллуқ, ширинзабонӣ

## М

**Мавло** — ғулом, чокар
**Мадҳун** — рангин, чарми рангкардашуда
**Мало, малаъ** — пур
**Малом** — сарзаниш, таъна
**Манбат** — рустангоҳ, сабзишгоҳ
**Мандур** — ғамнок, парешонҳол
**Манокиб** — **ҷамъи манқабат** —кори нек, рафтори писандида,
фазилат
